**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 1 (31), 2023**

Маҷалла 24 июли соли 2019 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

### ҶАҲОНБИНӢ ВА ТАҲДИДУ ЧОЛИШҲОИ ИМРӮЗӢ

**Ятимов С.** *Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат)*........ 5

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Нақши илм ва адабиёт дар таҳкими худшиносӣ ва ифтихори миллӣ*........ 31

**Сангинов Нарзулло.** *Тавсифи созмонҳои асосии вобаста ба терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез ва таъсири онҳо ба амнияти миллии кишвар*........ 47

**Салимов Акбар.** *Созмону ҳаракатҳои террористӣ-экстремистӣ: сарчашмаҳои маблағгузорӣ*........ 63

**Зиёева Зебониссо.** *Биотерроризм*........ 82

**Шарифзода Исомиддин.** *Таъсири ғариза, ирода, хоҳиш ва ниёзу талабботи инсонӣ дар ташаккули ахлоқ*........ 86

**Салимов Аслиддин.** *Идеяҳои озодӣ ва баробарӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик*........ 107

**Сулаймонов Баҳманёр.** *Тақвияти худшиносии миллӣ - омили устуворӣ ва рушди идеяи миллӣ*........ 115

**Маҳкамов Ҳ.Қ., Тошов Ф. М.** *Ҷавонон ва манфиатҳои миллӣ*....... 125

**Бекзода Дидавар.** *Рисолати равшанфикрони Тоҷикистони муосир* 132

### СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ ВА РУШДИ ИҶТИМОӢ

**Собириён Меҳр**. *Сиёсатгузориҳои иқтисодӣ дар кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ*........ 141

**Файзуллаева Нигора.** *Ҳамкориҳои иқтисодӣ - молиявии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шароити имрӯзӣ*........ 155

**Шарипов Рамазон.** *Моҳият ва рушди саноатикунонии мамлакат*........ 168

**Мирзоева Райҳон.** *Рушди сайёҳӣ-омили муҳимми иҷтимоӣ*......... 173

## МЕРОСИ МИЛЛӢ ВА ПАДИДАҲОИ ҲУВИЯТӢ

**Бекзода Комил.** *Миллат ва мазҳаб дар қаламрави "Шоҳнома"........* 178

**Нурзода Нозим.** *"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар мақоми падида-феномени ҳувиятӣ.........................................................................................* 192

**Нуров Пирмаҳмад.** *Заминаҳои ташаккули забони илмии тоҷикӣ ва дурнамои рушди он.......................................................................................* 201

**Шодипур Юсуф.** *Роҳи пурхатар ва саргузашти пурмуаммои шоҳасари безаволи академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон"....................* 213

## ЧЕҲРАҲО

**Рахимов Садулло.** *Рустам Ибрагимбеков заботился о полифонной деятельности конфедерации.....................................................................* 240

**Кенҷаев Мухбирҷон.** *Роздони илму ирфон.......................................* 258

**Абдулҳаев Зоҳид.** *Шахсияти комил ва маорифпарвари беназир Садри Зиё.........................................................................................................* 266

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Ҷумъаев Меҳроб.** *Мавқеи факту ракамҳо дар очерки «Аз Рогун то Зорун»-и Раҷабалӣ Аҳмад....................................................................* 289

**Маҳмадаминов Абдулҳай, Солеҳов Мирзо.** *Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт…...........................................................................................* 295

*Бозгашти омӯзиши фанни "фалсафа" ба барномаҳои таълимии Шоҳигарии Урдун (пас аз 48 соли тавaққуф). Таҳияи* **Одинаев Абдуҳалим**..................................................................................... 307

# ҶАҲОНБИНӢ ВА ТАҲДИДУ ЧОЛИШҲОИ ИМРӮЗӢ

**С. ЯТИМОВ**
*профессор*

## ТАВОНО БУВАД, ҲАР КӢ ДОНО БУВАД
(***андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат***)

### Муқаддима

Дар таърихи навтарини миллати тоҷик Паёми Роҳбари давлат – маҷмуи таҳлил, арзёбӣ, як навъ ҳисобот, инчунин, натиҷагирӣ аз фаъолияти ҳукумат ва дар ин асос, ироаи тасмимҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшаҳои ҳаётан муҳимми мақомоти олии мамлакат мебошад.

Нуқтаи архимедӣ - такягоҳии ҳуҷҷат баҳогузории кори ҳукумат дар соҳаи иқтисод аст.

Вобаста ба ин, дар Паём, дар робита бо равандҳои бузурги ҷаҳонишавӣ таъкид мегардад: **«Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд»** (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе. Дониш, 2023. – С. 23)

Чунин хулоса бо далелҳои эътимодбахш тасдиқ карда мешавад: **«Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки**

**ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт»** (Ҳамон ҷо. – С.4).

Аз муҳимтарин масъалаҳои дигаре, ки дар Паём мавриди баррасӣ қарор дода шуд, вазъи соҳаи маориф ва рушди маърифатнокӣ  дар солҳои наздик ва дарозмуддат мебошад. Мавзӯи баҳси мо ҳамин ҷанбаҳоро дар бар мегирад.

### Эҳёи манзалати хирад

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳанӯз аз рӯзҳои аввали интихоб шудан ба мақоми Сарвари давлат, ба масъалаи рушди илм, мактаб ва маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Давраи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба бахти миллати тоҷик, зиёда аз чоряк асрро дар бар мегирад, замони гул – гулшукуфии асосҳои бунёдии давлати миллии тоҷикон, аз ҷумла, соҳаи мактабу маориф мебошад.

**Агар ба қавли таърихнависон, асри Х – замони салтанати Сомониён, давраи тиллоии тараққиёти илм, адабиёту фарҳанг ёдоварӣ шавад, замони  роҳбарии Пешвои миллат дар шароит ва имконоти навин, бидуни шак, муассиртар, самараноктар ва бузургтар аз он аст. Чунин амал, бо мантиқи сухани Отто фон Бисмарк, ки ҳангоми муколамааш ба халқ гуфта буд: «Мо нисбати падарони худ беҳтар кӯшиш ва натиҷабардорӣ хоҳем кард!», ҳамоҳангӣ мекунад.**

Ин дастовардҳо дар Паём возеҳ тафсир гаштаанд.

Муҳимтарин таъйиноти давлат ва давлатдорӣ таъмини амният (1) ва сиёсати иҷтимоӣ (2) мебошад. Сабаб ва натиҷаи ин ду ҷузъиёти бо ҳам дар алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагӣ ва муайянкунандагӣ буда, дар Паём инъикос меёбад: «**дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард**» (Ҳамон ҷо. – С.5).

Беҳтарин инъикоси далелнокии хулосаҳои мантиқӣ рақамҳо ҳисобида мешаванд. Исбот кардан, асоснок намудан тавассути аёният, нишон додани натиҷаҳои фаъолият бозгӯкунандаи ҳақиқат мебошанд. Дар Паём ин усул эътимодбахш баён мегардад: «**Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст**» (Ҳамон ҷо. – С.5).

Аз дигар лиҳоз, далелнокии мантиқӣ он аст, ки худи ҳақиқати воқеӣ хосияти дарки мустақилро касб мекунад. Тасдиқи он ба сарфи вақт ва кӯшиши маҳз ниёз надорад. Ба забони одӣ, инфрасохтори соҳаи маориф зина ба зина, бо ташаббуси Роҳбари давлат сохта ва дар истифодаи муаллимон, наврасон, ҷавонон, падару модарон қарор дода шудааст. Яъне ин натиҷаҳо ба ҳамагон маълуманд.

Чунин дастовардҳо дар роҳи рост, худ ба худ ба даст намеоянд.

Худи таърих ҳам дар асл падидае нест, ки аз он амал рӯяд. «**Таърих ҳеҷ коре намекунад. Вай ягон хел бойигарии беохир надорад». Он «дар ягон ҷабҳа мубориза намебарад!». На «таърих», маҳз инсон, инсони воқеӣ, зинда – ана ҳамин аст, ки ҳамаи ин корҳоро анҷом**

**медиҳад. Ҳамаи чизро дорад. «Таърих» ягон шахси алоҳида нест, ки инсон аз он ҳамчун восита барои амалӣ кардани мақсадҳои худ истифода намояд. Таърих ғайр аз фаъолияте, ки одам дар он мақсади худро амалӣ мекунад, чизи дигаре нест».** *(*Иқтибос аз асари В.А. Малинин «Философия революционного народничества». –М.: Наука, 1972. – С.211*).* Таърихсоз Инсон аст, ки ба вақту муҳит муҳтаво мебахшад. **Шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номи миллати тоҷик, давлати миллии тоҷиконро машҳури олам сохт. Сиёсати маорифпарварии Пешвои миллат қисмати муҳимми ин маъруфият маҳсуб мегардад.**

Ҳамзамон, мантиқ ва усули сиёсати Роҳбари давлат, аз ҷумла, дар самти маърифати умумимиллӣ, ба андешаи мо, бар чор унсур асос ёфтааст – **ваҳдати миллӣ (1); ҷаҳду кӯшиши хастагинопазир барои рушду тараққии миллӣ (2); ояндабинӣ (3) ва навовариву навгонӣ (4).**

Ҳамагон шоҳиди онанд, ки муносибати Пешвои миллат ба соҳаи илму маориф хосияти энсиклопедӣ дорад. Бурду бохт ва тақдири имрӯзу фардои давлатро, пеш аз ҳама, дар сатҳ, сифат ва самараи фаъолияти соҳаи маориф медонад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо мегузаронад. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ - оғоз аз мактабҳои ибтидоӣ, миёна, олӣ, деҳқонон, коргарон, олимон, кормандони соҳаҳои эҷодӣ, аъзои ҳукумат бо сарфи қимматарин арзиш - вақт, батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ,

хулосабарорӣ ва чораҷӯӣ кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист.

Он нуктаро таъкид бояд кард, ки яке аз мавзуъҳои марказии муҳокимаронии Сарвари давлат, таъкид кардани нақши илм, дониш, мактаб, маориф, касбият ва тахассусмандӣ дар ҳаёти имрӯза ва ояндаи миллат мебошад.

## Ҷаҳонбинӣ, тақдир ва таърих

Бузургтарин фоҷеаҳое, ки дар тӯли асрҳо ба сари миллати тоҷик омадаанд, аз зарфияти камтарини дарки оммаи мардум дар қиболи воқеияти ҳастӣ сарчашма мегиранд. Одамон тақдири имрӯза ва фардои худро на ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур, балки ба он тахминҳо ва ҷаҳонбиниҳое ҳавола мекунанд, ки аз доираи мавҷудоти моддӣ берунанд.

Саволе ба миён меояд, ки барои чӣ, ҳадди ақал, дар Осиёи Миёна ва умуман Осиёи Бузурги Марказӣ, миллати тоҷик нисбат ба дигар халқияту миллатҳо майли зиёдтар ба таваккалу тақдирсолорӣ дорад? Ҳатто намояндагони аз лиҳози таҷрибаи зиндагӣ варзида ва соҳибмаълумоти он тамоюл ба фарҳангу ҷаҳонбиние доранд, ки аз рӯи моҳият, таъйиноти сиёсӣ ва идеологӣ наметавонанд, ба ормонҳои давлатдории миллӣ созгор бошанд. Дар ин ҷода бо ҳазорҳо ҷавонони гумроҳ, ки барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо дар хориҷи мамлакат ҷон медиҳанд, ҳамақидатии бунёдӣ ба намоиш мегузоранд. Агар он гурӯҳ (*ҷавонон*) *хонахез* ба «ҷиҳод» раванд, ин гурӯҳ (*зиёиёни миллӣ – «мағзи миллат»*) дар ҷабҳаи саҷда пешсафанд.

Дар мушкилоти миллии фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии сиёсӣ афтодани миллати тоҷик фақат ҷойи таассуф аст. Аммо онро

мебояд аз лиҳози илмӣ – таърихӣ дарк ва тавассути маърифатикунонӣ чораандешӣ кард.

Натиҷабардорӣ ва хулоса он аст, ки руҳ ва маънавиёти ғайримиллӣ натиҷаи ҳолати ғуломӣ, адами пуштибони аслӣ – ҳокимияти сиёсии миллати тоҷик дар тӯли ҳазор сол аст.

Худи муносибати ҷаҳонбинии илмӣ (*муайянкунандагӣ, воқеӣ, назарияи дар таҷрибаи зиндагӣ тасдиқгардида, заминӣ*) ва масъалаи ташаккули вазъи руҳӣ (*сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ*) фақат дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба тарзи механикӣ, дар ҳолати бетавофутӣ, ғайримақсаднок арзи вуҷуд мекард. Вассалом.

Падидаи давлат, хосияти синфӣ, ҳизбӣ, динӣ, гурӯҳӣ, ба таври истисноӣ, фардӣ дорад. Аммо дар ҳар ҳолат аз паси ин зуҳуроти иҷтимоӣ миллате меистад. Бо ҳамин имконот миллатҳое, ки аз пуштибонии ҳокимияти сиёсӣ бархӯрдоранд, ба хотири субот ва давомнокии ҳамин ҳокимият ақида, ҷаҳонбинӣ ва идеяҳоеро истеҳсол ва дар ақлҳои табааи (*раият, фуқаро, банда, мутеъ, фармонбардор, зердаст, хидматгор.* Русско-таджикский словарь. –М.: Русский язык, 1985. – С.753*)* худ мекоранд ва парвариш медиҳанд, ки манфиати миллати ҳокимро ҳимоя мекунад. На ангезаи бештар аз онро.

Таҳкими ҷаҳонбинӣ ва ақидаи ғуломӣ умри низоми ғуломдориро дароз мекунад. Мутаассифона, мо дар ҳаёти рӯзмарра ин ҳолати асрҳо тамдидёфтаи фоҷеазоро мебинем. Аммо **«вақте расад, ғулом дарк кунад, ки ӯ воқеан ғулом аст, ӯ дигар ғулом нест»** (А. Шопенгауэр). Моҳияти пайравӣ ва саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонаро ҳикмат ҳамин аст. Аммо озод шудан аз ғуломии ақидатӣ ва ҷаҳонбинӣ, аз лиҳози илмӣ дарк кардани сабабҳои худи бандагӣ аст. Ин вазифаи таърихии ҳокимият, омӯзгор ва омӯзанда мебошад.

Муҳтавои ҷаҳонбинӣ ва равандҳоеро, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо тоҷикон, онро дар сатҳҳои гуногун, ба тарзи одӣ

«пайравӣ ба фарҳанги бегона» меноманд, падидаи маъмулӣ - ғуломии руҳӣ ва ақидатӣ аст. Чизи дигаре нест.

Маҳз ҳамин ҳолат, ҳамин ҷаҳонбинӣ муҳтавои гуфтор ва рафторҳои ғуломонаро тавлид, ташвиқ, тарғиб, «асоснок» ва барои мутеъшавӣ ба онҳо истодагариву якравӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки:

**Кова, ки донад задан бар сари Заҳҳок путк,**
**Кай шавадаш пойбанд кӯраву сандону дам.**
*(Хоқонӣ)*

Мутаассифона, ин ҳолат, батадриҷ, ҷомеаро ба мушкилоти ислоҳнопазир мебарад. Ва кор агар ин асту вазъ ину фикру пеша ин, шояд қавм як замон аз паҳлуи таҳлили таҷрибаи таърихи фоҷеабораш гузарад. Ба атроф нигарад. Вориди андеша гардад, то теша аз решаи хеш баргирад.

**Нуқтаи ниҳоии буҳрони ақидатии аввали солҳои навадум пуштибонӣ аз назарияи босмачигарӣ ва хомӯшии ризоятмандонаи «мағзи миллат» – зиёиён буд. Ҳамагӣ бо гузашти чанд моҳ, ҷомеаи тоҷик аз назария ба амалияи он –** ***ҷиҳодгароӣ*** **рӯ ба рӯ гашт.**

**Акси садои ҷаҳонбинии зиддимиллӣ дар шаклҳои гуногун имрӯз ҳамчун шабаҳ баръало ба чашм мехӯрад. Ва ба гӯшҳо мерасад.**

Яъне масъалаи ба алангаи ҷанги шаҳрвандӣ фарогирии ҷавонони солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта, зери таъсири ақидаҳои муллоҳои ифротӣ мондани онҳо, ҳамчун камбуди бузурги давлат ва давлатдории он замон бояд ба инобат гирифта шавад.

Мусаллам аст, ки агар ҳар як нафар аз эҷодиёти адибону олимони классик ва муосири тоҷик дар доираи муҳтавои барномаи таълимии давр бахравар мегашт, ҷараёни тарбия вазифаи асосии худ – муътақидкунониро иҷро карда

метавонист, назарияҳои зиддимиллӣ аз захираҳои эҳтимолии қувваҳои ҳаракатдиҳандаи худ маҳрум мегашт.

## Давлати миллӣ ва мактаби миллӣ

Таваҷҷуҳи фавқулодаи Пешвои миллат нисбат ба фаъолият, сифат, самараи мактаб ва маориф ҷанбаи бунёдӣ – таърихӣ дорад.

Бузургтарин олимони ҳама давру замон асос гузоштан ва ҳифз кардани сохти давлатдориро берун аз масъулияти мактаб шиори хушку холӣ ва амали бебунёд ҳисобидаанд.

Ҳанӯз дувуним ҳазор сол қабл, яке аз саромадони фалсафаи объективии олам Аристотел таъкид кардааст: «**Қонунгузор мебояд ба тарбияи ҷавонон аҳамияти фавқулода диҳад. Маҳз дар давлатҳое, ки чунин муносибат нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад**» (Аристотель. Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010. –С.535).

Файласуфи Юнони Қадим, бидуни дудилагӣ, гаштаву баргашта, хотиррасон мекунад, ки **барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, муҳтавои тарбия, умуман, сиёсати ҳукумат дар соҳаи таълиму тарбия бояд таҳти назорати қатъӣ ва корбарии давлат бошанд**.

Ӯ бо дилсӯзии маҳз таъкид месозад: «**Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат намояд. Сифатҳои ба худ хоси ҳар як сохти давлатдорӣ, асосан, барои ҳифзи ҳамон сохти давлатдорӣ хизмат мекунанд**» (Ҳамон ҷо. – С. 535).

Дар идомаи сухан Аристотел таълиму тарбияро ҷанин, асос, ибтидо, сабабгори тавлид ва шаклгирии муҳтавои сохти давлатдорӣ мешуморад: «**Тарбия аз оғоз бунёнгузори сохти давлатдорӣ аст**» ва чун устоди бузурги одамизод хотиррасон мекунад: «**Ҳама вақт сифати нек шакли хуби сохти давлатдориро таъмин менамояд**» (Ҳамон ҷо. –С.536).

Фаромӯш кардан ба фоидаи оянддасозӣ нахоҳад буд, ки **як сабаб дар як ҳолат, дар як шароит ва дар як вазъ натиҷаи якхела ба бор меорад.**

Фақат дар ҳар ҳолат баҳонаҳо гуногун мешаванд.

Аммо ин муҳим нест. **Ба ғайр аз ин, байни сабаб (1), натиҷа (2), шароити мувофиқ (3) алоқаи ногусастанӣ вуҷуд дорад. *Сабаб* бошад, барои он *шароит* омода гардад, *натиҷа* ба зуҳуроти бебозгашт мубаддал мешавад.**

Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистони солҳои навадум ҳодисаи осмонӣ ва ғайричашмдошт набуд. Анчари дар ҳамин сарзамин рӯидаи хосияти заҳҳокигирифта буд.

Роҳбарон ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи зиддимилӣ дастпарварда ва маҳсули ҳамон мактабҳои аз назорати давлат ва сиёсати давлатдорӣ дурмонда буданд.

Тасдиқи чунин натиҷаи сабабӣ кашфиёт нест. Аз **«умри Хизр дарозтар ва аз мулки Искандар фаротар»** *(таъбири Ҳофиз)* аст.

Вобаста ба ин бори дигар муроҷиат шавад ба китоби «Сиёсат»-и Арасту, ки мегӯяд: **«Ба хотири он ки давлат, дар маҷмуъ, ҳамагӣ як мақсадро мадди назар дорад, мусаллам аст, ки барои ҳама тарбияи ягона ва якхела лозим аст. Ва ғамхориву муносибат ба чунин тарбия мебояд кори умумӣ бошад, на шахсӣ, мисли он ки дар ҳоли ҳозир ҳар касе чунин хаёл дорад ва он чизе, ки ба сари ӯ меояд»** (Ҳамон ҷо. – С. 536).

Аристотел назарияи худро дар доираи категорияи **«манфиат»**- и давлатдорӣ, ки асоси онро амният, рушд ва тараққиёт ташкил мекунад, чунин шарҳ медиҳад: **«Чизе, ки манфиати умумӣ** *(давлатмеҳварӣ – С.Я.)* **дорад, мебояд дар доираи фаъолияти дастаҷамъӣ ҳаллу фасл гардад»** (Ҳамон ҷо. – С. 539).

Ба ибораи дигар, худи тарбия ҳамчун мафҳуми системавӣ амалест, ки барои ташаккули шахсият, дар асоси арзишҳои руҳӣ ва маънавию ахлоқӣ, барои таъмини манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, дар замири одамон бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ, масъулияти бузурги шаҳрвандӣ хизмат намуда, аз муҳимтарин вазифаҳои давлат маҳсуб мегардад.

Давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ наметавонад ва ҳуқуқ ҳам надорад, ки дидаву دониста ва бошуурона, дар дохили ҷомеа нисбат ба падидаҳои аз лиҳози тарбия номуваффақ, ки имкон дорад дар ояндаи наздик ва дур ба сохти конститутсионӣ, суботи мамлакат хатар эҷод кунанд, бетараф бошад.

**Чунин талабот фарогири ҳама қишрҳои ҷомеа аст. Он чунин масъулияти бузургро бар дӯши падару модар, мактабҳои миёнаву олӣ, масъулони соҳаи дин, хулоса, кулли ҷомеа мегузорад. Муколамаи байни одамон мебояд дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ба мақсадҳои рушди миллӣ созгор бошад.**

Оё гуфтан мумкин аст, ки ин хулосаи нав ё фавқулода аст?

Албатта, не.

Аристотел дар ин маврид нуқтаҳои принсипиалӣ, ба андешаи мо, махсусан муҳимро таъкид месозад, ки онҳоро ҳамчун сармашқи фаъолият ба назар нагирифтан мумкин нест: «**Набояд фикр кард, ки ҳар шаҳрванд худ ба худ аст. Не, ин тавр нест. Ҳамаи шаҳрвандҳо м а н с у б ба д а в л ат мебошанд. Барои он ки ҳар кадоми онҳо як ҷ у з ъ и д а в л а т ҳастанд. Ва ғамхории ҳар кадом бояд парастории ҳамаро дар назар дошта бошад**» (Ҳамон ҷо. – С.536).

## Шароити воқеии фаъолият

Паём барои ҷомеа ҳамчун сарчашмаи маълумоти аслӣ мебошад. Вақте одамон дар бораи соҳаҳои гуногуни давлатдорӣ донишҳои ҳамсон ба воқеият пайдо мекунанд,

сарфаҳм рафтан ба моҳияти масъалаҳои ҳаётан муҳим, ки ҳукумати мамлакат барои ҳаллу фасли он тамоми неру ва имконоти худро сарф кардааст, осон мегардад.

Боиси эътироф, эҳтиром ва қадршиносист, ки матни Паём дар чаҳорчӯбаи талаботи илмӣ, бо назардошти таҳаввулот ва дигаргунии мавзӯъ омода гардида, нуқтаҳои аслии он бо истифода аз методи муқоисавӣ – таърихӣ асоснок карда шудаанд: **«Дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта, ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд». (**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе. Дониш, 2023. – С.5).

Тоҷикистон бо вуҷуди бухрони сангини таҳмилӣ, имконоти ниҳоят маҳдуди захираҳои сӯзишворӣ ва мушкилоти геополитикӣ ба чунин дастоварди бузург ноил гардида бошад ҳам, дар арзёбӣ ва хулосабарории кори анҷомшуда, усул ва корбарии хирдамандонаи Роҳбари давлат – ҳеҷ вақт қаноат накардан ба натиҷаҳои фаъолият мушоҳида мегардад: **«Бо вуҷуди ин, корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд»** (Ҳамон ҷо. –С.5).

Яъне нақшаҳои бузург ҳоло дар пешанд.

Ҳукумати мамлакат мекӯшад, ба инкишофи ҳаматарафаи шахсият – бойигарии маънавӣ, покизагии ахлоқ ва инкишофи ҷисмонӣ, ки бунёди он дар шароити таҳсилоти миёна гузошта мешавад, минбаъд ҳам таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

## Инсон – маҳсули ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ

Агар одам аснои ба дунё омадан мафҳум ва падидаи биологӣ бошад, мартабаи «инсон», «шахс», «шахсият» қисмат ва маҳсули ҷомеаи инсониву муҳити иҷтимоӣ аст. Тибқи

хулосаи олимони маъруф **«...моҳияти инсон истилоҳи мавҳум, номуайян нест, ки ба як шахс мансуб бошад. Воқеан, одам маҷмуи кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ аст».**

Одам офаридаи ҷисмонӣ, маводи олии табиат аст. Хосияти анатомифизиологӣ ва қонунмандиҳои биологиро дар худ таҷассум мекунад. Ҳамзамон бо ин, **табиат дар шаклгирии муҳтавои ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии инсон нақш дошта наметавонад.** Аммо на танҳо забон, шеваи гуфтор, ҷаҳонбинӣ, муносибат ба олами ҳастӣ - муҳити атроф, балки аз «чорпоӣ» ба ду по истода роҳ гаштанро ҳам одам аз одам меомӯзад.

Аз тарафи дигар набояд гумон кард, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳуроти аз инсон дур ва ҷудогонаанд. Баръакс. Худи муносибатҳои ҷамъиятӣ моҳият, мағз андар мағзи инсонро ташкил мекунанд.

Натиҷаи муносибати худи одамон дар асоси фаъолияти дастаҷамъӣ *(ҳамкорӣ, муомила, муошират, табодули афкор, ҳамраъйӣ,)* шакл мегирад. Маҳз дар асnои муносиботи ҷамъиятӣ ҷанбаҳои дарк (*сарфаҳм рафтан, фаҳмидан*)-и олами атроф (*табиат, ҷамъият, давлат, тамаддун, фарҳанг, дин ва г.)* ба вуҷуд меояд.

Ҷаҳонбиниҳо, идеяҳо, ормонҳо, нияту мақсадҳои ақидатӣ ба инсонҳо зарурати гурӯҳбандии иҷтимоиро дар ҳар шакл ҳидоят мекунанд. Асос мегузоранд.

**Пас ин терорристҳо, ифротгароён, худкушҳо - диишиҳо, ансоруллоҳиҳои наҳзатӣ, салафиҳо, таҳририҳо, унсурҳои зиддимиллӣ кай? Дар кадом ҳолат? Аз куҷо пайдо шуданд?**

Надоштани дониши бунёдӣ, раҳгумиҳои зиддимиллӣ, фосилагирӣ аз ҷаҳонбинии маорифпарварона дар муҳити муайян – оила, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, алоқа бо шахсони ифротгаро сабаб шуд, ки садҳо ҷавон ба гурӯҳҳои

террористии байналхалқӣ ҳамроҳ гашта, миллат ва давлати Тоҷикистонро дар арсаи олам бадном созанд. Ва ин ҷараён шиддат гирифта истодааст.

Дар назария ва амалияи таъмини вазъи амнияти давлат, ҳам дар дараҷаи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ, се мафҳум ҳамчун истилоҳи қолабӣ (формула) истифода мешаванд: рақиб (1); мақсад ва ниятҳои рақиб (2); қувва ва воситаҳои таъмини амнияти давлати миллӣ (3).

**Таҳлилгар, масъул ва тасмимгир мизон ва таносуби ин се ченакро мебояд пайваста пайгир бошанд. Дар муддати 24 соат.**

Аммо «амният» мафҳуми фардӣ, идоравӣ, соҳавӣ, махсускунонида ва маҳдуд нест. Таъмини амнияти давлат мафҳуми занҷиравӣ аст. Низоми ягонаи дар меъёрҳои конститутсионӣ муайяншуда мебошад. Он фаъолияти маҷмуи дастгоҳҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маърифатӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. **Дар занҷир ҳалқаи сусттарин оқибат мешиканад. Ва занҷир таъйиноти худро аз даст медиҳад.**

Агар аз рӯйи назарияи воқеият, ҳамчун категорияи мантиқ назар кунем – **бадтарин ҳақиқат беҳтар аз беҳтарин раҳгумзаданҳост**. Яъне системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, ки қисмати асосии онро **мактаб ва маорифи умумӣ ташкил мекунад, дар муқобили идеологияи геополитикии нооро сохтан ва шикаст додани давлатҳои миллӣ, номутаносиб будани худро дар амал, дар таҷриба нишон дода истодааст.**

Албатта, ҷанг ҳамчун истилоҳ мафҳуми сиёсӣ, ифодакунандаи мақсад ва ҷараёнҳои сиёсӣ барои тағйир додани вазъ ва андозаи истифодабарии манфиатҳост. **Ҳамчунон, ҷанг ягона воситаест, ки сифат ва самаранокии системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, таълимӣ,**

**тарбиявӣ, фарҳангӣ ва идеологии як давлат дар он имтиҳон карда мешавад.** Набудани ҷанг сулҳ аст. Аммо вазъи минтақа ва ҷаҳон, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, ниёз ба шарҳи иловагӣ надорад.

Агар вазъияти маънавӣ – идеологии насли ҷавон дар чаҳорчӯбаи мафҳумҳои баёншуда тафсир гардад, ба манфиати суботи пойдори давлатдорӣ арзёбӣ кардани он мушкил мешавад.

Фаъолияти мактаб, маориф - кӯшишҳои ташаккули ҷаҳонбинии мардум, махсусан ҷавонон, мебояд ба он нуқтае равон карда шавад, ки маҳз худи инсон, дониш, хирад, ақл ва фаросати ӯ омили хушбахтии ӯст. Халқҳои пешқадами олам, ки имрӯз мусулмонҳо пойбанд ва вобастаи онҳо ҳастанд, барои худ афсона, тасаввуроти ғайриодӣ намебофанд. Саҷда ба донишу хирад мекунанд. Ба умеди фазилат ва донишҳои заминӣ ҳастанд. **Ба гуфти Абуалӣ Сино, агар ба чароғ равған ҷон бахшад, ба инсон илм.**

Инсоне, ки ба илму хиради одамӣ бовар дорад ва ба он такя мекунад, барои худ ва ҷомеа муфид, ҳадди ақал, безарар аст.

## Ҳолат, муносибат, вазъият

Тавре таъкид гардид, мактаб муҳимтарин ҳалқа дар занҷири ташаккули ҷаҳонбинии давлатдории миллӣ мебошад. Он муҳтаво ва тарзи фаъолияти шуури ҷамъиятиро асос мегузорад (1), наврасон ва ҷавононро барои шинохти олам, фаъолияти амалӣ – шакли ҳастии ҷомеа ва қонунҳои амалкарди он омода месозад (2).

Аз эҳтимол дур аст, ки бакамолрасии инсон ҳамчунин давраро дар зарфияти синнусолӣ, бори дигар пайдо мекарда бошад. Ин масъулияти бузург дар Паём, тавассути рақамҳо дар тағйироту қиёс хотиррасон мегардад: **«Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2**

**миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод».** (Ҳамон ҷо. – С.5).

Сиёсати Роҳбари давлат дар созмондиҳии шароити таълимӣ ин воқеиятро ҳам ба назар гирифтааст. Ва дар шумора, суръат ва сифати бунёди боргоҳҳои маърифатӣ, бидуни шак, Тоҷикистон дар минтақа аз ҷумлаи беҳтаринҳост.

**Ба тарзи дигар, ҳукумат вазифаи худро барои муҳайё сохтани имконоти воқеии тарбияи насли наврас ва ҷавонон иҷро мекунад.**

Аммо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки сифати кори мактаби имрӯза, дониши хонандагон, мутаносибии маърифатнокии шогирдон бо зарфияти синну сол ва дараҷаи таҳсил, бо шароити ҳақиқие, ки барои муаллимону талабагон омода гардидааст, дар мувофиқати пурра нест.

Аслан, сухан на танҳо дар бораи донишҳои бунёдӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ меравад. Ин масъала ниёз ба баҳси алоҳида дорад.

Мавриди назар маълумот, тасаввурот, дарки мавзӯъ дар бораи маҷмуи ҷаҳонбинӣ оид ба таърихи миллат, фарҳанг, тамаддун, адабиёт, меъёрҳои грамматикии забони модарӣ, ҳуқуқ, умуман, фанҳои гуманитарӣ дар доираи барномаи мактабӣ аст. Маҳз ҳамин донистанҳо мавқеи шаҳрвандии насли наврас, ҷавононро нисбат ба мафҳумҳои Миллат, Ватан, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллӣ муайян месозанд. Ҷаҳонбинии ояндагони ҷомеаро ба зиндагии шоиста мутобиқ ва мувофиқ мекунонанд.

Ин камбуди ҷиддӣ, ки мавриди ишора қарор гирифт, ҳатто дар рафти таълим дар курсҳои болоии мактабҳои олӣ, ки акнун омодагии донишҷӯ ба сифати мутахассис мебояд шинохта шавад, баръало мушоҳида мегардад. Охир, **«мактаб**

**қувваи бузургро мемонад, ки он тақдири халқҳо ва давлатҳоро дар асоси фанҳо ва принсипҳое, ки дар системаи таълими мактабӣ ҳамчун таҳкурсӣ таъйин шудааст, муайян мекунад»** (Д.И. Менделеев. Сочинения. Т.1. – М, 1934. – С.153).

Таваҷҷуҳ карда шавад ба ибораҳои **«дар асоси фанҳо ва принсипҳо (1)** *(асос, қонун, усул, бунёд, шарт.* Русско-таджикский словарь. –М.: Русский язык, 1985. – С.854) **дар системаи таълими мактабӣ (2)»**.

Принсип, аз ҷумла, дар соҳаи маориф ҳам, талаботи моддаи 1, боби 1–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар ҳамин асос, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ коркард ва роҳандозӣ шудаанд. Маҳз аз рӯи талаботи мазкур барномаи таълимӣ коркард ва китобҳои дарсӣ навишта мешаванд. Яъне муҳтаво ва ҷараёни таълиму тарбия аз поин то боло, сарфи назар аз шакли моликият ва мансубияти молии инфрасохтори муассисаи таълимӣ, алоқамандии ногусастаниро бо масъалаҳои бунёдӣ ва суботи давлатдорӣ пайваст мекунад. Се ҷузъиёт - қонун (1) - барнома (2) - китоби дарсӣ (3) танзимгари муҳимми фаъолияти мактаби миллӣ мебошанд. Ба талаботи рӯзмарраи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ – маънавии давлатдории миллӣ мувофиқат доштани мантиқи таълиму тарбияро ҳамчун талаботи бунёдии манфиатҳои миллӣ тасдиқ менамояд.

Китоби дарсӣ офарандаи инсон аст.

Мутаассифона, замони истиқлол, то ба ҳол, натавонист насли нави муаллифони барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсиро ба майдони эҷоди илмӣ ворид созад. Онҳоро дар байни устодон, шогирдон, маорифпарварон, падару модарон, аҳли ҷомеа муаррифӣ кунад. Муассир ва соҳибэҳтиром гардонад. Номварӣ, шуҳрат ва манзалати муаллифони китобҳои то ибтидои солҳои навадумро барқарор намояд. Аз

лиҳози илмӣ ба дилҳо бишинонад. **Гузашта аз он, баъзан китобҳои дарсӣ аз рӯйи мазмун ва мундариҷа, аз маводи таълимии хурофотӣ ва бегонапарастии муллоҳои бесалоҳият** (*шояд баръакс*) **фарқ намекунанд.** Баъзе олимоне ҳам, ки дар замони шуравӣ то андозае соҳибэҳтиром буданд, бо навиштани китобҳои дарсӣ, дар замони истиқлолият ҷойгоҳи худро, амалан ва бори дигар дар ботлоқи фурсатҷӯёнаи ҷаҳонбинии асримиёнагӣ ва хурофотӣ нишон доданд.

Мушкил он аст, ки тасаввуроти ғайриилмӣ ва бардурӯғ ақлҳоро дар муҳосира ва сарбастагӣ нигоҳ медоранд. Суиистифодаи наврасону ҷавононро, аз ҷониби унсурҳои зиддимилӣ, осон мегардонанд.

**Бидуни шак, ин ҳолат аз бемасъулиятии мансабдорони соҳаи илму маорифи мамлакат шаҳодат медиҳад, ки тӯли солҳо, такрор ба такрор, худро дар ҳамин мавқеъ ва дар дараҷаи ҳамин гуна муносибат нишон медиҳанд.**

Аз лиҳози дигар, таълифи чунин китобҳои дарсӣ аз камбуди маънавиёт ва руҳияи миллии муаллифоне, ки ба ҳар роҳу восита чунин ҳуқуқро пайдо мекунанд, гувоҳӣ медиҳад.

Вобаста ба ин, хотирнишон бояд кард, ки инсон соҳиби ду нутқ аст: маънавӣ, хаёлӣ, дар шакли хомӯшӣ, вақте инсон дар муколама бо худаш танҳо мемонад (1). Ва берунӣ, зоҳирӣ, шифоҳӣ (2). **Нутқи дохилии инсон афзалтар аз нутқи шифоҳӣ аст. Он худ ба худ, якка ба якка аст. Ҳисоботи Ақл, Адл, Инсоф ва Виҷдон дар назди худи Инсон.** Ҳофиз ба ҳамин муҷодала ишора карда мегӯяд:

Дар андаруни мани хастадил надонам кист,
Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост?
Аз он ба дайри муғонам азиз медоранд,
Ки оташе, ки намирад, ҳамеша дар дили мост.

Маликушшуаро Баҳори Хуросонӣ (1886 – 1951) «Шоҳнома»-и Фирдавсиро беш аз сад маротиба мутолиа мекунад. Гаштаву баргашта ба шоҳкории як ҳамватани худ, ки дар замони ҳокимияти мустабиди бегонагон, ҷон дар хатар, умри азизи худро ба шаъну шони миллати тоҷику форс бахшидааст, сари таъзим фуруд меорад. Аз ҳоли ҳамватанони замони худ, ки умре ба чоплусӣ ва бегонапарастӣ машғул буданд, дилаш заҳ мекашад. Ва бе қаламу қоғаз, ба дуриҳои дур менигарад. Худ ба худ, бадоҳатан ба Фирдавсӣ муроҷиат карда, мегӯяд:

Туро сано кунаму бас, ки з-ин дағал мардум,
Ҳаме надонам як тан, ки мустаҳиқи саност.
Дареғ, ки аз паси умр хизмати ватанӣ,
Надид чашмам як ҷузв аз он чӣ дил мехост.
**Зи пухтакории ағёру хомтабъии қавм,**
Чунон бисӯхт димоғам, ки дуд аз он бархост.

Барқасди хурофотпарастони замони худ мефармояд:

**«Шоҳнома» ҳаст беиғроқ Қуръони Аҷам,**
**Рутбаи донои Тӯсӣ, рутбаи пайғамбарист.**

Ва андешаи худро ҷавонмардона хулоса мекунад:

**Ба сад нишон, ҳунар андеша карда Фирдавсӣ,**
**Наузиббилаҳ, пайғамбар аст, агар на Худост.**

Муҳиммияти сухани Фирдавсиро барои ҳама давру замон ва то абад бар зидди андешаи ғуломӣ таъкид месозад:

**Эй ҳакими номӣ, эй Фирдавсии сеҳрофарин,**
**Эй бар ҳар фан дар сухан чун марди як фан устод,**
**Шӯру эҳёи Ватан гар дар дили покат набуд,**
**Рафта буд аз турктозӣ ҳастии Эрон ба бод.**

Аз ин лиҳоз, вақте сухан дар бораи тарбия ва таълим меравад, маънои омӯхтан, омӯзонидан, роҳнамоӣ, сарварӣ, ғамхорӣ ва ҳимоя кардани ҳамватанро дорад. Чунин ҷараён мебояд тамоми ҳаёти инсонро фарогир бошад. Муваффақияти миллат, таъмини амният ва рушди он ба раванд ва натиҷаи ҷамъиятикунонии (милликунонии) андешаи аъзои он вобаста аст.

Дар навиштани китобҳои дарсӣ дар соҳаҳои забон ва адабиёти тоҷик, солҳост, ки вазъият ба нафъи манфиати илмӣ ҳалли худро намеёбад. Дар ин самт мақсаднокӣ, ба талаботи сохти давлатдорӣ пурра мувофиқат кунонидани мундариҷа ва муҳтавои китобҳои дарсӣ ва албатта, масъулиятнокӣ ва иродатмандии миллӣ камтар ба чашм мерасад. **Аммо ҳаррӯза кӯдакону наврасон маҳз аз ҳамин мавод дарс мегиранд.**

Магар дар сӣ сол категорияҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ, таркиб ва захираи луғавии забони тоҷикӣ ниҳоятдараҷа тағйир ёфтанд? Муносибат ба мазмун ва муҳтавои эҷодиёти инсонпарваронаи адибони классикӣ таҳаввулот пайдо кард?

Дуруст. Давра ба давра дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дигаргунӣ ба амал меояд. Ин тағйирот мебояд дар асоси усулият дар ҳар соҳа инъикос ёбад.

Модоме ки дарки мутахассис, фарзияи беҳтар ва хубтар аз пешинаро пайдо карда наметавонад, магар зарурат барои шикастани он чизе, ки солҳо омода гашта, дар амалия тасдиқи илмӣ пайдо кардааст, ба талаботи ҷаҳонбинӣ, бо андак кӯшиш, мутобиқ кунондани он имкон дорад, нобуд кардани чунин ганҷина ба мақсад мувофиқ аст?

Бошад имрӯз олиме, ки дар сатҳи китобҳои дарсии барои мактаби миёна навиштаи донишмандони маъруф – устод Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат, Сайид Ризо Ализода, Тӯрақул

Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҳамид Бақозода, Ҳилол Каримов, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Абдусалом Деҳотӣ, Воҳид Асрорӣ, Маҳмадуллоҳ Лутфуллоев, Носирҷон Маъсумӣ, Юрий Бобоев ва бисёр дигарон аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ, далелнокии таърихӣ, муносибати системавӣ, сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мантиқӣ, дар асоси ҷаҳонбинии пешқадам ва созанда асар офарида тавонад? Дар сурати ҷавоби мусбат, мақолаву асарҳои онон бояд намуна бошанд.

Ба андешаи инҷониб, зарур аст, ки китобҳои дарсии нобиғаҳои маъруфро ҳамчун асос, бунёд ба ҳисоб гирифта, бо онҳо «шогирдӣ ва ҳаммуаллифӣ» кард.

Китоби дарсӣ навиштан дар илми тоҷик, анъанаи беш аз садсола дорад. Дар ин ҷода бояд чунон саҳм гузошт, ки мисли муаллифони номдори пешин «ангушт газидане ба ёрон монад» (*Абусаиди Абдулхайр, асри XI*), на таассуфу афсӯс.

Маҳз мутобиққунонии манфиатҳои ҳар шахс ба манфиатҳои умумимиллӣ эҳсоси бузурги ҳамраъйии ватанпарваронаро эҷод мекунад. Мардумони содаро аз ҳолати бешууронаи пойбандӣ ба он зуҳуроте, ки ба манфиати миллат ва Ватани ӯ нестанд, бозмедорад, берун меорад.

### Манфиати миллӣ ва маорифи динӣ

Вақте сухан дар бораи манфиатҳои миллӣ меравад, бидуни шак, **таъмини амнияти миллӣ аз лиҳози сиёсӣ – ҳудудӣ, рушди посухгӯ ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ҳифзи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, сатҳу сифати маънавиёт ва ҷаҳонбинии миллии мувофиқ ба таъмини давлатдории миллӣ, пешбинӣ, сари вақт ошкор ва хунсо кардани таҳдидҳои ба амнияти миллӣ хатарзо** дар назар дошта мешавад.

Дар ҳар сурат таъмини амният ва инкишофи давлат бидуни хосияти меҳварӣ пайдо кардани ҷаҳонбинии миллӣ ба

мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Намунаҳои он дар нооромиҳои баъзе кишварҳои минтақа тасдиқи ин гуфтаҳост.

Албатта, фарҳанг зинаи аввали расидан ба манзалати тамаддунии миллат аст.  Ва ҷузъи таркибии он маҳсуб мегардад.

Фақат беҳтарин, устувортарин, машҳуртарин намунаҳои фарҳангӣ метавонанд вориди манзалати тамаддунӣ гарданд.

Ҳангоми омӯзиши гузаштаи халқу миллатҳо мафҳумҳои антропологӣ ва таърихӣ мутаносибан истифода мешаванд. Антропология дараҷаи ҷараёни мутобиқ гардидани халқҳоро ба шароити муайяни муҳити табиӣ ва маданӣ меомӯзад. Таърих бошад, доира ва мавзуи васеи таҳқиқот дорад. Миллатҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки аз чаҳорчӯбаи мутобиқшавии одӣ ба табиату ҷамъият пештар рафтаанд.

Тоҷикон миллати худкифо ва соҳибтамаддун ҳастанд. Ҳанӯз ду ҳазор сол қабл, ба ҳоли халқе, ки «зи шири шутур хӯрдану сусмор, тахти каёнӣ орзу кардан»-ашро хандида, бо ғурур ба истеҳзо кашидаанд.

Мавзуи омӯзиши таърих халқҳоеанд, ки соҳиби орзуву ормон ва нақшаҳои ояндасоз мебошанд. Ва амалӣ кардани онҳо фарҳангу хиради ин мардумонро боз ҳам сайқал мебахшад. Зиндагии инсонро ба беҳбудӣ ва сулҳу оромӣ раҳнамун мекунад.

Умуман, тасаввурот ва нияту мақсадҳое, ки метавонанд як чизи идеалиро ба фоидаи пешрафти ҳаёти воқеӣ амалӣ гардонанд, барои таърих муҳим мебошанд.

Ормонҳое, ки амният ва рушду тараққии миллатро дар шароити рақобатҳои глобалӣ таъмин месозанд, обрӯву манзалати онро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин менамояннд, метавонад як шакли эътиқод ва боварӣ гарданд.

**Дар бисёре аз динҳои миллӣ мақсадгузорӣ барои пешрафти миллат ва кӯшиши амалӣ кардани он як чизи одӣ, муқаррарӣ мисли нафаскашӣ, гардиши хун ва таболули моддаҳо дар организми инсон аст.**

Ҳамзамон бо ин, ба роҳибон ва муридон тавсия дода мешавад, ки таҳлилгар бошанд. Омӯзанд, муайян созанд, ки чӣ чизе дар тӯли таърих сабаби пешравӣ ва ё баръакс, боиси қафомонии миллати онҳо дар рақобат бо намояндагони халқҳо ва дину оинҳои дигар шудааст? Тавсеаи илму маърифат дар эътиқодоти ин динҳои миллӣ муайянкунандаи дараҷаи наздикшавии диндорон ба эътиқодоти Осмонӣ ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, мо наметавонем ба андешаи баъзе олимон, ки рушду тараққӣ, ҷаҳонбинии давлати миллиро зуҳуроти мухтор ва эътиқодоти диниро ҷудо аз он мешуморанд, розӣ шавем.

Истиқлолияти давлати миллӣ мафҳуми муқаддас аст. Тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар давлати мустақил ҳуқуқи ҳузур доранд. **Аммо онҳо бояд дар доираи эътироф ва дастгирии манфиатҳои миллӣ, ҳамчун мафҳуми мустақили этникӣ – фарҳангӣ, ҳудудию сиёсӣ, шинохт ва ҳифзи арзишҳои аслии тамаддуни миллӣ, эҳсоси дурусти таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ ба ин ниҳодҳову арзишҳо, таъмини шароити воқеии нигоҳдорӣ ва рушди пояҳои тамаддунӣ амал кунанд.**

Бояд ба инобат гирифт, ки **давлати миллӣ ҳамчун организми зинда дар фазо, ҳама вақт таъйиноти гузаштан аз монеаҳоеро дорад.** Чунин мушкилот ҳам дар дохил ва ҳам дар арсаи байналхалқӣ бешуурона ва аксари вақт бошуурона барои ин ниҳод эҷод мешаванд. **Идеяҳои устувори давлатии миллӣ ва субъектҳои пешбарандандаи**

**он, бояд ҳаммароми ин муассисаи умумимиллӣ - давлат бошанд.**

Ходимони дин, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, оромиву осудагӣ, имкони риояи кулли рукнҳои таъйиншудаи ибодатиро доранд. Аз беҳтарин шароит ва имконоти василавӣ бархӯрдоранд. **Зарур аст, ки онҳо дар сафи пеши тарғибгарони манфиатҳои миллӣ – ҳамчун омили муҳимми шаклгирии ҷаҳонбинии миллӣ бошанд. Дар ин роҳ масъулияти бузурги ватандорӣ эҳсос намоянд. Хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар саргаҳи имондорӣ гузоранд. Бо ягон баҳона, шиор, назария ва ҷаҳонбинӣ, зери шубҳа мондани манфиатҳои миллӣ - амнияти миллӣ ва рушди давлатдорӣ, аз ҷаҳолат беш нест.**

Ҳодисаҳои атроф - дар минтақа ва ҷаҳон, хусусан, дар панҷ соли ахир, бори дигар ҳақиқатеро исбот кард: миллатҳои зирак динро пеш оварда, намояндагони миллатҳои хурду бузургро сарҷамъ ва дар якҷоягӣ ҳокимияти сиёсиро ғасб мекунанд. Чун ба мақсад расиданд, дар тақсими ҳокимият на аз рӯйи мазҳаб, тариқату шариат, балки аз диди манфиатҳои этникӣ ва миллӣ амал мекунанд.

**Содагии мазҳабӣ, қавмӣ, этникӣ, миллӣ ва ҳизбӣ набояд ба ҳазорсолаҳо идома ёбад**. Умқи фикрронӣ ва тавони арзёбӣ дар илму дониш аст:

**Киро дар ҷаҳон ҳаст ҳушу хирад,**
**Куҷо ӯ фиреби замона хӯрад.**

*(Фирдавсӣ)*

## Хулоса

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати таърихӣ ва ҳидояткунанда барои рушди миллат дар самтҳои ҳаётан муҳимми мамлакат мебошад.

Дар он камолоти инсонӣ, ташаккули ҷаҳонбинии бар пояҳои таърихи миллат ва давлатдории миллӣ бунёдгардида, худшиносӣ ва меҳандӯстӣ, бозпаснигарӣ ва ояндабинӣ бо содабаёнӣ ва ифодаҳои рӯшану фасеҳ ифода гардидаанд.

**Паём, ки мисли ҳамешагӣ, бо суханҳои озоду муколамавӣ сайқал ёфтааст, сарчашмаи бузурги омӯзиш ва бахрабардорӣ аз мактаби давлатдории Пешвои ҷовидмақоми тоҷикон аст.**

Дар ин ҳуҷҷати роҳнамо, мавқеъ ва манзалати инсон, маданият ва маърифати ӯ тавассути мактабу маориф – хамирмояи ҷавҳари одамӣ дар шохроҳи андешаи миллӣ ва бунёди давлати миллӣ дар ҷойи аввал меистад.

Дар мамлакат шароити воқеӣ барои рушди маорифи миллӣ, асосан, омода шудааст. Аммо омили инсонӣ, масъулияти мудирият дар соҳаи мафкурасозӣ ҷавобгӯи талаботи замон нест. Натиҷаҳои фоҷеабори адами тафаккури миллӣ дар ҷаҳонбинии теъдоди ҳангуфти ҷавонон, пайвастани онҳо ба созмонҳои ифротиву зиддимиллӣ камбуди ниҳоят ҷиддӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеаи тоҷик – оила, мактаб, донишгоҳ, корхонаҳо ва муҳит зуҳур меёбад.

Кори Вазорати маориф, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи ҷавонон, муассисаҳои марбути тадқиқоти илмии Академияи миллии илмҳо, Маркази тадқиқоти стратегӣ, Маркази исломшиносӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд ба шароити **«мубориза барои ҳаёт»** посухгӯ, баробарвазн ба

вазъ буда, фаъолияти онон на ба ҳисоботдиҳӣ, балки ба натиҷагирӣ равона гардад.

Мебояд таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинии насли наврас, ҷавонон, қишрҳои гуногуни аҳолӣ, на танҳо мувофиқ ва мутаносиб ба таҳдиди душман, балки пурзӯртар аз он бошад.

**Таълим ва тарбия – муътақидгардонӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносиии миллист. Вагарна сарфи беҳудаи вақт аст.**

Дар маҷмуи ақидаҳои олам, ки миллатро ба истиқлол, ваҳдат, субот, оромӣ ва осудагӣ ҳидоят мекунанд ва рушди мамлакатро таъмин месозанд, идеяи давлати миллӣ, албатта, дар ҷойи аввал мебошад. Ин нуктаи ҳаётан муҳим дар таълимоти Пешвои миллат нақши муайянкунандагӣ дорад.

Консепсияи давлати миллӣ – маҷмуи ҷаҳонбинӣ ва амалҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки дар асоси арзишҳои миллӣ – таърихӣ ва умумибашарӣ бунёд ёфтаанд. Ин таҷрибаи дар амал тасдиқгардидаи миллатҳои пешқадами дунё, собиқаи, ҳадди ақал, чорсадсола дорад.

Ворид гаштан ба татбиқи консепсияи тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ, худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ аз муҳимтарин вазифаҳои ҷомеа, аз ҷумла, ходимони дин мебошад.

**Дар ин раванд олимоне, ки ба навиштани китобҳои дарсӣ ҷалб карда мешаванд, бояд на танҳо донишманди соҳибтаҷриба, дар байни аҳли илм эътирофгардида, ҳамзамон боҷасорат, худогоҳ, хештаншинос, ватанпараст, соҳибтакбири худшиносии миллат, руҳбахш, вассофи руҳи тоҷикият, хирадситой, масъул, афзояндаи ғурур ва ифтихори миллӣ бошанд**.

Китоб дар ҳар шакле - назмӣ, насрӣ, илмӣ руҳ, тинат, сифати шахсият ва муаррифгари табиати муаллиф аст. Аз дидгоҳи масъулиятшиносонаи Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ (1868-

1917), ки дар ҳаққи Аблқосими Фирдавсӣ гуфтааст, нависандаи китоб офаридгори қаҳрамонҳо ва созандаи руҳи инсонҳост:

Гар намезад сухан суханвари Тус,
Куҷо будӣ Кайқубоду Кайковус?

Агар мардум, аъзои ҷомеа дар муқобили эҳсосот ва андешаҳои бегонапарастӣ, хурофотзадагӣ ҳувияти миллӣ пайдо накунад, ба таърихи гузаштаи хеш, эътиқод ва эҳтироми фавқулода нагузорад, маҳз бар давлатдории миллӣ афзалият набахшад, оқибат бозичаи дасти бегонагон хоҳад гашт.

**Тоҷикон дар тӯли таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии суқути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод.**

Давлатдории охирони мо низ метавонист ба вартаи нестӣ ва ин дафъа ба садсолаҳои номаълум ба фано равад. Миллати тоҷикро бори дигар ба ғуломӣ кашад. Онро ҳам сабаб қатъан ҷаҳолат мебуд.

Аммо бо талошҳои ҷоннисоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ин давлат барқарор ва пойдор шуд. Акнун даҳсолаи чоруми он оғоз ёфт. Донишу маърифат асоси пойдории давлати навин эълон гардид.

**Ҳамин тариқ, ҷавҳари Паёми Пешвои миллат дар соҳаи маориф — аз тарбияи инсони худогоҳ, соҳибхирад, эҳёкунандаи фарҳанг ва ифтихори миллӣ, мардони пуркору накукор, мубоpизу фидокори Ватани мо – Тоҷикистони азиз иборат аст.**

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

## НАҚШИ ИЛМ ВА АДАБИЁТ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

*Дар қиссаву таърих чу озода бихонед,*
*Мақсуд аз озода шумоед, шумоед.*
*Деҳхудо*

Илм ва адабиёт ҳамеша гирҳекушои инсон буд, яъне аз оғоз барои раҳоӣ аз мушкилот, асорати динӣ, мазҳабӣ, тарғиби ахлоқи пок, одамият, худшиносӣ, инсоншиносӣ, диншиносӣ ва ғайра хидмат менамуд, по ба пои замон ва талаботҳои он амал мекард, пеш мерафт. Ба хотир биёред, талошҳои олимону адибони моро баъд аз истилои араб, муқовимат ва мубориза онҳоро ба забони бегона, яъне арабӣ, баргардони осори илмиву адабӣ ба забони арабӣ, барои аз нобудӣ раҳонидан ва баъдан аз нав ба тоҷикӣ тарҷума намудан, хусусан кӯшишҳои Рӯдакӣ ва соири адибони замони Сомонӣ, ки хеле босамар буданд. Дар ин бора устод Саид Нафисӣ чунин гуфтааст: «Кореро, ки Амир Исмоили Сомонӣ бо шамшери буррандаи хеш огоз карда буд, Абдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад бо хомаи хеш ба поён расонид. Ин Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад роҳбаре тавоно буд, ки роҳро барои Дақиқӣ ва Кисоӣ ва Фирдавсӣ кушуд ва муҳандиси ҳунарманде буд, ки хонаи ҷовидонии Унсуриву Фаррухиву Асҷадиву Мунҷик ва Носири Хусравро пояе устувор ниҳод».[1] Ба қавли шоире:

[1] Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – С. 20.

*Рӯдакӣ низ чун дури шаҳвор*
*Зеби дарбори оли Сомон буд.*
*Ҳамчу теги амир Исмоил*
*Хомаи Рӯдакӣ ба ҷавлон буд…*
*Дар низоъи баҳои миллият*
*Аввалин қаҳрамони майдон буд.*
*Миллати мо раҳини миннати ӯст,*
*Миннат ӯро сазад, ки маннон буд.*[2]

Фирдавсӣ касе буд, ки, ба қавли худаш, бо ранҷҳояш, Аҷамро, ки баъди истилои араб мурда буд, зинда намуд:

*Басо ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*[3]

Аммо қабл аз эшон Яъқуби Лайс, ба қавли Носири Хусрав, аз аввалин амирони Хуросон буд, ки барои истиқлолхоҳӣ то Басра рафт ва хидмати бузургро барои миллат анҷом дод. Ҳамзамон, ӯ даъвии «он чи ман андар наёбам, чаро бояд гуфт»-ро ба миён гузошт ва бад-ин тартиб истиқлоли адабии забон ва адабиёти миллати моро асос гузошт ва бунёнгузорӣ намуд. Воқеан, Носири Хусрав ба қавли муҳаққиқи фаронсавӣ Пол Омер, «баъд аз он ки ба синни рушд расид, қитъаоте аз ашъори Фирдавсии Тӯсиро ба даст оварда хонд ва мутаваҷҷеҳ шуд, ки эрониён дар қадим қавми барҷаста буданд ва султаи қавми араб онҳоро дучори инҳитот кард».[4] Ин абёти Носири Хусрав, ки аз худшиносии шоир ба мо мужда медиҳанд, на танҳо аҳамияти таърихӣ доранд, балки барои боло бурдани худогоҳии миллии миллати мо кумаки бешоиба менамоянд:

*Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,*

[2] Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар ҷаҳон… -Панҷекат, 1966. –С. 52.
[3] Шаҳбайтҳои «Шоҳнома». –Душанбе:Адиб, 1990. –С. 205.
[4] Васияти Ҳасани Саббоҳ. –Душанбе:Нодир, 2005. –С. 6.

*Ҳама дигар шудаш аҳволу Сомон.*[5]

***

*Он, к-ӯ ба Ҳиндувон шуд, яъне, ки ғозиям,*
*Аз баҳри бардагон, на зи баҳри ғазо шудаст.*[6]

***

*Ман аз пок фарзанди озодагонам,*
*Нагуфтам, ки Шопур бани Ардашерам.*[7]

Хоқонӣ агарчи дар даврони зафъи руҳи миллӣ зиндагӣ ва эҷод кардааст, аммо осораш саршор аз афкори миллӣ аст. Ӯ шоири шуубӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, осораш дар парвариши руҳи миллии шаҳрвандон нақши барозанада метавонад дошта бошад. Ашъоре аз ин даст:

*Неъмате беҳтар аз озодӣ нест,*
*Бар чунин моида куфрон чӣ кунам?*[8]

***

*Чароғи Каён кушта шуд, кош ман*
*Ба маргаш чароғи сухан куштаме.*[9]

***

*Мулки Аҷам чу туъмаи туркони аъҷамист,*
*Оқил куҷо бисоти таманно барафканад?*
*Тан гарчи суву этмак аз эшон талаб кунад,*
*Кай меҳри шаҳ ба Отсизу Буғро барафканад.* [10]

***

*Чу ин ҷо маънии Қуръон надонам,*
*Равам он ҷо, ки Обисто бихонам.*[11]

---

[5] Носири Хусрав. Куллиёт. Деволни ашъор. –Ҷ.1. –Душанбе:Эр-граф, 2003. –С. 530.
[6] Ҳамон ҷо. –С. 101.
[7] Ҳамон ҷо. –С.528.
[8] Девони Хоқонии Шарвонӣ. –Теҳрон, 1368. –С. 252.
[9] Ҳамон ҷо. –С. 930.
[10] Ҳамон ҷо. –С. 140.
[11] Фарҳанги забони тоҷикӣ. –Ҷ.1. –Москва, 1969. –С. 892.

***

*Магзор мулки Ораше дар дасти муште оташе,*
*Хуш нест гарди нохушӣ бар рӯйи зебо рехта.*[12]

Мутаассифона, баъди ба адабиёт ворид шудани тасаввуф, алалхусус ҳуҷуми муғул ба кишвари мо, руҳи миллӣ заиф мешавад, яъне бозтоби он дар илму адабиёт камранг мегардад, қариб ба сифр мерасад. Аммо, мо ба ҳар ҳол, хол-хол дар осори адибон ва олимон ба афкор ва ашъоре рӯ ба рӯ мешавем, ки дар онҳо андеша ва руҳи миллӣ тарғиб мешаванд. Ба ин намунаҳо аз Мавлоно таваҷҷуҳ фармоед, ки онҳо имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодаанд ва дар тарбияи ифтихор ва худшиносии миллии мо метавонанд нақши муҳим бибозанд:

*Форсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,*
*Ишқро худ сад забони дигар аст.*
*Бӯйи он дилбар чу паррон мешавад,*
*Он забонҳо ҷумла ҳайрон мешавад.*[13]

* * *

*Балхиям ман, балхиям ман, балхиям,*
*Шӯр орад оламе аз талхиям.* [14]

***

*Наъраи ҳою ҳӯйи ман, аз дари Рум то ба Балх,*
*Асл куҷо хато кунад, Шамси ману Худои ман.* [15]

***

*Дар сафар гар Рум бинӣ ё Хутан,*
*Аз дили ту кай равад ҳуббулватан.*[16]

---

[12] Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С. 36.
[13] Маснавии маънавӣ. –Техрон, 2001. –С.313.
[14] Офтоби маърифат. –Душанбе, 2007. –С. 195.
[15] Ҷалолиддини Румӣ. –Девони кабир. –Ҷ.2. –Душанбе:Адиб, 1993. –С. 395.
[16] Маснавии маънавӣ. –С. 183.

Албатта, мо дар осори Хоҷу, Ҳофиз, Соҳиби Шерозӣ, Биноӣ, Урфӣ, Толиби Омулӣ, Нозими Ҳиротӣ ва бархе аз дигарон низ ба андешаву афкори миллӣ, ватандӯстона рӯ ба рӯ мешавем, ки мутолиаи онҳо дар таҳкими руҳи миллии ҳамватанон нақши шоиста мебозанд. Ба сифати мисол шеъри поёни Хоҷуро мегирем, ки аз руҳи миллӣ бархӯрдор буда, бар зидди бартарияти қавмҷӯёнаи аъроб нигаронида шудааст:

*Буд Ҳабиби Аҷамӣ дар намоз,*
*Шуд Ҳасани Басри-ш аз дар фароз.*
*Дид, ки ал-ҳамд ба ал-ҳамд хонд,*
*Рахши қироат ба иборат наронд.*
*Гуфт: «намоз аз паси ин чун тавон»,*
*К-ин аҷамӣ ҳаст шикастазабон?*
*Дур шуду кард ба танҳо намоз,*
*З-он ки кунад хос зи ом эътироз.*
*Дид ҳамон шаб чу фурӯ шуд ба хоб,*
*К-омадӣ аз ҳазрати иззат хитоб,*
*К-эй Ҳасан, ар ҳусни иборат туроcт,*
*Сиҳҳати ният зи иборат ҷудост.*
*Тири фазилат шудат акнун зи шаст,*
*Ёфта будиву бидодӣ зи даст.*
*Ғарра чӣ бошӣ ба ибороти хеш,*
*Ношуда кашшофи ишороти хеш.*
*Гар ту ҷудогона накардӣ намоз,*
*Кардаӣ тоoти ту будӣ ба соз.*
*Дил чу дуруст аст, забонро биҳил,*
*Номи забон аз чӣ бари пеши дил.*
*Тӯтии хушхон, ки забон номи ӯст,*
*Шаккари ширини баён коми ӯст.*
*Айб макун, гар шиканад дар сухан,*

*Бад набувад, тӯтии шаккаршикан...*[17]

Аммо олимону адибони мо асосан аз аввали асри гузашта имкон ёфтанд, ки дар бораи миллати хеш сухан бигӯянд, рӯ ба худогоҳии миллӣ биёранд. Устод Айнӣ қаҳрамони ин майдон аст. Нахустин асарҳои назмиву насрии устод, аз ҷумла «Марши ҳуррият» ва қиссаи «Одина», дар ташвиқу тарғиби рӯҳи миллӣ, бедорӣ, худогоҳии мардум нақши бузург бозидаанд:

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*
*Вақти озодии мо расид,*
*Муждагонӣ диҳед, эй асирон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*[18]

Дигар, маҳз устод Айнӣ аввалин бор тоҷикситоиро дар шеър бунёд гузошт ва ҷаҳониёнро аз сирру асрору фарҳангу тамаддуни воло, зеҳни софу дарроки тоҷикон воқиф сохт ва барои адибони дигар ҳамчун намунаи ибрат хидмат кард:

*Ба парда то ба чандин рози тоҷик?*
*Биё, биншин, шунав овози тоҷик.*
*Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ*
*Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.*
*Суханро чун арӯсон зеб дода,*
*Забони маърифатпардози тоҷик.*[19]

Маҳз дар ҳамин давра илм ва адабиёти соф миллии мо поягузорӣ шуд. Бинобар ин, олимону адабони ҳамзабони мо, ки ҳанӯз дар асорати бегонагон қарор доштанд, илму адабиёти моро на танҳо ба сифати сармашқ пазируфтанд, балки ба ташвиқу тарғиби он пардохтанд. Аз ҷумла, донишманди эронӣ Саид Нафисӣ дар ин боб гуфта: «Барои мо махсусан

[17] Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса. –Хуҷанд:Хуросон, 2017. –С. 68-69.
[18] Садриддин Айнӣ. Куллиёт. –Ҷ.2. Шнърҳо. –Душанбе:Дониш, 2020. –С.324.
[19] Ҳамон ҷо. –С.339.

роҳи республикаҳои Осиёи Миёна, ки таърихан ба мо наздиканд ва дар як муддати кӯтоҳ ба шукуфоии маданияти худ ноил гардидаанд, ибратомӯзанд. Асарҳои нависандагони намоёни тоҷик С. Айнӣ, М. Турсунзода, Миршакар, Улуғзода, Икромӣ… барои ҷавонони мо, дар роҳи ба вуҷуд овардани адабиёти миллӣ ва ҳақиқатан халқии худ, намунаи сазоворест».[20] Бинобар ин, метавон гуфт, ки тамоми осори олимону адибони мо, аз ҷумла устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Деҳотӣ, Улуғзода, Икромӣ, Раҳим Ҳошим, Муҳаммад Осимӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб ва дигарон намунаи олии хидмат ба миллату кишвар ва мавқеи дурусти онҳо маҳсуб мешавад. Дар ин замина асарҳое чун «Намунаи адабиёти тоҷик», «Ёддоштҳо», «Исёни Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-и устод Айнӣ, «Тоҷикон», «Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан»-и Бобоҷон Ғафуров, «Сарои тамаддун», «Тоҷикистон шуд мунаввар», «Коваи оҳангар», «Кремл», «Меҳан, эй меҳан», «Бандагӣ даркор нест»-и Лоҳутӣ, «Писари Ватан», «Ҷони ширин», «Асри ман», «Ватан», «Дӯстонро гум макун»-и Турсунзода, «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», «Восеъ», «Фирдавсӣ»-и Улуғзода, «Духтари оташ», «Зоғҳои бадмур»-и Икромӣ, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил, «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ, «Дар он дунё»-и Ф. Муҳаммадиев, «Фикрҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик»-и Холиқ Мирзозода, «Қишлоқи тиллоӣ»-и Миршакар, «Ишқи Ватан»-и Ҳабиб Юсуфӣ, «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и Абдулғанӣ Мирзоев, «Одам-уш-шуарро Рӯдакӣ»-и Афсаҳзод, «Суруши Сталинград»-и Муъмин Қаноат, «Дар орзуи падар»-

[20] Съезди дуюми нависандагони советии Умумииттифоқ. Ҳисоби стенографӣ. – Москва, 1956. –С.552.

и Кароматулло Мирзоев, «366-паҳлу»-и Ғаффор Мирзо, «Каримбой дар хонаи Худо»-и Аҳмадҷони Ҳамдӣ, «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ҳодизода ва ғайра аз шоҳкориҳои илму адаби мо маҳсуб мешаванд, ки дар асри гузашта эҷод шудаанд. Мо дар ҳамаи ин асарҳо ба ин ё он навъ дахолати адибонро ба ҳаёти халқ ва тақдири кишвар бармало эҳсос менамоем. Ҳамаи ин осор дар руҳияи баланди ватандӯстона, хидмат ба миллат, тарғиби арзишҳои миллӣ, ваҳдату якпорчагии шаҳрвандони кишвар, таъмини амнияту сулҳу осоиш навишта шудаанд. Бинобар ин, дар парвариши руҳи миллии шаҳрвандон, ба вижа ҷавонон, ки ояндаи миллат ва кишваранд, нақши муҳим мебозанд. Ногуфта намонад, ки имрӯз низ олимону адибони мо дар эҷоди осоре, ки руҳ ва андешаи миллиро тарғиб мекунанд, муваффақиятҳои назаррас доранд. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи аҳли илму адаб дар ин самт кӯшо мебошанд. Бисёре аз онҳо як навъ бетарафӣ ва бетафовутӣ нисбат ба тақдири миллат ва кишвар зоҳир менамоянд. Ба сифати як навъ тамошобин ба ҳаводиси рӯзгор назар меандозанд. Аз имкониятҳои истиқлол самаранок ва ба фоидаи миллату кишвар истифода наменамоянд, кор намегиранд, баръакс, аз озодиҳои истиқлол суъистифода мекунанд. Осоре эҷод менамоянд, ки бар зарари манфиатҳои миллат ва кишвар мебошанд. Албатта, ин амали онҳо як навъ аз гумроҳӣ ва мавқеи нодурусти онҳо ба ҳаёт ва тақдири миллату кишвар хабар медиҳанд. Эшон як навъ масъулиятгурезӣ менамоянд. Ҳол он ки вазифаи аҳли қалам дахолат ба зиндагӣ, хизмат ба халқ ва кишвар ба ҳисоб меравад. Шоир беҳуда нагуфтааст, ки:

*Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ.* [21]

---

[21] Абулқосим Лоҳутӣ. Шеърҳо ва достонҳо. -Китоби 2. –Душанбе:Адиб, 1987. –С. 187.

*Зеро:*
*Дар халқ, буруни халқ будан ғалат аст,*
*Суҳбат бо зиндагист, бо мурдан нест.*[22]

Ҳамин аст, ки бархе аз аҳли қалам ҳанӯз ҳам саргарми истифода аз образу устураҳои динӣ, мазҳабӣ, арабӣ, мисли Сулаймон, Ҳоруту Морут, Юсуфу Зулайхо ва ғайра мебошанд. Ирфону тасаввуф, шӯру ваҷду ҳолу бехудию тақдирпарастӣ ва фарҳанги бегонаро тарғиб месозанд. Гурӯҳи дигар ба шаҷараноманависӣ, олимону адибонро муллою эшону сайидзода сохтан ва муаррифӣ кардан машғуланд. Севум, аз босмачиҳо қаҳрамон месозанд, чаҳорум, осори олимону адибони асри гузашта ва дастовардҳои миллати моро дар он замон, яъне асри XX инкор менамоянд, як навъ эпидемияи (вабои) гузаштаситезӣ, нигилизм (инкор), таҳрифи воқеиятро дар фазои илм ва адаби мо паҳн ва эҷод менамоянд, ки натанҳо боиси нигаронии аҳли илму адаб, балки давлат ҳам шудаанд. Онҳо гӯё намедонанд, ки мо маҳз дар натиҷаи заҳмату ҷонфидоии пешиниён, ба вижа фарзандони бузурги миллат, ба ин рӯзи фирӯз, яъне истиқлол расидем. Беҳуда шоир ба мо ҳушдор надодааст:

*Ҳама аз кӯшиши пешиниён аст,*
*Агар осоише акнун ту дорӣ.*

Бадбахтона, бархе аз нависандагон, ба ҷойи «Маҳмуди Торобинома», «Мавлавинома», «Биноинома», «Яъқубилайснома», «Сосоннома», «Сомоннома», «Картнома», «Сарбадорнома», «Соҳибишерозинома», «Каюмарснома», «Ҳушангнома», «Урфинома», «Айнинома», «Лоҳутинома», «Турсунзоданома» ва ғайра навиштан имрӯз низ «Искандарнома» менависанд. Масалан, Сорбон «Достони писари Худо» («Искандарнома»)-ро менависад. Ҷумъа Одина

[22] Абулқодири Бедил. Рубоиёт. –С. 17.

низ дар поёни асри гузашта романи «Искандари Мақдунӣ»-ро эҷод менамояд, ки нотамом мемонад. Воқеан, Карим Мусо дар ин бора, яъне орзуи навиштани эпопеяи «Искандари Мақдунӣ»-ро аз ҷониби Ҷумъа Одина чунин ба қалам медиҳад: «Китоби нотамоми Ҷумъа Одина «Искандари Мақдунӣ» баъди падруди муаллифаш бо зиндагӣ дар шумораҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд, ки маро дар ҳайрат гузошт. Зеро ба гуфти худаш, ки доир ба ин ҷаҳонгир асаре навиштан дар майнааш мечархидааст, фурсати зиёде нагузашта буд. Вай ин корро бо ҳама моҷароҳҳои вобаста ба романи «Гузашти айём» мутародиф пеш мебурдааст. Вале сар карду ба поён расонида натавонист. Ҳол он ки, ба гуфти Убайд Раҷаб, дар ҳамон китоби ёддоштии «Дӯш будам ҳамнишин», Ҷумъа Одина «Эпопеяи Искандари Макдуниро» нияти дар панч китоб ба поён расонидан доштааст…».[23] Ба қавли устод Лоиқ:

*Ситамгарро Сикандар кардаӣ ту,*
*Музахрафро музаффар кардаӣ ту!*
*Валекин бузрукони нобигатро*
*Гадоёни паси дар кардаӣ ту.*[24]

Гузашта аз ин, Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як баҳор», Мирзо Насриддин (Саидзода) дар романи «Оташ дар хонаи қадим» (дар ду ҷилд), Урун Кухзод дар романҳои «Бандии озод», «Тақвими роҳгум», Аброри Зоҳир дар романҳои «Муқовимат», «Бозгашт», Бахром Фирӯз дар романи «Ғафлатзадагон» босмачиёнро ба сифати қаҳрамон интихоб намуда онҳоро ватандӯст муаррифӣ менамоянд. Мо дар китобҳои «таҳқиқӣ»-и «Ҷонпайванд»-и Мирзо Шукурзода, «Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср»-и Абдухолиқи Набавӣ,

---

[23] Карим Мусо. Ҷабри таърих. –Душанбе: Бухоро, 2013. –С. 93.
[24] Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. –Душанбе: Адиб, 1997. –С. 97.

«Адабиёт ва фарҳанги миллӣ»-и Рустами Ваҳҳобзода, «Тоҷикони Мовароуннаҳр»-и Абдуқодир Холиқзода, «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоию маънавӣ»-и Шакурӣ, «Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ»-и Наргис Аслонзода ва дар даҳҳо асарҳои дигар ба нақди носолим, нигилизм (инкор), сиёҳкунӣ, таҳрифкорӣ, босмачиситоӣ, динситоӣ, амирситоӣ, айниситезӣ, турсунзодаситезӣ, худситезӣ, паст задани забони тоҷикӣ ва ғайра низ рӯ ба рӯ мешавем. Ба қавли Калими Кошонӣ:

*Раҳнамоёни замони мо ҳама раҳ мезананд,*
*З-он миён гар росте дидем, асои кӯр буд.*[25]

Дар ҳақиқат, ин олимон ва адибон ба ҷойи раҳнамоӣ, нишон додани хатарҳо, таҳдидҳо, ки имрӯз кишвару миллати мо ба онҳо рӯ ба рӯянд, ба ин гуна мавзуъҳои барои миллат ва кишвар зиёнрасон даст зада ва мезананд, яъне як навъ раҳзанӣ менамоянд. Ҳол он ки мо дар як вазъияти ҳассос, нозук ва хатарнок барои миллату кишвар қарор дорем. Вазифаи олимону адибон нишон додан ва муҷассам сохтани ҳамин хатарҳо ва таҳдидҳо мебошад. Воқеан, хатаршиносӣ, таҳдидшиносӣ чист? Хатаршиносӣ илм аст, мисли адабиётшиносӣ, инсоншиносӣ, диншиносӣ, китобшиносӣ, ҷомеашиносӣ, мактабшиносӣ, руҳшиносӣ, рӯзномашиносӣ ва ғайра. Албатта, ин мафҳумҳо, ба вижа мафҳуми хатаршиносӣ дар кишвари мо хеле ҷавон аст. Акунун ба забонҳо ҷорӣ ва сорӣ мешавад. Он илмест, ки дар бораи таҳдидҳо сухан мегӯяд, ҳушдор медиҳад. Аз неруҳои мухталифи дохиливу хориҷӣ, алалхусус минтақавию ҷаҳонӣ, террористҳо, экстремистҳо, гурӯҳҳои радикалӣ, хабар медихад, то кишвар ва миллат барои дифоъ омодагӣ бигирад, хатару таҳдидҳоро пешгирӣ намояд. Мутаассифона, касоне, ниҳоде, мутахассисоне, ки ба

[25] Калими Кошонӣ. Гули хуршед. –Душанбе: Ирфон, 1985. –С. 114.

маънии васеъ ва тангаш ба ин масъала машғул бошанд, давлатро, ҷомеаро, халқро огоҳ намоянд, ҳанӯз дар байни олимону адибони мо падид наёмадаанд. Ба ин маънӣ, хатаршиносӣ ҳанӯз расмият пайдо накардааст. Лиҳозо, имрӯз зарур аст, ки он хатарҳое, ки ба миллат ва кишвар таҳдид мекунанд, ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор бигиранд. Албатта, мо хатарҳои табииро дар ин маврид истисно менамоем. Ҳадафи мо нишон додани хатарҳои сиёсӣ ва динию мазҳабиянд, ки нажоду миллат ва кишварҳои пурнуфусу пурнуфузи олам аз рӯи барномаҳои махсус амалӣ мекунанд ва кардан мехоҳанд. Хусусан, барои мо имрӯз ба шиддат динзада шудани кишвар, минтақа ва олам, қудратҷӯӣ, бартариятҷӯӣ, аз ҷумла қударати нажодӣ, миллӣ, эпидемияи (вабои) гузаштаситезӣ, нигилизм (инкори дастовардхои миллату кишвар дар асри гузашта), бегонаситоӣ, босмачиситоӣ, бетафовутӣ, бетарафӣ, бемасъулиятӣ, дурӯӣ, чандрӯӣ, тамошогарӣ, беҳувиятӣ, яъне манкуртӣ, бехотирагӣ ва ғайра аз ҳар лиҳоз нигаронкунандаанд. Аммо, неоусмонизм (навусмонизм) аз ҳама хатарнок мебошад, ки натанҳо баояндаи нажоду миллати мо, балки ба нажоду миллатҳои дигари ҷаҳон низ таҳдид менамояд. Аз ин рӯ, имрӯз ин доктринаи нажодию фашистӣ на фақат мо, балки ҷаҳониёнро низ нигарон сохтааст. Бояд онро пешгирӣ ва хунсо кард. Аммо ин мавзуи дигар аст ва баррасии алоҳидаро тақозо менамояд. Воқеан, олимону адибон имрӯз вазифадоранд, ки дирӯзи миллат, имрӯзу фардои онро аз рӯи виҷдон, мунсифона таҳқиқ намоянд ва ба риштаи тасвир бикашанд, танҳо бо бадеият, ороишу пероиш саргарм нашаванд.Ояндаи миллат, бақои кишвар ва хатарҳои мавҷударо бишиносанд, ошкор намоянд ва ба хонанда хабар бидиҳанд, чунки ба қавли нависандаи маъруф Тургенев, «**давраҳое ҳастанд, ки адабиёт наметавонад танҳо бадеиёт бошад, зеро манфиатҳое**

**ҳастанд, ки аз манфиатҳои бадей болотаранд.** *Лаҳзаи* **худшиносӣ ва танқид, чунонки дар ҳаёти шахсони алоҳида зарур аст, дар зиндагонии халқ низ зарурат дорад».**[26] Аз ин хотир, олимону адибон бояд дирӯзшинос, имрӯзшинос ваояндашинос бошанд. Ҳаргиз ба бехабарӣ, бетафовутӣ, ғафлат роҳ надиҳанд, яънеояндабин бошанд, зеро, ба қавли Низомулмулк, «ғафлат давлатро бибарад»[27] ва ба андешаи Ҷон Голсуорси, «агар аз оянда наандешед, оянда нахоҳед дошт».[28] Беҳуда шоир нагуфтааст:

*Маро аз ғафлати худ бар сар ин бедод меояд,*
*Набошад сайд агар ғофил, чӣ аз сайёд меояд?* [29]

Рӯи ҳамин асос, мо бояд дар бораиояндаи Тоҷикистон биандешем, хатарҳое, ки пешорӯи миллат ва кишвар аст, ошкор ва кашф намоем. Зеро Тоҷикистон ҳатто нимҷазира нест, балки, ба қавли олимону адибон, ҷазира аст, дони танҳост дар осиёи замона, мисли оҳуест раманда дар миёни кишварҳо:

*Халқи тоҷик дар Осиёи Миёна-*
*Дони танҳо дар осиёи замона.*[30]
*Лоиқ*

*Дар харита мисоли оҳуест*
*Тоҷикистон миёни кишварҳо.*
*Ай Худо, доми душманаш баркан,*
*Ай Худо, тири душманаш бишкан!*[31]
*Гулназар*

---

[26] Ҷамолиддин Саидзода. Тарбияи ифтихор ва худшиносии миллӣ дар дарсҳои адабиёт. –Душанбе:Ирфон, 2012. –С.88.
[27] Низомулмулк. Сиёсатнома. –Душанбе: Адиб, 1989. –С. 30.
[28] Ҷон Голсуорси. Андарзи бузургон. –Душанбе:Адиб, 2020.–С, 220.
[29] Соиб. Мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1980. –С.356.
[30] Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. –Душанбе:Адиб, 1997. –С. 97.
[31] Гулназар. Аз китоби «Лолаҳо дар ёлаҳо». Адабиёт ва санъат, 5 июли соли 2012.

Дар ҳақиқат, ин ҳолати миллат ва кишвари моро ҳатто ҳамзабонони мо мушоҳида кардаанду изҳори нигаронӣ намудаанд. Парвиз Нотили Хонларӣ гӯяд: «Тоҷикистон монанди ҷазирае миёни кишварҳои «дигарзабон» мондааст, агарчи он кишварҳои дигар ҳам ба забону адабиёт ва фарҳанги эронӣ бегона нестанд ва миёни эшон форсигӯй ва форсидон мондааст. Аммо тоҷик ба маънии форс ва форсизабон аст ва мардуми ин кишвар ин маъниро хуб медонанд. Як шоири ҷавони тоҷик шеъре дорад, ки мазмуни он дилбастагӣ ба забони дарӣ аст ва ман дар форсӣ шеъре дигар чунин пуршӯр дар баёни ин алоқа ба забони форсӣ (дарӣ-тоҷикӣ) суроғ надорам. Ин шеъри шурангезро дар ҳамин шумораи «Сухан» зери унвони «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» мехонед».[32] Инаст, ки мо бояд ватандӯсту ҷонфидо бошем ва маргро аз зиндагии ғуломона авлотар донем. Беҳуда нагуфтаанд:

*Ба номи наку гар бимирам, равост,*
*Маро ном бояд, ки тан маргрост.*[33]
*Фирдавсӣ*

*Гар бибояд мурд, боре хезу дар майдон бимир,*
*Марг дар майдон беҳ аз марге, ки андар бистар аст.*
*Маликушшуаро Баҳор*

Бо як сухан, фақат мову шумо нигаҳбони ин миллат ва Ватан ҳастем. Фақат моем, ки бо ҳамаи мушкилот нигоҳ накарда, ин Ватанро аз бадхоҳон дифоъ мекунем ва дар роҳи он агар лозим шавад, ҷони худро фидо менамоем:

*Дил ба гами Ватан фигор ман накунам, кӣ мекунад,*
*Ҷон ба раҳи Ватан нисор, ман накунам, кӣ мекунад?* [34]

---

[32] Парвиз Нотили Хонларӣ. Дар сарзамини Рӯдакӣ. Садои Шарқ, 1968, №4. –С. 72.
[33] Абулқосим Лоҳутӣ. Шоҳнома. –Ҷ.6. –Душанбе:Адиб, 1989. –С. 395.
[34] Ғаффор Мирзо. Саҳифаи адабӣ. Ҷавонони Тоҷикистон, 22 сентябри соли 2022.

Мо бояд на танҳо аз ҷасортаи миллӣ, балки ғурури миллӣ низ бархӯрдор бошем ва дар ҳар ҳолату шароит обрӯй ва иззату шарафи иноснии худро ҳифз намоем. Гузашта аз ин, мо бояд дар ҳамин гуна руҳ, яъне бархӯрдорӣ аз ғурури миллӣ ва инсонӣ таълиму тарбия ёбем, то битавонем дар мушкилтарин ҳолатҳо, пешомадҳои ногувору ногаҳонӣ, ғайримунтазир, сахтиҳои модиву маънавӣ, сиёсию иқтисодӣ ва ғайра, иззату обрӯю шарафи инсонию миллии хешро нигаҳ дорем, дур аз хиёнату ноҷавонмардӣ қарор бигирем ва ба қавли Мавлоно, косаи дӯғи хешро аз ангубини бегонагон авлотар донем ва озодиро ба бандагӣ савдо нанамоем:

*Гар косаи дӯғи хеш бошад пешам*
*В-аллаҳ, ки з-ангубини кас н-андешам.*
*В-ар бебаргӣ ба марг молад гӯшам,*
*Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.*[35]

Аз сӯи дигар, мо набояд имрӯз дар хоксорию тавозуъ, нармию мадоро, ки бо сабабҳои айниву зеҳнӣ ба хӯю хислати зотии мо табдил ёфтааст, ифроту тафрит намоем, зеро ҳамин хоксорию нармии аз ҳад зиёди мо буд, ки боиси сарафкандагию хорию зории мо гардид ва мо ба таври бояду шояд натавонистем аз манфиатҳои миллию инсонии худ дифоъ намоем ва аз ҷойгоҳе, ки шоистаи миллати мост, бархӯрдор гардем. Ҳамин сифату хислати мо, яъне нармхӯии аз андоза беҳади мо буд, ки мо ҳама чизро аз даст додем, душманони худро обрӯю манзалату давлату сарвату саодат бахшидем, аммо худро хору зору бемиқдор сохтем. Имрӯз замоне расидааст, ки мо дар ин қаламрав ҳадди эътидолро риоя намоем, то битавонем иззату нафси худро нигаҳ бидорем, бозичаи дасти дигарон нашавем. Ин хитоб ва андарзҳо, ки аз қаъри асрҳо ба мо ҳушдору сало медиҳанд,

[35] Ҷалолиддини Румӣ. Рубоиёт. –С. 57.

имрӯз низ метавонанд ба масобаи раҳнамо бароямон хидмат намоянд. Бинобар ин, мо бояд онҳоро ҳифз намоем ва ҳамвора пешорӯи худ дошта бошем:

*Як ҳамлаю як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,*
*Чустӣ куну туркӣ кун, не нармию тоҷикӣ.*[36]

*Мавлавӣ.*

*Нармӣ зи ҳад мабар, ки чун дандони мор рехт,*
*Ҳар тифли найсавор кунад тозиёнааш.*[37]

*Соиб*

*Таназзул обро аз нармхӯист,*
*Баландӣ кухро аз сахтрӯист.*[38]

*Нозим*

*Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,*
*Бардор ба оҳан оҳани тофтаро.*[39]

*Бедил*

Лиҳозо, мо барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар дирӯзшиносӣ, имрӯзшиносӣ, оядашиносӣ ва худшиносиву ифтихори миллӣ таманно менамоем, зеро, ба қавли П.А. Столипин, «қавми маҳрум аз худшиносии миллӣ, мисли поруест, ки бар рӯи он қавмҳои дигар рушду нумув хоҳанд кард». Аз ин рӯ, аз забони Мавлоно мегӯем:

*Ман бандаи он қавм, ки худро донанд,*
*Ҳар дам дили худро зи ғалат бирҳонанд.*
*Аз зоту сифоти хеш созанд китоб,*
*Феҳристи китобро аналҳақ хонанд.* [40]

---

[36] Ҷалолиддини Рӯмӣ. Девони кабир. – Ҷ.2.-Душанбе: Адиб, 1993. – С. 252.
[37] Соиб. Мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1980. –С. 539.
[38] Нозими Ҳиротӣ. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С.122.
[39] Абулқодири Бедил. Осор. –Ҷ.7. –Душанбе: Адиб, 2007. –С. 41.
[40] Ҷалолиддини Румӣ. Рубоиёт. –Душанбе: Ирфон, 1984. –С. 35.

**Нарзулло САНГИНОВ**
*сиёсатшинос*

## ТАВСИФИ СОЗМОНҲОИ АСОСИИ ВОБАСТА БА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИФРОТГАРОИИ ХУШУНАТОМЕЗ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ КИШВАР

Дар замони муосир созмонҳои муҳимми террористиву экстремистии бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез вобастабуда, ки ба амнияти тамоми ҷаҳониён аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиду хатар эҷод мекунанд инҳо мебошанд:

**1.ТТЭ ҲНИ**

Таърихи пайдоиши ин ҳизб ба солҳои 70 – уми асри XX - замони барқарории собиқ империяи бузурги дунё Иттиҳоди Шӯравӣ рост меояд. Асосгузори он Саид Абдуллои Нурӣ мебошад, ки дар он солҳо ба таври махфиёна, зери пӯшиши дини муқаддаси ислом, фаъолият мекард.

Моҳи октябри соли 1991, яъне баъд аз ҳамчун ҷумҳурии соҳибистиқлол эълон шудани кишвар, С.А. Нурӣ собиқ Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) - ро таъсис дод ва онро расман ба қайди давлатӣ даровард. Барои расидан ба ин ҳадаф аз тарафи наҳзатиҳо худи ҳамон сол митингҳои эътирозии чандинмоҳа гузаронида шуд, ки ба вазъи сиёсӣ – иҷтимоии кишвар таъсири манфӣ расониданд. Онҳо бо ин роҳ ба ҳукумати ондавраи кишвар фишор оварда, ба мақсади худ – қонунигардонидани ҳизбашон расиданд.

Аз рӯзи аввали таъсисёбиаш ин ҳизб, роҳбарону тарафдорони он мавқеи зиддиҳукуматиашонро идома доданд. Маҳз собиқ ҲНИТ сабабгори асосии ҷанги шаҳрвандии солҳои

1992 – 1997, гурезаи иҷборӣ гардидани тоҷикон, талафоти ҷонии беш аз 150 ҳазор шаҳрванди кишвар ба ҳисоб меравад. Он солҳо ҷиноҳи ҷангии собиқ ҲНИТ – ро якчанд гурӯҳҳои террористӣ – ифротгарой таҳти қумандаи бародарон Ризвон ва Баҳром Садировҳо, Раҳмон Сангинов, Мансур Муваккалов, Абдулло Раҳимов, Ҷума Буйдоқов ва ғайра ташкил медоданд. Ин гурӯҳҳо бо амалҳои террористии худ дар қаламрави кишвар барои пиёда гардидани ҳадафҳои сиёсӣ ва динии ҲНИТ мусоидат карда буданд.

Ба ин нигоҳ накарда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақсади таъмин кардани амну осоиш ваҳдати миллӣ дар кишвар, ҳифзи якпорчагии он ҳамаи наҳзатиҳоро авф намуда, онҳоро дубора аз ғарибӣ ба кишвар баргардонид ва беҳтаринашонро аз рӯи квотаи 30% ба ҳукумат ва органи қонунгузории кишвар ҷойгир кард. Вале, намояндагони ҳизб аз фаъолияти террористӣ – экстремистии худ даст накашидаид. Ошӯби зиддиҳукуматии генерал А. Назарзода – узви реинтегратсияшудаи собиқ ҲНИТ моҳи сентябри соли 2015 боис гардид, ки ҳизби мазкур террористӣ эълон карда шавад. Аз номи он калимаи Тоҷикистон гирифта шуд ва он бо номи дигар Ташкилоти экстремистӣ террористии (ТЭТ) Ҳизби наҳзати исломӣ (ҲНИ) ба рӯйхати аҳзобу ҳаракати дигари дар қаламрави ҷумҳурӣ мамнуъ эълонгардида, ворид карда шуд. Худи ҳамон сол 13 узви фаъоли он мисли Маҳмадалӣ Ҳайит, Зубайдуллоҳи Розиқ ва ғайра дастгир ва мӯҳлатҳои тӯлонӣ равонаи зиндон гардиданд.

Айни замон ТЭТ ҲНИ таҳти роҳбарии Муҳиддин Кабирӣ, ки аз соли 2006 ба ин тараф сарвариашро ба дӯш дорад, фаъолияти тахрибкоронаи террористиву экстремистиашро аз хориҷ истода идома дорад. Соли 2018 ТЭТ ҲНИ дар якҷоягӣ бо

Анҷумани Озодандешони тоҷик (роҳбар - Алим Шерзамонов) Паймони миллии Тоҷикистон (ПМТ) – ро таъсис доданд ва фъолияти он аз соли 2019 ба ин тараф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ эълон гардидааст. Илова ба ин, бо дархости Ҷумҳурии Тоҷикистон онро созмонҳои СҲШ, СААД ва ИДМ ба рӯйхати сиёҳи худ шомил кардаанд. Ахиран Федератсия Россия фаъолияти онро дар қаламраваш мамнуъ эълон намуд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки М. Кабирӣ ва ҳамяроқонаш аз аҳзобу ҳаракатҳои мазкур аз мақсади асосии худ, яъне бо роҳи зӯрӣ ғасб кардани ҳокимият, даст накашидаанд. Айни чунин ҳолат солҳои 90 – уми асригузашта ба миён омада буд. Он вақт ҲНИТ дар якҷоягӣ бо неруҳои оппозитсионии ба ном демократихоҳ ИНОТ (Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии тоҷик) таъсис дода буд.

Дар марҳилаи муосир ТЭТ ҲНИ, ки асоси ПМТ – ро ташкил медиҳад ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиду хатари хеле ҷиддӣ дорад, ки аз ду омили зерин бармеоянд:

1.Мавҷудияти «гурӯҳҳои хуфта» - и махфиёна амалкунандаи он ва муттаҳидонаш аз ПМТ дар қаламрави кишвар.

2.Робитаи ТЭТ ҲНИ ва муттаҳидонаш бо созмонҳои бонуфузи байналмилалии террористиву экстремистӣ ба монанди Ҳаракати «Толибон», Давлати Исломӣ (ДИ), «Ал - Қоида» ва ғайра, ки дар қаламрави Афғонистони ба мо ҳамсоякишвар паноҳ бурдаанд ва ҳузури ҷангиёни онҳо дар ин созмонҳо.

Дар ин хусус корманди Маркази тадқиқот ва экспертизаҳои "Victory" Карим Воҳидов чунин қайд кардааст: «… тарафдорони ҲНИТ дар дохили кишвар ҳамчун ташкилоти махфӣ амал намуда аз хориҷ тариқи шабакаҳои

иҷтимоӣ идора мешаванд… Кабирӣ ошкоро иқрор мекунад, ки як вақтҳо аз кишварҳои дигари исломӣ кӯмаки моддӣ – молиявӣ гирифтааст… ҲНИТ аз ҳадафи бо роҳи зӯроварона ба сари қудрат расидан ва таъсиси давлати исломӣ дар Тоҷикистон даст накашидааст. Кабири роҳбарияти Тоҷикистонро рӯйрост таҳдид менамояд, ки ҲНИТ ҳоло неру ва қудрати худро нишон надодааст... ».[1]

Мисоли равшани мавҷудияти «гурӯҳҳои хуфта» - и дар қаламрави кишвар махфиёна амалкунандаи ТЭТ ҲНИ он буда метавонад, ки танҳо дар се моҳи аввали соли 2022 дар ҷумҳурӣ 31 узви фаъоли созмону ташкилотҳои террористиву экстремистии мухталиф дастгир гардиданд, ки 12 нафари онҳо узви ТЭТ ҲНИ ва 10 нафар узви «Гурӯҳи - 24» мебошанд.[2]

Моҳи майи соли 2022 аз тарафи ТЭТ ҲНИ ва неруҳои оппозитсионии дигари ба ПМТ ҳамроҳбуда таъсис дода шудани ҷиноҳи ҷангӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин созмони террористиву экстремистӣ дар оянда ба мубориза мусаллаҳҳонаи худ барои ба даст даровардани ҳокимият дар кишвар идома хоҳад дод. Ба гуфтаи лидери ПМТ М. Кабирӣ гӯё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нерӯҳои оппозитсиониро водор сохтааст, ки чунин ҷиноҳ таъсис дода шавад.[3]

Оид ба робитаи наздик доштани ТЭТ ҲНИ бо созмонҳои бонуфузи террористиву экстремистии шӯҳрати ҷаҳони дошта чун «Ал - Қоида», Ҳаракати «Толибон», «Ихвон – ул -

---

[1] Вохидов К. Таджикистан. Полный и безоговорочный провал ТЭО ПИВ в ОБСЕ// Электронный ресурс/ Режим доступа / https://centrasia.org/newsA.php?st=1569410100/ Дата обращения: 12.09.2022/.

[2] «Цель – посеять страх среди населения». Таджикская оппозиция отреагировала на информацию о задержании своих сторонников// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://rus.ozodi.org/a/31896303.html / Дата обращения: 07.08.2022/.

[3] Кудаяров Б. Таджикская оппозиция сформировала военное крыло// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// kaktus.media/doc/459900 tadjikskaia oppoziciia sformirovala voennoe krylo.html /. Дата обращения: 16.06.2022/.

муслимин», Давлати Исломӣ (ДИ), Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва ғайра, рӯзноманигори «Ҷумҳурият» Фируз Рахмониён ба таври мушаххас маълумоти муфассал додааст. Масалан, дар бораи робитаҳои ТЭТ ҲНИ бо «Ал - Қоида» ва Ҳаракати «Толибон» чунин гуфта мешавад: «Иртиботи наҳзатиҳо бо «Ал - Қоида» бисёр мустаҳкам буд ва он ҳозир ҳам боқӣ мондааст. Ҳангоми будубоши наҳзатиҳо дар Афғонистон, «Ал - Қоида» яке аз ҳомиёни асосии ин созмон маҳсуб мешуд. Намояндагони «Ал - Қоида» бо офисҳои ҲНИТ дар Пешовар, ки дар он ҷо М. Ҳимматзода ба сар мебурд, баъдан бо масъулини онҳо дар Қандаҳору Ҷалолобод иртиботи наздик доштанд. Тайи солҳои 1995 – 1997 С. А. Нурӣ бо роҳбари «Ал - Қоида» борҳо вохӯрӣ карда, аз ӯ кӯмакҳои молиявию низомӣ гирифтааст. Бо сабаби он, ки С.А.Нурӣ забони арабиро хуб намедонист, вохӯриҳои онҳо бо иштироки тарҷумони Асома мегузаштанд ва муҳтавои ин сӯҳбатҳо махфӣ боқӣ монданд. Яке аз вазифаҳои С.А.Нурӣ ин барқароркунии алоқаи шабакавии «Ал – Қоида» бо Сипоҳи посдорони инқилоби исломии Эрон иборат буд. Рӯзномаи "Нью-Йорк таймс" ин масъаларо то охир накушодааст. Ниҳоят С.А.Нурӣ робитаро байни «Ал - Қоида» ва Ҳаракати «Толибон» бо хадамоти махсуси Эрон барқарор кард. Ин робита то имрӯз идома дорад ва баъзе амалиётҳоро ин се созмон якҷоя мегузаронанд.

ТЭТ ҲНИ, инчунин, бо Ҳаракати террористии «Толибон» дар Афғонистон иртиботи наздик дошт. Вохӯриҳои роҳбарони аввали ТЭТ ҲНИ ва «Толибон» аз ҷумла бо Мулло Умар, чандин борҳо сурат гирифтааст. Ин вохӯриҳо аксар вақт дар офиси ҲНИ дар Пешовар доир мегардиданд. Моҳи октябри соли 1996 С. А. Нурӣ якҷоя бо ҳайати ҲНИ ду рӯз дар меҳмонии Мулло Умар буданд. Исботи дигари робитаи ҲНИ бо «Толибон» ин фаъолияти намояндагони ҲНИ дар

манотиқи забткардаи «Толибон» дар ҷануб ва маркази кишвар, яъне Қандаҳор, Ҷалолобод, Ҳирот ва Қобул буда метавонад. Яъне ҲНИ ҳукумати «Толибон» - ро ба расмият шинохта дар қаламрави забткардаи онҳо сафоратхонаҳои худро дошт. Сафири ҲНИ дар назди «Толибон» яке аз ақорибиги наздики С.А.Нурӣ бо тахаллуси «Ҷайҳун» буд. Ӯ зодаи Ёвон мебошад ва ба Тоҷикистон боз нагашта, эҳтимол меравад, ки то имрӯз бо толибон мебошад ё дар Покистон пинҳонӣ ба сар мебарад».[4]

Аз соли 2015 ба ин тараф ТЭТ ҲНИ ва ПМТ алайҳи ҷумҳуриамон "ҷангҳои иттилоотӣ" – и бесобиқаро роҳандозӣ намудааст. Дар доираи чунин ҷангҳо ҳамарӯза иттилооти ғаразнок ва бардурӯғ аз тариқи шабакаҳои интернетӣ, Ютуб ва ғ. пахш карда мешавад. Сомонаҳои интернетии ТЭТ ҲНИ ва ПМТ инҳояд: Ислоҳ. нет; Бомдод. ком; Паём. нет; Озодандешон. ком ва ғ.

**2."Ал - Қоида"**, ки соли 1988 таъсис ёфтааст. Асосгузори он миллиардери араб Асома бен Ладен ҳисоб меравад. Мавсуф 2 майи соли 2011 бо зарбаи ҳавоии берсарнишини ИМА дар Покистон кушта шуд. Ҷойгузин ва муовини вафодори ӯ Айман – аз – Завоҳири баъд аз қатли пири худ то охири моҳи июли соли 2022 вазифаи роҳбарии созмонро ба ӯҳда дошт. 29 июли соли 2022 Айман – аз – Завоҳири дар шаҳри Кобул тавассути бесарнишин дар рафти амалиёти махсуси хадамоти ҷосусии ИМА нобуд карда шуд. Дар бораи роҳбари кунунии он то ҳол ягон маълумоти расмӣ вуҷуд надорад.

---

[4] Рахмониён Ф. Таджикистан. Партия исламского возрождения является неотъемлемой частью международного террористического движения // Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://centrasia.org/newsA.php?st=1560769860 / Дата обращения: 01.09.2022/.

“Ал - Қоида” воқеъан ҳам созмони бонуфуз ва ба истилоҳ № 1 дар миқёси ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аз тарафи созмони мазкур амалҳои террористии вазнин бо хисороти ҷонии зиёд сурат гирифтаанд. Номдортарини он ҳуҷум ва нобуд кардани бурҷи тиҷоратӣ дар пойтахти ИМА 11 сентябри соли 2001 маҳсуб мешавад, ки дар натиҷаи он қариб 3000 нафар ҷон бохтанд. Баъд аз ин ИМА дар пайи нобуд кардани он шуданд. Имрӯз ҷангиёни “Ал - Қоида” дар Афғонистон якҷо бо шарикони худ Ҳаракати “Толибон” фаъолият доранд. Ҳарчанд роҳбарони “Толибон” борҳо изҳор доштанд, ки бо “Ал - Қоида” кадом алоқае надоранд, куштори Айман - аз – Завоҳири дар пойтахти Афғонистон шаҳри Кобул баёнгари равшани дурӯягии “Толибон” мебошад. Ин ҳолат боис шуд, ки “Толибон” аз боварии ИМА бароянд.

Таҳдиду хатари “Ал - Қоида” ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки дар ҳайати он шаҳрвандони мо ва ҳамсоякишварҳои наздик, ба қайд гирифта шудаанд. Шоҳиди ин гуфтаҳо дар қаламрави кишвар ва берун аз он дастгир, маҳкум ва нобуд гардидани баъзе аз онҳо мебошад. Масалан, соли 2010 дар ҷумҳурӣ ду нафар аъзои “Ал - Қоида” дастгир карда шуданд. Дар асоси гуфтаи сухангӯи ВКД ҶТ М. Асадуллоев, яке аз онҳо шаҳрванди Ӯзбекистон Ниёзматов Ислом мебошад, ки вақтҳои охир дар шаҳри Истаравшан иқомат дошт, дар лагерҳои террористии Покистон таълим гирифтааст. Ӯ дар ҳайати онҳо ҷангида, барои гузаронидани амалҳои террористӣ ба кишварамон фиристода шуда буд. Нафари дуюми дастгиршуда шаҳрванди Тоҷикистон мебошад, ки номаш расонаӣ нашуд. Дар маҷмӯъ

соли 2009 дар кишвар 11 нафар узви "Ал – Қоида" дастгир гардиданд.[5]

4 январи соли 2011 дар рафти амалиёти зиддитеррористии хадамоти махсуси кишвар узви "Ал - Қоида" Аловиддин Давлатов бо тахаллуси "Али Бедакӣ" ва ҳафт нафар ҳамяроқони ӯ нобуд карда шуданд. А. Давлатов гумонбари асоси ба ҳуҷум ба автоколоннаи низомӣ, ки дар натиҷаи он 26 афсару сарбозони қатории ВМ ҶТ аз байн бурда шуданд, ба ҳисоб мерафт.[6]

Созмони мазкури террористиву экстремистӣ инчунин сармоягузорӣ ва сарпарастии якчанд гурӯҳҳои террористии дигар чун "Ҷамоати Ансорулло" – ро ба ӯҳда дошт, ки "гурӯҳҳои хуфта" - и онҳо дар қаламрави кишвар фаъолият доштанд. Чунончи, соли 2015 шахсони номаълуме вориди мактаби № 44 деҳаи Камароби ноҳияи Рашт гардида, харитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нобуд карданд ва унвонии муаллимони ин муассисаи таҳсилотӣ номаи таҳдидомез оид ба қатъ кардани фаъолият ирсол карданд. Назар ба фарзияи мақомоти қудративу махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин амал тарафдорони Абдулло Раҳимов (мулло Абдураҳим) собиқ узви фаъол ва роҳбари тоҷикистонии "Ҷамоати Ансорулло", ки моҳи апрели соли 2011 зимни амалиёти вижа аз байн бурда шуд, даст доштанд.[7]

---

[5] В Таджикистане задержаны члены "Аль-Каиды"// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://smotrim.ru/article/2018001/ Дата обращения: 01.09.2022/.

[6] В Таджикистане уничтожили члена "Аль - Каиды"// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://tengrinews.kz/sng/ v-tadjikistane-unichtojili-chlena-al-kaidyi-95724/ / Дата обращения: 01.09.2022/.

[7] В Таджикистане учителям сельской школы пригрозили смертью, если они не прекратят свою преподавательскую деятельность// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https: //centralasia .media/ print:1083986 / Дата обращения: 01.09.2022/.

Моҳи марти соли 2010 аз тарафи террористи интиҳорӣ бинои Раёсати минтақавии мубориза бо ҷинояткориҳои муташаккили вилояти Суғд тарконида шуд. Ба ақидаи намояндагони салоҳиятдори мақомоти кишвар террористи интиҳорӣ дар яке аз машқгоҳҳои созмони «Ал– Қоида» ва ҲИӮ (Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон) тарбия гирифта буд.[8]

Соли 2014 дар қаламрави Афғонистон аз тарафи мақомоти интизомии ин кишвар се нафар шаҳрванти тоҷик – узви "Ал - Қоида" дастгир гардиданд. Яке аз онҳо худро Иқбол номида дар машқгоҳи "Ал - Қоида" дар Вазиристони Покистон таълим гирифтани худро тасдиқ кардааст.[9]

Ба назари мо, созмони "Ал - Қоида" бар хилофи ақидаи баъзе аз коршиносону олимон, ки гӯё баъд аз куштори Аймон – аз – Завоҳири обрӯю эътибори ҷаҳонии худро аз даст додааст, имрӯз ҳам хеле бонуфузтарин боқӣ мемонад. Дар давоми даҳсолаҳо дар чорчӯбаи он созмону ташкилотҳои террористиву экстремистии зиёд тарбия гирифтаанд, ки имрӯз барои кишварҳои худ хатар доранд.

**3. ДИ (Давлати Исломӣ).**

Дар аввали пайдоишаш соли 2011 дар Ироқ он бо номи ДИИШ (Давлати Исломии Ироқ ва Шом) шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Маълумотҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки ДИИШ соли 1999 бо номи "Ҷамоат – ат – Тавҳид вал - Ҷиҳод" пайдо шудааст ва поягузори он шаҳрванди Ӯрдон (Иордания)

---

[8] Взрыв в Таджикистане могли организовать ИДУ и "Аль-Каида" // Электронный ресурс / Режим доступа/ https://www.rosbalt.ru/main/2010/09/03/768275.html Дата обращения: 29.08.2022/.

[9] В Афганистане задержаны трое таджиков по обвинению в причастности к «Аль-Каиде»// Электронный ресурс/ Режим доступа/ **https:// rus.ozodi.org/a/26695366 .htmlhttps: // rus.ozodi.org/a/26695366.html**

Аҳмад Фозил Ҳилойла ба ҳисоб меравад. Соли 2004 ба "Ал - Қоида" пайваста бо номи "Ал – Қоида дар Ироқ" ва соли 2006 дар якҷоягӣ бо созмонҳои дигари радикалӣ - террористӣ ҳамчун "Давлати исломии Ироқ" фаъолият дошт. Абубакр – ал – Бағдодӣ роҳбари якуми созмон ба ҳисоб меравад, ки соли 2019 аз тарафи неруҳои махсуси ИМА аз байн бурда шуд. Сипас роҳбарони дигари созмон низ террор гардиданд. Дар марҳилаи ҳозира дар садри созмон Абу Иброҳим ал – Ҳошимӣ ал - Қурайшӣ мебошад, ки дар ҳолати махфиёна умр ба сар мебарад.

Баъд аз шикасти ДИИШ дар Ироқ ва Сурия мафҳуми ДИИШ ихтисор гардида дар шакли ДИ (Давлати Исломӣ) боқӣ монд. ДИИШ дар аввали фаъолияти террористиаш дар Сурия ва Ироқ тавонист, ки дар давоми як – ду сол қариб 90% қаламрави ин кишварҳоро таҳти тасарруфи хеш даровarда аморати исломиро дар ин ҷо ҷорӣ намояд. Амалҳои террористии созмон бо ваҳшониятҳои ғайриинсонӣ сурат мегирифтанд (сарбуррии оммавӣ, истифодаи ноболиғон дар амалиётҳои террористӣ, эҳёи ғуломдорӣ, аз байн бурдани ёдгориҳои таърихӣ ва ғ.). Маҳз ҳамин ҳолатҳо сабаб шуданд, ки СММ дар бораи маҳви он амалиёти зиддитеррористӣ эълон намуд ва иҷрои онро ба коалитсияи зиддитеррористӣ вогузор кард.

Бояд тазаккур дод, ки ДИ ба фарқ аз созмону ташкилотҳои дигари террористии байналмилаливу минтақавӣ дар як муддати кӯтоҳ тавонист шаҳрвандони кишварҳои зиёди ҷаҳонро ба сафи худ ҷалб кунад. Беш аз ҳазор шаҳрванди тоҷик низ ба созмон ҷалб гардида дар амалҳои террористӣ ширкат карданд. Дар ин самт дастгоҳи таблиғотии созмони номбурда хеле фаъол буд ва бо истифода аз дастовардҳои фаннии муосир (Интернет, шабакаҳои мухталифи иттилоотии муосир) тавонист дар як муддати кӯтоҳ сафи

худро аз ҳисоби шаҳрвандони дунё пур намояд ва як неруи ҷангии байналмилалиро таъсис диҳад.

Имрӯз ДИ фаъолияти террористии худро дар нуқоти доғи дигари ҷаҳон ба монанди Афғонистон, Сомали ва ғайра идома дорад. Дар Афғонистон он ба рақиби асосии Ҳаракати "Толибон" ва ғайра табдил ёфтааст.

Хатари ДИ ба амнияти миллии Ҷумҳурии  Тоҷикистон аз ҷанбаҳои зерин бармеоянд:

1.Дар нақшаи таъсиси хилофати ҷаҳонӣ аз тарафи ДИ Ҷумҳурии  Тоҷикистон низ шомил мебошад.

2.Ҳузури шаҳрвандони ҷумҳуриамон дар ҳайати ДИ.

Ин гуфтаҳо мабни бар онанд, ки ДИ алайҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон то  ҳол "ҷангҳои террористӣ" – ро пиёда карда истодааст. Зеро, созмони террористии ДИ тамоми амалҳои террористии дар қаламрави кишварамон то ба имрӯз сурат гирифтаро ба дӯши худ гирифтааст. Ба ин амалҳои террористии зидди сайёҳони хориҷӣ июли соли 2018 дар Данғара, ошубҳо дар маҳбасхонаҳои шаҳри Хуҷанд (ноябри соли 2018) ва шаҳри Ваҳдат (феврали соли 2019)  суратгирифта мисол шуда метавонанд.

Илова ба ин, иштироки шаҳрвандони кишварамонро дар ҳайати ДИ дар марҳилаи ҳозира аз эътибор  дур сохтан лозим намебошад. Ҷойи Гулмурод Ҳалимови кушташуда, Тоҷиддин Назарови (лақабаш "Абу Усомаи тоҷик) дар маҳбаси Идлиб қарордоштаро, террористони дигар аз ҳисоби шаҳрвандонамон гирифтаанд, ки дар тамоми гӯшаю канори дунё паноҳ ёфтаанд. Мисоли равшани гуфтаҳоямон инҳоянд:

19 – 31 майи соли 2022 дар Германия мурофиаи судии 5 (панҷ)  шаҳрванди зерини тоҷик: Сунатуллоҳ К. (26 сола), Фарҳодшоҳ К. (33 сола), Азизҷон Б. (29 сола), Комрон Б. (25 сола) ва Муҳаммадалӣ Г. (34 сола), ки дар узвият дар "гурӯҳҳои хуфта" - и ДИ дар ин кишвар айбдор дониста шуданд, доир

гардид. Дар натиҷа суди Германия онҳоро ба мӯҳлати аз 3 то 9 сол аз озодӣ маҳрум карда равонаи зиндон намуд. 27 январи соли 2021 бошад шаҳрванди дигари тоҷик Равшан Б. бо ҳамин ҷурм ба мӯҳлати 7 сол маҳкум гардида буд.

Мақомоти судӣ исбот карданд, ки ҳамаи маҳкумшудагон қабл аз боздошт дар шаҳрҳои мухталифи Германия зиндагӣ карда, пойбанди ақоиди радикалии исломӣ буданд. Онҳо мақсад доштанд, ки дар ин кишвар бо кӯмаки ДИ ҷиҳод кунанд. Тибқи маълумоти шабакаи иттилоотии Deutsche Welle аз моҳи январи соли 2019 тариқи Интернет бо яке аз саркардагони ДИ дар Афғонистон дар тамос буда, омодагии идеологӣ гирифтанд. Онҳо, инчунин, бо шабакаҳои дигари террористӣ дар кишварҳои хориҷӣ амалкунанда, аз ҷумла дар шаҳрҳои Стокголм ва Вена амалҳои террористӣ анҷомдода, робита мекарданд. Ин "гурӯҳи тоҷикӣ" ҳанӯз апрели соли 2020 дастгир гардида буд.[10]

Моҳи марти соли 2022 мақомоти амнияти дохилии ВКД - и давлати "Толибон" оид ба дастгир гардидани як нафар шаҳрванди Тоҷикистон, иттилоъ доданд. Дар сабти видеоии расонаишуда дастгиршуда худро бо номи Умед мулаққаб бо Аҳмад Фарид гумоштаи ДИ муаррифӣ карда, мегӯяд, ки аз Тоҷикистон мебошад. Ба Афғонистон аз хоки Эрон ворид шуда, алайҳи "Толибон" ҷиҳод кардааст. Ба қаламрави Эрон аз Русия тариқи Туркия омадааст. [11]

Моҳи ноябри соли 2021 аз давлати Полша ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванди кишварамон Одилхон С. истирдод

[10] Суд в Германии вынес приговор пятерым членам "таджикской ячейки" ИГИЛ// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://fergana.agency/news/126358/ Дата обращения: 15.08.2022/.

[11] Талибы сообщили о задержании гражданина Таджикистана по подозрению в членстве в ИГИЛ// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://fergana.media/news/125334/ Дата обращения: 06.09.2022/.

карда шуд. Назар ба маълумоти аз ҷониби Агентии амнияти дохилии Полша пахш гардида, мавсуф ҳангоми воруди ғайриқонунӣ ба қаламрави ин кишвар аз тариқи хоки Беларус, ба гумони ҷонибдори ДИ дастгир гардида буд.[12]

Моҳи июли соли 2022 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати 68 нафар зиндониёни яке аз маҳбасхонаҳои шаҳри Хуҷанд, ки ба ҷурми узвият дар созмонҳои мамнуъ (“Ҷамоати Муваҳиддин”, созмони наздик ба ДИ) ба мухлатҳои гуногун зиндонӣ шуда буданд, ба иттиҳоми даст доштан дар ошӯб, дубора парвандаи ҷиноӣ боз карда шуд.[13]

Назар ба маълумоти мақомот онҳое, ки қасди ошӯб доштанд, қаблан дар созмонҳои террористиву экстремистии байналмилалӣ, аз ҷумла ДИ узвият дошта, ба солҳои гуногун маҳкум шуда буданд.

**4.Ҳаракати “Толибон”**

Ҳаракати мазкур соли 1994 таъсис ёфтааст. Асосгузори он Муҳаммад Умар мебошад, ки аз соли 1994 то 2011 роҳбарии созмонро ба ӯҳда дошт. Баъд аз воруди неруҳои зиддитеррористии байналмилалӣ ба Афғонистон ва маҳви толибон, ӯ маҷбур шуд хоки Афғонистонро тарк намуда, дар пинҳонкорӣ дар қаламрави Покистон ба сар барад. Соли 2013 мисли Асома бен Ладен ҳадафи бесарнишини ИМА қарор гирифта нобуд карда шуд. Фаъолияти Ҳаракати “Толибон” аз ҷониби СММ ва аксари кишварҳо аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мамнуъ эълон гардидааст.

---

[12] Из Польши депортирован гражданин Таджикистана, подозреваемый в связях с ИГИЛ// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://www. polskieradio.pl /397/7835/ Artykul/2872070 Дата обращения: 05.09.2022/

[13] Муҳокимаи 68 зиндонӣ. Нақшаи ошӯби "Ҷамоати Муваҳиддин" дар зиндони Хуҷанд?// Захираи электронӣ/ Реҷаи дастрасӣ/ https://www.ozodi.org/a/32067005.html Санаи муроҷиат: 06.10.2022/.

Баъд аз 20 соли сукути худ (соли 2001), аз 15 августи соли 2021 Ҳаракати "Толибон" дубора бо дастгирии абарқудратҳои минтақавӣ сари қудрат омаданд ва беш аз як сол аст, ки Афғонистонро идора мекунанд. Роҳбари динии Ҳаракати "Толибон" мулло Охундзода мебошад Дар марҳилаи кунунӣ онҳо бо дастгирии сарпарастони худ ба ном ҳукумати фарогир таъсис дода, кишварро идора карда истодаанд. Вале, то имрӯз ҳаракати номбурда дар феҳристи "сиёҳ" – и СММ, бисёрии кишварҳои ҷаҳон аз ҷумла Русия, ҳамчун созмони террористӣ – экстремистӣ қарор доранд. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз фурсати муносиб, яъне ҷанги Русияву Украина, ки диққати ҷаҳониёнро ба худ ҷалб кардааст, "Толибон" мавқеи худро мустаҳкам карда истодаанд. Барои мисол онҳо аллакай дар 5 кишвар намояндагиҳои дипломатии худро ифтитоҳ намудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи аввали ба сари қудрати сиёсӣ расидани Ҳаракати "Толибон" онҳоро эътироф накардааст ва то замони таъсис наёфтани ҳукумати воқеъан фарогир бо ҷалби тамоми қишри кишвар хусусан тоҷикон, ки аксариятро ташкил медиҳанд, онҳоро эътироф нахоҳанд кард. Ин мавқеи кишварамонро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояшон таъкид кардаанд.

Ба ин нигоҳ накарда Ҳаракати "Толибон" ба амнияти миллии кишварамон таҳдиду хатари ҷиддӣ дорад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар ҳайати онҳо то ҳол баъзе гурӯҳҳои террористӣ – экстремистӣ аз ҳисоби шаҳрвандони тоҷик амал мекунанд. Ба ақидаи сиёсатшиноси рус А.Н. Серенко дар ҳайати Ҳаракати "Толибон" ахиран терористони тоҷик пайдо шудаанд ва роҳбари онҳо Муҳаммад Шарипов бо тахаллуси "Маҳдӣ Арсалон" эълон гардидааст. Ӯ зодаи ноҳияи Нуробод буда, солҳои пеш ба қаламрави Афғонистон фирор кардааст. Муддати тӯлонӣ дар ҳайати толибони афғон ҷиҳод намудааст.

Баъзе аз расонаҳо ӯро ҳамчун роҳбари “Ҷамоати Ансоруллоҳ” медонанд. Вале тибқи маълумоти дигар роҳбарии ин созмонро зодаи дигари Тоҷикистон қумондони саҳроӣ бо номи Салмон ба дӯш дорад.[14]

Назар ба маълумоти сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ тайи даҳсолаи ахир чанд нафар шаҳрванди тоҷик ба ҷурми иштирок дар ҳайати Ҳаракати “Толибон” маҳкум шудаанд. Масалан, соли 2016 бо ин иттиҳом Бегиҷон Назаров ба мӯҳлати 16 сол равонаи зиндон шуда буд. Ба ҳамин монанд бошандаи ноҳияи Панҷ Тӯрахонов Шаҳриёр мисол шуда метавонад. Номбурда баъд аз гузаштани омодагии махсус дар урдугоҳҳои “Толибон” дубора ба Тоҷикистон барои гузаронидани амалҳои террористӣ равон гардида буд, аз тарафи мақомот дастгир ва 21 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд.[15]

Илова ба чор созмонҳои ба терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомези дар боло тавсифшуда, гурӯҳу ташкилотҳои дигаре мавҷуданд, ки ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиргузор ҳастанд. Ба ин қатор “Ҳизб – ут - таҳрир”, “Ихвон – ул - муслимин”, “Ансоруллоҳ”, Ҳаракати исломии Туркистон (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон), “Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ” ва ғайра шомил мебошанд, ки дар қаламрави кишвар мавҷудияти “гурӯҳҳои хуфта” - и онҳо ба қайд гирифта шудаанд. Масалан, дар давоми солҳои 2019 – 2020 дар кишвар беш аз сад нафар узви “Ихвон – ул - муслимин” дастгир ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд ва ғ. Чунончи, моҳи апрели соли 2021 суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 119 нафарро ба ҷурми узвият доштан дар «Ихвон – ул - муслимин» ба муҳлати аз 5 то 23 сол

---

[14] В Северном Афганистане появился таджикский "Талибан" электронный ресурс/ Режим доступа/ https://www.ng.ru/kartblansh/2022-07-20/3_8491_kb.html / дата обращения: 20.07.2022/.

[15] Таджик, прикнувший Талибан, приговорен к 16 годам заключения// Электронный ресурс/ Режим доступа/ http://cccp.tj/ru/sport/item/1982-таджик – примкнувший - талибан - приговорен – к – 16 – годам-html / Дата обращения: 08.09.2022/.

маҳкум намуд. Дар байни маҳкумшудагон ду шаҳрванди Миср – устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ буданд.[16]

Ба ин монанд солҳои пешин дар қаламрави ҷумҳурӣ садҳо эмиссарони «Ҳизб – ут – таҳрир» муайян, дастгир ва маҳкум гардидаанд. Барои мисол, соли 2017 мақомоти судии ҷумҳурӣ шаҳрванд Алиев Шарифуллохон фаъоли «Ҳизб – ут - таҳрир» -ро бори сеюм дастгир ва зиндонӣ карданд.[17]

Дар ин замина қайд бояд кард, ки аъзои «Ҳизб – ут - таҳрир» аз ҳисоби шаҳрвандони тоҷик на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки дар хориҷ аз он хусусан дар Федератсия Россия пинҳонӣ фаъолият мекунанд. Қариб ҳама сола аз тарафи мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ин кишвар фаъолони он дастгир мегарданд. Барои мисол, соли 2017 Суди ш. Санкт Петербурги Русия шаҳрванди тоҷик Фарҳод Нурматовро бо ҷурми ташкил кардани "гурӯҳи хуфта" - и «Ҳизб – ут - таҳрир» муттаҳам карда, равонаи зиндон намуд.[18]

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан лозим аст, ки то имрӯз таҳдиду хатари терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байн нарафтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала дар суханрониҳои хеш дар сатҳҳои гуногун доимо ишора менамоянд.

---

[16] В Таджикистане 117 человек получили от 5 до 23 лет тюрьмы по обвинению в причастности к "Братьям-мусульманам" // Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://www.currenttime.tv/a/tajikistan-bratya-musulmane-sud/31199656.html/Дата обращения: 12.06.2022/.

[17] Суд в Таджикистане приговорил к 6,6 года активиста "Хизб-ут-Тахрир"// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://tj.sputniknews.ru /20170913/sud-v-tadzhikistane-prigovoril-k-66-godam-aktivista-hizb-ut-tahrir-1023322654.html / Дата обращения: 09.09.2022/.

[18] В Петербурге арестовали гражданина Таджикистана, обвиняют в создании ячейки "Хизб ут-Тахрир"// Элек тронный ресурс/ Режим доступа/ https://www.currenttime.tv/a/28243410.html / Дата обращения: 10.09.2022/.

**Акбар САЛИМОВ**
*ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

## СОЗМОНУ ҲАРАКАТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ-ЭКСТРЕМИСТӢ: САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Дар даҳаи охири асри XX ва солҳои аввали асри XXI масъалаи наве ба миён омад, ки он ҳам мубориза бар зидди фаъолияти терроризми байналмилалӣ ва шакли нави он терроризм ва экстремизми динӣ мебошад. Экстремизм (ифротгароӣ) дар услуби динии худ ҳаёти ҷомеаро нooром намуда, оҳиста-оҳиста пояи рушди давлатдории муосирро заиф месозад. Терроризм бошад, дар маҷмуъ, бо ҳама шаклҳояш мехоҳад ба душман аз ҳар ҷиҳат, сарфи назар аз шахсият, бидуни ба инобат гирифтани манфиатҳои ғайр аз манфиатҳои худ, зарари ҳадди аксар расонад.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҷараёну созмонҳои навтаъсиси исломгарои дохилӣ шароити фазои холии ақидатии ба- миёномадаи кишварҳои Осиёи Марказиро баҳри таъсиси давлати исломӣ бо ворид гардидани адабиёт ва дастгирии молиявӣ мавриди истифода қарор дода, кӯшиши фарогир намудани идеологияи ба ҷомеа бегонаро намуданд.

Ташвиқоту таблиғоти афкору ақидаи ифротгароёнаи ташкилоту созмонҳои ифротиву террористӣ дар ҷомеаи ҷаҳони муосир ба як хатару таҳдиди бузурги глобалӣ ба амният ва ҳастии омма мубаддал гаштааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди нави муносибатҳои иқтисодӣ, дар вазъияти руҳӣ ва идеологии ҷамъиятҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ тағйироти куллӣ рӯй дод.

Даъват ба сафи ташкилоту гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар шакли муосири ҷалбкунӣ, яъне бо роҳи ҷамъоварии маблағ, дастгирии молиявӣ, ташвиқоту тарғиботи ақоиди экстремистӣ ва тундгаро, паҳн намудани иттилооти ҷалбкунандаи дасисаангез, ки ба бурузи ихтилофоти динӣ-мазҳабӣ, миллӣ ва нажодӣ сабаб мегардад, бо ҷалби ҷавонон босуръат рушд ёфта истодааст.

Баъд аз зимоми қудрат ба даст гирифтани ҳаракати "Толибон" (ҳамчун ҳаракати террористӣ-экстремистии фаъолияташ мамнӯъ дар Тоҷикистон) дар кишвари ҳамсояи Афғонистон, бедоршавии ҷараёну созмонҳои террористӣ ва ифротгаро ва вазъи ноамни ин кишвар, таҳдиду хатари ҳаракату гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ боиси нигаронии на танҳо Тоҷикистон, балки дигар кишварҳои минтақа гардидааст. Яке аз роҳҳои мубориза алайҳи таҳдиду хатарҳо ва амалӣ намудани фаъолияти даҳшатфиканeasy ҳаракату гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ пешгирӣ намудани роҳҳои ба даст овардани маблағ ва дастгирии чунин ҷараёнҳо аз дохил ва хориҷи кишвар мебошад.

Якчанд созмону ҳаракату гурӯҳҳо, хусусан "Ихвон-ул-муслимин", "Ҷамоати таблиғ", "Ҳизб-ут-таҳрир", ТТЭ ҲНИ, "Ҳаракати исломии Туркистон" (Ҳаракати исломии Ӯзбекистон), "Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ", "Ҷамоати Ансоруллоҳ", "Ал-Қоида", "Толибон", "Давлатӣ исломӣ" (ДИИШ)" ва ҷараёнҳои номатлуби "Салафия" ва "Ваҳҳобия", ки дар усули наву пуртаъсири ташвиқоту тарғибот андешаву ғояҳои худро дар фазои ҷомеаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он ҳанӯз дар даврони Шуравӣ аз солҳои 70-уми асри гузашта инҷониб фарогир намуданд, ҳамчун ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-экстремистӣ ва террористӣ-тундгаро эътироф гардидаанд. Дар шароити имрӯза мубаллиғони гурӯҳҳои экстремистӣ аз раванди босуръати густариши

мафкураву ҷаҳонбинии аҳли ҷомеаи имрӯза, хусусан аз қишри осебпазир-ҷавонон истифода намуда, онҳоро ба доми худ кашида истодаанд. Онҳо ҷавононро роҳгумзада намуда, бар хилофи ватану миллат, ҷомеаву давлат ва дину мазҳаб равона мекунанд, ки дар оянда ба ҳадафи худ - аз байн бурдани давлати дунявӣ ва бунёди халифати исломӣ бирасанд.

Барои таъсис додан ва ба роҳ мондани фаъолияти ташкилот, ҳаракат ва ё гурӯҳи террористӣ-экстремистӣ дар навбати аввал, маблағ, яроқ ва макон ё паноҳгоҳи боэътимоду мустаҳкам лозим аст. Инчунин, барои самаранок ва манфиатовар фаъолияти намудани ташкилот ва ё ҳаракату гурӯҳи таъсисдодашуда, вақт, фазои мусоид ва албатта, боз маблағ, ки аз сарчашмаҳои созандаву афзояндаи қудрати моддиву ҷонии он маҳсуб меёбанд, зарур мебошад.

Аз ҷониби ташкилоти навтаъсиси дорои хусусияти террористӣ-экстремистӣ, умуман аз ҷониби ҳизбу ҳаракат ва гурӯҳҳои экстремистӣ ва тундгарои террористӣ маблағҳои пулӣ бо мақсадҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- ташкил намудани пойгоҳи моддӣ-техникӣ, яъне таъмини компютерӣ, истифодаи таҷҳизоти муосири алоқа, нақлиёт, яроқу аслиҳаи замонавӣ;
- ҷалби аъзои нав;
- тайёрии ҷангии даставу гурӯҳҳои зарбарасон (махсус) ва кироя;
- омода ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ;
- таъмини молии аъзои ташкилот дар дохил ва дар хориҷ;
- гузаронидани маъракаҳои иҷтимоӣ бо мақсади ба самти худ майл намудани хайрхоҳону мушфиқон (сохтани беморхонаву мактабҳо ва хонаи ятимон, кумаки моддӣ ба эҳтиёҷмандон);
- амалӣ намудани маъракаҳои ташвиқотиву таблиғотӣ дар васоити ахбори омма бо мақсади баланд бардоштани мақоми

ташкилот ҳамчун муборизони озодиву адолат ва ҳифзи манфиати ҷомеа[1].

Ислом ба садақа ва хайрия, ки бо ҷо орвардани он вазифаи динии ҳар як мусулмон ба шумор меравад, диққати махсус медиҳад. Дар ҷомеаи исломӣ  хайрот ба яке аз усулҳои асосии фаъолияти иҷтимоӣ ва молиявӣ, вале фонди хайриявии исломӣ ва шабакаҳои кумакрасони иҷтимоӣ бошанд ба ташкилоти асосии ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд. Сарчашмаи муҳими маблағгузории ҳамаи гурӯҳҳои исломии экстремистӣ гардиши закоти мунтазам ва садақаи ихтиёрии диндорон ҳамчун хайрот ба эҳтиёҷмандон мебошад[2].

Ин маблағҳо дар марҳилаи ҷамъоварӣ дар масҷидҳо, бонкҳои исломӣ ва ғ. қонунӣ буда, аз ҷониби фондҳои мухталифи исломӣ ва ташкилотҳои хайриявӣ, ташкилоти байналхалқии кумакҳои исломӣ дар кишварҳои исломӣ ва ё Лигаи ҷаҳонии мусулмонон, ки дар бештар аз 100 филиалҳо дар зиёда аз 30 кишварҳои олам дорад, идора карда мешаванд. Тибқи шариати  ислом, садақаи мунтазам дар шакли закот расман барои хайрот:  ёрдам ба камбағалон (лил-фуқаро), муҳтоҷон,  мусофирон ва дар охир ба корҳои хайрия (фи-сабил-иллоҳ), масалан, ташвиқоту тарғиботи ислом, нашру паҳн намудани Қуръон ва бунёди масҷидҳо муқаррар карда шудаанд. Баробари ин, чи тавре ки Амиров К. дар мақолаи худ гуфтаҳои Екатерина Степановаро овардааст, "дар асл,

---

[1] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[2] Амиров К. Финансирование экстремизма и терроризма: опыт международного и отечественного противодействия//Исламоведения, Москва,2011.

қисме аз ин маблағҳо метавонад ба ниёзи ҷиҳод ва гурӯҳҳои пешсафи исломи тундгаро тақсим карда шаванд”[3].

Бо вуҷуди пардохти муназзами закот аз ҷониби ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз рӯи қоида, он амалан аз тарафи ҳукуматдорон ба танзим даровarда намешавад ва мавриди санҷиши андоз, ҳисоб (аудит) ва ё дигар намуд санҷиш қарор дода намешавад. Замоне закот ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузории “Толибон” ва иттифоқиёнаш аз ҷониби Арабистони Саудӣ ва инчунин ҳаракати “Палангҳои озодихоҳии Тамил-Алам” буд. Аммо, шабакаи мутараққии байналмилалии ҷамъоварӣ ва тақсимоти маблағҳо аз манбаъҳои расмии қонунӣ, дар навбати аввал аз закотро ташкилоти исломии “ал-Қоида” таъсис додааст. Мувофиқи баъзе ҳисобҳо, дар солҳои 90-уми асри XX ҳаҷми умумии маблағҳои ҷамъоваригардида дар шакли закот ва ба “ал-Қоида” ирсол гардида тариқи ташкилотҳои хайриявӣ ба 300 000 000 $ - 500 000 000 $ амрикоӣ баробар аст[4].

Аз ин лиҳоз, ҳатто он ташкилоти исломии ифротиву тундгаро, ки фаъолияти террористӣ бурда истодаанду фаъолияташон мамнӯъ эътироф шуда мебошанд, дар бештари ҳолат аз сарчашмаҳои расмӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Айни замон кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти аз тарафи тундгароёни исломӣ ба таври васеъ истифода шудани тарҳҳои нави муносибатҳои молиявӣ бо сарпарастони хориҷӣ, ки дар принсипҳои худтаъминшавӣ ва қонунияти расмӣ асос ёфтаанд, дучор гардидаанд. Моҳияти ин тарҳҳо, барои

[3] Амиров К. Финансирование экстремизма и терроризма: опыт международного и отечественного противодействия//Исламоведения, Москва,2011.

[4] Мелкумян К.С. Финансирование терроризма: тренды XXI в. с Сирийским акцентом // Вопросы безопасности. Москва,2018. №3, С.78-93.

маблағгузории фаъолияти тахрибкорӣ аз ҷониби экстремистҳо мавриди истифода қарор гирифтани шахсони ҳуқуқӣ ва фаъолияти соҳибкории қонунӣ, ҳамчунин онҳое, ки бо амалиётҳои тиҷоратии дохил ва хориҷи кишвар сарукор доранд, мебошад[5].

Шабакаҳои террористиву экстремистӣ барои расидан ба аҳдофи худ аксар вақт созмонҳои хайриявӣ ва ё ширкатҳоеро, ки маҷбур карда шудаанд ё бо ташкилотҳои террористӣ ҳамкорӣ кардан мехоҳанд, истифода менамоянд. Масалан, баъзе созмону гурӯҳҳои террористӣ бо филиалҳои ташкилотҳои хайриявии минтақаҳои махсусан хатарнок ва ё кишварҳои қафомондаи олам, ки дар он ҷо таъминоти иҷтимоӣ аз ҷониби давлат маҳдуд карда шудааст, ё умуман, вуҷуд надорад, робита доранд. Гурӯҳҳои террористие, ки барои расидан ба мақсади худ асосан аз усулҳои даҳшатафканӣ истифода мебаранд, барои ниқобпӯш намудан филиалҳои ташкилотҳои хайрияро барои маблағгузории амалҳои террористӣ ва ҷалби аъзои нав истифода мебаранд. Ташкилотҳои террористӣ ба монанди "ал-Қоида" барои расидан ба мақсадҳои худ моҳирона аз телевизион истифода намуда, мунтазам наворҳои видеоии вежаро ба намоиш мегузорад[6].

Чун ташкилотҳои хайрия аз пардохти андоз озоданд, дар зери пардаи кумакҳои баршардӯстона маблағ ҷамъоварӣ намуда, метавонанд маблағҳои калони пулиро ба ҳар кас интиқол диҳанд. Аз рӯи қоида, дар ин самт онҳо аз бонкҳои

---

[5] Рахмонов Б.Ш.,Рахмонов А.С. Финансирование радикальных организаций в Центральной Азии: современные реалии, особенности и тенденции//Образование и духовная безопасность №2 (4), УФА, 2018.- С.32-41.

[6] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008.
https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

исломӣ истифода мебаранд. Гумон аст, ки исломгароён созмонҳои башардӯстона, аз қабили “Ҳизби исломӣ” дар Афғонистон, “Кумитаи хайрия ва ҳамбастагӣ” дар Фаронса, “Агентии имдоди исломӣ” ва “Наҷоти Боснияи имрӯз” дар Америкаро бидуни огоҳии онҳо истифода мекунанд[7].

Ташкилотҳои хайрия ва ғайритиҷоратӣ дорои хусусияте мебошанд, ки онҳоро дар назари террористон ҷолиб ва осебпазир дар суиистифода барои маблағгузории терроризм мекунад. Ҷомеа ба онҳо боварӣ дорад, онҳо ба манбаъҳои маблағгузорӣ дастрасӣ доранд ва фаъолияти онҳо бештар истифодаи маблағҳои калонро дар бар мегирад.

Асосан се намуди суиистифодаи ташкилотҳои хайрия вуҷуд дорад[8]:

1)**Бо роҳи қаллобӣ тағйир додани самти таъиноти маблағҳо.** Масалан, ба сармоягузорон оид ба беновоёну ятимон садақа шудани маблағ хабар медиҳанд, вале дар асл бошад, ташкилоти хайрия барои маблағгузорӣ намудани террористон истифода мешавад. Чунин қаллобӣ метавонад дар якҷоягӣ бо хайрияи воқеӣ амалӣ карда шавад ва дигар ҳама ҷанбаҳои фаъолияти ташкилоти хайрия метавонад қонунӣ боқӣ монад.

2)**Истифодаи идораи комилан қаллбакӣ** ( худро муассисаи хайриявии қонунӣ муаррифӣ менамояд), ба сифати ташкилоти сохтае, ки зери ниқоб дар хизмати шабакаҳои террористӣ қарор дорад.

3) **Истифодаи васеъ** - масалан, ташкилоти хайрия, дар асл, ба ҷамъоварии маблағи хариди маводи озуқаворӣ барои

---

[7] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[8] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008. https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

кӯдакони ятим машғул аст, вале ин амалро тавассути ягон созмон ё гурӯҳи махсуси террористӣ анҷом медиҳад.

Яке аз тамоюлҳои маблағгузории амалҳои террористӣ дар замони муосир худмаблағгузорӣ, яъне ҷалби даромаду сармояи ташкилотҳои террористӣ дар мисоли музди меҳнат, имтиёзҳои иҷтимоӣ, қарзҳо, даромад аз ширкатҳои тиҷоратии назоратшаванда ва дигар пасандозҳои шахсӣ мебошанд. Ғайр аз ин, пасандозҳои шахсӣ сарчашмаи асосии маблағгузории ҷангиёни террорист барои пӯшонидани хароҷоти роҳкиро дар минтақаҳои даргирӣ маҳсуб меёбад. Мисли пештара, терроризм дар асри XXI дар заминаи сарчашмаҳои ғайриқонунии маблағгузорӣ асос ёфтааст. Муҳимияти чунин роҳи даромадро барои ташкилотҳои террористӣ аз будаш зиёд қадр кардан душвор аст, зеро маҳз чунин усул онҳоро аз ҷиҳати молиявӣ мустақил намудааст.

Ҳамин тавр, Давлати исломӣ (ДИИШ), лоақл, муддати 8 сол дар Ироқ бо шарофати фаъолияти муваффақи ҷинояткоронааш дар ҳоли худмаблағгузорӣ қарор доштааст[9].

Аз ҳисоби усули худмаблағгузорӣ фаъолияти бузургтарин ташкилоти террористии кишвари Индонезия "Ҷамоати Исломия" ва филиалҳои он дастгирӣ меёфт. Аъзои он ҳар моҳ 5% аз даромади худро ба фонди ташкилот бахшидаанд. Бо дарназардошти ҳама душвории амалӣ намудани чораҳои пешгирикунанда оид ба ошкор кардани ин манбаи маблағгузории терроризм, хадамоти молиявӣ-иктишофии минтақа вобаста ба пайгирӣ кардани амалиётҳои шубҳаноки молиявӣ вазифадор карда шудааст[10].

---

[9] Мелкумян К.С. Финансирование терроризма: тренды XXI в. с Сирийским акцентом // Вопросы безопасности. Москва,2018. №3, С.78-93.

[10] Рогожина Н.Г. Финансирование терроризма в странах Юго-Восточной Азии.//Юго-Восточная Азия:Актуальные проблемы развития. Выпуск №35, Москва,2017, С.70-77.

Ҷангиён аз кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқии ба самти Шарқи Наздик равона мегашта ва ё аз он ҷо ба ватан баргарданда, аз системаи "хазиначии автоматӣ" барои гирифтани пули нақдӣ тавассути смарт-кортҳо истифода менамоянд. Маблағ ба ин кортҳо фосилавӣ аз тарафи ашхоси сеюм гузаронида шуда, дар ҳама ҷойҳое, ки терминали мувофиқ насб гардидаанд, аз он гирифта мешаванд. Одатан, террористҳо барои анҷом додани амалиёти интиқоли миқдори ками маблағҳо роҳҳои молиявии қонуниро мавриди истифода қарор медиҳанд[11].

Роҳҳои (каналҳо) расмии бонкӣ ҳеҷ вақт воситаи ягонаи интиқоли муомилоти пулӣ нестанд. Масалан, дар кишварҳои исломӣ системаи анъанавии интиқоли пулӣ бо номи "ҳавала" машҳур аст. Он ба эътимоде асос ёфтааст, ки чун қоида, дар таҷрибаи бениҳоят дарозмуддати шахсӣ ва ё оилавӣ-қавмии муносибатҳои расмии байни миёнаравони молиявӣ дар кишварҳои гуногун тақвият додашуда мебошад. Дар доираи чунин система, хабар (огоҳӣ) намудани ҷониби як тараф ба таври шифоҳӣ (тавассути телефон) намояндаи худро дар кишвари дигар ё шаҳри дигар дар бораи зарурати интиқоли (додани) маблағи (пул) нақдӣ бе зарурияти забонхат ё дигар ҳуҷҷат бевосита ба шахси номбаршуда, амали маъмул гаштааст. Чунин амалиётҳои пулӣ расман ба қайд гирифтанашуда ҳисобида шуда, ҷиҳати ҳуқуқии онҳоро тасдиқ кардан ғайриимкон мебошад, баробари ин, пайгирӣ кардани амалиёти мазкур ниҳоят душвор аст[12].

Чунин мақоми бебаҳо дар ҷаҳони бахши бонкдории исломӣ ба террористони байналмилалӣ мувофиқат мекунад,

---

[11] Ҳамон ҷо.

[12] Амиров К. Финансирование экстремизма и терроризма: опыт международного и отечественного противодействия//Исламоведения, Москва,2011.

ки мутобиқ шуданашон ба низоми шадиди назорат ва эъломияи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ душвор аст. Бонкҳои ғарбӣ, аз рӯи қоида, ба ягон амалиёт бо маблағи муқарраршуда иҷозат намедиҳанд, то боварӣ ҳосил кунанд, ки пайдоиши пул шубҳа надорад ва пардохткунанда ва гиранда маълум аст. Ба воситаи миёнаравҳо ё ашхоси ҳуқуқии зери пардагӣ исломгароён чунин сохторҳои интиқоли пулиро барои маблағгузории ташкилоти худ истифода мебаранд. Дар аксари ҳолатҳо аз гузашти чунин амалиёт бехабар мондани бонкҳо ба қайд гирифта шудаанд[13].

Тавассути системаҳои бонкӣ “пулҳои чиркин” ба манфиати террористҳо ҷудо мегарданд. Яке аз ҷузъҳои асосии ин механизм, амалиётҳои тавассути бонкҳои исломӣ бо истифода аз “низоми воруди дубора” мебошад. Дар мавриди сатҳи воридшавӣ ба ин доира шумораи зиёди дороиҳо дар ҳазорҳо суратҳисобҳо шаҳодат медиҳад. Коршиносони ғарбӣ, аз ҷумла, раиси Кумитаи нозирон оид ба терроризм ва маркази тадқиқоти таҳдидҳои муосир Р. Жаккар маълумот доранд, ки Усома бин Лодан ва мушовирони ӯ барои интиқоли миқдори калони маблағҳои пулӣ аз низоми бонкҳои ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии мусулмоннишин истифода намудаанд[14].

Қаллобӣ бо кортҳои қарзӣ. Яке усулҳои оддии чунин қаллобӣ, хариди молҳо тариқи шабакаи ҷаҳонии Интернет ё телефон буда, бо роҳи мазкур шарикони террористон бо истифода аз технологияи нав, бо роҳи ғайриқонунӣ ва бе ифшои ном аз ҳисоби истифодаи ғайриқонунии маълумоти

[13] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[14] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

шахсии соҳибони кортҳои қарзӣ маблағ ба даст меоранд. Инчунин, кушодани ҳисобҳои бонкӣ бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ бо номҳои сохта ва маблағҳои мавҷуд набуда низ яке аз сарчашмаҳои маблағгузории терроризм ба шумор меравад. Қаллобон суратҳисоб кушода, дафтарчаҳои чекӣ ҷамъ мекунанд. Пас аз он ки шумораи чекҳо ба қадри кофӣ зиёд мешавад, он барои харидани молҳо дар мағозаҳо бо маблағи на зиёда аз маблағе, ки тафтиши мавҷудияти маблағҳоро дар суратҳисоб талаб мекунад, истифода мешаванд. Ҳангоми ба мағоза баргардонидани молҳои харидашуда, бо арзиши мол қаллобон пули нақд мегиранд[15].

Чунин амалҳо аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил ва ашхоси алоҳида дар баробари навишта шудани чекҳо дар ҳамон миқдор маблағ дар ҷойҳои гуногун, сурат мегирад. Қаллобӣ бо дафтарчаҳои чекӣ, ки дар бисёр ҳолатҳои маблағгузории терроризм нақш мебозад, ба террористон имконият медиҳад, ки дар муддати кутоҳтарин маблағҳои нақдиро аз ҷое ба ҷои дигар кӯчонанд. Чунин ҷиноятҳо метавонад аз тарафи як нафар содир шаванд, ё барои тақвияти самаранокӣ дар якҷоягӣ бо дигар ашхос амалӣ карда шаванд[16].

Гаравгон гирифтани шаҳрвандони дохиливу хориҷӣ, намояндагони созмону ташкилотҳои башарӣ, ходимону кормандони мақоти давлатӣ ва сафоратхонаҳо аз роҳҳои асосии ба даст овардани малбағҳои калон барои ташкилотҳои террористӣ маҳсуб меёбад.

Масалан, барои ташкилоти террористии "Ҷабҳат ан-Нусра", сараввал манбаъ дар самти таъмини молиявии

---

[15] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008. https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

[16] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008. https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

фаъолияти террористиаш, агар сарчашмаҳои молиявии хориҷӣ ва хайрияи сарпарастонаш бошад, дувум, ба даст овардани маблағи ҳаҷман калон аз талаб кардани гаравпулӣ мебошад. Тибқи баъзе маълумот, Қатар дар амалиёти фидяи гаравгонон нақши миёнарав дошт[17].

Сарчашмаи дигари маблағгузории фаъолияти ҷараёнҳои ифротиву террористӣ хариду фурӯши ғайриқонунии нафт, қочоқи  арзишҳову ёдгориҳои таърихӣ ва осори фарҳангӣ мебошад.

Барои ташкилоти террористии Давлати исломӣ (ДИИШ) тиҷорати ғайриқонунии нафт аз манбаъҳои асосии даромад буда, дар минтақаҳои ғасб намудаи ҷиҳодиҳо  ҳуқуқи истеҳсол ва таҳвили нафтро доштааст. Даромад аз фурӯши нафт дар як рӯз ба 3 млн. доллар мерасидааст. Мувофиқи баъзе маълумот, ширкати миллии Саудӣ "Aramco" дар фурӯши нафт нақши миёнарав бозида, нафти дуздидашударо ҳамчун нафти изофӣ, ки дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар Арабистони Саудӣ истеҳсол шудааст, содиркунанда мебошад[18].

Шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ барои фарогир гардидани фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ мусоидат намуда, талаботи ҷомеаи ҷаҳониро ба хидмати чунин ташкилот ба миён овард. Бе шубҳа, дар мадди аввал, эҳтиёҷи ҷомеа ба он ташкилоти ғайридавлатӣ равона гардидааст, ки ташкилот амалиёти башардӯстонаи худро новобаста аз вазъияти мавҷудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии манотиқ ва маҳаллҳо амалӣ менамояд.

---

[17] Иностранные боевики в рядах террористических организаций в Сирии и Ираке. Источники доходов джахидистских группировок. Ин-т востоковедение РАН (РФ); "Конфлакс Центр"(Сербия). Москва, Белград, 2019.-52 с.

[18] Ҳамон ҷо.

Баробари **ташкилотҳои ғайридавлатӣ**, **ашхоси алоҳида** низ ҳамчун сарчашмаи маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои террористӣ маҳсуб меёбанд.

Мелкумян К.С. аломатҳои истифодаи ғайриқонунии бахши ҷаҳонии ташкилоти ғайридавлатиро аз ҷониби созмону ҳаракатҳои террористӣ ва ифротгаро дар ҷанбаҳои зерин дарҷ намудааст:

1. Интиқоли маблағҳои хайриявӣ тавассути ашхоси вобаста карда шуда ба фоидаи ташкилоти террористӣ;
2. Ба манфиати созмонҳои террористӣ мавриди истифода қарор гирифтани баъзе аз роҳбарони ташкилоти ғайридавлатӣ;
3. Истифодаи барномаҳои расонидани кӯмакҳои башардӯстона барои дастгирии ташкилоти террористӣ;
4. Мусоидат дар ҷалбкунии аъзоёни нав ба ташкилоти террористӣ;
5. Гумроҳ намудан ва таъсис додани ташкилоти ғайридавлатии қалбакӣ[19];

Мувофиқи афкори муҳаққиқон ташкилотҳои ғайридавлатӣ воситаи мусоид дар ҳама марҳилаҳои маблағгузории терроризм мебошад. Масалан, дар марҳилаи ҷалби маблағ аз сармоягузорони ташкилотҳои террористӣ мавриди истифода қарор диҳанд: новобаста аз донистан ё надонистани самти минбаъдаи маблағҳо барои маблағгузории фаъолияти террористӣ; дар марҳилаи интиқоли маблағ ба гирандагони ниҳоӣ бо мақсади пардапӯш кардан, ки баъзан шумораи зиёди интиқолро, аз ҷумла байни ташкилотҳои

[19] Мелкумян К.С. Финансирование терроризма: тренды XXI в. с Сирийским акцентом // Вопросы безопасности. Москва,2018. №3, С.78-93.

ғайридавлатиро дар бар мегирад; дар марҳилаи интиқоли маблағҳои пулӣ ба гирандагони ниҳоӣ[20].

Мувофиқи баъзе маълумотҳои дастрасгардида, яке аз манбаъҳои маблағгузории "Ҳаракати исломии Узбекистон" фарзандони муҳоҷирон аз водии Фарғонаи Узбекистон, ки 700 ҳазор узбекони саудӣ ва тахминан 2 миллион узбекҳои афғон мебошанд. Ташкилоти террористӣ ба монанди "ал-Қоида" маблағҳои пулиро дар ҳаҷми калон аз фондҳои сарватмандони хусусӣ ва ашхоси воқеии кишварҳои истиехсолкунандаи нафт дастрас менамояд. Тибқи ҳисобу китоби коршиносон, дар манотиқи кишварҳои ИДМ ба ифротгароёни диниву террористҳо тахминан 60 ташкилотҳои байналхалқии исломӣ, зиёда аз 100 ширкатҳои хориҷӣ ва даҳҳо бонкҳо кӯмак мерасонанд. Ба қатори сармоягузорони Ҳаракати исломии Узбекистон намояндагони ташкилдотҳои динӣ-сиёсии номдор ба монанди, "Бародарони мусулмон", "Ҳизб-оллоҳ", "Ҳизб-ут-таҳрир", инчунин якчанд гурӯҳҳо ва ашхоси воқеӣ дар кишварҳои минтақа шомиланд. ҲИУ дар соли 2003 аз сармоягузорони хориҷӣ маблағи 400 ҳазор доллари амрикоиро барои кӯчонидани низоъ аз Афғонистон ба минтақаи Осиёи Марказӣ гирифтааст[21].

Дар мавриди маблағгузории ҲИУ як нуқтаро бояд қайд намуд, мувофиқи гуфтаҳои муовини Тоҳир Юлдошев оид ба корҳои дин Зубайра ибн Абдураҳмон, онҳо (ҲИУ) дар шаҳри Тошканд корхонаҳои худро доранд, ки ба ҲИУ кумак мерасонанд[22].

---

[20] Мелкумян К.С. Финансирование терроризма: тренды XXI в. с Сирийским акцентом // Вопросы безопасности. Москва,2018. №3, С.78-93.

[21] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[22] Ҳамон ҷо.

Истиқлолияти молиявии ташкилотҳои террористии муосир маънои онро надорад, ки онҳо аз **кумакҳои молиявии давлатҳои** ҷудогонаи олам даст мекашанд. Дар бисёр маврид, давлатҳои сарпараст ҷараёнҳои ифротиву тундгароро бо пул, силоҳ ва қаламрави худ таъмин менамоянд, ки аз фароҳам овардани шароит барои фаъолияти даҳшатафкании ҷараёнҳои мазкур шаҳодат медиҳад. Мувофиқи тафсири департаменти давлатии ИМА терроризмро имрӯзҳо кишварҳои муайян дастгирӣ менамоянд. Бо вуҷуди фишори Иёлоти Муттаҳида кишварҳои мазкур барои қатъ намудани алоқаи худ бо террористон чораҳои зарурироо наандешиданд[23].

**Даромад аз фаъолияти ҷиноятӣ.** Дар гузашта, баъзе гурӯҳҳои террористӣ қисми зиёди маблағҳо ва дастгирии молиявиро аз давлатҳое, ки фаъолияти терроризмро қадр менамуданд, ба даст меоварданд. Пас аз афзоиши фишор аз тарафи дигар давлатҳо, аксарияти ин сарчашмаҳо барои онҳо камтар дастрас буданд ва дастрасӣ ба баъзеи онҳо абадан баста гардид. Ғайр аз ин, созмонҳои навтаъсиси мустақили террористие, ки мустақилона фаъолият мекунанд ба сарчашмаҳои маблағгузори хориҷӣ мисли гурӯҳҳои анъанавии террористӣ дастрасӣ надоранд. Дар натиҷа, бисёре аз гурӯҳҳои террористӣ ба исифодаи манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ, аз ҷумла, дар натиҷаи фаъолияти ҷиноятӣ, ба монанди тиҷорати ғайриқонуни яроқ, одамрабоӣ, тамаъҷӯӣ, хариду фурӯши маводи мухаддир ва бо роҳи тарсонидан ба даст овардани маблағ, шурӯъ намуданд[24].

---

[23] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[24] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008.
https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

Бо вуҷуди, ин имрӯз аксарияти ҷараёнҳои ифротиву террористӣ бештар **роҳи худмаблағгузори**ро зуд-зуд истифода бурда, талош бар он доранд, ки сармояи зарурии барои ташкил ва гузаронидани амалҳои террористии худро қонунӣ гардонанд. Дар баробари ин, набояд терроризми ҷиноятиро бо роҳҳои ҷиноии маблағгузории терроризми муосир омехта кард. Терроризми ҷиноятӣ аз терроризми сиёсӣ бо он фарқ мекунад, ки ҳадафи он ба даст овардани фоида аз ҳама гуна амалҳои ғайриқонунӣ мебошад.

**Ҳамлу нақли пулҳои нақдина.** Пулҳои нақдина ба таври васеъ дар фаъолияти террористҳо мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар ҳама мисолҳо ва таҳқиқи ҳолатҳои дар гузориши FATF ( *анг. Financial Action Task Force on Money Laundering*) ва ба маблағгузории терроризм дар Африкои Ғарбӣ бахшидашуда истифодаи маблағҳои нақдина зикр гардиданд. Ашхосе, ки бо ҷурми терроризм гумонбар дониста шуда буданд, дар аксари ҳолат бо худ миқдори калони пули нақдӣ доштанд. Инчунин, афзоиши ҳаҷм ва миқёси қочоқи пулҳои нақдина тавассути марзи кишварҳои транзитӣ ва кишварҳои ифодакунандаи хавфи баланд, қайд карда шудааст[25].

Собиқ директори хадамоти федеролии Русия Н.Патрушев соли 2003 дар ҷаласаи Шӯрои роҳбарони мақомоти амният ва хадамоти махсуси кишварҳои ИДМ дар шаҳри Бешкек баргузоргардида, таъкид намудааст, ки яке аз манбаъҳои маблағгузории шабакаҳои террористӣ даромад аз **фаъолияти**

---

[25] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008.
https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

**ғайриқонунии иқтисодӣ** буда, ба даромад аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир баробар аст[26].

**Тиҷорати маводи мухаддир** барои ташкилоту гурӯҳҳои ифротиву террористӣ воситаи хеле мусоди барои ҷалб намудани маблағ буда дар натиҷаи он маблағи калон ҷамоварӣ мегардад. Миқёси маблағгузории фаъолияти террористӣ аз ҳисоби савдои ғайриқонунии маводи нашъаовар пас аз коҳиш ёфтани дастгирии молиявии давлатҳое, ки терроризмро ташвиқ медоданд, хеле афзуд. Чунин раванд боиси аз байн бурдани фарқияти миёни гурӯҳҳои террористӣ ва ташкилотҳои ҷиноии нашъаҷаллоб гардид[27].

Таҳлили вазъияти Афғонистон нишон медиҳад, ки дар вазъияти бухрони ҳарбӣ-сиёсӣ ва иқтисодии ҷой дошта миёни терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва тиҷорати ғайриқонунии яроқ робитаи мустаҳкам ба вуҷуд омадааст. Аз рӯи нишҳондодҳои СММ, даромади ҳарсолаи ҷинояткории байналмилалӣ аз хариду фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ба 400 миллиард доллари амрикоӣ баробар мешавад. Мувофиқи таҳлили коршиносони кишварҳои пасоШуравӣ, сарчашмаи асосии маблағгузории "Толибон" фоида бадастомада аз мафияи маводи мухаддири афғон ва покистон (зиёда аз 10 млрд.$ дар як сол) буд, коршиносони ИМА бошад даромади солонаи толибонро 7 млрд.$ ҳисоб кардаанд. Қисми аз маблағҳои даромад барои фаъолияти террористии минтақа ҷудо мегардид. Дар ибтидо исломгароён шарикии худро ба тиҷорати маводи нашъа

---

[26] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[27] Финансирование терроризма. FATF Terrorist Financing Typologies Report_RUS.doc. 2008. https://eurasiangroup.org/files/typ_14.pdf

пинҳон медоштанд, баъдан бар он ақида буданд, ки гӯё маводи мухадир низ ҷиҳод аст зидди кофирон: якум, маводи мухаддир барои кофирон интиқол меёфт; дувум, ба маблағҳои ба даст омада яроқ барои зидди кофирон харидорӣ мегардид. Дар бештари ҳолатҳо, бо чунин тиҷорат онҳое машғул буданд, ки бо мансабдорони давлатӣ риштаи хешутаборӣ доштанд. Гурӯҳҳои ҷинояткор бо мурури замон бо мансабдорони фасотзада, аз ҷумла бо кормандони сохторҳои қудратӣ, ки барои мубориза бар зидди тиҷорати ғайриқонунии маводи нашъаовар вазифадор карда шудаанд, якҷоя мешаванд[28].

Тибқи таҳлили омории "Forbes Israil", рӯйхати даҳгонаи ташкилотҳои террористии сарватмандтарини олам дар соли 2018 мувофиқи даромади солонаашон бо тартиби зерин гузаронида шудааст[29]:

| Ма қом | Номи ташкилот | Даромади солона, млн $ |
|---|---|---|
| 1 | Ҳизбуллоҳ | 1 100 |
| 2 | Толибон | 800 |
| 3 | ХАМАС | 700 |
| 4 | ал-Қоида | 300 |
| 5 | ДИИШ | 200 |
| 6 | Ҳизби коргарони Курдистон | 180 |
| 7 | Катоиб | 150 |

[28] Молдалиев О. Современный терроризм: Аспекты финансирования//Центральная Азия и Кавказ.2004. №2 (32) https://www.ca-c.org/online/2004/journal_rus/cac-02/03.molrus.shtml

[29] https://forbes.kz/process/expertise/samyie_bogatyie_terroristicheskie_organizatsii_v_mire/

| | | |
|---|---|---|
| | Ҳизбуллоҳ | |
| 8 | Ҳаракати “Ҷиҳоди исломӣ дар Фаластин” | 100 |
| 9 | Лашкари Тайиба | 75 |
| 10 | Артиши воқеии Ҷумҳурии Ирландия | 50 |

Бо дарназардошти қайдҳои боло, мақомоти дахлдори миллии кишварҳои минтақаро зарур аст, тавассути фаъолияти муштарак ва созишномаҳои мутақобила, мубодилаи байналмилалии иттилооти молиявии марбут ба самтҳои афзалиятноки мубориза бо терроризм ва ифротгароиро ба роҳ монанд. Дар ин самт бо истифода аз механизмҳои муосири мубодилаи маълумот мақомоти марбута дар пешгирӣ намудани маблағгузории фаъолияти ҷараёну созмонҳои террористӣ ва ифротгаро мусоидат карда метавонанд.

**Зебониссо ЗИЁЕВА**
*ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

## БИОТЕРРОРИЗМ

Мусаллаҳгардонии нав, силоҳҳо ва фановариҳои микробӣ бештар мавриди таваҷҷуҳи ташкилотҳои террористӣ қарор гирифтааст. Метавон бо ҷуръат гуфт, ки яроқҳои ҳастаӣ дигар як хатари аслӣ нестанд ва танҳо як қудрати потенсиалӣ ба ҳисоб меравaнд. Имкони зиёд аст, ки бештари кишварҳое, ки соҳиби ингуна силоҳҳо ҳастанд, ба осонӣ наметавонанд аз онҳо бар зидди душманони худ истифода намоянд, зеро оқибатҳои фарогирии истифодаи ингуна силоҳҳо чунон густурда аст, ки қисмати бузурги ҷаҳонро дарбар хоҳад гирифт. Шуъоҳои радиоактивӣ, гарду ғуборҳои атомӣ, туфони атомӣ, ки дар қолаби марзҳои ҷуғрофӣ намеғунҷанд, қисмати васеъеро олуда хоҳанд кард. Табиатан ҳар кишваре, ки аз ин силоҳҳо истифода мекунад ва зараре, ки ба давлатҳои ҳамсоя мерасад, бояд ҷавогӯ бошад. Истифода ва истеҳсоли силоҳи биологӣ ва ҳама зербобҳои он аз ҷониби Конвенсияи байналмилалии Женева аз 17-уми июни соли 1925 манъ карда шудааст.[1]

Аз сӯйи дигар, силоҳҳои кимиёӣ низ чандон интихоби муносибе барои фаъолиятҳои террористӣ нестанд. Мушкилӣ дар нигаҳдорӣ ва истифодабарӣ, вақти муайяни кутоҳ, хавфи нобудшавӣ ва ғайраҳо боис шудааст, ки чандон мавриди қабули террористон набошанд. Ҳарчанд ин як интихоби

[1] Онищенко Г.Г. Противодействие биологическому терроризму. М.: Петит –А, 2003. С. 13-14.

муваффақ дар майдони ҷанг буд, пас аз он ки Конвенсияи Женева оид ба манъи истифодаи онҳо дар соли 1935 аз ҷониби аксари кишварҳои ҷаҳон ба имзо расид, аммо кишварҳои душман аз он бо эҳтиёт истифода мекунанд, ки ин, албатта, ба абарқудратҳо низ дахл дорад. Ҳоло ҳам зери фишори шадиди афкори ҷамъиятии ҷаҳон қарор хоҳанд гирифт.

Аз ин рӯ силоҳҳои микробӣ, чи дар арсаи ҷангӣ чи дар арсаи террористӣ, василаи бисёр хубе барои душманон шудааст. Иқтидори баланди истеҳсолӣ, нигоҳдории хуб, қобилияти интишор, қобилияти муҳофизати қувваи худ, қобилияти таҷдиди дубора барои омилҳои микробҳои зинда, душвориҳои зиёд дар пайгирии шахсони алоҳида ё шахсони алоҳидаи ҷангҷӯ, доираи амалиёт аз одам то чорводорӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ ва бисёр манфиатҳои дигар ташкилотҳои террористиро ба ин технологияи нав оварда расонданд. Силоҳҳои микробӣ, бахусус дар арсаи терроризми давлатӣ ва бар зидди сохторҳои саноатӣ-кишоварзӣ дар солҳои охир бисёр ба кор рафтааст. Ба унвони мисол, Кореяи Шимолӣ, паҳншавии вабо дар Пхенянро дар охирҳои солҳои 80-ум натиҷаи фаъолияти ҷосусҳои америкоӣ медонад, ки бо ҳадафи маҷбур кардани ин кишвар бо пазируфтани шароити давлатҳои аврупоӣ-америкоӣ барои қатъи озмоишоти ҳастаӣ анҷом шудааст.

Тибқи назари коршиносони Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ВОЗ), дар айни замон 17 кишвари ҷаҳон қобилияти истеҳсоли чунин маводро доранд. Истеҳсол, истифода ва интишори як силоҳи биологӣ бисёр арзонтар аз бомби атомӣ буда ва камтар эҳсосоти ҷаҳониёнро ба ҳаяҷон меорад. Албатта, истифода аз ин силоҳҳо то андозае барои террористон бехатар мебошад. Одатан муайян кардани микробҳо ва мубориза алайҳи онҳо мушкил аст. Ба унвони мисол, дар сурати интишори ин ангеза дар оби як минтақа то давраи безараргардонӣ сипарӣ шавад ва эъломи беморӣ зоҳир

шавад, чанд руз тӯл мекашад, ки фурсати муносибе барои террористҳо аст, то ба ҳадафҳои худ бирасанд. Интиқоли микробҳо ё ин ки силоҳи микробӣ низ аз як кишвар ба як кишвари дигар ба воситаҳои гуногун, ҳатто нақлиёти одии мусофирбарӣ осон ба назар мерасад. Ба унвони мисол, ба дохили капсул хокаи антраксро ҳамчун дору андохта ба ҷойҳои зарурӣ мувофиқи мақсадашон бурда мерасонанд. Ин ангезандаҳои бемориовар аз роҳҳои гуногун дар ҷомеаҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Интишори ангезандаҳои зараровар дар ҳаво, об, маводи ғизоӣ, анвои маводҳои консервашуда, асбобҳои бозӣ, ҳадяҳо ва ғайраҳо собиқа доштааст. Истифода аз ангезандаҳои биотерроризм бар асоси ҳадафҳои террористҳо сурат мегирад. Дар сурате, ки терроризм қасди густариши васеъи бемориро дошта бошад, аз ангезандаҳое монанди чечакӣ (бемории бачагонаи сирояткунанда) инсон истифода мекунад, ки ба осонӣ аз фарде ба фарди дигар мунтақил мешавад ва боиси олудагии васеъ мешавад ва дар сурате, ки мақсади он мавриди ҳадаф қарор додани шахси хосе бошад, аз ангезандаҳое ба монанди шорбун (сибирская язва) ва ғайраҳо истифода мекунад.

Дар робита бо мафҳуми биотерроризм коршиносони Интерпол қайд мекунанд, ки "Биотерроризм истифодаи огоҳонаи агентҳои биологӣ ба мисли бактерияҳо, вирусҳо ва токсинҳо барои осеб расонидан ё нобуд кардани одамон, ҳайвонот ё растаниҳо, паҳн кардани тарс, бо мақсади майл кардани давлатҳо ё ҷомеаҳо ба пайравии ҳадафи мушаххаси сиёсӣ ва ё иҷтимоӣ мебошад".[2]

Ҳамлаҳои биотеррористӣ иборат аст аз пахш кардани вирус, бактерия, микроб ё дигар ангезандаҳои зараровар, ки сабаби беморӣ ва марг дар байни одамон, ҳайвонот ва наботот мегардад. Кашф ва шиносоии як ҳамлаи биологӣ сахт ва душвор ба шумор меояд.

---

[2] Руководство по прогнозированию и предотвращению актов биотерроризма. ICPO — Interpol. 2007. С. 7.

Таъсироти як ҳамлаи биотеррористӣ ба чаҳор даста тақсим мешаванд:

1. Физикӣ: паҳншавии беморӣ; 2. Равонӣ: паҳншавии тарс ва ваҳшат; 3. Иқтисодӣ: маҳдудиятҳо барои сафар ва кӯчидан, қатъи фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ; 4. Экологӣ: осеб дидани инсонҳо, ҳайвонот, наботот, олуда шудани манбаҳои табиӣ, мисли манбаи об.

Биотеррористҳо маъмулан гурӯҳҳо ва ҷунбишҳои сиёсӣ ва фирқаҳои мазҳабӣ ё ашхосе ҳастанд, ки тавоноии истеҳсол ва бакоргирии силоҳҳои биологиро доранд.

Ҳамин тариқ, муайян карда шудааст, ки дар 67 кишвари дунё 543 маҷмӯи штаммҳои бактериявӣ ҷамъоварӣ карда шуда, 54 маркази тиббӣ патогенҳои сӯзанда ва 18-тои он – ваборо нигоҳ медоранд ва рӯйхати вирусҳо ва бактерияҳо тақрибан 48 организм, аз ҷумла 25 вирус, 13 бактерия, 10 токсинро дар бар мегирад.[3]

Хулоса, ҷаҳон имрӯз нисбат ба ним қарн қабл бо фазои ноoромтар ва таҳдидҳои зиёде рӯ ба рӯ аст. Ин ҳам бошад далелҳои гуногун дорад. Шояд муҳимтарин далели он ин бошад, ки давлатҳо дигар танҳо бозингарони муқтадири арсаи сиёсӣ нестанд ва бозингарони ғайридавлатӣ низ дар арсаҳои гуногун нуфуз пайдо кардаанд. Гурӯҳҳои террористӣ аз ҷумлаи бозингарони ғайридавлатӣ ва ғайрирасмӣ ҳастанд, ки ба воситаи пул, дониш ва силоҳ иқдомоти террористии гуногунро анҷом медиҳанд. Дар 20 соли охир баъзе давлато қурбони ҳамалоти гурӯҳҳои террористӣ гаштаанд, ки ин сабаб шудааст амнияти шаҳрвандон дар зери хатар қарор гирад.

---

[3] Рубинштейн Э. Биотеррирзм: значение антимикробных препаратов. Электронный ресурс. Дата обращения 14.09.2022 г. http://www.antibiotic.ru/cmac/200134/290text.htm.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илмҳои фалсафа*

## ТАЪСИРИ ҒАРИЗА, ИРОДА, ХОҲИШ ВА НИЁЗУ ТАЛАБОТИ ИНСОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ АХЛОҚ

Ахлоқ яке аз куҳантарин навъи маънавиёти башар маҳсуб аст, ки аксар аз пажуҳишгарони тамаддуни инсонӣ онро аввалин унсури фарҳанг меҳисобанд. Масъалаи зуҳур ва пайдоиши ахлоқ баҳси доманадорест, ки дар дарозои таърих онро ҳар пажуҳишгар аз диди ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии худ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамин масъала сабаби он гардидааст, то назариёти гуногуне доир ба пайдоиши ахлоқ ба миён оянд.

Дидгоҳи антропологӣ дар мавриди пайдоиши ахлоқ бештар ба табиати инсон такя мекунад ва ин масъаларо аз зовияи ҷанбаҳои биологӣ, физиологӣ, психологӣ ва маънавию хирадии инсон мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Вобаста ба тарзи баррасии масъала низ мактабҳо ва назарияҳои гуногун зуҳур намудаанд.

Тарзи баррасии масъалаи инсон, табиат ва фардияти ӯ заминаи асосии шаклгирии ҳар гуна назария ва қонун дар мавриди шинохти инсон аст. Аз ин рӯ сарчашмаҳои қоидаҳои ахлоқӣ низ ба навъи инсоншиносӣ марбут аст. Мафҳуми инсонро вобаста аз тарзи баррасӣ ва навъи ҷаҳонбинӣ дар се маънӣ корбаст менамоянд: 1. Дар ҷаҳонбинии динӣ ба ҳайси мафҳуми динӣ-каломӣ, ҳамчун Одаму Ҳавво офаридаи Худо; 2. Мафҳуми фалсафӣ, ки дар он инсон ҳамчун мавҷуди оқил ва нотиқ дар табиат аст; 3. Мафҳуми илмӣ, ки дар он решаҳои равоншиносӣ, инсоншиносӣ, биологӣ ба ҳам пайвастаанд. Вобаста ба ин дидгоҳҳои ахлоқӣ низ дар баррасии масоили

ахлоқӣ ба навъи ҷаҳонбинӣ ва корбурди ин мафҳум сахт алоқамандӣ доранд.

Мусаллам аст, ки инсон навъи зиндаи бохирад маҳсуб аст. Яке аз вижагиҳои олами зинда аз олами ғайризинда дорои пӯёиву ҷӯёӣ будани он аст, ки бевосита аз сиришти навъи зинда берун меояд. Дар сиришта навъи зинда ниёзу талаботе барои зинда мондан мавҷуд аст, ки тибқи қонуни олами зинда ҷиҳати баровrouterда кардани ин ниёзҳо ҳамеша дар ҳоли пӯёиву ҳаракат қарор мегирад. Дар рустаниҳо ин пӯёӣ бо ҳаракати дохилӣ сурат гирифта, дар ҳайвоноту инсонҳо ҳам бо мутаҳаррикии дохилӣ ва ҳам ҳаракати берунаи фазоӣ (яъне ҳаракат аз як макон ба макони дигар) сурат мегирад. Дар иддае аз анвоъи зинда ин пӯёӣ тавассути ғаризаҳо (майл, хоҳиш, ниёз, ирода) роҳандозӣ гардида, дар инсон ҳам тавассути ғариза ва ҳам тавассути хирад ё ба қавле ҳам тавассути шуур ва ҳам тавассути таҳтушшуур сурат мегирад. Чунин тарзи баррасӣ намудани масъала сабаби ба миён омадани назарияҳои гуногуни ахлоқӣ гардидааст.

Назарияпардозони ахлоқие, ки таъсири ниёзу эҳтиёҷот, майл, хоҳиш, ирода ва ғаризаи инсонро бунёди ахлоқ медонанд, муътақиданд,ки одамон ба мисли дигар намудҳои зинда ниёзҳои хосае доранд. Ин ниёзҳо ба сурати ангезаҳои муайян навъҳои хоси рафторро ба вуҷуд оварда ва бо ба кор гирифтани огоҳию шуур дар зеҳнияти инсон боядҳое (қоидаҳо) ба вуҷуд меоваранд. Дар натиҷа ҳар бояд сабаби танзимкунандаи чигунагии рафтор мешавад, ки он бархоста аз тақозои ниёзҳои табиии инсон аст.

Одамон дар дарозои зиндагӣ ҳамеша ба ғизо, гармо, сарпаноҳ, равобити ҷинсӣ ниёз доштаанд ва ҳамаи он чи ки ин ниёзҳои асосиро баровarда месозад, ҳамеша боаҳамият буданд. Ҳамин аст, ки ин масъалаҳо ҳамеша арзишманд

будаанд ва бо ин кор мафҳумсозӣ оғоз шуд ва мафҳуми хубӣ ё хайр ба вуҷуд омад.[4]

Ҳамеша баҳси бисёре аз андешамандони илмҳои инсоншиносӣ аз ин пурсишҳо ба вуҷуд меояд, ки чаро фардҳо як навъи рафторро ба рафтори дигар бартарӣ медиҳанд. Зиндагии худро барои наҷоти фардҳои дигаре ба хатар мегузоранд. Барои дастёбӣ ба ҳадафҳои хос соатҳои тӯлонӣ кор мекунанд. Кадом омилҳо фардро маҷбур месозад, ки боиси нерӯ бахшидани рафторҳояш шавад. Ба саволҳои гузошташуда, вобаста аз шинохту ҷаҳонбини пажуҳишгарон посуххҳои гуногуне дода шудааст, ки дар заминаи онҳо назарияҳои гуногун шакл гирифта, сабаби пайдоиши назарияҳои гуногун дар мавриди ахлоқ гардидаанд.

Муссаллам аст, ки ғаризаҳо, ангезаҳо ва хоҳишу талабот ҳамеша дар инсонҳо будаанд ва яке аз шарти зисти инсон низ қонеъ намудани ин ниёзҳо аст. Ҳанӯз дар аввалин умумиятҳои иҷтимоӣ, ки ахлоқ содда ва номукаммал буд, инсонҳо ҷиҳати бароварда кардани ниёзҳо ва сода кардани тарзи зист меъёрҳои ахлоқиро корбаст намудаанд. Яке аз ҳадафҳои асосии меъёрҳои ахлоқӣ он аст, ки тамоюлоти табиии башарро ки тағйирнопазир ё тақрибан тағйирнопазир аст, бо эҳтиёҷоти зиндагонии иҷтимоӣ, ки доиман дар тағйир аст, мутаносиб ва ҳамоҳанг месозад. Дар бомдоди рӯзгори башар ҳамон ғаризаҳо ба хотири зинда мондан худхоҳӣ, ҷанг, якдигарро нобуд кардан, дуздию ғоратгарӣ ва амсоли ин амали ҳамешагии инсонҳои нимаваҳшии ибтидоӣ буданд. Дар тули даврон наслҳои зиёде барои танзим кардани манфиатҳои хеш қонун ва усулу роҳкорҳоеро барои содда кардани ҳамзистӣ ба миён овардаанд. Аксари ғаризаҳои аввалия, ки бештар ба ҳайвонот марбутанд, аз он ҷо маншаъ мегиранд, ки

[4] Ҳолез Роберт Ол. Мабонии фалсафаи ахлоқ. Теҳрон: Қақнуз. Чопи 3, 1385. С. 24.

ҳайвонот аз он ҷиҳат шиками худро то гулӯ аз ғизо пур мекунанд, ки намедонанд чи вақти дигар ба хурок дастрасӣ пайдо мекунад. Ҳамин шакк доштану эмин набудан аз оянда аст, ки сабаби пайдо шудани орзумандӣ мешавад. Итминони иқтисодӣ, ки аз натиҷаҳои маданият аст, ин хело ва хело ба давраҳои нави инсонӣ марбут аст. Ҳамин ҷиҳат аст, ки то ба имрӯз инсон дар гирд овардани пулу мол ҳарис аст. Зеро ғаризаи таърихии ҳайвонии он ва хотираи таърихияш ҳамеша далолат ба он мекунад, ки ҷиҳати эҳтиёҷоти баъдиаш, ки ҳанӯз муайян нест, фардо онро чӣ гуна бояд баровуарда кард, захира мекунад.[5]

Масъалаи таъсири ҳолатҳои равонӣ, майлу хоҳиш ва баровуарда кардани ниёзҳо дар рафтори инсонҳо ҳанӯз дар фалсафаи антиқа сурат гирифта буд. Инро метавон дар назарияҳои ахлоқии Суқрот, Афлотун, Арасту, Эпикур, Протогор ва Аристипий Киери мушоҳида намуд. Аксар аз пажуҳишгарони ахлоқ муътақиданд, ки маҳз ҷараёнҳои антропологии гедонизм, ки лаззатро асоси ахлоқ меҳисобад ва эвдемонизм, ки саодатро асли ахлоқ медонад, маҳз дар ҳамин давра ва аз ҷониби мутафаккирони болозикр поягузорӣ шуда, шакл гирифтаанд.[6]

Ҳамчунин масъалаи чигунагии рафторро алоқаманд ба назариёти Афлотун дар мавриди ахлоқ баррасӣ менамоянд, ки баъдан бо номи равоншиносии сегона шухрат пайдо намудааст. Ин назария бар навиштаҳои Афлотун бармегардад ва ӯ далели рафтори одамонро аз равони сеҷузъӣ медонист, ки ибтидои он аз сатҳи руҳи иштиҳоӣ маншаъ мегирад.

[5] Таърихи тамадун. Вел Дюронт. Ҷилди аввал. Машриқзамин гаҳвораи тамаддун. Созмони интишороти омӯзиши инқилоби исломӣ. Теҳрон, 1367 (1988). С. 64.

[66] *Лосев А. Ф.* История античной эстетики. Софисты. Сократ. Платон — М.: ООО «Издательство АСТ»; Харьков: Фолио, 2000. С. 128.

Кашишҳои физиологии инсон, аз ҷумла гуруснагӣ, ташнагӣ, ғаризаи ҷинсӣ ба он шомил мешаванд. Дар сатҳи дуюм, ҷанбаи рақобатӣ қарор мегирад, ки ба он меъёрҳои иҷтимоӣ мисли эҳсос, ифтихор, шарм ва кумак дохил мешаванд. Дар сатҳи сеюм бошад, ҷанбаи муҳосиботӣ ва ангезаҳои шинохтӣ монанди тасмимгирӣ, андешидан ва ҳисоб намудан аз ин бахши равон шакл мегирад.[7]

Назарияи дигар, ки чигунагии рафтор ва ахлоқро бар пояи неруҳои моҳиятӣ ва сириштии инсон тавъам медонад, ин назарияи ирода аст, ки дар даврони нави Аврупо онро Рене Декарт ба миён гузошт. Декарт равонро иборат аз се бахш медонист: тафаккур, эҳсос ва ирода. Ба назари ӯ, олитарин неруи интихобгар ирода аст, ки решаи бисёре аз рафторҳои инсонро бояд дар он ҷустуҷӯ кард. Ҳарчанд ин дидгоҳ дар он замон ривоҷ ёфта бошад ҳам, вале андешамандон натавонистанд моҳияти ирода ва қоидаҳои шаклбандии онро мушаххас намоянд. Баъдан назарияи ирода дар рафтори инсонҳо дар мактаби фалсафаи ҳаёт идомат пайдо намуда, аз ҷониби Артур Шопенҳауэр ва Фиридирих Нича дар доираи категорияи хоси фалсафӣ арзёбӣ гардид. Ин боиси он гардид, ки назарияи дигаре бо номи назарияи ғариза ба вуҷуд ояд.[8]

Дар даврони тафаккури механикӣ, баъзе аз файласуфон дидгоҳи механикиро дар бораи рафтор матраҳ карданд. Бар асоси ин дидгоҳ, рафтори инсон аз неруҳои дарунию берунӣ ба вуҷуд меояд ва он инсонро таҳти таъсир қарор медиҳад. Ин дидгоҳ назарияи ғариза ном дорад, ба ин маъно, ки як неруи зистии фитрӣ аст, ки ҷондоронро аз пеш омода месозад, то дар шароити муносибе ба шеваи хосе амал кунанд. Бинобар

[7] Ҷон Маршал Рю. Ангезиш ва ҳаяҷон. Тарҷумаи Яҳё Саидмуҳаммадӣ. Теҳрон, 1381. С. 24.
[8] Ҳамон ҷо. С. 32.

ин, ба ҷои ин ки инсон аъмолашро интихоб кунад, вай таҳти таъсири нерӯҳои фитрие аст, ки рафторашро таъйин мекунад. Вобаста ба ин Чарлз Дарвин ба тарҳи назарияи такомулии худ ин идеяро матраҳ кард, ки рафторҳои инсон низ монанди ҳайвонот бар пояи ғариза шакл мегирад. Ба ақидаи ӯ, инсон ба сабаби ғаризаи ҷамъгароӣ маҷбур ба зиндагии гурӯҳӣ аст ва ё ба иллати ғаризаи пархошгарӣ маҷбур ба ҷангидан аст.[9]

Назарияи ғариза баъдан аз ҷониби равоншиноси австриягӣ Зигмунд Фрейд мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҷавҳари таълимоти Фрейдро консепсияҳои сохти дастгоҳи психикӣ ва сиришти психоневроз ( ҷунуни рӯҳӣ) ташкил медиҳанд. Дар асоси онҳо ғояи бешуурӣ қарор дорад. Фрейд сохтори равонии шахсро бар се омил бунёд намуд: а) таҳтушшуур "Ид" (онҳо)- сатҳи ду ғариза марг ва зиндагӣ; қисмати психика аст, ки дар он таконҳои ғаризавӣ (хоҳишҳо) ва ғояҳои аз шуур маҳдудкардашуда бароварда мутамарказ шудаанд; б) сатҳи шуур "эго"(Ман)-сатҳи шинохт ва огоҳии фард. Шуур як намунаи болотар аз он чизест, ки "Ман" дар зери шуур қарор дорад ва дар он ба шакли кристаллӣ медарояд, миёнарав байни "Ин" ва олами беруна, онҳо ба принсипҳои мувофиқат кардан ба мақсадҳо такя мекунанд; в) "Фароман" "Супер эго"-сатҳи меъёрҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ, қоидаҳо, меъёрҳои рафтор, мамнуъиятҳо, интиқод, сензураи ахлоқӣ ва миёнарав байни "Ин", "ман" принсипи воқеият. Як қисмати назарраси назарияи Фрейд таълимот дар бораи майли ҷинсӣ (либидо) маҳсуб мешавад. Мувофиқи ин таълимот, ҷараёни инкишофи психикии инсон моҳиятан раванди аз лиҳози биологӣ

[9] Муҳаммад Порсо, Бунёдҳои равоншиносӣ, Техрон, Нашри сухан, 1378 С. 217.

муайяншудаи табдилоти пайдарҳами ғаризаи шавҳонии ӯ ба ҳисоб меравад.[10]

Карл Густав Юнг (1875-1961) равоншиноси машҳури шведӣ муддате аз дидгоҳи Фрейд пайравӣ мекунад. Баъди қатъи муносибат бо Фрейд, дар соли 1913 аз назарияи либидои Фрейд интиқод кард ва назарияи худро бо номи «Психологияи аналитикӣ» кор карда баромад. Ҳарчанд аз назарияи "лебидо" интиқод мекунад, вале иддае умумиятҳо дар назарияи Юнг ва Фрейд мавҷуданд. Махсусан, принсипи тақсимбандии ҳолатҳо ва таъсири мотиватсия ба рафтори инсонро метавон мушоҳида намуд. Ба Юнг типологияи характерҳои коркардааш шуҳрат овард, ки он одамонро ба «интровертҳо» ва «экстровертҳо» ҷудо мекард. Тақсимбандии назарияи К.Юнг аз қарори зайл аст: а) "Ман"- қисмати бошуур равони инсон, ки ба василаи он шахсият худро мешиносад; б) "Як шахс"- ниқобе, ки шахс ҳангоми талаботҳои муҳти иҷтимоии иҳотакардашуда мепӯшад ва нақши иҷтимоии худро мебозад; в) "Анима" ва "Анимус"- Анима архетипи занона дар зан, Анимус архетипи мардона дар мард ва дар асоси онҳо ҳамдигарфаҳмии ҷинсҳо сурат мегирад; г) "Соя"- "Архетипе", ки ғаризаҳои ҳайвонот таркиб ёфтаанд, тарафҳои норӯшани ғайризаминии шахс мебошад; ғ) "Худ"- Архетипи марказӣ, ки дар атрофаш тамоми хусусиятҳои равонии шахсият мутамарказ мегардад ва маркази умумии вай маҳсуб меёбад. Д) архетипҳои бешуурии коллективӣ. Дар фаҳмиши Юнг, ин мафҳум, образҳои даркношудаи саршор аз ҳиссиёт, таассурот, вокунишҳои андӯхтаи башариятро дар навъе хотираи

[10] Фрейд, Зигмунд. Основные психологические теории в психоанализе / пер. М. В. Вульф, А. А. Спектор. — М.: АСТ, 2006. — 400 с.

«коллективӣ» аст, ки онҳо қабати амиқи шахсиятро ташкил медиҳанд. Архетипҳо ифодаи рамзии худро дар устураҳо, образҳо ва сюжетҳои санъат дармеёбанд. е) Инсони шарқӣ- Як дарунгароест (интроверт), ки зеҳнияти худро ба самти дохилӣ, ба сӯи огоҳии ботинии худ ҳидоят мекунад. Ӯ аз дунболи растагорӣ, ниҳоди худро дар худ меҷӯяд ва дар ин ҷода ҳамеша барои беҳбудии маънавиёти худ мекӯшад. Инсони шарқӣ ба табиат ҳаргиз чун ба чизе, ки онро бояд ҳатман тасхир кунад ва ё мутеи худ гардонад ё ҳатто, дар ин ҷода онро ба харобӣ оварад, амал намекунад. Ба ӯ хислатҳои хоксорию таваҷҷуҳ кардан нисбати табиат хос аст. Инсони шарқӣ ба табиат чун ба як чизи худодод нигариста, нисбати он фурӯтанӣ, эҳтирому таҳаммул зоҳир месозад, ба он эътиқод намуда, онро мепарастад; ё) инсони ғарбӣ- берунгаро (экстроверт) аст. Ӯ барои наҷоташ зеҳни худро ба сӯи сиришти худ нею ба муҳити атроф, ба берун равона мекунад. Бинобар ин, инсони ғарбӣ ҳамеша барои тасаллут ёфтан бар муҳити атроф майлу рағбат намуда, ба ин хотир баҳри фатҳу тасхири табиату ҷаҳон кӯшишу ғайрат мекунад. Шуури ӯ ба сӯи ояндаи ғайб аст, ӯ ҳимояи хешро на дар худ, балки дар ҳукмронии худ аз болои табиат ва муҳити атроф меҷӯяд. Инсони ғарбӣ худро офаранда ва муҳофизи холиси табиат меҳисобад.[11]

Ифрот дар назарияи ғаризагароӣ ва ҷавобгӯ набудан ба баъзе аз суолот боиси он мегардад, назарияи ғариза ҷои худро ба назарияи соиқа (кашонанда) бидиҳад.

Истилоҳи соиқ (драйве) бори аввал дар шакли вудворз барои баёни манбаи дугонаи энергетикӣ организмро водор ба рафторҳои муайян мекунад, ба кор гирифта шуд.

[11] Психологические типы / Пер. с нем. С. А. Лорие. — М.: Университетская книга; АСТ, 1998. — 720 с. — (Классики зарубежной психологии).

Донишмандони дигар ин таърифро бо тағйироте барои ишора ба гурӯҳе аз омилҳои бавуҷудорандаи энергияи хос, монанди гуруснагӣ, ташнагӣ ва монанди ин ба кор бурдаанд. Уолтер Брэдфорд Ке́ннон (1871-1945) донишманди Физиология ва пизишки машҳури амрикоӣ сабаби пешрафти умдае дар назарияи соиқа гардид. Вай мафҳуми таодули ҳаётӣ (ҳомеостазис)" ро соли 1932 ба илм ворид намуда, онро муаррифӣ кард. Ба ин маъно, ки ҳар гоҳ шароити дохилӣ аз ҳолати табиӣ берун шавад, организм ба василаи соиқаҳо ва муҳаррикҳои дарунӣ ангехта мешавад, то ин бетаодулиро коҳиш диҳад ва ба ҳоли табиӣ бозгардонад.[12] Мафҳум ва принсипи ҳомеостаз баъдан аз физиология ба равоншиносӣ ва кибирнетикаву дигар соҳаҳои илм мавриди истеъмол қарор гирифт.

Рукни аслии назарияи соиқа ниёзҳои баданӣ ба ҳисоб меравад, аммо ниёз ва соиқ ҳарду як нестанд, балки ниёзҳоро соиқҳо ба вуҷуд меоранд. Соиқ он нерӯ ё барангехтагие аст, ки вуҷуди ниёзро эълом медорад ва онро ба намоиш мегузорад.[13]

Донишмандон бо пазириши назарияи соиқа ва талош дар ҷиҳати басту густариши он баъдҳо дарёфтанд, ки ниёзҳои баданӣ наметавонанд ангезаи ҳамаи рафторҳои инсонӣ бошанд. Зеро гоҳо ниёзи бадание дар инсон вуҷуд дорад, вале шахс даст ба рафторе намезанад. Барои мисол, шахс муддати дарозе ғизо тановул накардааст. Пас ниёзи баданӣ дар ӯ вуҷуд дорад. Вале ӯ ҳамчунон иштиҳо надорад, то хӯрок хурад. Аз ин рӯ ниёзҳои баданӣ наметавонанд муайянкунандаи ҳамаи рафторҳо бошанд. Ин боиси он гардид, то назарияҳое ба вуҷуд оянд ва рафторҳоро бештар бар асоси ақоид ва таваққуоте, ки

[12] Сайид Алии Алавӣ. Тавфиқталабӣ дар тамаддуни Эрони Исломӣ. Теҳрон, 1385. С. 21.

[13] Муҳаммад Порсо. Бунёдҳои равоншиносӣ. Техрон: Нашри сухан, 1378. С. 219.

фардҳо дар бораи руйдодҳои оянда доранд, таъйин намоянд. Бар асоси ин, назарияҳои наве ба вуҷуд омадаанд ва андешамандоне ба баррасии ангеза ва табақабандии онҳо пардохтанд. Дар баробари ниёзҳои физиологӣ ба ниёзҳои равонӣ ва иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳ намуданд.

Дар бораи мафҳуми ниёз баҳсҳои зиёде вуҷуд дорад ва донишмандон дар навиштаҳояшон онро бо мафҳумҳои ангеза (мотив), хост ва тамоюл (дисерт) ҳаммаъно донистаанд. Аксар аз назарияпардозон онҳоро ҳаммаъно ироа кардаанд. Ба ин маъно ки ниёз як мафҳуми умумӣ аст, ки дар риштаҳои мухталифи илмӣ, таърифҳои гуногун дорад.

Ҷомеашиносон ниёзро аз назари робитаи фард бо ҷомеа ва муҳити атрофаш баррасӣ менамоянд. Дар ин тарзи баррасӣ, ниёзҳо дар сатҳи фарду шароиту мавқеияти ӯ матраҳ нестанд, балки ниёзҳои гурӯҳӣ, ҷамъӣ ва иҷтимоӣ мавриди таваҷҷуҳ мешаванд. Ҷанбаи иҷтимоии ниёз бештар ҷиҳати беҳтарсозии робитаҳои иҷтимоӣ ва ташкили ниҳодҳои фарҳанги иҷтимоӣ хидмат намуда, боиси боло рафтани сатҳи омӯзишу парвариш дар ҷомеа мешавад.

Дар фарҳангҳои иқтисодӣ ниёзро муодили хост, тамоюл, эҳтиёҷ, тақозо ва масраф баён кардаанд. Умуман, ниёз омиле барои истифодаи бештар аз коло дар ҷомеа аст. Дар равоншиносӣ мафҳуми ниёзро ба маънои хостан, орзу, ормон, таваққуот, майл ва интизорот шарҳ медиҳанд. Дар ин фаҳмиш ниёз ба манзалаи айб, нуқс фаҳмида шудааст. Ҳамчунин ҳолате, ки дар аксари марҳилаҳои ёдгирӣ вуҷуд дорад. Генри Александр Мюррей равоншиноси амрикоӣ дар таърифи ниёз мегӯяд: “нерӯе ки аз зеҳниёту идроки одамӣ сарчашма мегирад ва андешаю амалро чунон танзим мекунад, ки фард ба анҷоми рафторе мепардозад, то вазъи номатлубро

дар ҷиҳати муайян тағйир диҳад ва ҳолати нориоятиро ба қонеъ кардани ниёз табдил кунад"[14].

Вобаста аз таърифҳои ниёз онро метавон чунин шарҳ дод. "Ниёз иборат аст аз ҳолати маҳрумият ё камбуди ҳар навъе барои давом додани ҳаёти як мавҷуди зинда зарурат дорад".[15]

Дар мавриди шинохт ва чигунагии ниёзҳо низ ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд, ки ин, пеш аз ҳама, ба табиати худи инсон алоқаманд аст. Яке аз хусусиятҳои фитрии инсон тамоюлот ё гароишҳои гуногуни ӯст, ки онҳо аз ниёзҳои мухталифи инсон маншаъ мегиранд. Гурӯҳбандии ниёзҳо аз дидгоҳи инсоншиносии назарияпардозони он маншаъ мегирад. Инсоншиносоне, ки табиати инсонро моддӣ медонанд ва ба ҳамаи буъдҳои инсонӣ таваҷҷуҳ доранд, дар баробари ниёзҳои моддӣ, ниёзҳои маънавиро низ зикр мекунанд. Дар бораи ниёзҳо тақсимбандиҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки ду намунааш оварда мешавад: 1. Ниёзҳои ҷисмонӣ (физиологӣ) ва равонӣ. Ниёзҳои физиологӣ талаботе ҳастанд, монанди ниёзи гуруснагӣ, ташнагӣ, ғаризаи ҷинсӣ, ки бадани инсон барои бақои худ ба онҳо эҳтиёҷ дорад. Ин ниёзҳо аз назари таъсиргузорӣ ва ҷойгоҳ дар дараҷаи болоӣ қарор доранд. То замоне, ки ин ниёзҳо қонеъ нашаванд, ниёзҳои дигар дар фард фурсати зоҳиршавӣ пайдо намекунанд. Бинобар ин, то замоне, ки фард ниёзҳои моддии хешро қонеъ насозад, ба думболи ниёзҳои равонию иҷтимоӣ ба мисли илмҷӯию шуҳратталабӣ намеравад.

Ниёзҳои равонӣ аз зарураҳо ва камбуд дар ҷисми инсон падид намеоянд. Эҳтиёҷоти равонии инсон ба мисли озодӣ, эҳсоси тааллуқ, шоистагӣ, иззати нафс, эҳтиёҷ ба амният,

[14] Мақолаҳо дар бораи мабонии рафторсозӣ, Теҳрон, 1370. С. 58.
[14] Murray, H.A (1938 )Explorations in Personality. New York: Oxford University press
[15] Брондон Нотонил. Равоншиносии иззати нафс. Теҳрон, 1380. С. 41.

эҳтиёҷ ба дарки худу ҷаҳон, эҳтиёҷ ба ниёиш ва эҳтиёҷи худшукуфоӣ решаи ин ниёзҳоянд. Ҳар инсоне ба озодиву истиқлол ниёз дорад, то бо ихтиёри худ тасмимгирӣ намуда, амал кунад. Ҳар фард ниёз дорад, дар зиндагӣ касеро дӯст дошта бошад ва шахсе нисбат ба ӯ эҳсоси тааллуқ кунад. Инсон ниёз дорад шоистагию коршоямиву муфид будани худро барои хонавода, гурӯҳ ва ҷомеа нишон диҳад. Инсон табиатан ҳисси кунҷковӣ дорад ва пурсишҳое аз қабили чарову чуну чанд дар он ниёзеро ба вуҷуд меоранд, то ҷаҳони атрофи худу тавоноиҳояшро шиносад ва истеъдодҳояшро шукуфо созад. Ниёзҳои равонӣ ҷанбаи иктисобӣ надоранд ва ҷузъи фитрату зоти инсон ба ҳисоб мераванд. 2. Ниёзҳои воситаӣ ва ниёзҳои асосӣ: баъзе аз чизҳое, ки ба онҳо ниёз дорем, танҳо ба хотири бароварда кардани эҳтиёҷот ба чизҳои дигар аст, ки онҳоро мехоҳем, тарҷеҳ диҳем ё арзишманд шуморем. Барои мисол, агар ба дӯсте нома нависем, мо ба қаламу қоғаз ниёз пайдо мекунем. Ин гуна ниёзҳоро ниёзи воситаӣ меноманд. Ба иборати дигар, вақте иддао мекунанд, фарде ниёзманди чизе аст, метавон пурсид, ки далели ин ниёз чист? Вақте фард чизеро ба ин далел, ки заминаи таҳқиқи эҳтиёҷи дигаре аст, чунин ниёз ниёзи воситаӣ ном дорад.

Дар баробари ин ниёзҳое мавҷуданд, ки эҳтиёҷи бунёдианд ва байни инсонҳо муштараку дар шароити оддӣ барои хайру саодати ҳар фарде зарурианд. Ин гуна ниёзҳоро “ниёзҳои асосӣ” ё “”ниёзҳои масири зиндагӣ” номида мешаванд. Ин эҳтиёҷот аз он маншаъ мегирад, ки ҳар фарде барои касбе ё ҳифзи он далеле дорад, ки мустақил аз майлҳояш ё арзишҳояш ба онҳо зарурат дорад. Фард бояд барои пешгирӣ аз ҳар гуна осеб, ниёзҳои асосии худро бароварда кунад. Ин ба он маънӣ аст, ки дар асоси қонунҳои табиӣ ва ҳақиқатҳои муҳити зистиву қонунмандии физиологияи инсон, маҳрумият аз як ниёзи асосӣ ба маънои осеб дидан, ё дар маъразы хатари

осеби ғайриқобили чашмпушӣ қарор гирифтан аст. Ниёзҳои асосӣ барои зиндагии оддиву рӯзмарра зарурӣ буда, аз унсурҳое иборатанд, ки дар робита бо қонунҳои табиат, воқеъияти муҳити зистӣ ва ҳақиқатҳои физиологӣ барои зиндагии оқилона ва мустақили як фард заруриanд.

Вобаста аз чигунагӣ, таъсиргузорӣ ва мавқеияти фардӣ ва равониву иҷтимоӣ дар бобати ниёзҳо, дараҷабандии онҳо донишмандон назарияҳои гуногунеро пешниҳод намуаанд, ки аз машҳуртанин назарияҳо дар бораи ниёзҳо метавон ба назарияҳои зерин ишора кард:

Яке аз назарияҳои машҳур дар мавриди ниёзҳо ин **Назарияи табақабандии мартабавии ниёзҳои Авраам Маслоу** (1908 -1970) донишманд ва равоншиноси амрикоӣ, поягузори равоншиносии гуманистӣ маҳсуб аст. Муаллиф дар ин назария кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ба ин пурсиш, ки чаро дар лаҳзаҳои гуногун инсонҳо барои баровarda кардани ниёзҳои гуногун кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ҷавоб ҷӯяд. Ӯчунин меҳисобад, ки ниёзҳои инсонро вобаста аз муҳимияти силсиламаротибӣ ба 5 даста табақабандӣ намуд: а) ниёзҳои физиологӣ; б) ниёзҳои эминӣ; в) ниёзҳои иҷтимоӣ(ишқу тааалууқият); г) ниёз ба эҳтиром; д) ниёз ба худшукуфоӣ.[16] Маслоу ду гурӯҳи якуми эҳтиёҷотро ниёзи аввалӣ ҳисобида се гурӯҳи баъдиро ниёзҳои дуввумӣ арзёбӣ менамояд ва онҳоро дар шакли пирамидаии талаботи инсонӣ таҷассум менамояд, ки қисмати поёнӣ ва ҷойгоҳи зиёди пирамидаро ниёзҳои аввалия ва қисмати болоии ва ҷойгоҳи нисбатан маҳдуди онро ниёзҳои дуввумӣ ташкил медиҳанд. Идеяи меҳварии назарияи Маслоу он аст, ки ниёзҳои инсонӣ аз лиҳози тавлиду рушду тассаллут бар рафтор тартиби силсиламаротибӣ дорад. Яъне

---

[1616] Барои маълумоти бештар ниг ба: Маслоу Абрахам Харольд. Мотивация и личность. Издательства «Питер», 2019. С. 46-79.

ҳар чи ниёз ба мартабаи пойинтар қарор дошта бошад, дар раванд рушд зудтар ошкор мешавад. Нуктаи дигар ин ки ниёзҳои поинтарин қавитарин ангезаҳои инсонӣ ҳастанд. Дар ҳоле ки ниёз ба худшукуфоӣ заифтарини ангезаҳо аст.

**Назарияи дигар дар мавриди ниёзҳо бо номи назарияи "ERG"** маъруф аст. Поягузори ин назария Клейтон Алдерфер донишманд ва равоншинос (1940 -2015)-и амрикоӣ ба ҳисоб меравад. Алдерфер асосан ба консепсияи Маслоу такя менамояд ва онро тақвият медиҳад.

Алдерфер дар муқобили ниёзҳои Маслоу ниёзҳои сегонаи худро матраҳ мекунад, ки аз ин қароранд: 1. Ниёзҳои ҳаётӣ(Existence) 2. Ниёзҳои ҳамбастагӣ (Relatedness) 3. Ниёзҳои рушд (Growth). Аз ҳарфи ҳар яке аз ин маҷмуаи ниёзҳо номи назарияи ERG ҳосил шудааст. Бар асоси назарияи Алдерфер, бар хилофи назарияи Маслоу мумкин аст чанд ниёз ба тавре ҳамзамон сабаби ангезиши рафтор шаванд. Алдерфер дар таҳқиқоти худ кӯшидааст то ҳамбастагие байни қонеъшавии ниёзҳо ва фаъолшавии ангезиши онҳоро дар 7 принсип муайян намояд:

1) Ҳар қадар ниёзҳои вуҷудӣ (E) камтар қонеъ шаванд, онҳо бештар тазоҳур мекунанд;

2) Ҳар қадар ниёзҳои иҷтимоӣ(R) камтар қонеъ гарданд, ҳамон қадар ниёзҳои вуҷудӣ бештар мешаванд(E);

3) Ҳар ҳадар ниёзҳои вуҷудӣ (E) бештар қонеъ шаванд, ҳамон қадар ниёзҳои иҷтимоӣ (R) бештар аз худ дарак медиҳанд;

4) Ҳар қадар ниёзҳои иҷтимоӣ(R) камтар қонеъ гарданд,ҳамон қадар фаъолшавии онҳо тақвият меёбад;

5) Ҳар қадар ниёзҳои рушди шахсӣ(G) камтар қонеъ шаванд, ҳамон қадар ниёзҳои иҷтимоӣ(R) бештар мегарданд;

6) Ҳар қадар ниёзҳои иҷтимоӣ(R) бештар қонеъ гарданд, ҳамон қадар ниёзҳои рушди шахсӣ фаъол мегарданд;

7) Ҳар қадар ниёзҳои рушди шахсӣ(G) камтар қонеъ шаванд, онҳо бештар аз вуҷуди худ дарак медиҳанд. Ҳар қадар ниёзҳои рушди шахсӣ(G) бештар қонеъ шаванд, онҳо қавитар мегарданд[17]

**Назарияи дигар ин "назарияи ниёзҳои ошкоро"** маҳсубаст, ки ин назария марбут ба Генри Александер Мюррей (1893-1988) равоншинос ва равонкови амрикоист, ки мафҳуми персонологияро бори аввал мавриди истифода қарор дода, дар асоси таҳлил ва баррасии осори З.Фрейд, А.Адлер ва К.Юнг таълимоти хешро ба роҳ мондааст. Тафовути бунёдии таълимоти Мюррейро аз мутафаккирони зикршуда шарҳу тафсири ниёзҳои инсонӣ ташкил медиҳад.

Мюррей феҳристи ҷомеъи ниёзҳои инсониро дар 36 номгӯй таҳия намуда, онҳоро ба ду навъ тақсимбандӣ намуд:[18] 1.Ниёзҳои аввалия, ки ҷамбаи физиологӣ доранд; 2.Ниёзҳои дуввумдараҷа, ки ҷанбаи равонӣ дорад. Ниёзҳои аввалия ба мисли ниёз ба ҳаво, ғизо, умури ҷинсӣ, об ва ғайра аҳамияти зиёде доранд. Аммо он чи бештар таваҷҷӯҳи Мюррейро ба худ ҷалб кард, ниёзҳои дурумдараҷа буд. Натиҷаи пажӯҳиш Мюррейро водор намуд то феҳристе аз 20 ниёзро муайян созад, ки иборатанд аз: 1.Хориталабӣ, 2.Пешрафт, 3. Пайвандҷӯӣ, 4. Пархошгарӣ, 5. Худмухторӣ, 6.Муқобала, 7. Хештанёбӣ, 8. Думболаравӣ, 9. Султагарӣ, 10. Намоиш, 11. Осебгурезӣ, 12 Таҳқиргурезӣ, 13. Меҳрварзӣ, 14. Назм, 15. Бозӣ, 16. Тард, 17. Шинохти ҳиссӣ, 18. Майли ҷинсӣ, 19. Меҳрталабӣ,

---

[17] Альдерфер, Клейнтон П. Эмпрический тест новой теории человечиских потребностей; Организационное повидение и деятельност человека. Том 4, Выпуск 2, С. 142-175, май 1969 г.

[18] Murray, H.A (1938 )Explorations in Personality. New York: Oxford University press

20. Фаҳм. Феҳристи ӯ аз ниёзҳои инсон муҳимтарин хадамоти вай ба равоншиносӣ ҳисобида мешавад.[19] ().

**Назарияи ниёзҳои экзестенсиалӣ (вуҷуди)-и Эрих Фром.**[20] Эрих Фром муассиртарин омил дар шахсияти инсонро ниёзҳои равонӣ медонад. Ба бовари Фромм ниёзҳои ҷисмонӣ байни инсон ва ҳайвонот муштарканд. Дар ҳоле, ки ҳайвонот ниёзҳои равонӣ надоранд ва ин ниёзҳо хоси инсонанд. Фром муътақид аст ин ниёзҳоянд, ки моро ба самти кушоӣ ва пайвастан ба ҷаҳону табиат савқ медиҳанд. Ӯ ниёзҳоро ба панҷ даста тақсим намуда, ба унвони ниёзҳои вуҷудии равонӣ ном мебарад. 1.Ниёзи вобастагӣ ва алоқамандӣ- ин ниёз бозгӯкунандаи он аст, ки инсон зарурияти ягонагӣ бо дигар анвоъи зинда дорад. Э.Фромм се ҳолатро барои расидан ба ин гуна ягонагӣ ҷудо менамояд: а) итоъатнамоӣ (ба шахсияти алоҳида, гуруҳ, муассиса ва Худо); б) ҳокимият; в) ишқ. Дар маҷмуъ итоъатнамоӣ ва ҳокимият барои ташаккули солим ва маъмулии шахсиятӣ имкон намедиҳад. Вай чунин меҳисобад, ки танҳо ишқу муҳаббат метавонад стратегияи солими рафторро ба вуҷуд оварада, ниёзи ӯро барои қонеъ намудани ҳамбастагиаш ба ҷаҳону табиат таъмин созад ва дар баробари ин ҳисси ягонагию фардиятиашро қонеъ намояд. 2. Истеъло, инсон ҳамеша эҳсос менамояд, ки аз назари вуҷудӣ хеле худкамбинӣ мекунад. Ин аст, ки ҳамеша ақли ӯ ва тасаввуроташро ин нақши худкамбинӣ қонеъ карда наметавонад. Ин хоҳиш боиси он мегардад, ки аз нақши анҷомдодааш норозӣ буда, худро ҳамчун созандаи зиндагии хеш ва ба сатҳи болотар дар зеҳни

[19] Муҳаммадсодиқи Шуҷоӣ, Назарияи ниёзҳои маънавӣ аз дидгоҳи ислом, Теҳрон.-1386.саҳ. 91

[20] *Фромм Э.* Анатомия человеческой деструктивности / Перевод; Автор вступ. статьи П. С. Гуревич. — М.: Республика, 1994. — С. 203. — 447 с.

иҷтимоӣ муаррифӣ намояд. Яъне ин ба он маъност, ки инсон ҳамеша дорои хоҳиши аълотар будан ва дар ҷойгоҳи болотар қарор гирифтан аст. 3. Ниёз ба реша доштан. Инсон дар ҳақиқат эҳсос мекунад, ки ин ҷаҳон ҳамчун хонаи хусусиш аст ва вай вазифадор аст, дар баробари алоқаҳои ноустовору тағйирпазири табиату ҷаҳон решаҳои наву мустаҳками хешро худро дарёфт намояд. Инсон ба воқеияти табдилу тағйири ҳамешагии ҷаҳон розӣ буда наметавонад 4. Ҳисси ҳуввият. Ин ниёз аз нигаронию тарс дар баробари ҷаҳони мавҷуд маншаъ мегирад. Тағйироти ҳамешагӣ вуҷуда ҳаводиси заминиву кайҳонӣ дар инсон чунин ҳолатеро ба вуҷуд меоварад ки ӯ гирифтори хатари вуҷудӣ мегардад Инсон эҳсос мекунад, ки дар он танҳо афтода аст ва ба хотире ки дар ин гиру дори ҳаводис шахсияташ аз байн наравад, пайи кистиву чистии худ мегардад. Баъдан дар зеҳнаш чунин тасаввуроте шакл мегирад, ки ӯ эҳсос мекунад ва мегӯяд, "Ман ин ман ҳастам". Дар ин ҳолат инсон зарур медонад, худро аз ҳар он чи ки дар атрофаш мавҷуд аст, ҷудо намояд ва бартар ҳисобад. 5. Мавозии ҷиҳатгирӣ.[21] Дар ин ҳолат зарурати эҳсоси фардии он ба миён меояд, ки ӯ худро бо хусусияту аломатҳои муайян аз киҳое ва ё чизҳое ҷудо менамояд. Барои инсон низоми дурнамое зарур аст, то ҷаҳонро якмаром дарку фаҳм намояд. Низоми мазкур на танҳо ба тарзи тафаккури муайян хос аст, балки ба ҳамбастагии наслҳо ва арзишгузории маънии зиндагии аз тарафи пешиниён муқаррар шуда ва ҷойгоҳи инсон дар ин ҷаҳон иртибот дорад. Ниёз дар низоми дурнамои вуҷудӣ дар ду сатҳ қарор мегирад. А) ниёз дар ин ё

[21] *Фромм Э.* Здоровое общество. Догмат о Христе / Пер.с нем. — М.: АСТ; Транзиткнига, 2005. — С. 36—79. — 571 с.

он низоми дурнамоӣ новобаста аз он ки ин низом хусусияти воқеӣ дорад ва ё хусусияти дурӯғин; Б) ниёз ба алоқамандии фарду воқеъияти ҷаҳон ба воситаи ақлу хирад, ки дар он дарки айнии ҷаҳон ба вуҷуд меояд.

Имрӯз аксар аз дидгоҳҳои муосири ахлоқӣ бар онанд, ки чигунагии рафтор ва ахлоқи инсонҳо бо анвоъи ниёзҳои одамӣ ҳамбастагии бевосита доранд. Вақте ахлоқи инсонро аз назарияи ниёзҳо шарҳ медиҳем, бояд ӯро, пеш аз ҳама, ҳамчун мавҷуди биологӣ ва табиӣ матраҳ намоем. Яъне инсон ҷузъе аз ҳастӣ ва табиат аст. Он мавҷудест, ки табиатан дорои ҳадафҳо майлҳо, ғаризаҳо, ниёзҳо ва хостаҳо аст. Аз ин хотир, рафторҳои инсониро аз дидгоҳҳои физиологӣ, антропологӣ ва равоншиносиву сотсиологӣ дар маҷмӯъ метавон шарҳ дод ва омилу ангезаҳои онро муайян намуд. Ин назарияро инсонравоншиносӣ (физиологикал) номидаанд. Ин назария дар баробари ҳавзаи равоншиносӣ дар дигар ҳавзаҳои илмӣ низ аз ҷумла ҷомеашиносон, равоншиносон, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тибқи ин назария, пояи илми ахлоқ аз ҳамин ниёзҳои инсонӣ маншаъ мегирад. Моҳияти назарияи мазкур чунин аст, ки инсон аз маҷмуи ниёзҳое иборат аст, ки ин ниёзҳо ба мавҷудияту зиндагии бақояш алоқамананд ва онҳо сабаби тамоюлот ва омили асосии чигунагии рафтори инсон мегардад. Яъне ҳадафи ниҳоии ҳар гуна фаъолияту рафтор ба ин ниёзҳо алоқаманд аст. он чи ки инсонро ба талошу такопу вомедорад ва барои рафтораш нерӯи нав тавлид мешавад, ҳамин ниёзҳоянд. Ниёзҳо ба сурати ангезаҳое барои навъҳои хоси рафтор оварда мерасонанд ва рафторҳо инъикосе аз ниёзҳои инсон ҳисобида мешавад. Яъне инсон бояд кадом навъи рафторро анҷом диҳад ва чи кореро ба замони дигар гузорад, ба моҳияти навъи ниёзи ӯ бастагӣ дорад. Ниёзҳо ва хостаҳо инсонро маҷбур месозанд, ки ӯ ба "боядофаринӣ" тамоюл пайдо кунад. Яъне ниёзҳои табии андомҳову нерӯҳо бо дарёфти огоҳиву шуур дар мо боядҳое ба вуҷуд меоваранд, то ба кумаки онҳо ниёзҳои худро бартараф созем, дар натиҷа ҳар бояд сабаби тақозои нерӯи фаъоли

табиӣ ва таквини инсон мегардад. Масалан робитае ки миёни ғизо ва серӣ аст, робитаи ҷабрию зарурӣ аст. Яъне ғизо хурдан бар асоси қонуни сабабият эҷод мешавад. Аммо миёни серӣ ва кор анҷом додан робитаи ҷабрӣ вуҷуд надорад. Вале дастгоҳи дарки мо ки аз сохтмони табиии мост миёни ғизою серӣ "бояди" ҷабриро ба вуҷуд меоварад ва аз рӯи он мунозимаи ҳақиқии эътиборӣ дар эҳсоси дарунии мо ба вуҷуд оварда ба ӯ посухи мусоид меҷӯяд. Дар асоси ин назария собит шудааст, ки инсон нерӯи худро барои иҷрои ин бояд сафарбар мекунад. Яъне боядҳое, ки аз сохтмони физиологии инсон маншаъ мегиранд, боядҳо ва ҳукмҳои табиию фитриеанд, ки санади ҷоиз ва воҷиб будани худро бидуни ниёз ба ҳеҷ бурҳон бар души худ ҳамл мекунанд. яъне вақте мушаххас шуд, ҳукми фитрӣ аст дигар наметавон аз хуби ва бадии он пурсише кард. Зеро ҳар ҳукми фитрӣ худ ба худ хуб аст[22].

Инсон табиатан як мавҷуди пуё ва ҷуёву дар ҳоли тақаввул аст. Ниёз калиди дарки ин пуёию таҳаввул ба ҳисоб меравад. Дар тули таърихи мавҷудияти инсон ва ҳатто аз замони тавлид то марги як фард ҳамеша ниёзҳояш дар ҳоли таҳаввулу дигаршавианд. Ҳамеша ниёзҳои нав иқдомҳо ва фаъолиятҳои наву рафторҳои навро барои инсон дар вазъиятҳои муайян ба вуҷуд меоранд. Дарки тағйирёбии мутақобилаи ниёзҳо, вазъиятҳо, шароити зиндагӣ, роҳро барои фаҳми чигунагии таҳаввули табиат ва фардияти инсон ба миён меоварад. Зеро инсон ниёзҳо ва хостаҳое дорад, ки онҳо дар пайи худ "бояд офарин" мешаванд. Ҳар бояд сабаби тавлиди қувваи фаъоли табиии ба сохтмонии маънавӣ (шахсияти инсон) ё бадании инсон мегардад. Вобастагии ҳар гуна кору фаъолият пеш аз ҳама ба хотири зинда мондани инсон ва хушбахтии он аст. Пас барои мавҷуди зинда коре ки битавонад ба василаи он ҳаёти худро ҳифз кунад, бояд ба ҳар кори дигар муқаддам ҳисобида

---

[22] Абдукарими Суруш. Дониш ва арзиш. Теҳрон, 1342. С. 239- 240.

шавад. Зеро агар фаъолиятҳое, ки барои ҳифзи ҳаёт анҷом дода мешаванд, бар дигар навъи фаъолият бартар ҳисобида шаванд, дар ин ҳолат арзиши худи зиндагӣ поин рафта моҳияташро аз даст медиҳад. Пас илми ахлоқ бояд ба ин воқеъияти табиӣ ки берун аз ҳавзаи ахлоқ ба вуҷуд омадааст, таваҷҷӯҳ кунад ки бархоста аз худи ҳаёт аст. Инсон ташаккулётатарин мавҷуди зинда ба ҳисоб меравад. Ҳаёти ӯ тобеи қонунҳои умумитарини олами зинда аст. Ибтидоитарин асли ҳаёт ва хайрхоҳиву навъи дӯстӣ такя бар фардият ва табиати худи инсон дорад. Зеро то инсон худ мавҷуд набошад, наметавонад навъдӯст бошад. Аммо шинохти зот ва табиату фардият фақат аз тариқи тамоюлот ирзо мешавад. Пас ҳифзи ҳаёт машрут ба ирзои тамоюлот аст.[23]

Ниёзҳо аз шароити табиӣ ва иҷтимоии вуҷуди инсон сарчашма мегиранд. Онҳо бар зиндагии инсон печидаанд ва фарогири навъҳои гуногунанд. Инсон ҳар замон метавонад ниёзи дигаре дошта бошад ва дар замони кутоҳе наметавонад онро бароварда созад. Вобаста аз мутолиоти равоншиносӣ метавон ба қоидаҳои ахлоқии ниёзҳо расид. Яъне қоида ва рафторҳои беруномада аз ниёзҳо моро маҷбур ба ин ё он тарзи рафтор месозад. Мо ҳеҷ гоҳ наметавонем қарордодҳоеро ба миён оварем, ки онҳо натавонанд аз назари равоншиносӣ, ниёзҳои моро бароварда созанд. Барои мисол наметавонем қарордод кунем ва муносибатҳои ҷамъиро бар пояи дурӯғ бино созем. Зеро яке аз ниёзҳои асосии инсонҳо ниёз ба эҳсоси амният аст ва ин ниёз бо қарордоди мазбур бароварда намешавад.

Бо назардошти баррасии назариёти фавқуззикр метавон натиҷагирӣ намуд. Инсон бахше аз табиат аст ва ӯро метавон

---

[23] Манучеҳр Сонеи Дарёободӣ. Фалсафаи ахлоқ ва мабонии рафтор. Теҳрон, 1377. С. 334.

танҳо вобаста аз қонунҳои дар олами зинда мавҷуд буда, шинохт ва баррасӣ кард. Инсон мавҷуди табиии мавриди омӯзиш аст. Тамоми пажуҳишҳои ахири равоншиносиву инсоншиносӣ бар он назаранд, ки инсон аз маҷмӯи ниёзҳо иборат аст. Ниёз як ҳисси дарунӣ ҳаст, ки дорои рутбаҳои гуногун аз ниёзҳои ҷисмӣ то ниёзҳои равониву маънавӣ мебошанд. Ниёзҳои асосӣ бо тарҷеҳотё соири олатҳои равоншиносии фард таъин намешавад. Агар фард ниёзи асосие ба чизе дошта бошад, он гоҳ ба манзури касб ва ҳифзи он барои хештан далеле дорад. Бояд қоидаҳое бар рафтор вуҷуд дошта бошанд, ки то тавонанд ниёзҳои моро бароварда созанд. Ба воситаи ташхиси ниёзҳои одамӣ метавон ба қоидаҳои ахлоқӣ расид. Инсон ҳамчун мавҷуди зинда ҳамеша дар ҳоли тағйир ва таҳаввулу такомул аст, ки дар ин раванд ниёз мафҳуми асосии дарки ин тағийрёбист. Дар баробари ин ки ниёзҳо ва роҳҳои қонеъ намудани онҳо шарти асосии бақои инсон мебошанд, инчунин онҳо омили асосии рафтори инсонҳо низ ҳастанд. Аҳамияти рафторҳо ба моҳият ва навъи ниёзи барангезандаи рафтор вобастагӣ дорад. Ниёзҳои табиӣ барои ин ки қонеъ шаванд, боядҳоро (қоидаҳоро) ба вуҷуд меоваранд. Ҳар бояд сабаби тавлиди нерӯи фаъоли табии дар бадани инсон мегардад. Ин боядҳо ҳукмҳои табиӣ ва фитрианд. Аз ин рӯ онҳо зарурат ба иҷро доранд. Тамоюл ба хайри хос бар вуҷуди тамоюли бунёдитар ба ғизо, шаҳват ва омезиши ҷинсӣ аст ва агар ҳеҷ як аз ин хостаҳои аввалия дар мо набошад, хайре нахоҳад буд, то ба он алоқаманд бошем. Беҳбудӣ ва беҳрӯзии мо аз бароварда кардани ин ниёзҳост. Бароварда кардани ниёз ҳадафи ниҳоии ҳар гуна фаъолият ва таккондиҳандаи бунёдӣ дар ҳар фард аст. Вобаста ба пажуҳишҳои охири улуми равоншиносӣ пояи аслии илми ахлоқ ҳамин ниёзҳоянд. Илми ахлоқ бояд ба ин воқеъяти табиие, ки берун аз ҳавзаи ахлоқ ба даст омадааст, таваҷҷуҳ кунад ва он ҳам бархоста аз асли ҳаётӣ, яъне ниёзҳои инсонӣ аст.

**Аслиддин САЛИМОВ**
*сиёсатшинос*

# ИДЕЯҲОИ ОЗОДӢ ВА БАРОБАРӢ ДАР ТАЪРИХИ ФАЛСАФАИ ТОҶИК

Проблемаи озодӣ, баробарӣ ва адолат дар ҳамаи давру замон фикри шахсиятҳои машҳури таърихиро ба худ ҷалб намудааст. Мавқеи мо, дар маҷмуъ нисбат ба шинохти озодӣ (либерализм) ва баробарӣ аз муайян кардани идеяи адолат иборат аст.

Адолати иҷтимоӣ шарти куллии ҳаёти инсонӣ ва коллективии одамон ба ҳисоб рафта, он натиҷаи идеяҳои дарбаргирандаи умумиинсонӣ маҳсуб меёбад. Он ҳамчун зинаи идеалии ҷомеа дар афкори инсонҳо бинобар маҳдудиятҳои иҷтимоӣ зуҳур кардааст. Эҳсосот ва тасаввурот дар бораи адолат ва баробарии иҷтимоӣ хулосаҳои ақлонӣ ва илмии инсонҳоро дар бораи муҳити иҷтимоиашон ифода месозад. Ҳаёт барои ҳамаи одамон дар ҳамаи давру замон имкониятҳои баробар дода наметавонад. Аксарияти инсонҳо фикр менамоянд, ки онҳо бештар аз дигарон дида лоиқи зиндагии шоиста мебошанд. Дар натиҷа зарурати баробарии иҷтимоӣ ба миён меояд, ки он маҳсули шуури ҷамъиятӣ мебошад.

Бо ҳамин асос дидан мехоҳем, ки умдатарин принсипҳои баробарӣ ва озодӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик чӣ тавр гузошта шуданд, яъне баробарии сиёсӣ, баробарии иқтисодӣ, баробарии нажодӣ, озодии сухан, озодии виҷдон, озодии фикр, озодии шахсият, ҳуқуқи доштани моликияти шахсӣ ва ғайраҳо. Зеро ингуна озодиҳои баробар ба инсонҳо сарчашмаи ҷомеаи боадолат мебошанд. Ҳамакнун иқрор бояд

шуд, ки моделҳои ташаккули иқтисоди ҷаҳонӣ характери либералӣ доранд ва аз рӯи ҳамин принсипҳо амал мекунанд. Мо дар инҷо набояд фаромӯш кунем, ки аввалин идеяҳои баробарӣ ва озодӣ принсипҳои тахайюлӣ доштанд ва дар шаклҳои идеалӣ зуҳур мекарданд. Аз назари он таълимотҳо мавҷудияти ҷомеаи мукаммал, давлати мукаммал ва инсони мукаммал (хосатан чунин ҷомеаро дар "Хирадномаи Искандарӣ"-и А.Ҷомӣ метавон дид) имконпазир тасвир мешаванд. Аммо таҷрибаи инсоният нишон медиҳад, ки ҷомеаи мукаммал ва давлати мукаммал дар асл вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ҳамин маъно **"инсоният ҳамеша ба пеши худ фақат чунин вазифаҳоеро мегузорад, ки ба ҳалли онҳо қодир бошад, зеро... худи вазифа танҳо дар сурате, ки шароити материалии ҳалли вай вуҷуд дорад ва ё, ҳеҷ набошад, дар ҳолати пайдошавист, ба вуқуъ меояд"**[5.с.8].

Таълимоти зардуштияро дар шинохти озодии ирода метавон ҳамчун индикатори ташаккули рӯҳияи одамони ҳамон давра фаҳмид. Зеро зардуштия ду идеяи бузургеро тарғиб намуд, ки онҳо **идеяи Некӣ ва идеяи Худо буданд.** Нуқтаи либералӣ дар ин таълимот иборат аз он аст, ки Зардушт бори нахуст "Иродаи инсонро Озод" эълон менамояд. Ин идеяҳо на танҳо барои оромии башар хидмат мекарданд, балки болотар аз он як нав мубориза барои адолати иҷтимоӣ буданд. Дар таълимоти маздакия бошад, идеяҳои баробарии иқтисодӣ бори нахуст зуҳур мекунанд. Маздак эътимоди комил дошт, ки **"Офтоб ғизои умумӣ барои ҳама мавҷудоти зинда меофарад, адолати умумӣ барои ҳама пешбинӣ шудааст. Холиқ барои дидан ба ҳама баробар чашм дод, мувофиқи адолати хеш қонунҳои умумӣ ҷори намуда, байни зану мард, безабон, ҳеҷ касу ҳеҷ чиз фарқ нагузоштааст"**[6. с.171]. Офтоб - таълим медиҳад, Маздак - сарватманду камбағал, оқилу беақл, зану

мард, озоду ғуломро фарқ намекунад, инчунин, ҳеҷ махлуқи безабон аз ин зиён намебинад. Дар ин таълимот инсонҳо ҳам дар имкониятҳои сиёсӣ ва ҳам дар шароитҳои иқтисодӣ баробаранд.

Ба ҳамин тариқ, ормонияти маздакияро баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ ва синфӣ ташкил медиҳад. Ҳамеша баробар будан бо дигаронро омӯзед, ба чашми баробар нигоҳ карданро фаромӯш накунед, дар зиндагӣ аз ҳеҷ кас болотар нестед ва дар роҳи баробарӣ худфидоӣ кунед- ин аст нуқтаи олии адолат дар фалсафаи сиёсии маздакия.

Ин идеяҳо чунин проблемаҳои либертаризмро мегузоштаанд:

1. **Одамон баробар офарида шудаанд ва бояд баробар зиндагӣ кунанд;**

2. **Баробарии иқтисодӣ бояд асоси муносибатҳои иҷтимоиро ташкил диҳад.**

Дар таҳаввулоти афкори баробарӣ нақши мутафаккирони маъруф Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино ва Абдураҳмони Ҷомӣ хеле арзишманд аст. Онҳо назари иҷтимоиашонро дар масъалаҳои умдатарини замон тавассути образҳои бадеӣ ва фалсафаи сиёсӣ баён кардаанд. Аммо принсипҳои адолат ба таври фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод гардидаанд. Инсон аз нигоҳи Форобӣ **"дар мавҷудияти худ ба камолоту саодат расидан, ба чизҳои зиёде ниёз дорад. Вале ӯ наметавонад ҳамаи чизҳоро ба танҳои омода бисозад. Аз ин рӯ, вай фақат тавассути иттиҳоди ашхос – мадади ҳамдигар ба камолот ноил мешавад"**[3. с.25].

Тибқи андешаҳои Форобӣ, баробарӣ ва ба ҳамдигар вобастагӣ дар тамоми ҳаёти инсонҳо мушоҳида мегардад. Ҳаёти инсонҳоро наметавон ба пуррагӣ аз ҳам ҷудо кард. Зеро онҳо аз оғози тавлид то марг ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, идоракунандагонро зарур аст, ки

баробарии имкониятҳоро ба ҳамаи мардум дастрас созанд. Форобӣ меҳисобид, ки ҷомеъаҳо ба навъи комилу ноқис ҷудо мешаванд: **«Ҷомеаи бузург ҷомеаест, ки дар он сокинони рӯи замин ҳаёт ба сар мебаранд. Ҷомеаи хурд ҷомеаест, ки дар он як халқи алоҳида маскунанд. Ҷомеаи ноқисро бошад, мардумони деҳкада, хиёбон, ҷамоа, ягон кӯча ва оилаи алоҳида ташкил медиҳанд»**[4. с.52]. Ҷомеаи комил ин ҷомеаи кушод аст, ки дар он баробарии имкониятҳо дар роҳи рушди муносибатҳои иқтисодӣ вуҷуд доранд. Ҷомеаи ноқис ин ҳамон ҷомеаи сарбаста аст, ки дар он ягон хел имкониятҳои баробар на дар муносибатҳои иқтисодӣ ва на дар роҳи озодӣ мавҷуданд. Адолат аз назари Форобӣ **«ин пеш аз ҳама тақсимоти одилонаи тамоми неъматҳои моддӣ миёни сокинони мадина ва инчунин маҳфуз доштани онон аст, ки тақсим шавад. Ин неъматҳои моддӣ офиятмандӣ, дороӣ, эҳтиром ва дигар неъматҳоанд»**[2.с.224]. Форобӣ ҳамчун инсони адолатпарвар рӯй додани ҳодисоти беинсофию сӯистеъмолкунии гурӯҳи муайяни намояндагони ашроф ё худи онҳоро мушоҳида карда, бо эътироз қатъиян бартараф кардани ин амалҳоро талаб менамояд.

Аз ҷумлаи адолатхоҳони нотакрор дар таърихи фалсафаи тоҷикон Абӯали Ибни Сино мебошад. Мутафаккир дар асари машҳури худ «Тадбири манзил» ба масъалаи зарууртарини ҳаёти инсонӣ даст задааст. Сино тарҳи ҷомеаеро нишон медиҳад, ки аз се табақа таркиб ёфтааст: ҳокимон, заҳматкашон ва ҷанговарон.

Сино мегӯяд: «баробарӣ ва тасовии аҳвол ва наздикии андозаҳои афроди башар мунҷар ба фасодашон гашта, билохира сабаби фанову измиҳол ва инқирозашон мегардад. Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамаги аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд,

подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд»[1.с.13]. Имконияти баробарӣ дар маънои табиӣ фаҳмида мешавад. Худованд нахуст имкониятҳоро дар истифодаи хиради фарзанди одам вогузоштааст. Аммо раванди нобаробарии иқтисодӣ табиӣ боқи мемонад. Сино менависад: «**Ҳамчунон, ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад**»[1.с.13]. Ин идеяро таҷрибаи инсоният собит сохтааст, ки баробарии иқтисодӣ сабабгори маҳдудияти озодии индивидуалӣ мегардад. Мавҷудияти моликияти хусусӣ адолатро таъмин менамояд.

Дар тасвири ҷомеаи баробарӣ ва гузоштани проблемаҳои асосии иҷтимоӣ асари фалсафии "Хираднамаи Искандарӣ"-и Ҷомӣ нақши арзишманд гузоштааст. Он аз ҷиҳати мазмун ва шинохти воқеият моҳият ва ҳиссиёти ормонҳои гузаштаи инсониятро ифода мекунад. Баробарӣ дар имконият ва натиҷа якхел гузошта мешавад. Ҷомӣ фикр мекунад, ки инсонҳо тамоман аз эгоизм наҷот ёфта метавонанд. Рушди маърифат одамонро ба баробарӣ ҳидоят мекунад. Дар ҷомеаи тахайюлии ӯ "на шоҳ ва на гадо" вуҷуд дорад.

Модели баробарии иҷтимоӣ дар тасаввуроти Ҷомӣ аз рӯҳия ва принсипҳои нобаробарии замони худаш зуҳур мекунад. Чунки идеяҳои баробарӣ аз нуқтаи назари методологияи илмҳои иҷтимоӣ аз нобаробариҳо ва бетартибиҳо пайдо шудаанд. Маҳз ҳамин зиддиятҳои азалӣ ва давомдор таърихро ба ҳаракат оварда, шуури муқаррариро инкор мекунанд ва сабаби пайдоиши назарияҳои мухталиф дар ҷомеа мегарданд. Аммо дар методолгияи баҳогузории мутафаккирони тоҷик меҳвари асосии идеяи баробариро ахлоқ ташкил медиҳад. Ахлоқ барои онҳо ба масъалаҳои

умдатарини вуҷудуии инсонҳо дахолат мекунад ва маҳз он дар ҳамаи замон ҳамчун идея кӯҳнанашаванда мемонад.

Барои Ҷомӣ ҷомеаи идеалӣ на маҳсули муносибатҳои иқтисодӣ ва на маҳсули таҳаввулоти сиёсӣ, балки инсонҳо маҳсули маърифат ва ахлоқ мебошанд. Аммо Ҷомӣ дар таҳлили ҷомеаи идеалии худаш дар дохили маҳдудиятҳои идеологӣ ва рӯҳияи замонааш мемонад. Ҳамин маҳдудиятҳои фикрӣ ва илман исбот накардани андешаҳо вобаста ба идеяҳои замон ва хоси хислатҳои миллӣ мебошад.

Барои Ғаззолӣ, Ҳамадонӣ, Кошифӣ, Кайковус ва дигар мутафаккирон баробарии иҷтимоӣ ва озодӣ маҳсули идеяҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ маънидод мешаванд.

Умдатарин проблемаҳои озодӣ ва баробарӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик инҳоянд:

**1. Иродаи инсон озод аст, нокомиҳои мо аз тақдир не, балки натиҷаи интихоб аст.**

**2. Шоҳ бояд монои офтоб барои ҳамаи одамон баробар хизмат кунад.**

**3. Инсонҳо дар назди Худо баробар мебошанд, бинобарон бояд барои ҳамдигар низ баробар эътироф шаванд.**

**4. Сарватмандон бояд ба камбизоатон ва бепарасторон некӣ кунанд.**

Дар ҷаҳони муосир инсонҳои зиёд дар натиҷаи мубориза барои манфиатҳои шахсӣ ба ҳадде расида, охиран худро ба “инсони эгоист” мубаддал месозанд. Ин хуб аст, ки инсонҳо барои манфиатҳои шахсӣ, миллӣ ва байналмилалӣ мубориза баранд. Лекин набояд муборизаҳои индивидуалӣ хосияти эгоистӣ дошта бошанд. Ҳадафи ниҳоии рӯй овардан ба таърихи фалсафа на танҳо пос доштани хотираҳои муқаддас аст, балки болотар аз он эҳёи принсипҳои ахлоқ, гуманизм,

интернатсионализм, худсозӣ, хештаншиносӣ ва дар умум адолат мебошад.

Аз нигоҳи мо, масъалаи баробарӣ дар ҷаҳони муосир боз аз он ҷиҳат зарур мешавад, ки **“баробарии миллатҳо” ва “баробарии нажотҳо”** ба миён меояд. Маҳз даъвоҳои ҳисси бартари доштани халқҳо аз ҳамдигар сабаби нобаробариҳо мегардад. Хотиррасон карданием, ки масаълаҳои асосии ҷомеаи идеалиро дар ҷаҳонбинии мутафаккирони гузашта якранг маънидод кардан ғайри имкон мебошад. Боиси таваҷҷӯҳ аст, ки мафҳуми баробарӣ дар таърихи андешаҳои сиёсӣ ба таври умумӣ ба унвони яке аз мафҳумҳои асосии фалсафаи гузашта аҳамияти хос дорад ва андешаҳои мутафаккирони тоҷик аз ин холи буда наметавонад. Онҳо дар таълимоташон масъалаи ҷомеаи мукаммалро аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ намудаанд. Шинохти мафҳуми озодӣ ва баробариро дар таърихи фалсафа ба ду шакл ва мазмун дидан мумкин аст: **а) Баробарии инсонҳо дар имконият аст, на дар натиҷа (либерализми иқтисодӣ); б) баробарии одамон дар имконият ва ҳам дар натиҷа (либертаризм: ҳамин принсип дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ аст).**

Ба ҳамин гуна, фаҳмиши мафҳуми “озодӣ” ва “баробарӣ” дар таърихи фалсафаи тоҷик тавассути идеяҳои адолат, ахлоқ, некӣ, озодии ирода, маърифат, шинохт, шоҳи одил, поквиҷдонӣ, ростӣ, имон, эътиқод, инсонгарой ва ғайра маънидод мешаванд. Зеро бе ҳамин идеяҳо рӯҳияи инсониятро ба адолат даъват намудан ғайриимкон аст. Мисли он, ки Фейербах ҳисси бахтҷӯии дигаронро эҳтиром кунед мегуфт, ҳамин ҳиссиёти хоҳиши хушбахтшавии дигаронро доштан, дар таълимоти аксари мутафаккирони тоҷик вомехӯрад. Бахт ҳамон тавре, ки барои мо чизи муқаддас аст, барои дигарон низ ҳамин тавр аст.

**Адабиёт**

1. Абӯалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб. / Сино А.И. - Душанбе: «Ирфон», 1980. Ҷ.2. 560 с.
2. Ал-Фараби. Афоризмы государственного деятеля. /ал-Фараби. Социально этические трактаты. – Алма-ата, 1973, 224 с.
3. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ. / Х.У.Идиев. - Душанбе., 2013.
4. Комилов Р. Аз таърихи афкори иҷтимоию сиёсии аҳди Сомониён. / Р.Комилов. - Душанбе., 1998.
5. Маркс К. Критика политической экономии, /- М., 1958.
6. Пегулевская Н.В. Маздакитское движение. // Известия АН СССР. Сер.Ист. философии. 1994. № 4. С-171-181

**Баҳманёр СУЛАЙМОНОВ**
*номзади илмҳои фалсафа, дотсенти*
*кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии*
*Донишкадаи давлатии забонҳои*
*Тоҷикистон ба номи С.Улугзода*

## ТАҚВИЯТИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ - ОМИЛИ УСТУВОРӢ ВА РУШДИ ИДЕЯИ МИЛЛӢ

Дар шароити кунунӣ, ки Тоҷикистон истиқлолияти комили фарҳангӣ ба даст овардааст, доир ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ андеша баён кардан салоҳияти пажӯҳишгарон аст. Зеро дар ин шароити пурпечутоби сиёсии ҷаҳони мутамаддин танҳо қишри хирадгарои ҷомеа метавонад дар рушди тафаккури мардуми худ таъсири мусбат расонад. Аз ин рӯ, ҳар шахси худогоҳро зарур аст, ки дарки худшиносӣ намуда, бо камоли эҳтиром таърихи гузаштаи миллати худро донад ва аз он ифтихор намояд. Чунки худшиносӣ барои дарки асолат, рисолат, таърих, урф, анъана ва одатҳои миллӣ нигаронида шуда, бевосита баҳри мукаммал намудани андешаи миллӣ равона шудааст. Бо ин вижагиҳо таърихи як кишварро оинаи маънавии он миллат гуфтан мумкин аст.

Албатта, сабақи таърих инсониятро раҳнамоӣ мекунад, то ба боргоҳи мақсуд бирасад, вале мутаассифона, кам ҳолатҳое воқеъ шудааст, ки инсонҳо ба панди таърих гӯш дода бошанд. Ба қавли файласуфи бузурги олмонӣ Ҳегел «таҷриба ва таърих нишон медиҳад, ки халқҳо ва ҳукуматҳо аз таърих ҳаргиз чизе наомӯхтаанд ва мувофиқи панде, ки аз таърих гирифтаанд, амал накардаанд» [10, 16].

Аз ин ҷост, ки ҳодисаҳои таърихӣ дар марҳилаҳои мухталиф дар шаклу намудҳои дигар такрор мешаванд. Зарурат ва амри воқеӣ муҳаққиқон ва донишмандонро водор

месозад, ки ҳамеша башариятро аз фоҷеаҳои бузурги иҷтимоию сиёсии замон ҳушдор диҳанд.

Ба ин матлаб моҷароҳои пурпечутоби даҳаи охири асри гузашта мисол шуда метавонанд, ки аз як сӯ, пош хурдани иттиҳоди давлати бузурги Шӯравиро пеш овард ва аз сӯи дигар, мустақилияти давлати моро бо мушкилтарин ҳолати низоъовар, ки бунёдаш тафриқаҳои ифротии таҳмилӣ буданд, рӯбарӯ гардонид. Дар ҷараёни ин даргириҳо мураккабтарин вазъи иҷтимоӣ ба рӯи миллати тоҷик соя афканд ва хатари нест шудани миллати тоҷик ва маҳрум шудани он аз тафаккури миллӣ пеши рӯ омад. Вале бо амри тақдир зимоми давлатдорӣ ба дасти шахсияти ватандӯсту давлатсоз ва ваҳдатофар – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афтод, ки марҳила ба марҳила он даҳаи пур аз низоъу моҷаро ба афсона табдил ёфт, хушбахтона, барои ин миллати азияткашида дарси ибрат шуд ва иттиҳод омили суботи ояндаҳо гардид. Агар саҳифаҳои давлатдории навини тоҷиконро воқеъбинона варақгардон намоем, ба равшанӣ шоистагии Пешвои миллат ҳувайдо мегардад, ки ҳанӯз баъди талошҳову ҷоннисориҳои ватанпарастона ваъдаи сулҳу ваҳдати воқеиро дода буданд. Чуноне ки дар ин росто, Саолибии Нишопурӣ дар асари мондагори худ менависад: «Ба ростӣ, ки пойдории мардумон ба замон бозбаста аст ва замон ба фармонравоӣ ва фармонравоӣ пас аз Худованд аз они подшоҳонест, ки Худованд корҳои бандагонро ба онон во гузоштааст ва сарриштаи кишварро бар онон супурдааст. Бар ин поя, ойин ва зиндагӣ ва ҷаҳон бе онон устувор намемонад» [11, 37].

Агар ба таърихи навини тоҷикон ва махсусан, саҳифаҳои фоҷеабори он, ҳолату вазъи ногувори халқу миллат дар остонаи истиқлоли миллӣ, ки ормони чандин насли

равшанфикрони халқи тоҷик буд, назар андозем, ба воқеият доштан ва ҳақиқати бебаҳс будани ин ишораи таърихнигори муътабар боварӣ ҳосил менамоем. Бе шак, бо ташаббус ва роҳнамоиҳои бевоситаи ин марди фарзона истиқлолияти комили сиёсӣ ба даст омада, дар заминаи он Ваҳдати миллӣ, ки бунёди он аз тафаккури миллӣ маншаъ мегирад, дубора дар шакли мустақил эҳё гардид. Бо назрдошти ҳастии тафаккури миллӣ рушду суботи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлату ҷомеа таъмин гардида, суботу амнияти миллӣ истиқрор ёфта, «маҳз далерию шуҷоат, матонату истодагарӣ, худшиносию худогоҳии баҳодурон ва паҳлавонон асоси ғалаба бар душман арзёбӣ шуда, таъминкунандаи бақои давлат ва якпорчагии Ватан ба ҳисоб рафтааст. Натиҷаи набардҳо дар майдони муҳориба маҳз аз ин омилҳо вобастагӣ дорад» [1, 112].

Чун мафҳумҳои зикргардида аз рӯи сохтор мавқеи устувори худро мукаммал доранд, ташаккулу тақвият додани ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва тафаккури миллӣ, ки вижагии миллати тоҷик дар доманаи таърих будаанд, муҳим дониста мешавад.

Ҳувияти миллӣ, ки давраи тӯлонии ташаккулёбиро пушти сар намудааст, вобаста ба вазъи сиёсӣ дар шаклу мазмуни гуногун маънидод шуда, омили асосии устуворӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ маҳсуб мешавад.

Мафҳуми ҳувияти миллӣ бевосита ба ҳастии шахс марбут буда, на танҳо фарогири мансубият ва фазои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ аст, балки ба забон, марз ва дар маҷмуъ ба тамоми арзишҳои миллӣ, давлату миллат мутааллиқ аст. Вобаста ба методҳои илм ҳувият хусусияту нишонаҳои психикии шахсро дар бар гирифта, тасаввуроту ҷаҳонбинии онро нисбат ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ муайян намуда, дар радифи тамоми умумиятҳо – аз лиҳози забонӣ, касбӣ,

мазҳабию нажодӣ, сиёсию фарҳангӣ, инчунин, ташаккули умумияти этникиро бахри ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва маънавие, ки некӯаҳволии мардуми кишварро ба танзим медароранд, зоҳир месозад. Ҳангоми дар амал татбиқ шудани назарияи иттиҳоди ҷомеа зарурати роҳандозии тафаккури дуруст, ки асоси онро методҳои устувори мантиқ ташкил медиҳад, ба миён меояд ва он бевосита бавуҷудоварандаи ҷаҳонбинии алтернативӣ дониста мешавад. Дар ин сурат, саволе пайдо мешавад, ки фоида ва арзиши амалии донишҳои мантиқӣ дар рушди ҳувияти миллӣ дар чист? Албатта, ҳамчун воситаи интеллектуалӣ истифода кардан онҳо дар фаъолияти фикрӣ муфид аст. Инчунин, онҳоро ҳамчун натиҷаи ниҳоии таҳқиқи шаклҳои фикр низ баррасӣ кардан мумкин аст. Бо вуҷуди он, тафаккури тадриҷие, ки барои рушди ҳувияти миллӣ корбаст мегардад на восита ва на натиҷа дониста мешавад. Он аз восита ва натиҷа мазмунан ғанитар буда, тақозо менамояд, ки пурра аз худ карда шавад ва танҳо дар ҳамин сурат амалан фоиданок гардида, арзиши фикрронии шахсро бо инъикоси густурдагиҳо нишон медиҳад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки бархурди тамаддунҳоро ба вуҷуд овардааст, таҳкиму рушди давлати миллӣ ва тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, танҳо тавассути омилҳои зеҳнӣ ба танзим даровардa мешавад. Дар ин росто, нодуруст истифода бурдани тафаккури дуруст ва ҳувияти миллӣ дар вазъи номутаносиби ҷаҳони муосир ва фишорҳои пардапӯшонаи шаклию идеологии давлатҳои абарқудрат тасаввур кардани давлати миллӣ ва эҳсоси ҳастӣ намудани шахси комил, имконнопазир аст. Аз ин рӯ, барои рушду тақвияти ҳувияти миллӣ метавон омилҳоеро ҳамчун асос истифода намуд, ки ҷомеаро аз хатарҳои дарунмарзию бурунмарзӣ, аз қабили хурофотпарастӣ, ситезаю низоъҳои оилавӣ, каҷрафторӣ, моҷароҳҳои қавмиву мазҳабӣ,

ифротгароӣ ва дигар падидаҳои харобиовари замони муосир наҷот бахшида, дар ин замина, барои беҳбуд бахшидани ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии шаҳрвандон мусоидат намояд.

Масъалаи дигаре, ки баъд аз дарки ҳувияти миллӣ тасниф мешавад, татбиқи амалии худшиносӣ мебошад, ки ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи донишмандон ва муҳаққиқон қарор дошта, дар ҳама давру замон вобаста ба сохти сиёсии ҷомеа ва талаботу ниёзҳои мардум арзи ҳастӣ намудааст. Матлаби асосӣ ва муҳим дар ин самт пойдории давлати миллӣ, таърихи ташаккул, ҳастии устуворонаи он, инчунин, шахсиятҳои бомаърифат ва дурандешу миллатдӯст дониста мешавад, чуноне ки Пешвои миллат дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» қайд мекунанд: «Умри миллат ва таърихи давлатдории мо ҳазорсолаҳост. Мардуми мо ҳанӯз аз бомдоди таърих мардуми соҳибватан ва давлатсоз буда, ниёкони арҷманди мо дар саргаҳи давлатдорӣ қарор доштанд ва намунаҳои нахустини ҷомеаҳои мутамарказ ва давлатҳои муқтадири таърихиро ба башарият ато карданд, аммо дар натиҷаи тохтутозҳои пайдарҳами аҷнабиён ва пирӯзии дарозмуддати тирагӣ ба равшанӣ мардуми тоҷик як муддати тӯлонӣ аз идоракунии мустақилонаи давлатдории худ маҳрум монд» [16, 116].

Ин гуфтаҳо шаҳодати онанд, ки тафаккури олии миллати кӯҳанбунёду тамаддунофари мо дар тӯли таърих на танҳо таҳаррукдиҳандаи илм, фарҳанг, маданият ва сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худ, балки маншаи пиндор ва худогоҳии дигар миллату халқиятҳо будааст. Ҳанӯз 26.11.1988 М.С. Горбачёв дар маҷлиси Президиуми Советии Олии СССР ин матлабро тасдиқ намуда, иқтидору рушди миллату давлати моро чунин баҳо медиҳад: «Ниҳоят, масъалаҳои инкишофи забон, маданият ва рамзҳои миллӣ ҳастанд. Мо ба ин масъалаҳо бепарво нестем. Масалан, халқе ҳаст, ки шаш ҳазор

нуфус, забон, маданият ва таърихи худро дорад. Чӣ, мо бояд роҳ диҳем, ки ин халқ ва забони он аз байн равад? Агар халқиятҳо аз байн рафтан гиранд, агар аз ҳама чиз сарфи назар карда шавад, ин хатои бузургтарин ва ҳатто ҷиноят мебуд. Не, давлати федеративиамонро дар заминаи нашъунамои минбаъдаи ҳама миллату маданиятҳо мустаҳкам менамоем. Ин сустӣ не, балки сарвати иттиҳоди мост» [9, 20].

Аз таҷрибаи давлатдории дигар кишварҳо худогоҳона хулоса кардан мумкин аст, ки маданият, фарҳанг ва фалсафаи зиндагии мардуми мо ҳамеша маҳаки ибрати дигарон буда, омилҳои мазкур новобаста аз давру замон ва миллату давлат ба ҳамагон таъсиргузоранд. Моро зарур аст, ин масъулияти муҳими таърихиро ба дӯш гирифта, ҳастии миллату давлат ва ташаккули тафаккури шахсиятҳои онро, ки ба ҳисси миллию ватандӯстии мо марбутанд, кафолати устуворию бақои сутунҳои побарҷои давлати худ донем. Инчунин, набояд фаромӯш созем, ки масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту суботи кишвар ва ободиву пешрафти мамлакат маҳз ба зиммаи мову шумо вогузор шудааст. Ҳарчанд, худшиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда аст, баъди рушди истиқлолияти комили фарҳангӣ марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид.

Дар ин марҳилаи тақдирсоз вобаста ба ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои зиёде, ки дар пеши ҷомеа истодааст, онҳо манбаи ҳокимият эътироф мешаванд, аз ин рӯ, ба худшиносӣ ва худогоҳии онҳо талабот бештар эҳсос мегардад. Худшиносӣ дар ин ҳолат имкон фароҳам меоварад, ки шаҳрванд на танҳо таърихи гузаштаи миллату давлати хешро донад, балки вазифаю уҳдадориҳои худро дар назди ҷомеа ва кишвар дарк кунад ва барои дар сатҳи баланд иҷро намудани онҳо кӯшиш ба харҷ диҳад.

Худшиносӣ ҳамчун мақулаи фалсафӣ аз замонҳои қадим то кунун мавриди баррасии донишмандон қарор гирифта, дар ташаккули марҳилаҳои таърихии худ мазмуни васеъро низ доро гардидааст. Яке аз самтҳои дарбаргирифтаи он тарбия ва ба камол расондани шахси накӯкору хирадгаро дониста мешавад. Ҳанӯз дар замонҳои пеш аз мелод мутафаккири юнонӣ Суқрот ибораи «Худро бишнос»-ро шиори ҷаҳонбинии хеш қарор дод, баъдтар ин мафҳум аз ҷониби К.Маркс дар ҳамин мазмун ва шакли дигар «худшиносӣ аввалин шарти хирадмандӣ аст» ироа гардид, ки дар ҳар ду ҳолат муҳтавояш ба худогоҳӣ ва арҷгузории арзишҳои давлати миллӣ нигаронида шудааст.

Масъалаи муҳими дигаре, ки ба худшиносии миллӣ нигаронида шудааст, ин «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Консепсияи мазкур худшиносиро яке аз ҷузъҳои асосии тарбия муқаррар намуда, дар рушду ташаккули донишҳои сиёсӣ таъсири мусбат расонида, озодӣ ва уҳдадориҳои шахсро эҳтиром карда, мақсад мегузорад, ки манфиатҳои худро бо манфиатҳои давлату ҷомеа чун ормони миллӣ тақвиятбахшанда бошад. Ватани азизамон, ки ҳама онро Тоҷикистон ном мебарем, аз ҳарвақта дида имрӯзҳо ба шахсиятҳои худшиносу ватанпарвар, ки ҳамеша дар фикри манфиатҳои миллию давлатианд, бештар ниёзманд аст. Аз ин хотир, манфиатҳои миллӣ, ки дар пайи худ ормони миллиро ба вуҷуд меоранд, ба ҳар шаҳрванди худогоҳ мансубияти бевосита доранд, зеро иқтидору тавоноии ҳар давлат аз аҳли сокинон ва фаъолони он вобаста мебошад. Агар бо як нигоҳи иҷмолӣ ба давлатҳои пешрафта ботааммул нигарем, мақом ва манзалати онҳоро на танҳо аз рӯи масоҳату сарватҳои табиӣ, балки аз рӯи қудрату тавони зеҳнии шаҳрвандон ва маънавиёти баланди онҳо баҳо додан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, ҳар як шаҳрванди ба ору

номуси ин ватанро мебояд масъулият ва ҳисси миллӣ зоҳир намуда, аз замина ва ангезаҳои ташаккулёбӣ ва нақши он дар ҷаҳони муосир огаҳу бо тадбир бошад, зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ маҳз ҳамин бедории миллӣ ва зиракии сиёсӣ яке аз самтҳои асосии тарбия намудани насли ҷавони мамлакат дар рӯҳияи хештаншиносиву ватандӯстӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, ҳар шаҳрванди соҳибхирадро зарур аст худшиносии миллӣ ва ватанпарастиро шиори доимӣ қарор дода, бахри осоиштагӣ ва устувории кишвари худ саҳми арзанда гузорад.

Баъд аз он ки шахсияти комил ба воситаи худшиносӣ ҷавҳари аслии худро дарк мекунад, ӯро лозим аст, ки мазмуни андешаи худро дар тафаккур татбиқ намояд. Барои амалисозии ин раванд дарки таърихӣ ва таҳаввулпазирии он хело муҳим аст.

Дар охирҳои асри ҳаждаҳ дар Аврупо тазоҳуроти сиёсӣ ва таҳаввулоти фикрӣ барои манфиати халқиятҳо ба вуҷуд омад, ки ҳадафи асосии онҳо таъсиси давлатҳои миллӣ ба ҳисоб мерафт. Дарку корбаст намудани идеяи миллӣ низ дар баробари ҳазорон изҳороти дигар дар ҳамин радиф инқилобҳои зеҳнию ҷисмонӣ ба вуҷуд омад, ки то кунун ҳамчун мақулаи асосии фалсафӣ дар шакли такмилёбӣ мавриди истифоадаи аҳли маънӣ қарор мегирад. Асолат ва рисолати идеяи миллиро мо на танҳо дар равияҳои ҳувиятсоз дида метавонем, балки ҷойгоҳи устувори ватандорӣ ва қадр кардану ҳифозат намудани манофеи миллӣ, ин худ асоси идеяи миллӣ маҳсуб мешавад. Яъне идеяи миллӣ муҳитест, ки дар он ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд ба таври озодона фаъолият намуда, ташаккулёбии худро таъмин менамояд.

Ҳангоме ки оид ба андешаи миллӣ ва идеяи миллӣ тафаккури худро вобаста месозем, муҳимтарин воҷиботи дар пеши мо истода, ин сарфи назар кардани гароиши маҳалливу

лаҳҷаҳои он мебошад, зеро тасдиқи онҳо танҳо инкори муттаҳидии миллат ва аркони он дониста мешавад.

Ғояи асосии миллӣ дар замони имрӯз бевосита ба асолати фарҳангу маънавиёти аҷдодӣ арҷ гузоштан ва садоқатмандона вазифаи дурандешию ободкориро дар тинати худ парваридан аст. Барои мукаммал намудани ормонҳои миллӣ идеяи миллӣ чун моҳияти асл дониста шуда, баҳри рушди ваҳдати фикрӣ тафакккури бунёдкорӣ ва ҳифозати арзишҳои миллӣ ҳамчун асо маслак ба зимма гирифта, ҷаҳонбинӣ ва ояндасозии мо низ ба он вобастагии зич дорад.

Хулоса, ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва идеяи миллиро метавон ҳамчун воситаи таъмини амнияти устувор ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати давлат дар роҳи ҳифзу нигоҳдории мувозинати ҷамъиятӣ ва таъмини ягонагӣ дар замони пур аз идеологияҳои номутаносиб донист. Зеро ягона воситаи суботу амнияти иҷтимоӣ ва рушди тафаккури миллӣ танҳо бо эътирофу таҳким бахшидани ҳамин маслак, ҳамчун амри муҳиму зарурӣ, натиҷаҳои мусбат ба даст оварда метавонад.

Адабиёт

1. Азизов, К.Ҷ. Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / К.Ҷ.Азизов. – Душанбе, 2020. – 155 с.

2. Ашуров, Г. Философия эпохи Саманидов [Текст] / Г. Ашуров. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – 220 с.

3. Багоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Багоутдинов. – Душанбе, 1961. – 334 с.

4. Бартольд, В.В. Мусульманский мир [Текст] / В.В. Бартольд. – Петербург: «Наука и школа», 1922. – 92 с.

5. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. Т.1. – М., 1960. – 556 с.

6. Брагинский, И.С. Из истории персидской и таджикской литератур [Текст] / И.С. Брагинский. – М., 1972. – 524 с.

7. Гафуров, Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история [Текст] / Б.Г. Гафуров. – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 382 с.

8. Зарифӣ, Ҳ., Зоҳидов, Н., Назриев, Д. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Зарифӣ, Н.Зоҳидов, Д.Назриев. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 272 с.

9. Қодир, Р. Дарси худшиносӣ [Матн] / Р.Қодир. – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 279 с.

10. Маҳмуд, Х. Фалсафаи Ҳегел [Матн] / Х.Маҳмуд. – Теҳрон, 1378ҳ. – 58 с.

11. Саолибӣ, Н. Таърихи ғурар ас-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ [Матн] / Н.Саолибӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 444 с.

12. Ҳазратқулов, М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: «Дониш», 2006. – 577 с.

13. Эмомалӣ, Р. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2001. – 37 с.

14. Эмомалӣ, Р. Истиқлол неъмати бебаҳост [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе: «Шарқи озод», 2001. –94 с.

15. Эмомалӣ, Р. Таджики в зеркале истории. От Арийцев до Саманидов [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 676 с.

16. Эмомалӣ, Р. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – 436 с.

**Ҳилолиддин МАҲКАМОВ**
*ходими пешбари илмии Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ*
**Фирдавс ТОШОВ**
*аспиранти Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ*

# ҶАВОНОН ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

***Ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умеди ояндаи нек мекунад.Эмомалӣ Раҳмон***

Зиндаву поянда бод соҳибистиқлолӣ, ки ба халқу миллати мо беҳтарин неъматҳоро аз қабили худшиносиву худогоҳӣ, давлату давлатдорӣ ва бемайлон баландшавии сатҳи зиндагиву некуаҳволиро ҳадя намуд. 13 марти соли 1992 аз ҷониби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид, ки дар миқёси ИДМ яке аз аввалинҳо ба ҳисоб меравад. Саҳми Пешвои миллат дар такомули таълиму тарбияи насли ҷавонон бағоят бузург мебошад. Бо роҳбарии Пешвои муаззами миллат дар кишвари биҳиштосоямон барои тарбияи насли ҷавон як қатор стратегия, барнома ва қонунҳои зарурӣ ба тасвиб расидааст, ки омили муҳим барои тарбияи ҷавонон ба ҳисоб меравад. Аз он ҷумла, барои ташаккули ҳамаҷонибаи ҷавонон «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010», инчунин дар Паёми ироагардидаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018, ки якчанд ҳадафҳоро дарбар мегирифт. Яке аз ин ҳадафҳо пурзӯр намудани санадҳои қонунгузорӣ мебошад, ки

дар байни онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошад ва он барои тарбияи насли ҷавон равона карда шудааст. Имрӯзҳо барои донишандӯзии ҷавонон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Талошу заҳматҳое, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷода кашиидаанд, шоистаи тасанно аст. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 зикр намуданд, ки «Дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бунёд карда мешавад, қисми зиёди онҳо дар деҳоти кишвар пешбинӣ гардидааст». Ҳоло бошад барои таълиму тарбия ва донишандӯзии ҷавонон дар кишвар 42 мактаби олӣ ва тақрибан 3884 мактабҳои миёна амал карда истодааст, квотаи президентӣ ва стипендияҳо низ дар раванди таълим ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳам аз ғамхориҳои ҳамаҷонибаи Пешвои миллат нисбати мо ҷавонон гувоҳӣ медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз санаи 22-юми декабри соли 2016, “соли 2017”-ро соли ҷавонон эълон намудаанд, ки ин барои мо-ҷавонон бисёр соли нек ва хотирмон буд. Дар заминаи ҳамин ғамхориву дастгириҳои пайвастаи давлату ҳукумати Тоҷикистон солҳои охир дар доираи Рӯзи ҷавонони кишвар силсилаи чорабиниву маросимҳои гуногуни фарҳангиву варзишӣ ва маърифатӣ доир мегарданд. Бори дигар итминон ҳосил намудам, ки имрӯз Тоҷикистони азиз дар симои ҷавонони далеру шуҷои худ фарзандонеро дорад, ки баҳри пешрафту саодати он омодаанд ва дар пастиву баландии зиндагӣ аз худ ҷасорат нишон дода метавонанд. Дар воқеъ, имрӯз давлату ҳукумат ҳама чизро барои рушду

пешрафти ҷавонон муҳайё кардааст, ки ин ғамхориҳо ҷавононро руҳбаланд намуда, барои кӯшишу ғайрати онҳо, ҷиҳати хизмат ба Ватан-Модар мусоидат мекунад.

Сарвари давлат барои миллат ва Ватани мо, барои нигоҳдории сулҳу оромии кишвар, таъмини шароити зиндагии арзандаи иҷтимоӣ барои тамоми сокинони ҷумҳурӣ, насли ояндасози ҷомеа ҷидду ҷаҳд, заҳмату талошҳо ва хизмати басо бузурге кардаанд. Саҳифаҳои таърих шоҳид аст, ки дар даврони бесарусомониҳо, рӯзгори нобасомон ва шикастаруҳии мардуми мо тақдир башорати баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳадяи таърих ва пайки наҷот ба миллати тоҷик ато кард ва ҷараёни ин анҷумани саодати халқ ҳодиву раҳкушову раҳнамо ва мубашшири ин наҷотро ҳамчун туҳфаи олитарини тақдиру сарнавишти миллати тоҷик дар симои фарзанди сарсупурдаву меҳанпарасти хеш – Эмомалӣ Раҳмон насиб гардонид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дилу нияти нек зимоми идораи давлатро дар замони бениҳоят ҳассос, ки хавфи пароканда шудани давлат ва аз байн рафтани миллати тоҷик баръало эҳсос мегардид, бар уҳда гирифтанд ва дар як муддати кӯтоҳ шуълаи умедро ба фардои дурахшон дар қалби ҳар як фарди миллат фурӯзон намуданд. Ин буд, ки меҳнаткашон, модарону хоҳарони мушфиқ, пирони рӯзгордидаву ҷавонони нававару ғайратманд, чашми ростбин, гӯши ҳақшунав, ақли бедору ҳиради дурбин, забони ҳақгӯву табъи нуктасанҷ ва ҳазорҳо бозуи қавӣ дар зери сиёсати оқилонаашон гирд омада, дар ободиву пешравии Тоҷикистон муттаҳид гардиданд.

Фаъолияти пурмаҳсули давлативу ҷамъиятии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оинаест, ки дар он мавқеи миллати тоҷикро бо ҳама шаҳомат ва

шуҳраташ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯйи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, бо диди ибрат дурнамои кишварро муайян карда метавонем. Андешаҳои созандаи Пешвои миллат омили пешбаранда ва такмилдиҳандаи давлати миллии тоҷикон буда, аз марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва бо ин муҳаббат, ғамхориву самимияти падарона меҳри қишри созандаи ҷомеаро ба Ватан ва эҳтиромашонро ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ афзун мегардонанд. Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон принсипҳои бунёди сиёсати давлатии ҷавононро бо набзи замон ва руҳи ҷавонон мувофиқ сохта, дар доираи сиёсати созанда ваҳдати миллиро миёни ҷавонон густариш бахшиданд, меҳнати ҳалол ва интизоми қатъиро бунёд гузоштанд, робитаҳои судбахшро бо кишварҳои мутамаддин дар самти ҳамкориҳои ҷавонон боло бурданд ва шаклҳои нави фаъолияти ҷавононро роҳандозӣ намуданд.

Лозим ба тазаккур аст, ки яке аз дастовардҳои асосӣ ва бузурги ҷавонон дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон ва ҳамчун самти афзалиятнок қабул донистани сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Новобаста ба вазъи душвори таърихии сахту сангин ва давраи гузариш, ки бо ташаккули низоми сифатан нави иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд мебошад, Пешвои миллат нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар, ҷои кор гардидани онҳо ва мавқеи хосса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Ҷавонони кишвар низ худро, воқеан, давомдиҳандагони ҳадафҳои олии кишвар пиндошта, мактаби бузурги

ватандӯстии Пешвои миллатро сабақи бузурги зиндагӣ интихоб намуда, масъулияти бузурги таърихӣ ва қарзи пурифтихори фарзандии худро сарбаландона адо менамоянд ва барои рушду нумуи рӯзафзуни кишвар ҳамчун созандагони фардои Ватан ва пайравони асилу содиқи Пешвои миллат тадбирҳои судманд андешида, ҳамчун неруи пешбарандаю таккондиҳандаи ҷомеаи навини Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳадафҳои созандаю бунёдкорона фаъолияти хешро равона месозанд.

Имрӯз ҷавонони мо ҳамчун неруи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Зеро имрӯз Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин неруи бузург рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлатамонро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Пешвои миллат, дар баромадҳои хеш қайд менамоянд, ки ҷавононояндасози давлату миллатанд. Воқеан, дуруст аст, зероояндаи давлату миллат дар дасти ҷавонон аст. Ҷавонон муаррификунандаи давлату кишваранд. Ҷавононояндасози имрӯзу фардои ватананд ва мамлакатро бе ҷавонон тасаввур кардан нашояд. Тоҷикистонро кишвари ҷавонон мегӯянд, зеро шумораи бештари аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил мекунанд. Тоҷикистон тавассути ҷавонони созандаю ободкори худ рушд мекунад ва солҳои минбаъда ба як давлати мутараққию пешрафтаи ҷаҳон табдил меёбад. Ҷавонон тавассути донишу қобилият ва зӯру бозуи худ Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, парчамбардори меҳан мешаванд.

Имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллии мамлакат, инчунин, дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон

ҷавонони бонангу номус содиқона хизмат ва кору фаъолият доранд ва дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас мегузоранд. Дар баробари ин, ҷавонон дар дохил ва хориҷи мамлакат дар бахшҳои мухталиф таҳсил карда, соҳиби касбу ихтисосҳое шуда истодаанд, ки барои Тоҷикистон зарур мебошанд.

Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Ҷавобан ба ин ғамхориҳо наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Мо боварии комил дорем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик як давлати аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешрафта мегардад, зеро бунёди роҳҳо, пойгоҳҳои барқӣ, пулҳои боҳашамат ва нақбҳои нақлиётӣ нишонаи рушду ну¬му аст ва он моро ба тамоми қитъаҳои дунё мепайвандад. Мо – ҷавонон бахусус донишҷӯёни зодаи Истиқлолият барои обо¬дии диёри азизи номдорамон Тоҷикистон ва боло рафтани обрӯю нуфузи он дар ҷаҳони имрӯз аз фарзанди фар¬зонаи Тоҷикистон Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ибрат гирифта, барои боло бурдани обрӯю эътибори Ватани азизамон кору пайкор хоҳем кард.

Мо ҷавонони зодаи Истиқлол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат” – ро бо қаноатмандии бузург истиқбол намуда, якдилона ҷонибдорӣ менамоем ва ба Ватани азизамон содиқона хизмати арзанда хоҳем кард. Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо кумаку дастгирии Пешвои миллат, дар пойтахти азизамон шаҳри Душанбе ва дар тамоми деҳаҳо, ҷамоатҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо, водиҳо ва

вилоятҳои Суғд, Бадахшон, Хатлон ва ноҳияҳои то¬беъи марказ ҳазорҳо сохтмонҳои бонуфузе аз ҷумла бунгоҳҳои тиббӣ, мактабҳои миё¬на, корхонаҳои хурд, ҳавзҳои шиноварӣ, толорҳои варзишӣ ва ғайраҳо сохта ба истифода дода шуд. Дар тули 31 соли Истиқлолият соҳаи кишоварзӣ ҳам рушду нумуъ карда, боғу токзорҳои нав бунёд гардидаанд, зиндагии мардуми мамлакат беҳбудӣ ёфт.

Дар фарҷом ҳама мо ҷавононро зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надода бояд сиёсатҳои пешгирифтаи давлату ҳукуматро пайваста пайгирӣ намуда, дар ҷомеаи кунуни саҳмгузор ва пайрави ҳақиқии пешвои миллат бошем.

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

## РИСОЛАТИ РАВШАНФИКРОНИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Воқеан, равшанфикрон яке аз қувваҳои пешбарандаи ҷомеа ба шумор мераванд. Чунки онҳо шахсиятҳое мебошанд, ки ба корҳои фикрӣ машғул ҳастанд[5,с.210]. Равшанфикрон адолатпараст буда, виҷдони бедору интиқодгари ҷомеа маҳсуб мешаванд. Онҳо ҳамвора дар пайи адолат мегарданд ва дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат адолатро талаб мекунанд. Дар ҳар ҷое, ки аз адолат дур мешаванду бар хилофи воқеияти рӯзгор рафтор мекунанд, равшанфикрон забони интиқоду маломатро боз хоҳанд кард. Барои мисол, ҷомеашинос ва файласуфи олмонӣ Юрген Ҳабермас (1929), равшанфикронро аз одамоне иборат медонад, ки онҳо шахсиятҳои бедор, ҳушёр ва огоҳ буда, дар бораи масоили иҷтимоӣ вокуниш нишон медиҳанд[6,с.23]. Онҳо мехоҳанд, ҷомеаи инсонӣ аз бадиҳо, аз зулму бедодгариҳо ва бадкирдорию номардумиҳо пок бошад. Равшанфикрон, ки равшандил ҳастанд, масоилу мушкилоти инсон, ҷомеа ва давлатро равшантару амиқтар мебинанд. Иллатҳою омилҳои мушкилотро ошкор месозанд ва барои ҳалли онҳо талош меварзанд. Равшанфикрон, муътақид бар мақомиволои инсон буда, ҳама гуна беадолатиро дар ҳаққи инсон нораво медонанд. Онҳо мухолифи тобеияту бандагӣ мебошанд, парастиши ҳокимону муқаддаснамоёнро намеписанданд. Ба ақидаи равшанфикрон, ин кор барои инсон на танҳо нораво аст, балки таҳқири инсоният мебошад.

Бояд зикр намуд, ки равшанфикрон озодихоҳ мебошанд. Онҳо озодии инсонҳоро мехоҳанд, озодӣ аз қайду бандҳои бемаънии арбобони калисо, озодӣ аз зулми тавонгарон, озодӣ аз тобеияту бандагӣ, озодӣ аз ҷаҳолату факр, озодӣ аз бедодгариҳо... Хуллас, озодӣ аз ҳар чизе, ки шахсият ва шарофати инсонро поймол мекунад. Зеро озодӣ шарти инсон будан ва зиндагии инсонӣ доштан аст. Ин маъниро яке аз бузургони Фаронса Ж.Ж.Руссо чунин ифода кардааст: "Инсон мавҷуди озод аст. Агар озод набошад, инсон нест"[4,с.8]. Равшан аст, ки озодихоҳӣ вокунише ҳаст дар муқобили асорат ва низоми ғайриодилонаи рӯз. Зеро инсонҳо, ки мавҷуди оқилу адолатхоҳ мебошанд, дар муқобили рафтори оқилонаю одилона эътироз намекунанд. Онҳо замоне толиби озодӣ мешаванд, ки аз озодӣ маҳрум ва гирифтори қайду бандҳои нораво бошанд.

Оё метавон ҳама касро равшанфикр шумурд? Ин саволест, бояд посухи худро дошта бошад. Ҷавоби ин саволро Антонио Грамши (1891-1937), марксист ва файласуфи амалгаро (прагматик)-и итолиёӣ дар китобаш "Ёддоштҳои зиндон" ба тариқи зайл шарҳ медиҳад: "Метавон гуфт, ҳамаи инсонҳо равшанфикр ҳастанд, вале ҳамаи онҳо иҷрокунандаи нақши равшанфикрӣ дар ҷомеа нестанд" [2,с.334]. Аз ин сабаб, худро равшанфикр тасаввур намудан, равшанфикр гуфтан маънои равшанфикр будани инсонро нишон намедиҳад, балки равшанфикр касест, ки нақши ин гурӯҳи одамонро дар ҷомеа иҷро мекунад. Ба мисли интиқодгар будан, доир ба масоили иҷтимоӣ вокуниш нишон додан, дар баробари зулму истибдод истодагарӣ намудан ва ғайра. Метавон гуфт, ки равшанфикрон ташхисгарони набзи ҷомеа буда, ҳамеша бедор ва огоҳ мебошанд. Огоҳии онҳо аз истифодаи қувваи дониш сарчашма мегирад. Ҳассос, бохабар ва серташвиш будан низ яке аз хусусияти онҳо ба ҳисоб меравад. Яке аз хусусиятҳои

асосии онҳо қувваи пешбарандаи ҷомеа будан аст. Масъулияти зиёд ва муҳим бар дӯши онҳо вогузошта шудааст. Яке аз нависандаҳои машҳуру маъруфи фаронсавӣ Анатол Франс (1844-1924) дар бораи равшанфикрон гуфта буд, ки "равшанфикрон он гурӯҳе аз ҷомеа мебошанд, ки доир ба масъалаҳои ҷомеа вокуниш (аксуламал) нишон медиҳанд"[6,с.27]. Илова бар ин, дар аксарияти мавридҳо ба мушоҳида мерасад, ки яке аз фаъолияти асосии равшанфикрон ин аксуламал нишон додан дар баробари поймолшавии ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон мебошад.

Онҳо офарандагони таърих ва прогрессҳои иҷтимоӣ ҳастанд. Фаъолияти равшанфикрон басо заҳмати зиёдеро дар бар дорад. Равшанфикрон аслан баҳри озодию ободӣ ва амнияти ватанашон саъю талош меварзанд, баҳри кишваре, ки дар он зода шудаанд. Арзишҳои равшанфикрон дар ҷомеа на пул, мол, сарват ва дигар манфиатҳои фардӣ аст, балки арзишҳои асосии онҳо озодӣ, баробарӣ, оромиш, сулҳ, пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра мебошанд. Рисолати онҳо бисёр ҷиддӣ ва муҳим аст. Чуноне ки аз таърих маълум аст, равшанфикрон бо ранҷҳои зиёд рӯ ба рӯ гаштаанд, то ин ки ҷомеаи инсонӣ ва наслҳои оянда озодиро дарёбанд. Нодида гирифтани мушаққату ранҷҳои равшанфикрон дар ободии ҷомеаҳо, нишонаи қадршиносӣ нест. Чандин равшанфикрон дар таърих дар фаъолияти худ, баҳри устувории миллату давлати хеш ҷони худро аз даст додаанд. Бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки равшанфикрон ҳеҷ гоҳ муҳтоҷ ба ягон ҳизб, ҳаракат ва ё ҳомӣ ва сарпараст набудаанд ва нестанд. Онҳо ҳамавақт тарғибгарони озодӣ ва андешаи озод, барои мардум будаанд. Аз рӯйи тарзи фаъолияти онҳо метавон гуфт, ки онҳо одатан яккаву танҳо фаъолият менамоянд. Онҳо ҳамеша пуштибонӣ аз адолат, меҳрубонӣ, баробарӣ ва гуманизм мекунанд. Бедории миллат

ва ҷомеа танҳо аз равшанфикрон вобаста аст. Яке аз роҳҳои мушоҳидаи раванди пешрафт дар ҷомеа ин мавҷудият ва бартарияти мақоми равшанфикрон дар ҷомеа мебошад. Қишре ва ё гурӯҳе аз ҷомеа, ки баҳри озодии инсоният дар баробари зулму истибдод истодагарӣ карда буд ва имрӯз ҳам карда истодааст, ин равшанфикрон мебошанд. Вазифаи тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, аз он иборат аст, ки ин гурӯҳро ҳамеша пуштибонӣ намоянд. Сабаб дар он аст, ки равшанфикрон офарандагони андеша ва тафаккури нав дар ҷомеа мебошанд. Онҳо баҳри озодии Ватан ва миллат заҳмати беандоза мекашанд. Мутаассифона, на ҳама вақт, онҳо дар ҷомеа мақбул ва писанди ҳама афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ мегарданд. Бояд гуфт, ки сабаби асосӣ низ дар ҳамин аст, ки зиддият нисбати ин қишри иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

Дар баъзе мавридҳо фишор нисбати равшанфикрон ба мушоҳида мерасад. Сабаб дар он аст, ки на ҳама хостори ростӣ ва ҳақиқат ҳастанд. Дар ҷомеа як муҳаррирки муҳимме вуҷуд дорад ва он манфиат аст, ки он ба гурӯҳҳои алоҳида тааллуқ дорад. Ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ, манфиати худро дорад. Аммо барои равшанфикрони ҳақиқӣ, танҳо ва танҳо саодат ва хушбахтии миллат муҳим аст. Аз тарафи дигар, равшанфикрон дар талоши офаридани озодӣ баҳри ҷомеа буда, ҳадафашон кумаки миллат барои расидан ба озодист. Набояд фаромӯш кард, ки баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз каҷфаҳмӣ ва нотавонбиниву ҳасудии шадид, дар талоши халал расонидан дар кору фаъолияти равшанфикрон мебошанд. Ба монанди таънаву маломат ва таҳқир кардани онҳо ва ғайра. Чунки силоҳи асосии равшанфикрон ин ростӣ аст. Қалами онҳо ба ҷуз аз озодӣ, ростӣ, адолат, баробарӣ ва накӯҳиши истибдод чизи дигаре нахоҳад навишт. Ҳар гурӯҳе, ки бидуни арзишҳои инсонӣ андешад, зидди ҷомеа рафтор кунад, зидди мардум бошад, равшанфикрон бо онҳо дар мухолифат қарор

мегиранд. Равшанфикрон ҳамеша ва дар мавридҳои зиёд миёнаҳол ва қашшоқ умр ба сар мебаранд. Онҳо зару зевар надоранд, сарватманд нестанд ва чунин ҳадаф ҳам надоранд. Сарвати онҳо ободии кишвар ва озодии миллаташон аст. Чунки сарватмандӣ ва манфиатхоҳӣ ба кори равшанфикрӣ халал эҷод мекунад. Сарват хусусияти тағйирдиҳии инсонро дорад. Аз таърих маълум аст, ки равшанфикрон бо сарват ва сарватмандӣ робитае надоштаанд. Кори онҳо офаридани зиндагии беҳтар баҳри мардум будааст. Онҳо гурӯҳе аз донишмандони ҷомеа будаанд, ки баҳри пешрафт ва ободии он андешаҳои худро пешниҳод мекарданд. Нақши онҳо аз даврони қадим то ба имрӯз барҷаста буд. Нақши асосии онҳо аз он иборат аст, ки ҷомеаро аз хатарҳои дар пешистода, огоҳ намоянд. Равшанфикрон ҳама вақт огоҳ, бохабар ва ояндаи ҷомеаро аз назари илмӣ (илми ояндабинӣ ва футурология) пешбинӣ менамоянд. Шинохти қишри иҷтимоие, ки равшанфикр ном доранд ва нақши муҳимеро дар ҷомеа иҷро мекунанд, барои як миллат бисёр муҳим аст.

Равшафикр кадом замон ба рисолати худ хиёнат менамояд? Ӯ замоне ба рисолати худ хиёнат менамояд, ки мавқеи худро барои манфиатҳои шахсӣ фурӯшад. Равшанфикри ҳақиқӣ набояд дар ҳеҷ сурат хиёнат ба касби худ кунад, ки ин хатои нобахшиданист. Агар равшанфикр яке аз қувваҳои муҳимми рушди ҷомеа бошад ва ин қувваи пешбарандаи иҷтимоӣ ба рисолати худ хиёнат кунад, раванди прогресси ҷомеа халалдор мегардад. Ҳолати муътадили ҷомеа аз байн рафта, роҳи рушду инкишофи он баста мешавад. Шикасти ҷомеа дар сурате ба вуқуъ меояд, ки равшанфикронаш аз ҷомеа дур ва барканор бошанд. Ягона қуввае, ки мисли хун дар рагҳои ҷомеа ҳаракат менамояд, ин равшанфикрон ҳастанд. Агар фаъолияти ин қишр, аз байн равад, охирин лаҳзаҳои рушду инкишофи умри ин ҷомеа фаро хоҳад расид. Дар замони

муосир пешравӣ ва рушду инкишофи ҷомеаро танҳо аз рӯйи фаъолият ва мавҷудияти равшанфикрони он баҳо медиҳанд. Яъне, ҳарчи ин қишри иҷтимоӣ пурқувват ва фаъол бошад, нишонаи пешрафти ҷомеа мебошад.

Ба ибораи дигар, вазифаи ҳамаи қишрҳои ҷомеа аз он иборат аст, ки равшанфикронро муҳофизат ва дастгирӣ намоянд. Агар дастгирӣ ва муҳофизати онҳо сурат нагирад, оқибат ҷомеа аз рушду инкишоф боз хоҳад монд, ки натиҷаи он ғуруби инкишофи ҷомеа хоҳад буд.

Пеш аз он ки доир ба мақоми равшанфикрон суҳбат намоем, бояд дар назар дошта бошем, ки мо мавқеи равшанфикронро дар кадом шакл ё сохти давлатӣ мехоҳем, мавриди омӯзиш қарор диҳем. Аз ин сабаб бояд зикр намоем, ки мавқеи равшанфикрони имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна аст?. Қабл аз ин ки дар мавриди нақши равшанфикрон сухан бигӯем, бояд дар назар дошта бошем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна кишвар аст? Аз ин сабаб, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар модаи 1-и он омадааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Воқеан, 9-уми сентябр санаи муҳимми таърихӣ дониста мешавад. Аз ин ҷост, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 мустақилияти комилро ба даст овард ва бо ин саҳифаи наверо дар ҳаёти миллати тоҷик боз намуд.

Мавриди зикр аст, ки Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки мардум истиқлоли комилро ба даст оварданд. Аз тарафи дигар, бо шарофати соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони солҳои соҳибистиқлолӣ, мардуми Тоҷикистон ба дастовардҳои намоёни сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардиданд. Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳким бахшидан ва густариши

сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат шароити мусоид фароҳам овард. Мавқеи аслии муносибатҳои Тоҷикистонро бо дигар давлатҳои ҷаҳон «сиёсати дарҳои боз» ташкил намуд ва имрӯз бештар аз 170 давлати дунё Тоҷикистонро чун давлати соҳибистиқлол мешиносанд. Имрӯз Тоҷикистон бо 130 мамлакати ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ дорад ва халқу миллатҳои дунё онро ҳамчун давлати мустақил, узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва миллати тоҷикро миллати сулҳофару сулҳпарвар медонанду эътироф менамоянд, ки ин ифтихори ҳар тоҷику тоҷикистонӣ аст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи бахшҳо дастовардҳои назаррасро соҳиб гашт. Яке аз дастовардҳои асосии замони соҳибистиқлолии кишварамон ин барқарор намудани сулҳи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ аст, ки имрӯз мардуми сарбаланди Тоҷикистон дар фазои сулҳу оромӣ зиндагӣ менамоянд. Албатта, сулҳу ваҳдат ва истиқлолияти кишвар барои мардум як фазои озодеро муҳайё намуд, ки мардум ба ояндаи худ ва кишварашон умед пайдо карданд. Аз ин сабаб сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ барои мардуми Тоҷикистон яке аз арзишҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳифзи он вазифаи ҳар як шаҳрванди комилҳуқуқ аст.

Дар замони истиқлол мо тавонистем, бо дарназардошти эҳё намудани суннатҳои давлатдории тоҷикон ва истифода аз таҷрибаи ҷаҳонии муосири давлатдорӣ, низоми миллии идоракунии давлатиро тарҳрезӣ ва амалӣ намоем. Истиқлоли давлатӣ, ки имсол яъне соли 2022, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мардуми кишвар 31-солагии онро ботантана таҷлил намуд, ба мо имкон фароҳам сохт, то замина ва такягоҳи асосии рушди босуботи Тоҷикистон, зиндагии накӯ, ризоят ва ваҳдати миллиро дар ҷомеаи эҷод намоем.

Маҳз дар давраи истиқлол тағйироти куллии иҷтимоиву сиёсӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар ин муддати кутоҳи таърихӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ табақаҳои нави иҷтимоии ҷомеа, тарзи нави зиндагӣ, арзишу дастурҳо, самтҳои нав шакл гирифтанд. Чунин тағйироти куллӣ, бешак, дар худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, инчунин дар сиёсати давлат инъикоси худро ёфтанд.

Бояд зикр намуд, ки "сохтани шоҳроҳҳои байналмилалӣ, силсилапулҳои азими болои рӯдҳо, ки диёрамонро аз бунбаст раҳонида, ба кишварҳои дуру наздик пайвастанд, боиси шукру сарфарозии мардуми кишвар мебошанд. Бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар саросари мамлакат, корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тиббию маишӣ, таҷлили ҷашну бузургдошти нобиғаҳои адабию илмӣ ва сиёсию мазҳабӣ, эҳёи расму суннатҳои воло, ки барои баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ, зинда ва мустаҳкам кардани хотираи таърихӣ, дарки масъулияти ватандорӣ, омӯзишу ҳифзи фарҳанги миллӣ дару дарвозаҳои навро кушодаанд, дастовардҳои беназири айёми Истиқлол маҳсуб мешаванд"[3,с.5]. Ин ҳама аз ҳадафи созанда доштани Ҳукумати Тоҷикистон, ҷоннисориву ҳидоятҳои хайрандешона ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст.

Мавриди зикр аст, ки мо истиқлолро ба роҳи душвор ба даст овардем ва равшанфикрони мо низ бояд фаромӯш накунанд, ки вазифаи асосии онҳо иборат аст, аз нигоҳ доштани сохти дунявӣ, муҳофизати кишвари соҳибистиқлол аз ҳар гуна хатарҳо мебошад. Чунонки маълум аст, имрӯз хатарҳои гуногуне ба вуҷуд омада истодаанд ва ба амнияти кишварҳои гирду атрофи Тоҷикистон низ хатар доранд. Дар шароити душвори ин гуна хатарҳо, танҳо вазифаи

равшанфикрони замони муосир аз он иборат аст, ки дар роҳи нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон устувор бошанд ва ҳар гуна ақидаҳои гуногуне, ки боиси эҷоди халал ба истиқлолияти кишвар доранд, муқобилият намоянд. Карл Манҳейм (1893-1947) файласуф ва ҷомеашиноси маҷористонӣ, бузургтарин вазифаи равшанфикриро озодандешӣ медонад. Ӯ гуфта буд, ки "дифоъ аз руҳи озод, бузургтарин ва бартарин вазифаи равшанфикрон мебошад"[1,с.26].

Дар охир, бояд гуфт, ки шарти аввали равшанфикрони замони истиқлол, доштани андешаи дунявӣ буда, бояд арзишҳои миллии кишварамонро ҳифз намоянд ва дорои тафаккури дунявӣ бошанд. Аз ин гузашта, онҳо бояд барои рушду инкишофи худшиносии миллии мардум мусоидат намоянд. Ҳифзи таърих, фарҳанг ва дастовардҳои миллии давлати демократӣ мояи саодат ва хушбахтии ояндаи мардуми тоҷик хоҳад гардид.

**Адабиёт**

1. Абдулкарим Суруш. Роздонӣ, равшанфикрӣ ва диндорӣ. Интишороти Тулуъи Озодӣ. Чопи панҷум, Теҳрон, 1379 -2000. 402 с.

2. Антониё Грамши. Тюремные тетради.Том 1. Москва, 1991. 560 с.

3. Истиқлолият - рамзи саодат ва асолати миллат. Боҷу хироҷ. №36 (1237), 10 сентябри соли 2020.

4. Рӯзномаи "Озодагон" №07 (267), 20 феврали соли 2013.

5. Философский энциклопедический словарь. Москва: «Советская энциклопедия», 1983. 840 с.

6. Ҷамолиддин Сино Далерӣ. Нақш ва мақоми равшанфикр дар ҷомеа. Душанбе, 1383-2005. 387 с.

## СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ ВА РУШДИ ИҶТИМОӢ

**Меҳр СОБИРИЁН**
*иқтисодшинос*

# СИЁСАТГУЗОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР КИШВАРҲОИ МУВАФФАҚИ ОСИЁИ ШАРҚӢ

*"Муваффақият ҳазор падар дорад, бохт ятим аст"*

Омӯзиши таҷрибаи иқтисодии кишварҳои муваффақ, ҷиҳати ба даст овардани як модели рушде, ки барои Тоҷикистон мувофиқ аст, дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии Тоҷикистон аз аҳамияти зиёд бархурдор мебошад. Кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ дар даврони ворид шудан ба пайраҳаи рушди худ аз таҷрибаи давлатҳои Ғарб истифода карда буданд ва ба дастовардоҳи назаррасе ноил шуда, исбот карданд, ки Шарқ низ метавонад дар баробари Ғарб давлатҳои қудратманд дошта бошад. Дар мақолаи мазкур сиёсатгузориҳои иқтисодии ин кишварҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Низоми иқтисодии бозаргонии муосир дар кишварҳои ғарбӣ шакл гирифта, батадриҷ дар тамоми ҷаҳон паҳн гаштааст. Баъди "Инқилоби санъатӣ" дар Британияи Кабир (асри 18-ум) дигар кишварҳои ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ аз он пайравӣ карда, саноати худро рушд доданд. Болоравии истеҳсолот дар натиҷаи саноатикунонӣ тиҷорати байналмилалиро низ зиёд кард. Ин раванд, аз як тараф, самаранокии меҳнатро боло бурда, боиси поин рафтани нархи молу маҳсулот шуда бошад, аз тарафи дигар, шакл гирифтани иқтисоди санъатӣ дар кишварҳои дигарро мушкил месохт.

Агар як кишвари дигар мехост аз таҷрибаи Британияи Кабир истифода кунад, бо рақобати қавии кишварҳои аллакай саноатишуда рӯ ба рӯ мешуд. Ҳар се кишвари муваффақи Осиёи Шарқӣ (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Чин) дар оғози ворид шудани худ ба пайроҳаи рушд бо ин мушкил рӯ ба рӯ шуда буданд. Онҳо маҷбур буданд, сиёсатгузориҳои худро тарзе ба роҳ монанд, ки кишварашон тавонад, дар шароити мавҷудияти рақобатҳои шадид дар бозори ҷаҳонӣ дар баробари кишварҳои пешрафта рақобатпазир бошад, то ба феҳристи кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон шомил гарданд.

Баррасии масъалаи омилҳои рушду ақибмондагии миллатҳо нишон дод, ки қисме аз коршиносон (1) ниҳодҳои ба роҳ мондаи як миллатро зиминаи ҳама рушд ё ақибмондагии он медонанд. Аммо қисми дигари коршиносон (2) ба ин назаранд, ки бо вуҷуди ҳаётан муҳим будани ниҳодҳои дурусту ҳисобӣ, барои ба пайраҳаи рушди устувор ворид кардани як миллат, наметавон онҳоро меҳвари асосии ин раванд донист. Илова бар ин "ниҳодҳо ба худии худ на хуб ҳастанд на бад ва онҳое ҳам, ки барои як миллат дар замони муайян хуб ҳастанд, мумкин аст, дар замони дигаре комилан номуносиб бошанд"[2. саҳ. 214]. Бо иваз кардани ниҳодҳо ва зоҳиран баробар кардани онҳо бо ниҳодҳои кишварҳои пешрафта, наметавон ба пайраҳаи рушди устувор ворид шуд. Чунки ниҳодҳо худ моҳияти ҳеҷ ҷомеаеро тағйир намедиҳанд, магар ин ки шуури ҷамъиятии он тағйир ёбад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки оғози ислоҳоти бунёдӣ бо ҳадафи аз вазъи ақибмондагӣ берун кашидани як миллат аз зеҳниятсозӣ ва ислоҳот дар фарҳангу ҷаҳонбинии он оғоз мегардад, на аз ташкили ниҳодҳои дурусту ҳисобӣ, ки аз миллатҳои муваффақ нусхабардорӣ мешаванд.

Кишварҳои Осиёи Шарқӣ низ барои ворид шудан ба гурӯҳи иқтисодҳои санъатии пешрафта ислоҳоти муайянеро

дар фарҳангу сиёсатгузории худ ворид карда буданд. Онҳо дар шароити инзивоӣ, танҳо дар доираи бозори дохилии худ, ба ин сатҳи баланди рушд нарасидаанд. "Ин як раванди таъҷилие, барои ворид шудан ба ҳошияи низоми мавҷудаи байналмилалӣ, ба воситаи мутобиқ шудан ба арзишҳо, ниҳодҳо ва технолоҷии хориҷӣ буд. Дар суханронии машҳури худ дар соли 1911, Сосекӣ Натсуме (донишманди ҷопонӣ) изҳор дошта буд, ки "рушди кишварҳои ғарбиро омилҳои дохилӣ ба вуҷуд овարданд, вале рушди Ҷопон зери таъсири омилҳои беруна ба даст омада буд". Мафҳуми рушди иқтисодӣ метавонад маъноҳои васеъ ва гуногун дошта бошад, лекин имрӯз он ба синоними мафҳумҳои муаррифии бозор, ғарбгароӣ, саноатикунонӣ, ҷаҳонишавӣ, модернизатсия ва баробар шудан бо кишварҳои Ғарб мубаддал гаштааст. Ин вазъият бисёр аҷиб аст. Аммо ин воқеияти рӯзгори мост, хоҳ хуб бошад, хоҳ бад" [3]. Илова бар ин, барои қувват гирифтани соҳаҳои гуногуни иқтисоди худ ин кишварҳо маҷбур буданд тиҷорати хориҷии худро барои як давраи муайян маҳдуд созанд, вале ин маҳдудиятҳо муваққатӣ буданд. Ин кишварҳо бо рақобатпазир шудани маҳсулоти дохилии худ батадриҷ ин маҳдудиятҳоро бардоштанд ва ба бозори ҷаҳонӣ ворид шуданд. Дар шароите, ки ширкатҳои ғарбӣ бо маҳсулоти аълосифат ва таҷрибаи зиёд дар тиҷорати ҷаҳонӣ дар бозор ҳузур доранд, як ширкати нав аз кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва умуман, аз ҳар кишвари рӯ ба рушд ба дастгирии давлат ниёз хоҳад дошт. Ин дастгирӣ дар аксар ҳолат аз ҷониби кишварҳои муваффақи ин минтақа таъмин карда мешуд. Бо вуҷуди фишорҳои зиёд аз ҷониби кишварҳои манфиатдор, барои бардоштани маҳдудиятҳо дар тиҷорат, ин кишварҳои дар он замон рӯ ба рушд тавонистанд тавозунро нигаҳ дошта, дар оғоз иқтисоди худро аз рақобати шикананда дар бозори ҷаҳонӣ ҳимоя кунанд. Ширкатҳо дар навбати худ дар як

муддати кутоҳ тавонистанд қомати худро рост карда, донишу технологияро барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ аз худ намоянд.

Созмону ташкилотҳои байналмилалие, ки ба кишварҳои рӯ ба рушд барои ба даст овардани рушди босуръати иқтисодӣ, кумак мекунанд, маъмулан як бастае аз талаботҳои муайянро пеши раҳбарони онҳо мегузоранд. Онҳо таҳияи лоиҳаҳои стратегияи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ,ислоҳот дар ҳокимияти давлатӣ, кам кардани хароҷотҳои буҷет, шаффофият ва иштироки ҳамагонӣ дар қабули қарору қонунҳоро аз кишварҳо талаб менамоянд. Ин тарзи бархурд бо масъалаи рушди иқтисод дар аксари кишварҳои ҷаҳон номуфаффақ буд. Ҳарчанд ҳастанд кишварҳое, ки бо чунин роҳкор аз вартаи фақру бенавоӣ мардуми худро берун кашиданд, вале аксари кишварҳои рӯ ба рушд бо таҳия ва амалӣ сохтани чунин стратегияҳо натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварда натавонистанд. Муаллифони китоби "Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд?" низ ин масъаларо баррасӣ карда, хулоса мекунанд, ки кӯшиши ислоҳот дар кишварҳои фақир аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, ки бо назардошти ноогоҳии раҳбарон ба роҳ монда мешавад, бенатиҷа аст. Яъне решаҳои фақру бенавоӣ дар кишварҳои ақибмонда, танҳо дар надонистани роҳҳи ҳалли мушкилӣ нест. Ин аст, ки аксари лоиҳаҳои ин созмонҳо дар баробари мубориза бо ақибмондагии иқтисодӣ ва фақру бенавоӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд бенатиҷа будаанд.

Кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ барои дастрасӣ ба рушди иқтисодӣ роҳкори дигаргунаро истифода карданд. Ин кишварҳо дар замоне ба низоми иқтисодии имрӯзаи худ асос гузоштанд, ки хатароти бузурге ба кишвари онҳо таҳдид мекард. Ҷопон дар нимаи дуюми асри XVIII-ум ба хатари табдил шудан ба мустамликаи дигарон дучор шуда буд. Ин

воқеият онҳоро маҷбур сохт, ки ба ислоҳоти бунёдӣ даст зананд ва худро аз ҳуҷумҳои мамлакатҳои қудратманди вақт ҳимоя кунанд. Он замон масъалаи шаффофият ва иштироки ҳамагон дар масъалаҳои давлатдорӣ матраҳ набуд. Ҳарчанд дертар дар ин кишвар парлумон таъсис дода шуд ва салоҳиятҳои император маҳдуд шуданд, вале ин дар натиҷаи ислоҳоти муваффақи ҳукумати автократии он буд.

Кореяи Ҷанубӣ сиёсати иқтисодии муваффақи худро дар замони авҷи Ҷанги сард таҳия ва амалӣ сохт. Дар ин раванд низ ба масъалаҳои шаффофият ва иштироки ҳамагонӣ кам таваҷҷуҳ карда мешуд. Масъалаи асосӣ ҳифзи тамомияти арзии кишвар буд ва раҳбарияти он медонист, ки барои ин иқтисоди қавӣ доштан шарт ва зарур аст. Аз ин ҷост, ки онҳо "ба ҳар қимате рушди иқтисодиро дунболагирӣ мекарданд"[4].

Чин низ дар асоси лоиҳаҳои созмонҳои байналмилалӣ рушди истисодии худро таъмин накардааст. Дар натиҷаи гирифтор шудан ба бунбасти иқтисодӣ ва фақру гуруснагии мардум, ин кишвар бидуни ба роҳ мондани ниҳодҳои демократӣ тавонист ислоҳоти муваффақеро баъди соли 1978 ба роҳ монад, ки дар натиҷаи он рушди устуворро ба даст оварда, имрӯз ба иқтисоди дувуми ҷаҳон табдил ёфтааст.

Кишварҳои муваффақи минтақаи Осиёи Шарқӣ пайроҳаи рушди ба худ хосро доштанд, ки иқтисодшиноси ҷопонӣ Кеничӣ Оҳно онро "рушдгароии авторитарӣ" унвон гузоштааст[4]. Ҳукуматҳои ин кишварҳо медонистанд, ки якбора "кушода" шудан ва бе омодагии кофӣ ворид шудан ба иқтисоди ҷаҳонӣ метавонад хатароти зиёдеро дар пай дошта бошад. Ин аст, ки онҳо унсурҳои иқтисоди сармоядоририро аввал дар доираи сиёсати авторитарӣ ворид карда, саноати худро тақвият бахшиданд ва баъд ба бозори ҷаҳонӣ ворид шуданд. Ин ҷо нақши як раҳбари қавӣ хеле муҳим буд. Як

раҳбаре, ки тавонад аҳамияти соҳаҳои алоҳидаро дуруст муайян созад ва сармояи миллиро ба онҳо равона кунад.

Яке аз вижагиҳои сиёсатгузориҳои иқтисодӣ дар кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ ин буд, ки онҳо, дар фарқият аз аксари кишварҳои рӯ ба рушд, ҳадафи аслии худро рушди босуръати иқтисодӣ муайян карда буданд. Даст ёфтан ба донишу технологияҳои навин ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ ҳадафи аввалиндараҷаи онҳо буд. Масалан, барои онҳо "коҳиши камбизоатӣ яке аз натиҷаҳои табиии мудирияти иқтисодии дуруст буд, на ҳадафи аз ҳама муҳиме, ки ҳама талошҳои пешрафт ба самти он равона шуда бошанд. Дар воқеъ, коҳиши камбизоатӣ барои онҳо ҳадафи хеле кучак буд. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба таври мудовим ҳадафҳои баландпарвозеро ба монанди беҳбудсозии чашмгири технологӣ, рақобатпазирӣ ва стандартҳои баланди зиндагиро дунбол мекарданд, то ки ба сафи кишварҳои пешрафта дохил шаванд ва як мақоми қобили эҳтиромро дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба даст оваранд"[4]. Ҳадафи аслӣ қарор додани масоили рушди иқтисодӣ, барои ҳал кардани мушкилоти иҷтимоӣ заминаи мустаҳкаме шуд. Дуруст аст, ки сиёсати рушди босуръат дар пайи худ мушкилоти нобаробарӣ, олудагии муҳити зист, шаҳрнишинӣ, издиҳом, муҳоҷирати дохилии корӣ, ҳубобҳои дороӣ, фасод ва ғайраро дорад, вале барои кишваре, ки ба пешрафтҳои технологӣ даст меёбад ва дар бозори ҷаҳонӣ, ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноатӣ ҷойгоҳ пайдо мекунад, бартараф кардани чунин мушкилот осонтар аст.

Маълум аст, ки дар ҳолати дурудароз давом кардани сиёсате, ки танҳо ба рушди босуръати иқтисодӣ нигаронида шудааст, танишҳоро дар ҷомеа зиёд мекунад ва боиси бесуботии сиёсӣ мегардад. Бо назардошти ин масъала кишварҳои Осиёи Шарқӣ тавонистанд сари вақт ба

мушкилоти иҷтимоӣ расидагӣ кунанд ва ба як суботи сиёсӣ даст ёбанд. Пас аз он ки онҳо ба як сатҳи муайяни рушд расиданд, бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд ва озодиҳои бештар ба мардум доданд. Ин ҷо сиёсати Чин каме фарқ мекунад, вале дар ростои озодии бештар додан дар фаъолияти иқтисодӣ Чин низ бо Ҷопону Кореяи Ҷанубӣ мондандӣ дошт. Илова бар ин, ин кишвар ба масоили иҷтимоие ба монанди ҷилавгирӣ аз ифлосии муҳити зист танҳо баъди расидан ба сатҳи рушди иқтисодии муайян таваҷҷуҳ кард. Имрӯз ҳам Чин, махсусан шаҳрҳои саноатии он аз ин мушкил ранҷ мекашанд, вале иқтидори иқтисодии ин кишвар имкон медиҳад, ки дарояндаи наздик ин мушкил, ҳадди ақал, кам карда шавад.

Ҳамгироиҳои иқтисодии минтақавӣ дар рушди иқтисоди кишварҳои Осиёи Шарқӣ нақши барҷаста доранд. Ба қавли Кеничӣ Оҳно "ҳеҷ як минтақаи рӯ ба рушди дигаре ба монанди Осиёи Шарқӣ вобастагии мутақобилаи созмонёфта ва пӯёеро ташкил карда натавонистааст. Дар ҳоли таваҷҷуҳ кардан ба такрори таҷрибаи Осиёи Шарқӣ дар дигар минтақаҳо, ин воқеият бояд ба назар гирифта шавад(4)". Ворид шудан ба созмонҳои тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ имконоти ширкатҳои миллиро зиёд мекард. Маълум аст, ки бо ворид шудан ба чунин созмонҳо ширкатҳои миллӣ ба рақобати шадидтар рӯ ба рӯ мегарданд ва баъзе аз онҳо шикаст мехӯранд. Вале онҳое, ки тоб меоранд ва дар бозори минтақавӣ устувор мешаванд, қавӣ шуда, дар бозори ҷаҳонӣ низ метавонанд ҷойгоҳи муносиб пайдо намоянд.

Ин ҳамгироиҳои тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ боиси ба вуҷуд омадани тақсимоти меҳнати дуруст гашта, сармояву технологияҳоро дастраси ҳамаи кишварҳои аъзои онҳо мегардонанд. Махсусан, сармояи мустақими хориҷӣ мавриди таваҷҷуҳи ҳамаи кишварҳои минтақа қарор дошт. Чунин

сармоя бо худ технологияҳоро меорад ва технологияҳои нав иқтисодро рақобатпазир месозанд. На танҳо кишварҳои дорои сармоя аз минтақаи Осиёи Шарқӣ сармояву технологияҳои худро ба кишварҳои кучактари он интиқол медоданд, балки кишварҳои дигар низ аз Амрикову Иттиҳоди Аврупо бо сармоягузориҳои мустақими худ вориди ин минтақа мешуданд. Сиёсатгузориҳои ба рушди иқтисодӣ равонашудаи ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Шарқӣ фазои мусоидро барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва рушду равнақи ширкатҳои дохилӣ ба вуҷуд оварданд, ки дар натиҷа дар Осиёи Шарқӣ як шабакаи истеҳсолии минтақавӣ пайдо шуд. "Барои кишварҳои Осиёи Шарқӣ рушд кардан баробар буд ва ҳаст бо ворид шудан ба ин шабакаи истеҳсолии минтақавӣ ва табдил ёфтан ба як ҳалқаи муҳими пайвандгар дар он"[4].

Дар ҷаҳони муосир барои роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ бо маҳсулоти саноатии худ, мутамарказсозии манбаъҳои миллӣ дар муддати кутоҳ ва сафарбар кардани онҳо ба соҳаҳое, ки кишвар дар онҳо бартарии нисбӣ дорад, амри зарурӣ мебошад. Агар кишвар дар ҳолати ақибмондагӣ қарор дошта бошад, ин масъала боз ҳам ҷиддитар мегардад. Чунки корҳои хеле бузургеро бояд ҳукумати он иҷро намояд, то ба як ҷаҳиши иқтисодӣ муваффақ шавад. Дар чунин шароит нақши як раҳбари қавӣ ва хирадманд хеле барҷаста аст. Як раҳбаре, ки тасвири дуруст ва пурраи иқтисоди кишварро дар зеҳни худ дошта бошад ва сари вақт тасмимҳои заруриро барои амалӣ кардани лоиҳаҳои иқтисодӣ гирифта тавонад. Дар низомҳои демократие, ки иқтисоди ақибмонда доранд, амалӣ кардани чунин ҳадафҳо мушкилтар аст. Чунки ҳар як масъала бояд дар доираи васеъ баррасӣ шавад ва ҳар гурӯҳе аз сиёсатмадорону давлатдорон ҳадафҳои худро пиёда месозанд ва имкони сари вақт тасмим гирифтанро кам мекунанд.

Мисоли равшани инро дар таҷрибаи аксар кишварҳои Амрикои Ҷанубӣ дида метавонем.

Дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ режимҳои ба қавли Кеничӣ Оҳно "авторитарии рушдгаро" нақши асосиро дар рушди босуръати иқтисодӣ доштанд. Ин кишварҳо дар замони бунёдгузории иқтисоди имрӯзаи худ аз ҷониби кишварҳои ғарбӣ ҳамчун низомҳои ғайридемократӣ эътироф шуда, мавриди танқиду накуҳиши онҳо қарор мегирифтанд. Вале дар дохил ин ҳукуматҳо машруъияти худро бо таъмини рушди босуръати иқтисодӣ ва мусоидат барои беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ ба даст меоварданд. Кеничӣ Оҳно унсурҳои асосии чунин режимҳои авторитариро ба таври зер ироа мекунад:

- *Лидери қудратманд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ босавод;*
- Рушди иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи аслии миллӣ, идеология ва шӯру шавқ;
- Як гурӯҳи нухбаи технократ, ки барои дастгирии раҳбар дар тарроҳӣ ва иҷрои сиёсатҳо саҳми асосӣ мегузоранд;
- Машрӯияти сиёсии бархоста аз рушди муваффақона.

Ин унсурҳоро дар ҳамаи кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ ҳангоми бунёдгузории иқтисоди имрӯзаи онҳо ва ба даст овардани ҷаҳиши иқтисодӣ дидан мумкин аст. Ин падидаро қаблан дар давраи Мейҷии Ҷопон метавон мушоҳида кард, баъдан дар Кореяи Ҷанубӣ, Тайвани Чин ва Ҷумҳурии Мардумии Чин. Дар ҳамаи ин кишварҳо, ки демократӣ ба ҳисоб намерафтанд, як раҳбари қавие ҳукмронӣ мекард, ки "як ғариза барои интихоби сиёсатҳои дуруст ва таъйини афроди муносиб"-ро[4] дошт. Танҳо Ҳонконги Чин зери идораи Британия Кабир бо дигар роҳ рушди иқтисодии худро таъмин карда буд.

Коршиносон ба ин назаранд, ки барои берун шудан аз вартаи фақру ақибмондагӣ мавҷудияти як чунин режими

рушдгаро лозим аст, вале ин метавонад танҳо барои муддати кутоҳ самарабахш бошад. Дар марҳилаҳои баъдӣ, яъне баъди расидан ба рушди иқтисодии муайян ва болоравии сатҳи зиндагонии аҳолӣ, тадриҷан бояд аз унсурҳои демократӣ кор гирифт. Чунин низоми авторитарии рушдгаро "барои кӯтоҳмуддат аст, ки арзишмандияш танҳо барои муддати чанд даҳсола аст. Ин инструменти расидан ба рушди иқтисодии босуръат дар лаҳзаи тақдирсози таърихӣ барои як кишвари муайян мебошад. Вақте сатҳи рушди лозима ба даст меояд, онро бояд парт кард, айнан монанди он ки қисми поёнии киштии кайҳонӣ баъди расидан ба баландии муайян аз он парт мегардад. Агар он ҷудо карда нашавад, ба як мушкили ҷиддӣ барои идомаи парвоз табдил меёбад"[4]. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ низ, ба истиснои Чин, ин гузаришро таҷриба карданд ва имрӯз бисёре аз унсурҳои декмократӣ дар онҳо ҷорӣ аст. Агар таҷрибаи истисноии Чинро сарфи назар кунем, таҷрибаи дигар кишварҳои ин минтақа нишон медиҳад, ки гузариш аз низоми авторитарӣ ба низоми демократӣ дар як марҳилаи муайяни рушди иқтисодӣ ногузир мебошад. Дар акси ҳол танишҳои иҷтимоӣ боло рафта, бесуботии сиёсӣ ба миён меояд, ки дастовардҳои чандинсоларо нобуд месозад. Кеничӣ Оҳно аҳамияти раҳбар дар чунин реҳимҳои рушдгароро хеле зиёд дониста, таъкид мекунад, ки "ин намуд режим механизми дохилие барои гузариши оромонаи қудратро надорад. Аз ин рӯ, суботи сиёсӣ дар давраи гузариш бештар ба хирад ва худдории раҳбар вобаста аст"[4].

Коршиносон дар мавриди нақши сиёсатгузориҳо дар рушди иқтисодӣ назарҳои мухталиф доранд. Як гурӯҳ ба бозори озод таваҷҷуҳ карда, мегӯянд, ки давлат набояд ба равандҳои иқтисодӣ мудохила кунад. Танҳо таъмин кардани шароит барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ фароҳам овараду бас. Ба монанди сохтани роҳу пулҳо, таъмини энергия,

ҳифзи субот, ҳифзи бечунучарои моликияти шахсӣ ва ғайра. Бозори озод дар навбати худ тибқи қонуну қоидаи иқтисоди бозорӣ равандҳоро идора хоҳад кард. Ба монанди сафарбар кардани сармоя ба соҳаҳои аҳамиятнок, танзими нарху наво, истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ, тақсимоти дорой ва ғайра. Ин гурӯҳи коршиносон нақши сиёсатгузориҳоро дар рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ камаҳамият дониста, иддао мекунанд, ки таъсири нақши мудохилаи сиёсат ба иқтисод дар ин кишварҳо дуруст омӯхта нашудааст ва мо наметавонем муайян кунем, ки "ин кишварҳо чӣ суръати рушд доштанд, агар мудохилаи давлат ба бозор вуҷуд надошт" [6].

Гурӯҳи дигари коршиносон, ки ба мудохилаи интихобӣ дар бозор эътимод доранд, барои ворид шудан ба пайроҳаи рушд танҳо таъмин кардани шароити мусоид барои бозори озодро басанда намешуморанд. Махсусан, дар кишварҳои нисбатан ақибмонда, ки бо рақобати шадиди иқтисодҳои пешрафтаву қавӣ мувоҷеҳ ҳастанд, берун шудан аз вартаи фақру ақибмондагӣ дар доираи иқтисоди озодро хеле мушкил меҳисобанд. Онҳо ба ин назаранд, ки "давлат бояд шароити бунёдии бозориро таъмин кунад, аммо илова бар он бояд дар бозор ба таври созанда мудохила карда, онро танзим намояд" [6]. Дар кишварҳои рӯ ба рушд бозор хусусиятҳои худро дорад ва на ҳамеша пойбанди қонуну қоидаҳои илмии бозори озод аст. Бинобар ин, мудохилаи давлат дар шакли (1) сари вақт мутамарказ кардан ва равона кардани сармоя ба соҳаҳое, ки он кишвар бартарии нисбӣ дорад, (2) ҳифзи ширкатҳои навтаъсису ояндадор аз рақобати шадиди ширкатҳои байналмилалӣ тариқи ҷорӣ кардани бoҷҳои гумрукӣ, (3) пешгирӣ кардани монополиясозӣ дар бозор ва таъмини шароит барои рақобати солим, барои як кишвари рӯ ба рушд зарур мебошанд.

Кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар замони ворид шудани худ ба пайроҳаи рушд аз усули мудохилаи интихобӣ дар бозор кор гирифтаанд. Бо вуҷуди рад шудани аҳамияти ин мудохилаҳо дар рушди иқтисоди ин давлатҳо аз сӯи ҷонибдорони бозори озод, воқеият ин аст, ки ҳар се кишвари муваффақи ин минтақа барои ба даст овардани як ҷаҳиши иқтисодӣ аз усули мудохилаи интихобӣ кор гирифтаанд. Албатта, ин мудохилаи онҳо нисбат ба кишварҳои сотсиалистӣ хеле кам буд. Ҳеҷ кас наметавонад зиёновар будани мудохилаи зиёд ба бозор аз ҷониби давлат ё худ иқтисоди нақшавиро рад кунад. Ин аст, ки ин мудохилаи давлатҳои номбурдаро интихобӣ меноманд. Яъне давлат интихобан, танҳо дар он соҳае таъсиргузорӣ мекунад, ки хеле зарур аст ва мудохила накардан ё он соҳаро варшикаста мекунад ва ё барои ба даст овардани ҳадафҳо хеле вақти зиёд сарф мешавад, ки ба зиёни иқтисод хоҳад анҷомид. Яъне "ҳукумат бояд ҳамеша мудохилаҳои махсус, хеле печида ва гуногунро интихоб намояд" [6]. Ин як кори мушкил ва илман асоснокшуда мебошад, ки се кишвари муваффақи Осиёи Шарқӣ аз он истифода карданд ва миллати худро аз вартаи фақру ақибмондагӣ берун кашида, ба гурӯҳи кишварҳои пешрафта ворид сохтанд.

Маълум аст, ки мизони сармоягузорӣ ва кушода будани иқтисод суръати рушдро боло мебарад. Дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ низ ин ду нишондиҳанда ҷойгоҳи худро доштанд. Вале наметавон онҳоро сабаби асосии муваффақияти ин кишварҳо донист. Пажуҳиши Сандуқи байналмилалии пул [6] нишон медиҳад, ки мизони сармоягузорӣ дар ин кишварҳо нисбат ба 100 кишвари дигари мавриди омӯзиши онҳо дар солҳои 60-уми асри гузашта зиёд набуд, аммо онҳо тавонистанд ҳамон сармояи маҳдуди худро бо сиёсатгузориҳои иқтисодии дурусту ҳисобӣ ба маротиб босамартар истифода баранд. Дар мавриди кушода будани бозор низ ҳамчунин аст. Аксари

кишварҳои ин минтақа дар солҳои аввали ворид шудан ба пайраҳаи рушд маҳдудиятҳои зиёдеро ҷорӣ карда, истеҳсолкунандаи худро дастгирӣ мекарданд. Танҳо баъди расидан ба як сатҳи муайяни рушди технологиву иқтисодии худ онҳо тадриҷан ин маҳдудиятҳоро бардоштанд. Аммо ин маҳдудиятҳо рақобати озоди ширкатҳои дохилиро маҳдуд намекарданд. Дар дохили ин кишварҳо ширкатҳои зиёде бо ҳам озодона рақобат мекарданд ва ин рақобат боиси босуръат баланд шудани самаранокӣ дар онҳо мешуд. Агар як имтиёз ҷорӣ мешуд он ба ҳамаи корхонаҳои ҳамон соҳа дахл дошт. Таҷрибаи дастгирӣ кардани корхонаҳои алоҳидае, ки оқибат мақоми монополиро ба даст оварда, қоидаҳои бозорро вайрон месохт ва иқтисодро ба бунбаст гирифтор мекард, дар ин кишварҳо мушоҳида намешавад. Раҳбарияти ин кишварҳо аҳамияти рақобати озод дар шароити иқтисоди бозаргониро дуруст дарк мекарданд. Ин огоҳӣ дар сиёсатгузориҳои онҳо таъсир мерасонд ва тасмимгириҳои онҳо ба манфиати иқтисоди миллиашон буданд.

Хулоса, кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ барои берун шудан аз вартаи фақру ақибмондагӣ арзишҳо, ниҳодҳо ва технологияҳои ғарбиро дар давраҳои тақдирсоз аз худ карда, аз онҳо истифодаи дуруст карданд. Сиёсатгузориҳои иқтисодии раҳбарияти қавии ин кишварҳо, ки бо хатарҳои даруниву берунӣ рӯ ба рӯ буданд, иқтисоди онҳоро ба пайроҳаи рушд даровард. Имрӯз ҳама кишварҳои дигари рӯ ба рушд ин сиёсатгузориҳоро арзишманд эътироф карда, меомӯзанд ва то дараҷае истифода мекунанд. Аммо ин нусхабардорӣ дар ҳолате натиҷа хоҳад дод, ки ба таври интихобӣ сурат гирад ва унсурҳои интихобшуда дар замони муайян барои кишвари нусхабардор мувофиқ бошанд. Ин интихоби соддаву осон набуда, хеле мураккаб аст ва бояд тасмимгириҳо дар асоси омӯзишҳои ҷиддии равандҳои дохиливу хориҷӣ ба роҳ монда шаванд. Бо вуҷуди мушкилу

заҳматталаб будан, таҷрибаи ин кишварҳоро дар кишварҳои рӯ ба рушд такрор кардан мумкин аст. Иродаи сиёсии раҳбарон дар ростои даст задан ба ислоҳот бунёдӣ ва софдилона иҷро кардани масъулиятҳои худ аз ҷониби қонунгузорон ва иҷрогарони сиёсати иқтисодии онҳо сарогӯзи тағйиротҳои мусбат дар ҳар кишвари рӯ ба рушд хоҳад буд. Ин масъала, ки чаро давлатмардони кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ чунин вижагиҳоро доштанд, вале давлатмардони кишварҳои зиёди баробари онҳо ба истиқлолрасида надоштанду ноком шуданд, дар ҷустори баъдӣ баррасӣ хоҳад шуд. Муваффақияти кишварҳои муайяни Осиёи Шарқӣ моро водор месозад, ки омилҳои таъсиррасон ба сиёсатгузориҳои иқтисодии онҳоро муайян карда, бо истифода аз таҷрибаи онҳо ислоҳоти бунёдӣ ба роҳ монем, то тавонем кишвари худро ба гурӯҳи давлатҳои пешрафта ворид созем.

Адабиёт

1. Daron Acemoglu and James A. Robinson, “Why Nations Fail: The Origins of Power, Prosperity, and Poverty”, Crown Publishers, USA, 2012, 544 pages.

2. Гюстав Лебон, “Психология народов и масс(с комментариями и объяснениями Александра Маркова)”, «Издательство АСТ», Москва-2020, 288 саҳифа.

3. Kenichi Ohno, “Latecomer Countries and the Global Market Economy”, Sekai (magazine), January 1999, pp.78-88.

4. Kenichi Ohno, “The economic development of Japan. The path traveled by Japan as a developing country”, Tokyo, February 2006.

Маводи электронӣ

5. Michael Sarel, “Growth in East Asia What We Can and What We Cannot Infer”, 1997 International Monetary Fund, https://www.imf.org/external/pubs/ft/issues1/.

6. Kenichi Ohno, “The East Asian Growth Regime and Political Development”, https://www.grips.ac.jp/forum/DCDA/Chapter02.pdf .

**Нигора ФАЙЗУЛЛАЕВА**
*ходими хурди илмии*
*Институти омӯзиши*
*масъалаҳои давлатҳои Осиё ва*
*Аврупои АМИТ*

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ БО ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гаштани давлатҳои узви иттиҳод, аз он ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ-молиявиро бо давлатҳои дуру наздик ба роҳ монданд. Кореяи Ҷанубӣ дар баробари давлатҳои Осиёи Шарқӣ истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро 30 декабри соли 1991 эътироф намуд ва муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар 29 январи соли 1992 барқарор шуд. Дар тули 30 соли муносибатҳои дуҷониба дар маҷмуъ 17 мулоқоти расмӣ миёни сарони кишварҳо баргузор гардида, беш аз 197 санаду созишномаҳои дуҷонибаи гуногунҷабҳа ба имзо расонида шуд. Инчунин 11 ҷаласаи Комитети байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва 14 давраи машваратӣ байни Вазоратҳои корҳои хориҷӣ баргузор гашта, соли 2006-ум бошад Эъломияи муштарак оид ба шарики стратегӣ миёни Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расид [5].

Қобили зикр аст, ки муносибатҳои густарда ва бисёрсамта миёни ду кишвар ба роҳ монда шудааст. Моҳи декабри соли 1993 Кореяи Ҷанубӣ дар Ӯзбекистон сафоратхонаи худро кушод. Дар моҳи майи соли 1992 пас аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо мақсади фаъол намудани

ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ ва гуманитарӣ дар Тошкент маркази таълимӣ ифтитоҳ шуд. Аввалин маротиба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов моҳи июни соли 1992 ба ҳайси роҳбари давлат ба Кореяи Ҷанубӣ сафари расмӣ намуд, ки он замон ҳанӯз сафоратхонаи Корея кушода нашуда буд ва эътимодномаи Сафири Кореяи Ҷанубӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул карда шуд. Ҳамчунин дар доираи сафари мазкур Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов дар Корея бо раиси ширкати "Daewoo" Ким У Ҷунг вохӯрӣ намуд, ки "Озмоиши мушак" асоси ҳамкории иқтисодии Корея ва Ӯзбекистонро ташкил дод. Ҷонибҳо ба чунин мувофиқа расиданд, ки нахустин корхонаи мошинсозӣ дар Осиёи Марказӣ маҳз дар Ӯзбекистон таъсис дода шавад ва ин корхона моҳи июли соли 1996, бо иқтидори истеҳсоли 200 ҳазор адад мошин дар як сол, ифтитоҳ гардид [6].

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов чунин қайд мекунад, ки "Доим мустаҳкам намудани иқтисодиёти Ӯзбекистон, рушди устувор ва боэътимоди он, коркарди технологияҳои нав, ба кор даровардани даҳҳо ва садҳо муассисаҳои замонавӣ – ҳамаи ин дар madди аввал дар натиҷаи ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба кишвари мо ва кӯмаку дастгириҳои шарикони мост". Дар охирҳои соли 2010 Ҷумҳурии Корея ба иқтисоди Ӯзбекистон 118,5 млн доллари ИМА сармоягузорӣ намуд, ки миқдори умумии сармоягузории Кореяи Ҷанубӣ ба иқтисоди Ӯзбекистон беш аз 5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медод. Айни замон дар Ӯзбекистон дар маҷмуъ 360 корхона бо иштироки сармоягузорони Корея фаъолият менамоянд [10]. Асосан, фаъолияти ин корхонаҳо дар соҳаҳои савдо, саноати сабук, саноати металлургия, саноати химиявӣ, мошинсозӣ, коркарди метал ва ғайраҳо равона гардидааст.

Дар моҳи майи соли 2009 дар шаҳри Тошканд нишасти сарони Кореяи Ҷанубӣ ва Ӯзбекистон баргузор гардид, ки дар натиҷа эъломияи муштарак иборат аз 12 бандро қабул намуданд ва самтҳои нави муносибатҳо байни ин мамлакатҳо муайян гардида, 16 протокол ва созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расониданд. Президент Ли Мен Бак ва Ислом Каримов бори дигар азми якдигарро барои таҳкими шарикии стратегии дуҷониба тасдиқ намуда, лоиҳаи ҳамкориҳо дар соҳаи истихроҷи сарватҳои табиӣ имзо намуданд. Дар Изҳороти муштарак аз ҳукуматҳо, блокҳои иқтисодӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҳарду кишвар даъват шуда буд, ки муносибатҳоро дар соҳаҳои дахлдор мустаҳкам намоянд. Сарони кишварҳо оид ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок, сохтмон, технологияҳои иттилоотӣ, истеҳсоли автомобил, саноати бофандагӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, инчунин зиёд намудани сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорон ба имзо расиданд. Аз 16 созишномае, ки дар шаҳри Тошканд ба имзо расониданд, ки 7-тояшон ба рушди энергетика ва захираҳои табиӣ, аз он 3-тоаш ба соҳаҳои истеҳсолию молиявӣ ва 6-то ба нақлиёт ва логистика равона гардидааст.

Дар соҳаҳои канданиҳои фоиданок ва сохтмони корхонаҳои саноатӣ нақшаҳои муфассал тартиб дода, меморандум оид ба ҷустуҷӯи захираҳои нафт дар вилояти Намангон аз ҷониби ширкати миллии нафтии Корея ва ширкати "Узбекнафтгаз" имзо гардидаанд. Тавассути ин лоиҳаҳо ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ нахустин бор дар Осиёи Марказӣ лоиҳаҳои энергетикиро амалӣ месозанд. Ҷумҳурии Корея ба захираҳои энергетикӣ дастрасӣ пайдо мекунад ва Ӯзбекистон бошад технологияҳои замонавӣ ва дастгирӣ дар рушди иқтисодиётро ба даст меорад. Ҳамин тариқ, музокироте, ки дар Тошканд

баргузор гардид, барои ҳар ду ҷониб манфиатовар буд [7 с.72].

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Корея захираҳои табиӣ, махсусан канданиҳои фоиданок ва нафту газ надорад, аз ин лиҳоз таваҷҷуҳи худро бештар ба нафту газ ва захираҳои табиӣ равона намудааст. Дар замони муосир кишварҳои абарқудрат ба нафту газ таваҷҷуҳи зиёд дошта, барои ба даст овардани он ҳамеша рақобат мекунанд. Ҷумҳурии Корея низ ба қатори кишварҳои абарқудрат шомил буда, баҳри ба даст овардани манфиатҳои миллии хеш пайваста талош намуда истодааст. Ҷумҳурии Корея захираҳои энергетикӣ, нафту газро аз кишварҳои Халиҷи Форс воридот менамуд. Бинобар вазъи ноором доштани ин кишварҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намуда, робитаҳои иқтисодию энергетикии худро бо ин минтақа бештар намуда истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок, нефту газ мебошад, ки кишварҳои абарқудрат ба ин минтақа таваҷҷуҳи худро равона намудаанд.

Дар таърихи муносибатҳои дуҷонибаю бисёрсамта миёни ду кишвар солҳои 2009 ва 2010 нақши муҳим мебозанд. Зеро моҳи майи соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Корея Ли Мён Бак ба Ӯзбекистон сафари расмӣ анҷом дод ва моҳи феврали соли 2010 Президенти Ӯзбекистон ба Кореяи Ҷанубӣ сафари расмӣ дошт, ки натиҷаи ин сафарро чунин қайд кардан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарики асосии Ҷумҳурии Корея дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Корея яке аз бузургтарин шарики сармоягузори Ӯзбекистон мебошад. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисоди Ӯзбекистон аллакай ба 2 млрд доллари ИМА расидааст. Асосан, лоиҳаҳо дар соҳаҳои нефту газ, маъданҳои кӯҳӣ, нафту-химия, логистика ва сохтмон амалӣ гашта истодаанд. Солҳои охир самти асososии

ҳамкориҳои миёни ду кишвар табдил додани фурудгоҳи байналхалқии шаҳри Навоӣ ба минтақаи озоди индустриалӣ-иқтисодӣ мебошад. Маркази трансконтиненталии логистикии интермодалӣ дар ҳудуди ИДМ ягона мебошад, ки дар он ҷо молу маҳсулотро сари вақт коркард намуда, ба дигар давлатҳо содирот ва қисман ба ҷумҳурӣ таҳвил дода мешаванд. Маркази трансконтиненталии логистикии интермодалӣ соли 2009 таъсис гардидааст. Тадбирҳои қатъӣ ва фаъол бештар дар Ӯзбекистон қабул карда мешавад. Инчунин дар заминаи фурудгоҳ бунёди маркази байналмилалии логистикии интермодалӣ дар шаҳри Навоӣ корҳо идома дошта, имконият медихад, ки на танҳо ба сифати маркази трансконтиненталии нақлиётию экспедиторӣ истифода бурда мешавад, инчунин боз Осиёи Ҷанубӣ ва  Шарқиро бо Аврупо мепайвандад, ки барои дар ҷумҳурӣ ва вилоятҳои дигар  ташкили корхонахои нави пуриқтидори саноатӣ мусоидат мекунад. Дар назди фурудгоҳ Минтақаи озоди иқтисодии индустриалӣ (МОИИ) низ таъсис дода шуд, ки  дар чорроҳаи нақлиёти устувори бисёрмодалии Аврупо-Осиё мавқеъи муфиди ҷуғрофӣ дорад. Интиқоли молу маҳсулот аз Осиё ба Аврупо тавассути ин марказ мегузарад,ки ба занҷираи муҳими глобалии гардиши мол мубадал гаштааст [9 с.11].

Ҷумҳурии Корея бо Ӯзбекистон муносибатҳои динамикӣ ва самарабахш дорад, ки ин муносибатҳо соҳаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд. Кишварҳо заминаҳои таърихиву сиёсии гуногун доранд, вале тавонистанд роҳи дурусти ҳамкории муштаракро пайдо намоянд ва лоиҳаҳои бузурги минтақавию байналмилалиро амалӣ гардонанд. Ӯзбекистон барои диаспораи [2] кореягиҳо хонаи бузург гардид, ки ҷамъияти онҳо "Корё-ин" ё "Корё-сарам" тақрибан 200 ҳазор узв доранд. Ин кореягиҳо дар даврai Шӯравӣ аз нимҷазираи Корея ба кишварҳои Осиёи Марказӣ

муҳоҷир карда шуда буданд. Дар даҳсолаи минбаъда, ҳамаи кореягиҳо ба маданияти маҳаллӣ бо муваффақият мутобиқ гардида, мавқеъи муҳимро дар ҷамъият пайдо карданд. Аз ин рӯ, Ӯзбекистон дар сиёсати берунаи Корея мақоми махсусро ишғол намудааст [4].

Мавриди зикр аст, ки "Корё сарам" ва ё "Корё-ин" ин қабилаи кореягиҳое мебошанд, ки аз сабаби ҷанг ба кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ муҳоҷир шудаанд. Айни замон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар Ӯзбекистон, назар ба дигар кишварҳо бештар зиндагӣ ва кору фаъолият намуда, ба фарҳангу муҳити зисти ин минтақа мутобиқ гардидаанд. Бо даъвати Ҳукумати Ҷумҳурии Корея аъзои ин диаспора ба Ҷумҳурии Корея ташриф оварданд. Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Корея чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид ва ин кореягиҳо дар ин чорабинӣ фарҳангу анъанаҳои кишвари иқомати худро дар он ҷо ба ҳамагон муаррифӣ намуданд. Яке аз сабабҳои таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Корея ба Ӯзбекистон маҳз диаспораи кореягиҳо мебошад.

Дар санаи 21 ноябри соли 2017 Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Кореяи Ҷанубӣ сафари расмӣ анҷом доданд. Дар натиҷаи ин сафар дар соҳаҳои гуногун 75 созишнома ба имзо расониданд. Маблағи умумии ин қарордод ва созишномаҳо 8,9 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медод. Инчунин зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин сафари расмӣ 14 меморандум ба имзо расониданд, аз ҷумла:

1. Ёддошти тафоҳум оиди ба роҳ мондани истеҳсолоти гурӯҳии автомобилии "Hyundai" дар Ӯзбекистон. Лоиҳаи истеҳсоли мошинҳои сабукраву боркаш, таҷҳизоти таъиноти махсус ва автобусҳои гуногун аз ҳисоби сармоягузорони мустақим ба маблағи 200млн. доллари ИМА амалӣгардид.

2. Созишнома оид ба татбиқи лоиҳаи истеҳсоли модулҳои панелҳои офтобӣ ва сохтмони нерӯгоҳҳои фотоэлектрикии

офтобӣ дар Ӯзбекистон байни ширкати кореягӣ POSCO, Daewoo ва Кумитаи давлатии сармоягузории Ӯзбекистон ба маблағи 634,5 млн. доллари ИМА.

3. Дар доираи Форуми тиҷорати Ӯзбекистону Корея Ҷамъияти Саҳомии "Узстройматериал" 7 созишнома дар ҳаҷми 416,2 млн. доллари ИМА ба имзо расонид. Созишномаҳои мазкур барои амалисозии тадбирҳои коркарди ашёи хоми Ӯзбекистон, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот, васеъ намудани навъҳои маҳсулоти рақобатпазир барои содирот равона гардидааст.

4. 7 созишнома дар ҳаҷми 189,9 млн. доллар ба имзо расониданд. Дар доираи ин созишномаҳо дар Ӯзбекистон корхонаи истеҳсоли автомобилии "Шевроле Трекер" таъсис дода шуд. Истеҳсоли автомобилҳо аз рӯи давраи пурра: штампкунӣ, кафшеркунӣ, рангуборкунӣ ва монтажкунӣ иҷро карда мешавад. Сатҳи маҳаликунонии автомобилҳо зиёда аз 50%-ро ташкил хоҳад кард. Инчунин мошини тамғаи "Кобалт" бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти он дар бозорҳои дохилию хориҷӣ азнавсозӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсолот ва иқтидори содиротии "Алянс Ҷи Эм Ӯзбекистон" зиёд карда шавад. Истеҳсоли тамғаҳо дар заминаи корхонаи мошинсозии Асака ба роҳ монда шавад. Оғози истеҳсоли силсилавии он дар соли 2019 сурат гирифт.

5. Комитети Давлатӣ оид ба экология ва ҳифзи муҳити зист ва ширкати кореягии Sejin G&E дар лоиҳаи коркарди партовҳои зарарноки сахти коммуналӣ, ба даст овардани гази партовгоҳ ва истеҳсоли электрикӣ-гармдиҳӣ якҷоя кор хоҳанд кард. Барои ба амал овардани лоиҳа ширкати Sejin G&E 60 млн. долар сармояи мустақим ҷудо намудааст.

6. Созишнома миёни Вазорати тандурустии Ӯзбекистон ва беморхонаи Чунги Корея (Chung Hospital). Инчунин меморандум оиди пешрафт дар Ӯзбекистон дар самтҳои

телемедисина, мубодилаи таҷрибаи дуҷониба, такмили ихтисоси духтурон аз Ӯзбекистон дар Корея, ки аз ҷониби мутахассисони кореягӣ дарсҳои маҳорат гузаронида мешавад, натиҷагирӣ гардид. (Меморандум миёни Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, Корпоратсияи пешсафони тибби Кореяи Ҷанубӣ, Gachon University Gil Medicai Center in Incheon) ба имзо расид.

7. Кушода шудани филиали Мактаби тиббии Донишгоҳи Инҳа (Inha University)-и Кореяи Ҷанубӣ, ки кадрҳоро барои соҳаи тиб тайёр менамояд, муҳокима намуданд.

8. Кушодани барномаи магистрӣ дар Донишгоҳи Инҳа. Инчунин протокол оиди додани 3 грант ба донишҷӯёни ӯзбек барои таҳсил дар дараҷаи магистратура дар Инҳаи Корея ба имзо расониданд.

9. Созишнома миёни "Агентии рушди саноати дорусозии" назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва як қатор ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ (Dalim Bio Tech, Yuhan Corporation ва Erae) дар ҳаҷми 25 миллион доллари амрикоӣ. Барои зудтар амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ӯзбекистон 7 минтақаи нави озоди иқтисодии дорусозӣ мусоидат мекунад.

10. Муассисаи илмию истеҳсолии "ФОНОН" ва ширкати Кореяи Ҷанубӣ Hwachon Plant-Gemco барои дар Тошкент таъсис додани корхонаи муштараки заргарии Ӯзбекистон созишнома ба имзо расониданд.

11. "Узбекингилсаноат" бо ширкатҳои тиҷоратии Корея Posco Daewoo, Color Paradise, Solsang Intemational Corp, RATEL E&Tco, Ltd, Korea Factory ва Lotte Mart барои содироти маҳсулот дар солҳои 2017-2018 бо маблағи 70 млн доллари ИМА шартнома бастанд. Инчунин Ассотсиатсияи байналмилалии тиҷоратии Корея (KITA) маҳсулоти нассоҷии Ӯзбекистонро тавассути платформаи савдои электронии KOREATrade пешбарӣ хоҳад кард.

12. Созишнома оиди бунёди деҳаи экологӣ дар Тошканд аз ҷониби Jeil Construction. Масоҳати ин шаҳрак 5 гектар буда, арзиши сохтмон 6 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Инчунин созишнома оиди сохтмони бинои бисёрфункционалии комплекси истиқоматӣ дар Тошкент дар ҳаҷми 7 млн. доллари ИМА ба имзо расониданд.

13. Созишномаи нави қарзӣ байни "Эксимбанк" ва "Узпромстройбанк", дар ҳаҷми 30 млн. доллари ИМА. Мақсади ин созишнома расонидани кӯмаки бештар ба субъектҳои соҳибкории Ӯзбекистон мебошад. Ҳамин тариқ маблағҳо ба соҳибкорони ӯзбекистонӣ барои дарозмуддат (ба муддати 7 сол, ки маблағгузории 85%-и арзиши лоиҳа) ва ё қарзҳои кӯтоҳмуддат (ба муддати 2 сол бо маблағгузории 100%-и арзиши лоиҳа) таъмин карда мешавад.

14. Созишнома бо 2 донишгоҳ Санмёнг ва Чунг-Анг инчунин Меморандум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ бо Донишгоҳи Миллии Чоннам имзо намуданд. Мақсади онҳо табодули таҷриба миёни донишҷӯён, омӯзгорон ва роҳбарон, модернизатсияи усулҳои таълим, тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои муассисаҳои таълимоти томактабӣ, гузаронидани тадқиқотҳои муштарак, конференсияҳо, намоишҳо, семинарҳо мебошад [1].

Аз таҳлилҳо чунин бар меояд, ки дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон сармоягузорон ва ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ нақши муҳим мебозад. Лоиҳаҳои ба имзорасида миёни ду кишвар шаҳодат аз он медиҳанд, ки тавассути амалисозии лоиҳаҳои мазкур, ба ҳар ду кишвар муяссар мегардад, то манфиатҳои миллии хешро ба даст оранд. Метавон гуфт, ки лоиҳаҳои афзалиятноки дар боло зикргардида, фаъол буда, аксарияти онҳо амалӣ гардида истодаанд. Ин иқдомҳои пешгирифтаи Кореяи Ҷанубӣ ба

рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон такони бузург медиҳад.

Бо даъвати Президенти Ӯзбекистон 18-21 апрели соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Корея Мун Чэ Ин ба Ӯзбекистон сафари расмӣ анҷом дод. Пас аз мулоқоти судманд сарони давлатҳо як силсила санадҳои ҳамкориҳои дуҷонибаро имзо намуданд. Сарони давлатҳо Шавкат Мирзиёев ва Мун Чэ Ин Эъломияи муштарак дар бораи шарикии махсуси стратегӣ миёни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Корея имзо намуданд. Инчунин миёни ҳукуматҳо ва вазоратҳо ҳуҷҷатҳои алоҳида: ҳавасмангардонӣ ва ҳифзи сармоягузории тарафайн, омӯзиши кайҳон ба мақсадҳои осоишта, муносибатҳои илмӣ, технология ва инноватсия, таъсиси Маркази муносибатҳои ӯзбекӣ-кореягӣ дар соҳаи тандурустӣ, технология ва инноватсия ба имзо расид [3].

Дар шароити бархурди манфиатҳо ва рақобатҳои сиёсию иқтисодӣ миёни кишварҳои абарқудрат ҳамеша рақобатпазирӣ мавҷуд буда, онҳо бахри ба даст овардани манфиатҳои миллии хеш пайваста дар рақобат мебошанд. Кореяи Ҷанубӣ низ аз ин раванд дур набуда, дар минтақа мавқеи махсуси худро дорад ва бо кишварҳои ҳамсафи худ дар майдони сиёсӣ ҳамеша дар ҳолати рақобатпазирӣ қарор дорад. Ҳамзамон метавон гуфт, ки Кореяи Ҷанубӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. На танҳо Кореяи Ҷанубӣ инчунин дигар кишварҳои абарқудрат аз қабили Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Япония ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ дошта, мақоми махсусро ишғол намудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар сиёсати пешгирифтаи Кореяи Ҷанубӣ энергетика ва иқтисод самтҳои муҳими сиёсати равобити хориҷӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷонибҳо равобити дипломатию сиёсӣ ба хусус ҳамкориҳои

иқтисодӣ ва энергетикиро дуруст ба роҳ монда, густариш ва тақвият дода истодаанд.

Айни замон Бонки Рушди Корея (Korea Development Bank) (минбаъд БРК ё KDB) имкониятҳои ба даст овардани қисми зиёди саҳмияҳои Royal Bank of Scotland Group PLC (RBS) дар Ӯзбекистон, RBS Ozbekiston-ро баррасӣ менамояд. Амалӣ шудани ин ба БРК (KDB) имконият медиҳад, ки фаъолияти худро дар Ӯзбекистон ба таври назаррас васеъ намояд. Айни замон дороиҳои ин ширкат тақрибан 123 млн. доллар ва дороиҳои воҳиди RBS дар Ӯзбекистон 365 млн. доллар арзиш доранд. Самти дигари афзалиятнок дар бахши молиявӣ, ки муҳим арзёбӣ гардидааст - ин ҳамкориҳо байни биржаҳои фондии Корея ва Ӯзбекистон мебошад. Дар ҳошияи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни Кумитаи амволи давлатии Ӯзбекистон ва биржаи фондии Корея созишнома дар бораи модернизатсияи бозори фондии Ӯзбекистон ба имзо расид. Дар созишномаи мазкур фиристодани таҷҳизоти нави техникӣ ва барномаҳои таъминотӣ пешбинӣ гардидааст, ки ҷараёни хариду фурӯши қоғазҳои қиматбаҳоро метезонад. Баъди имзои ин Созишнома корҳои зиёдеро анҷом доданд ва дар ин давра якчанд вохӯриҳо дар Тошканд ва Сеул баргузор гардид. Дар ин вохӯриҳо тамоми ҷузъиёти кории бозори фондӣ аз гардиши қоғазҳои қимматнок, аз ҷумла баровардани он, муҳокима гардиданд [8 с.14-15].

Аз таҳлилҳо чунин бармеояд, ки муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон хело хуб ба роҳ монда шудааст. Аз замони барқароршавии муносибатҳои дипломатию сиёсӣ ва иқтисодии тарафайн 30 сол сипарӣ гардид. Дар давоми 30 соли сипаригардида, муносибатҳо миёни ду кишвар пайваста рушд гардида, меморандум ва созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расонида шуд. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин

давра Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарики стратегии Кореяи Ҷанубӣ эълон гардид, ки ба муносибатҳои гуногунсамтаи тарафайн таҳким бахшид. Аз ҷониби Ҳукумати Корея ва ширкатҳои бузурги кишвар сармоягузорон ва лоиҳаи қарзҳои дарозмуддат дар иқтисодиёти Ӯзбекистон пешниҳод ва зиёд карда шуд. Ҳамзамон сафарҳои расмӣ миёни сарони ду кишвар баргузор гардида, баҳри рушди муносибатҳои дуҷониба саҳми беназири худро расониданд.

**Адабиёт**

1. 14 самых главных соглашений Узбекистана и Южной Кореи (themag.uz) URL:https://themag.uz/post/14-glavnyh-soglashenij-s-juzhnoj-korei? (Санаи муроҷиат 13.04.2022).

2. Диаспора (аз юнонӣ “διασπορά”, «пароканда») бахше аз мардуме, ки берун аз кишвари аслии худ зиндагӣ мекунанд, дар кишвари иқомат гурӯҳҳои этникии муттаҳид ва устуворро ташкил медиҳанд ва барои нигоҳдорӣ ва рушди ҳувият ва ҷомеаи худ ниҳодҳои иҷтимоӣ доранд.

3. Крепнут узбекско-корейские отношения особого стратегического партнерства (uza.uz)URL: https://uza.uz/ru/posts/krepnut-uzbeksko-koreyskie-otnosheniya-osobogo-strategicheskogo partnerstva_299176 (Санаи муроҷиат 15.04.2022).

4. Мехмет Фатих Озтарсу (oztarsu@gmail.com) турецкий аналитик из Сеула. Уникальность корейско-узбекских отношений (часть 1) (koreatimes.co.kr) ( Санаи муроҷиат 13.04.2022).

5. Министерство иностранных дел Республики Узбекистан (mfa.uz) URL: https://mfa.uz/ru/pages/with-asia-pacific (Санаи муроҷиат 1.04.2022)

6. Узбекистан и Республика Корея отмечают 30-летие дипломатических отношений URL:

https://www.gazeta.uz/ru/2022/01/29/uzbekistan-korea/ (Санаи муроҷиат 28.02.2022).

7. Хо Мен Вхун, Ксения Е.Р "Продвижение стратегии экономического сотрудничества Республика Корея со странами Центральной Азии" //Россия и АТР// URL: prodvizhenie-strategii-ekonomicheskogo-sotrudnichestva-respubliki-koreya-so-stranami-tsentralnoy-azii.pdf 2010 №3 саҳ 72. ( Санаи муроҷиат 14.04.2022).

8. Чон Де Ван "Экономическое сотрудничество между Кореей и Узбекистаном: тенденции и перспективы" //Халқарои қтисодиёт ва иқтисодий муносибатлар //Международная экономика и экономические отношения//URL:https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomichesko e sotrudnichestvo-mezhdu-koreey-i-uzbekistanom-tendentsii-i-perspektivy-1/viewerт(1).pdf. саҳ 14-15 (Санаимуроҷиат18.03.2022).

9. Чон Де Ван "Экономическое сотрудничество между Кореей и Узбекистаном: тенденции и перспективы" //Халқаро иқтисодиёт ва иқтисодий муносибатлар /Международная экономика и экономические отношения //URL:тekonomicheskoe-sotrudnichestvo-mezhdu-koreey-i-uzbekistanom-tendentsii-i-perspektivy(1). pdf саҳ 11. (Санаимуроҷиат 18.03.2022).

10. Чон Де Ван Развитие торгово-экономических отношений между Республикой Корея и Республикой Узбекистан 08.00.09 "Мировая экономика"URL:https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomicheskoe -sotrudnichestvo-mezhdu-koreey-i-uzbekistanom-tendentsii-i-perspektivy-1/viewer (Санаи муроҷиат: 24.03.2022 ).

**Рамазон ШАРИПОВ**
*докторант (PhD)–и курси дуюми*
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## МОҲИЯТ ВА РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ

*"Дар робита ба ин ва бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад"*
*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар охири солҳои 90–уми асри гузашта талаботи мамлакатамонро маҳсулоти химиявӣ (аз қабили нуриҳои минералӣ суперфосфат, карбамид, аммофоска, нуриҳои калийдору нитрогендор) қонеъ карда наметавонист ва чунин нуриҳо аз мамлакатҳои хориҷа ворид мегардид. Зеро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои харобиовар аксарияти муассисаҳои саноати химиявӣ зарари калон диданд ва амалан аз кор монданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли комил ва Ваҳдати миллӣ баробари дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим ва калидии кишвар ба эҳёву рушди соҳаи саноат таваҷҷуҳи махсус равона намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ намуд. Чун давра ба давра маҳсулотҳои химиявӣ на танҳо дар кишвари азизамон балки дар тамоми курраи ҷаҳон синтези аксари моддаҳои органикӣ, коксохимия, маҳсулотҳои истеҳсолоти рангуборҳои анилинӣ, заҳрхимикатҳо, коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга, каучуи синтезӣ, шинабарорӣ, пластмасса, наххои сунъӣ, саноати силикатӣ ва ғайра рӯ ба рушд ниҳоданд, чун мусаллам аст, ки бе саноат қариб ягон

соҳа рушд намекунад. Дар мисоли маҳсулотҳои саноати химиявӣ, ки аз ҳама бештар дар энергетика, металлургия, мошинсозӣ,электро ва радиотехника, формакология, хӯрокворӣ, саноати сабук, тиб хоҷагии қишлоқу рӯзғор ва ғайра васеъ истифода бурда мешавад[1.11].

Чи тавре ки дар Паёми худ санаи 26-уми декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад»[2.14].

Инчунин, дар Паёми мазкур Пешвои миллат таъкид намуданд, ки нақшаи гузариши иқтисоди кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ бояд таъмин кард. Зеро устувории мавқеи саноат дар таъмини истиқлоли иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла афзун намудани ҷойҳои корӣ ва ба маротиб баланд бардоштани сатҳӣ некуаҳволӣ, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки бо дар назардоштани аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293

тасдиқ шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 амалӣ гардида истодаанд. Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Бояд қайд, ки дар баробари ин ҳама фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2022 №309 дар бораи " Солҳои рушди саноат" эълон намудани солҳои 2022-2026 ба тавсиб расид, ки дар рушд ва тараққиёти ҳадафи чорумини кишвар нақши муҳимро мебозад. Инчунин дар банди 2 фармон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар мухлати шаш моҳ нақшаи орайиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намоянд. Аз ин рӯ, рӯз то рӯз дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои зиёди рушд амалӣ гардида истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо навсозии корхонаҳои пешину бунёди корхонаҳои нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси ҷойҳои нави кор, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ буда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз иқтисоди аграрӣ –

саноатӣ ба индустриалӣ – аграрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри ниҳоӣ замина мегузоранд.

Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охирин сухаронрониаш дар Ҷумҳурии Қазоқистон иброз доштанд: «Тоҷикистон он қадар аз маъдану элементҳои химиявӣ бой аст, ки ҳатто дар системаи даврии Менделеев он гуна элементҳо нест". Воқеан сарвари кишварамон дуруст қайд карданд, чун кӯҳҳои сар ба фалак кашидаи Тоҷикистон анбори беҳамтои канданиҳои фоиданок ба ҳисоб меравconfigured, ки он боигарии миллӣ мебошад. Аксарияти элементҳои химиявие, ки дар ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д.И. Менделеев мавҷуданд, дар ин сарзамин дучор мешавад. Академик А.Е.Ферсман дар соли 1936 навишта буд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали зиндаи элементҳои химиявии Д.И.Менделеев аст». Дар ҷумҳурии мо асосан истеҳсоли металлҳои ранга ва маъдани тозакардашуда (консентрат)-и онҳо ба роҳ монда шудааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 400 мавзеи маъданӣ ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок муайян шудаанд, ки барои истифода қарор доранд[3.210].

Захираю имкониятҳои Тоҷикистон барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифати саноатӣ, афзоиш додани содирот ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ зиёданд. Аз ин лиҳоз, ворид намудан ва истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон, соҳибкорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, ҷорӣ намудани усулҳои муосири менеҷменти сифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисос омилҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба ҳисоб меравconfigured. Аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардидани мораторийи дусола ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ барои рушди соҳаи саноат

ва таъсири бевоситаи он ба бахшҳои дигари иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид мегузорад.

**Адабиёт**

1. А.Димитриев, В.Семиншин. Курси химия. -Душанбе: Маориф, 1997. - С.395.

2. prezident.tj/ Паёмҳо/ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ.

3. С. Ҳакимхоҷаев, Л.Солиев, Ҳ.Иброҳимов. Химия. -Душанбе: Маориф ва Фарҳанг, 2013. -С. 224.

**Райҳон МИРЗОЕВА**
*докторант (PhD) соли аввали*
*Институти омӯзиши масъалаҳои*
*об, гидроэнергетика ва экологияи*
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

# РУШДИ САЙЁҲӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ ИҶТИМОӢ

*“Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад”.*
*Эмомалӣ РАҲМОН*

Ҷумҳурии Тоҷикистон–кишвари афсонавист, ки бо кӯҳу табиати биҳиштосо ва иқлими мусоидаш беназир буда, дили сайёҳони зиёдеро тасхир намудааст. Ҳарчанд ки Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳудуди ҷуғрофӣ дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна хурдтар аст, аммо бо табиати зебову кӯҳҳои осмонбӯс, обҳои мусаффо, ҳавои тозаву боғоти дилрабояш кайҳо боз таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки таърихан собит шудааст, ки дар ҳолати муносибати оқилонаи инсону табиат ва истифодаи сарватҳои табиӣ бо риояи қонуниятҳои табиат, иқтисодиёти мамлакат босубот рушд ёфта, он ба болоравии сатҳи зиндагии сокинону ҷомеа оварда мерасонад.

Сиёсати фарҳангсолоронаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар омӯхтани захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ ва фарҳангии

мамлакат, барои наслҳои имрӯзу оянда, ҳамчун машъали раҳнамо ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷониби ҳама мақомоти давлатию ғайридавлатӣ рӯз аз рӯз дастгирии ҳамаҷониба ёфта истодааст. Зеро дар замони муосир сарватҳои сайёҳӣ ва инчунин рекреатсионӣ торафт аҳаммияти калони хоҷагӣ пайдо карда истодааст. Рекреатсия ва туризм на фақат соҳаи хоҷагиро ташаккул медиҳанд, балки яке аз дастовардҳо ва мероси умумибашарӣ маҳсуб меёбанд. Азбаски Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз сарватҳои сайёҳию рекреатсионӣ бой аст, бинобар ин омӯзиши амиқро аз олимону муҳаққиқони соҳаи мазкур тақозо мекунад.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 26 – уми январи соли 2021 хуб қайд карда буданд: “Имрӯз соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёт ва бо суръати баланд рушдёбанда ба ҳисоб меравад. Бо дарки мавқеи ин соҳа дар иқтисоди миллӣ мо рушди соҳаи сайёҳиро яке аз самтҳои афзалиятнок муайян карда, солҳои 2019–2021–ро “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намудем.

Эълон шудани “Солҳои 2019 – 2021 ба унвони солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” як ҷаҳон маънӣ ва талаботи вижаеро доро буд. Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҳар ду бо ҳам тавъаманд, зеро яке дигареро пур мекунад. Ҳар қадар мо ҳунарҳои мардумиро эҳё созему рушд диҳем, ҳамон андоза ба ҷалби бештари сайёҳони ватанию хориҷӣ комёб мешавем. Натиҷа он мегардад, ки эҷоди ҳунармандони мардумӣ бештару беҳтар мешавад ва таваҷҷуҳ ба ҳунари ниёгонамон меафзояд. Таърих ва фарҳанги ҳунарҳои мардумӣ аз қаъри асрҳо дигарбора эҳё мешаванд. Тавре устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ чунин гуфтаанд:

*Ҳамин танҳо на симу зар бувад ганҷе, ки меҷӯем,*
*Биё, роҳе ба дил ҷӯйему ганҷи миллат андӯзем.*

Барои мисол, соли 2020 Тоҷикистон аз рӯйи раводиди бехатарӣ дар байни давлатҳои ҷаҳон ҷойи 45 – умро гирифта буд, ки ин нишондиҳанда аз аксарияти ҳамсояҳои ҳамҷавор ва наздики мо дар зинаи  аз ҳама болову воло меистад.  Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, ҳарчи бештар бояд ба омӯзиши табиати биҳиштосои он, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва этнографияи мардуми тоҷик камари ҳиммат бандем.

Омӯзиш ва таҳлилҳои солҳои охир бармало нишон медиҳанд, ки ин самт дар Тоҷикистон  вусъат ёфта, теъдоди сайёҳоне, ки  ба ҷумҳурии мо ташриф меоранд, рӯз то рӯз зиёд гашта истодааст. Ҷаноби Олӣ дар Паёми навбатиашон чунин қайд намуданд: “Дар соли 2019 аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Тоҷикистон омадаанд, 1 миллиону 260 ҳазор нафарашон сайёҳон буданд. Масалан, тайи солҳои 2018 – 2020 дар кишварамон 145 ширкати нав иҷозатномаи фаъолият гирифта, дар ин муддат  224 ширкат ба бозори сайёҳӣ ворид гардид.

Дар заминаи ташаббусҳои зикргардида ва имтиёзҳои дар ин самт пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат фаъолияти бахши хусусӣ боз ҳам густариш пайдо карда, шумораи меҳмонхонаҳо ва дигар инфрасохтори хизматрасонӣ зиёд шуд ва ин тадбирҳо ба рушди деҳот, хусусан, дар хатсайрҳои сайёҳӣ таъсири мусбат расониданд”.

Бо зиёд гаштани шумораи ширкатҳои сайёҳӣ соҳаи туризм рушду нумуъ ёфта, ба иқтисодиёти мамлакат низ фоидаи калон вуруд мегардад. Ин раванд барои бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии кишвар, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва  муаррифии таъриху фарҳанги пурғановат ва анъанаҳои хоси миллати тоҷик мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаҳо ва фаъолияти амалии мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон гувоҳӣ медиҳанд, ки яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромаднок барои мамлакатҳои кӯҳистон ин соҳаи сайёҳӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фисадаш кӯҳсор ва дорои захираҳои бойи сайёҳию рекреатсионӣ мебошад, аз ин рӯ метавонад дар ин самт худро дар байни ҷаҳониён ба таври шоиставу боиста муаррифӣ намояд.

Дар байни соҳаҳои пешқадами иқтисодиёти ҷаҳонӣ, туризм яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тезрушдёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ буда, ягона соҳае мебошад, ки бо маблағгузории камтарин, бе истифодаи асбобу анҷоми пурқувват ва қимати техникӣ, имконияти ба иқтисодиёти мамлакат ворид намудани даромади зиёдро молик аст. Ин барои Тоҷикистон муҳимияти хоса дорад. Тавре Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: "Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарини сайёҳии пиёдагардӣ, ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯйи низоми соддаи пешниҳоди раводид ва шоҳроҳи Помир ба даҳ роҳи зеботарини дунё шомил шуда, пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯйи таъмини амният ворид гардид".

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: "Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар сохтору мақомоти марбута, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи

бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд.

Дастуру супоришҳои Роҳбари давлат моро водор месозанд, ки ҳарчи бештар захираҳои сайёҳию рекреатсионии диёри зарнисорамонро омӯхта, ба сайёҳони олам онҳоро муаррифӣ намоем. Тавре Ҷаноби Олӣ дар Паёми навбатиашон иброз доштанд: "Олимонро зарур аст, ки корҳои илмиву тадқиқотиашонро дар доираи самтҳое, ки Ҳукумати мамлакат муайян кардааст, вусъат бахшида, дар рушди иқтисоди миллии кишвар фаъолона саҳм гузоранд".

Мушкилоти дигаре, ки садди роҳи пешравӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад, ин кам будани мутахассисони соҳа, нашри китобҳо, буклетҳо ва дигар маводи тарғибкунандаи захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ ва таҳлили этногеографии сокинони минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад. Бинобар ин барои рушди соҳаи мазкур, пеш аз ҳама системаи омода намудани мутахассисони соҳибтахассусро бо мақсади қабул ва инчунин баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии экологии сайёҳон, ташкил намудани марказҳои сайёҳӣ ва ҳоказо андеша намоем.

Дар сурати дуруст кор карда баромадан ва амалӣ намудани чунин тадобирҳои зарурӣ, на танҳо имконияти аз иштибоҳҳо ва мушкилоти мавҷудаи соҳа наҷот ёфтан пайдо мегардад, балки ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани обрӯю нуфузи минтақаҳои кӯҳистони ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси маркази сайёҳии кӯҳӣ ва кӯҳнавардии ҷаҳонӣ ва инчунин кишвари туризми байналмилалӣ саҳми арзандае гузошта метавонад. Чунки густариши туризм пеш аз ҳама обрӯю эътибори ҳар давлат дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

МЕРОСИ МИЛЛӢ ВА ПАДИДАҲОИ ҲУВИЯТӢ

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа*

## МИЛЛАТ ВА МАЗҲАБ ДАР ҚАЛАМРАВИ "ШОҲНОМА"

Баъди ҳазор соли таҳқиқ доир ба «Шоҳнома», муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки эҷодиёти Фирдавсӣ ва ҳамаи паҳлуҳои асари ӯ «Шоҳнома» то ба ҳол ба таври дақиқ омӯхта нашудааст[1].

Он чи ба наҳзати шуубия марбут аст, метавон гуфт, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ он аз як ҷунбиши эътирозӣ ва муқовиматии сиёсӣ ва динӣ ба як фалсафаи воқеъбинонаи гуманистӣ мубаддал гардидидааст. Фирдавсӣ нажодпараст ва мазҳабпараст набуд. Ӯ шоир ва мутафаккири миллатдӯст, ватанпараст, инсондӯст ва ҳаводори сарсупурдаи адлу дод дар аҳди аввали ислом буд. Ҳарчанд ки падару модари Фирдавсӣ ва аҳли хонаводаи завҷааш Фарангис низ, пайрави дини зардуштӣ буданд.

Дар сарчашмаҳои исломӣ ҳамеша фаъолияти шоирии Фирдавсиро каму беш ба шуубия алоқаманд медонистанд. Дар

[1] Ба осори зерин муроҷиат шавад: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар гузоре нақдгуна пиромуни дебочаҳои он. Ҷ.1 ва 2. Теҳрон,1370-1991; Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). - Душанбе, 2010; Нудушан, Муҳаммадалии Исломӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Чопи ҳафтум. Теҳрон, 1376-1997. Муртазо Соқибфар, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва фалсафаи таърихи Эрон. Теҳрон, 1377-1998; Толибӣ, Флора. Хирад ва дод дар ойини паҳлавонии эрониён дар достонҳои асотирии «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯс. Машҳад, 1386-2007; Қадамалӣ Сарромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии достонҳои «Шоҳнома». Теҳрон, 1368-1989.

асри XIX шарқшиносони урупоӣ, махсусан Теодор Нёлдеке[2] ва Ҳенри Массэ[3] бар ин маъно таъкид намудаанд. Дар сарчашмаҳои муосири форсизабон Забеҳулло Сафо бо навиштани китоби «Ҳамосасароӣ дар Эрон»[4] ва мақолаи алоҳида бо номи «Фирдавсӣ ва шуубия» ба ин масъала машруияти илмӣ бахшид ва минбаъд доир ба шуубия осори таҳқиқӣ ба забонҳои арабӣ [5] форсӣ[6] ва ғайра таълиф шуданд.

Муҳаққиқони муосири форсизабон дар посдории шоир аз забони миллии худ ба андозае ба роҳи муболиға ва шояд ҳам ифрот рафтаанд, ки гӯё Фирдавсӣ дар навиштани «Шоҳнома»-аш қасдан аз калимаҳои арабӣ парҳез намуда, ба ҷойи онҳо муродифҳои форсии қадим ва замони худашро истифода кардааст. Баъзе муҳаққиқон ҳатто кӯшиш кардаанд, ки калимоти форсӣ ва арабии «Шоҳнома»-ро аз тариқи оморӣ мавриди муқоиса қарор диҳанд. Масалан, шарқшиносони урупоӣ Пол Ҳорн ва Ҳенри Массэ адади калимаҳои арабӣ дар «Шоҳнома»-ро иборат аз 430 калима гуфта, Пол Ҳамберт ин ададро ба 984 расонидааст. Забоншиноси эронӣ доктор Парвиз Нотили Хонларӣ дар мақолаи худ бо номи «Луғатҳои арабӣ дар Шоҳнома» ин шумораро зиёда аз 800 калима медонад. Бо ин таъкид, ки калимаҳои решагӣ (на муштақоти онҳо) дар «Шоҳнома» аз 400 калима зиёдтар нестанд. Ҳамаи ин муҳаққиқон масъалаи истеъмоли ин калимаҳои бегонаро дар достони миллии форсӣ ба ҳаракати шуубия алоқаманд

---

[2] Нёлдеке, Теодор. Ҳамосаи миллии Эрон. Теҳрон, 1327-1948.
[3] Массэ, Ҳенри. Фирдавсӣ ва ҳамосаи миллӣ. Табрез, 1350-1971.
[4] Сафо, Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Теҳрон, 1333-1954.
[5] Сомароӣ, Абдуллоҳ Саллум. Аш-Шуубияту ҳаракатун музодатун лил-исломӣ ва-л-уммат-ул-арабия. Дор-ул-ҳуррия. Бағдод, 1981 (ба забони арабӣ).
[6] Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Шуубия. Исфаҳон, 1363-1984.

надонистаанд.[7] Тахмини мо ин аст, ки шоир дар истифодаи калимоти забони форсӣ чунин қасде надоштааст. Ба ҳукми машғулияти тӯлонӣ бо сарчашмаҳои таърихи фарҳанги Эрони бостон ва 40 соли эҷоди «Шоҳнома» калимоти форсӣ дар андешаи шоир ба таври нохудогоҳ сайқал ёфтанд ва барои баёни мавзуъҳои миллӣ (достонҳои паҳлавонии даврони қадим) муносибтар ташхис дода шуданд. Истифодаи кам андар ками калимаҳои арабӣ натиҷаи адовати нажодӣ нисбат ба мардуми араб набуда, балки жанри достонсарой – ҳамосӣ, ки ба забони форсӣ бояд анҷом мегирифт, ба таври табиӣ тақозо мекард, ки «Шоҳнома» ба ин забон суруда шаванд.

Аз ҷониби дигар, мо ба таври дақиқ гуфта наметавонем, ки Фирдавсӣ то чӣ андоза ба забони арабӣ ошноӣ дошт. Чаро ки ба ҷуз «Шоҳнома» аз ӯ асари дигаре боқӣ намондааст. Вақтҳои охир баъзе муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки Фирдавсӣ забони паҳлавиро медонист ва онро дар назди падар фаро гирифта буд.[8] Дар ин бора чунин омадааст: «Падари Фирдавсӣ, Мавлоно Аҳмади Фахриддин, писарашро бо дониш парвариш дод ва забони паҳлавӣ ба ӯ омӯхт, ки дар ин даврон дар сарзаминҳои ховарӣ камтар касе ба он ошноӣ дошт. Аз зиндагии шахсии ин бузургмарди шеъру адаби порсӣ, огоҳии равшане дар даст нест ва танҳо бо нигаристан ва диққат дар порае аз навиштаҳо ва ишороти ҳамрӯзгоронаш ва он чи худ дар миёни достонҳои "Шоҳнома" аз чигунагии гузарони зиндагониаш баён мекунад, метавон чеҳрае начандон дақиқ аз вай ба нақш овард»[9].

---

[7] Парвиз Нотили Хонларӣ. Ҳафтод сухан. Ҷилди 2. Фарҳанг ва иҷтимоъ. Интишороти Тус, Теҳрон, чопи дуюм, 1377-1998.-с 375-382.

[8] Толибӣ, Флора. Достонҳои асотирии «Шоҳнома». Теҳрон, 1386-2007.-С.29

[9] Ҳамон ҷо.-С.29

Мо низ бо таваҷҷуҳ ба «Шоҳнома» далелҳое дар даст дорем ва онҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки Фирдавсӣ забони паҳлавиро ба хубӣ медонистааст. Масалан, дар поёни достони Аквони дев, Фирдавсӣ мегӯяд, ки «Аквон дар забони паҳлавӣ», «Гавон» будааст:

*Гавон хону Аквони деваш махон,*
*Абар паҳлавонӣ, бигардон забон*[10].

Албатта касе ки дар забону фарҳанг ва таърихи миллии худ то ин андоза ворид гашта бошад, ба забонҳои дигари ғайри миллӣ, камтар ниёз дорад.

Ба ин маънӣ, агар мо Фирдавсиро ҳамчун намояндаи наҳзати шуубия арзёбӣ карданӣ бошем, ба ҳеҷ унвон фаъолият ва эҷодиёти шоирро як амри худогоҳона ба муқобили арабҳо ва тамаддуни сомӣ равонашуда намеҳисобем. Мақоми Фирдавсиро болотар аз чунин ҳаракату наҳзатҳо, дар ҷодаи муқобилгузории фарҳангу тамаддунҳо донista, фаъолияти пурсамари ӯ дар навиштани «Шоҳнома» ва зинда намудани тамаддуни волою пурғановати пешини ниёгони мо ба воситаи тасвири корномаҳои паҳлавонию набардҳои қаҳрамонӣ, ки мақоми онҳо ба дараҷаи қудсӣ бардошташудааст, натиҷаи табъи фитрӣ ва дониши андӯхтаи мутафаккир дар соҳаи маданияти маънавӣ медонем.

Аз ин гузашта, шоир дар достони "Манижа ва Бежан" қиссаи ба таълифи «Шоҳнома» оғоз карданашро ҳикоят намуда, аз ҷумла гуфтааст, ки ҳамсараш Фарангис, як достони қадимаро ба забони паҳлавӣ оварда, бароям хонд ва хоҳиш намуд, ки онро ба забони форсӣ ба назм дарорам. Ва худи Фарангис, зардуштӣ ва забони хонаводагиаш паҳлавӣ буд. Дар замони Фирдавсӣ таносуби мусулмонон ва зардушиён қариб

[10] Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ (Бежан). Фарҳанги «Шоҳнома». Теҳрон, 1377-1998.- С.69-70.

баробар буд. Яъне дар аксар шаҳру деҳаҳои Эрони асри X ниме аз мардум зардуштӣ буданду ниме мусулмон.

Ин таносуб дар қисматҳои шимоли Эрон, махсусан шаҳрҳое, ки дар наздикии Баҳри Хазар буданд, ҳатто дар асрҳои XII-XIII мелодӣ аз қисматҳои марказӣ фарқ мекард. Масалан, дар шаҳри Суҳравард – ватани орифи машҳур Шайх Шаҳобуддини Суҳравардии мақтул (асри XII) ҳаштод дар сад паҳлавизабон ва зардуштӣ буданду бист дар сад мусулмон ва форсизабон[11]. Ҳамин робитаи самимӣ ва танготанги Фирдавсӣ ва Суҳравардӣ ба забони паҳлавӣ ва таърихи Эрони бостон буд, ки ин ду нафарро муаллифи китоби «Ҳикмати хусравонӣ», зиндакунанда ва эҳёгари воқеии шеър, ҳикмат, ирфон ва фарҳанги пеш аз исломии Эрон мешуморад[12]. Пас, метавон фикр кард, ки салосати забони форсии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» натиҷаи огоҳии амиқи ӯ аз забону фарҳанг ва таърихи бостонии қавми хеш будааст. Мо дар саҳифаҳои пеш дидем, ки қариб ҳамаи шоирони шуубӣ, забони арабиро хуб медонистанд, шеъри арабӣ менавиштанд, аммо забони паҳлавӣ ва форсиро ба мисли Фирдавсӣ хуб намедонистанд.

Худи шоир ин имтиёзро эҳсос мекард ва гоҳ гоҳе дар ашъори худ ба он ишора мекард. Барои намуна:

*Пай афкандам аз назм, кохе баланд,*
*Ки аз боду борон, наёбад газанд.*

Муҳаққиқони муосири мо нишонаҳои асосии ин ё он миллатро аз ягонагӣ, ваҳдати забон ва таърих медонанд. Мардуми форс-тоҷик ин ду нишонаи асосиро доранд ва миллати комилиёр ба шумор меоянд. Забони мо аз забони авестоӣ сар шуда, баъди марҳалаи паҳлавӣ ба забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ омада расидааст. Бисёре аз калимоти авестоӣ ва

[11] Разӣ, Ҳошим. Ҳикмати хусравонӣ.Теҳрон, 1379-2000.-С.442.
[12] Ҳамон ҷо.- С.20.

паҳлавиро дар забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ ба осонӣ метавон шинохт. Ин аст ваҳдату муштаракоти таркиби луғавии забони имрӯзаи мо, ки дорои таърихи панҷҳазорсола мебошад. Забоне, ки бо он Ҷамшед, Зардушт, Монӣ, Маздак, Рӯдакӣ марҳала ба марҳала гуфтугӯ карда, то ба имрӯз ба мо ба мерос расидааст. Таърихи муштараки мо низ, бо Ҷамшед оғоз гардида, ҳоло ҳам ин ҳамбастагӣ давом дорад. Забон ва таърихи муштараки мо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар шакли санаднома ва ҳуҷҷати таърихӣ даромадааст.

«Шоҳнома» акнун шиносномаи мустанади ҳамаи қавму миллатҳое гардидааст, ки оғози забонӣ ва таърихии худро аз Ҷамшеду Авесто, шурӯъ кардаанд. Муаллифи «Шоҳнома» ҳаракати динӣ ва нажодии шуубияро дар фаъолияти худ то ба фалсафаи гуманистӣ ва умумиинсонӣ боло бардошт. Таассуботи миллатгароӣ ва мазҳабӣ, бо меъёри адолат ва хирад, мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Фирдавсӣ садҳои касногузари нажодӣ ва диниро шикаста, ба ҳамаи қавму миллатҳо паёми ҷаҳонандешӣ, башардӯстӣ ва озодандешӣ дод. Дар муқаддимаи достони Аквони дев мегӯяд:

*Хирадманд, к-ин достон бишнавад,*
*Ба дониш гироят, ба дин награвад.*

«Шоҳнома» як китоби инсонӣ ва башарӣ мебошад. Агар ба чанд хулосаи мухтасар, аз саргузашти қаҳрамонони «Шоҳнома» таваҷҷуҳ кунем, ба осонӣ хоҳем дид, ки майдони мубориза ду ҷабҳа дорад: Ҷабҳаи некӣ ва ҷабҳаи бадӣ. Вале ин бадиҳо ва некиҳо дар «Шоҳнома» ба таври мутлақ нестанд. Онҳо нисбӣ ва тағйирёбанда ва ислоҳшавандаанд. Аммо дар Авесто мубориза некӣ ва бадӣ дар олами моддӣ мутлақ аст, тағйирёбанда нест. Зеро ки фармони азалии Аҳуромаздо «нахустин пайкор миёни хайру шар ва мубориза қувваҳои аҳриманӣ бо аввалин кадхудои ҷаҳони ориёӣ, Каюмарс шурӯъ ва дар даврони Фаридуну Кайхусрав, идома пайдо кард ва аз

давронии устура ба давраи таърих расида, дар таълимоти меҳрпарастию зардуштия дар шакли иртиқоёфтааш (тараққиёфтааш) инъикос ёфта буд»[13].

Дар «Шоҳнома», Эрону Тӯрон аз як тухмаанд. Эрон сарзамини Эраҷ асту Тӯрон сарзамини Тур. Эраҷу Туру Салм – ҳар се бародаранд, фарзандони Фаридунанд. Аз як нажоданд – нажоди ориёӣ. Мубориза дар байни ҳамин як хонаводаи ориёӣ дар ҷараён аст. Ин турку Туркистон ҳодисаҳои баъдинаанд, ки ба муҳтавои устуравии «Шоҳнома» алоқамандие нахоҳанд дошт. Яъне, ҷанг дар «Шоҳнома» байни се бародари ориёӣ, фарзандони Фаридун давом мекунад: Салм, Тур ва Эраҷ… Ҷангест, ки таърихи панҷсадсола дорад. Ҷаҳонбинии "Шоҳнома" ҳимоят ва дифоъ аз хубӣ дар баробари бадӣ мебошад. Вале, бо вуҷуди ин дар «Шоҳнома» таассуб нест. Хубу бад ҳам дар туронӣ ва ҳам эронӣ вуҷуд дорад. Мардони хубу неки Турон инҳоянд: Пирон, Виса, Пиласм, Ағрирас – (бародари Афросиёб), Сурха – (писари Афросиёб); Мардони бади Турон танҳо ин ду нафаранд: Гарсиваз ва Гаравизиреҳ… Ҳумон Виса кинаварз аст, аммо инсони бад нест… Туроиён аслан ва зотан бад нестанд. Зеро ки аз тухмаи Фаридунанд ва эҳсоси инсонӣ доранд. Масалан, аз марги Сиёвуш мардуми Турон мутаассир мешаванд ва ба хашм меоянд… Эрониён низ моҳи беайб нестанд: Масалан, Ковус ё Ковусшоҳ ё Кайковус айбҳои зиёде дорад. Туси паҳлавон низ беайб нест. Дар ин мубориза имтиёз ба Эрон додан, ба ин хотир буда, ки ҳамеша аз худ дифоъ мекард ва ба дигар миллатҳо ҳуҷум намекард. Ба сабаби ободӣ ва озодагиаш мавриди хашму ғазабу ҳасади қавму қабилаҳои дигар қарор мегирифт.

[13] Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.1. Фалсафаи аҳди бостон. Душанбе, 2011.-С.211.

Гузашта аз ин, паҳлавонони «Шоҳнома»-ро ба се даста тақсим намудан мумкин аст: (1) Паҳлавонони накӯкор ба мисли Фаридун, Сиёвуш, Кайхусрав; Баъзе аз ин паҳлавонони нек камбуду нуқсонҳо низ доранд: (2) Паҳлавонони бадкор ба мисли Заҳҳок, Салм, Тур, Гарсеваз, Гаравизиреҳ ва дар ҳадде камтар Афросиёб. Аз байни занон Судоба – ҳамсари Кайковус, ки ин зан аз кавми тозӣ аст; (3) Паҳлавонони омехта аз хубӣ ва бадӣ ё худ ба истилоҳи имрӯза ноустувор ва калаванда – Кайковус дар Эрон ва Пирон дар Турон[14].

Чизи ҷолиб аз нигоҳи имрӯз дар дуализми ахлоқии хубиву бадии Фирдавсӣ ин аст, ки ҳудуди гузар (аз хубӣ ба бадӣ ва аз бадӣ ба хубӣ) бисёр барҷаста ва равшан тасвир ёфтааст. Ва аз ин роҳ муаллифи «Шоҳнома» ҷанбаи дуализми динии зардуштӣ ва Авестоиро оқилона ва моҳирона ислоҳ намуданӣ мешавад.

Назари «Шоҳнома» ба занон, хайрхоҳона ва қадршиносона аст, ба ҷуз Судоба – ҳамсари Кайковус, ки дар тамоми китоб ягон зани бероҳа ва баде вуҷуд надорад. Аксари занон намунаи боризи зани тамомиёранд…Ва саршор аз зебоиҳои зоҳирӣ ва ботинӣ мебошанд. Ҳамсарони писарони Фаридун, яманӣ ҳастанд. Синдухт ва Рудоба аз Кобуланд. Фарангис, Манижа, Ҷарира, Таҳмина ва модари Сиёвуш, туронӣ ҳастанд. Катоюн – зани Гаршосб, румӣ аст. Судоба – зани Кайковус, духтари шоҳи Ҳамоварон (араб) аст.

Бо як назари гузаро метавон мушоҳида кард, ки фикри космополитии (ҷаҳонватании) ориёӣ ҳамаи қавму миллатҳои ҷаҳонро дар атрофи меҳвари фалсафаи хайр ба худ ҷазб намудааст. Инҳо устураанд. Орзуҳои холис ва ноби як қавм дар бораи худ ва дигарон. Баъзе аз ин қаҳрамонон 500 ва баъзеҳо

[14] Нудушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Теҳрон, 1376-1997.-С.114-120.

1000 сол умр дида, ҳамаи ширинию талхии рӯзгорро чашидаанд. Оқибат дар «Шоҳнома» ба натиҷае расидаанд, ки инсон бояд аз рӯи ақли солим ҳудуди зиндагии шахсӣ ва масъулиятҳои иҷтимоии хешро содиқона бишносад. Вагарна ба мисли Кайковусу Гуштосбу Афросиёб ба ифрот хоҳад рафт.

Аз ин рӯ, мо метавонем Фирдавсиро на намояндаи бевоситаи наҳзати шуубия, балки болотар аз он – эҳёкунандаи фарҳанги асили ориёӣ, арзёбӣ намоем. Зеро ӯ муқобилгузории нажодӣ, динӣ, фарҳангӣ ва миллиро дар «Шоҳнома» анҷом надодааст. Мутафаккир кӯшиш намудааст, ки таърихи иҷтимоию фарҳангии ниёгони моро зинда кунад ва ба ин восита пуле байни гузаштаи дуру муосири мо барқарор созад, ки он ҳамбастагию ҳамоҳангии ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва сайри ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёиро ба ҷаҳониён нишон диҳад. Бинобар он, намояндагони гуногуни наҳзати шуубия ва аксаран муҳаққиқон ба яке аз ҷиҳатҳои «Шоҳнома» аҳаммият дода, хайрхоҳони онро намояндаи наҳзати шуубия арзёбӣ намудаанд.

Дигаре бар маъниҳои забонии «Шоҳнома» Фирдавсиро намояндаи наҳзати шуубия номидааст, дигаре ба ҷанбаҳои фарҳангии масъала таваҷҷуҳ намуда, ӯро ба наҳзати шуубия ҳамроҳ намудааст ва сеюми бар асоси бахши ҳикмат ва афкори ҷаҳоншиносии Фирдавсӣ, ӯро намояндаи наҳзати шуубия хондааст. Ба назари мо, ӯ, пеш аз ҳама, эҳёкунандаи тамаддуни ориёӣ, аз назари афкору оро, ҳакими хирадгарою гуманист ва аз ҷиҳати ахлоқ ташвиқгари хайру фазилатҳои неки инсонӣ мебошад. Вале муҳаққиқоне, ки ӯро ҳамчун намояндаи наҳзати шуубия ба қалам додаанд, баҳсест ҷудогона ва боиси андешаву таҳқиқи бештар мебошад. Зеро мутафаккиреро бо ин вусъати андеша, чи тавр метавон ба гурӯҳи шуубияи динӣ ва нажодӣ мансуб донист? То ба имрӯз касе аз муҳаққиқони

гузашта ва ҳозираи Шарқу Ғарб мазҳаби динӣ ва равияи фалсафаи Фирдавсиро аз роҳи далелу бурҳони мушаххас ва муайян накардааст.

Доир ба мазҳаби динии Фирдавсӣ, профессор Маҳмуди Шеронӣ Фирдавсиро зайдӣ гуфтааст, Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ ӯро шиаи исноашарӣ медонад; Муҳаққиқ Зарёб исмоилӣ будани Фирдавсиро қайд кардааст; Муҳаммадалии Исломии Нудушан ӯро муътазилӣ мепиндорад, Муҳаммадамини Риёҳӣ, ҳакими Тӯсро яктопараст ва мусулмоне покэтиқоду дӯстдори хонадони поки Расули акрам (с)[15] ба қалам додааст. Аксари муҳаққиқони имрӯзаи Эрон, Фирдавсиро шиамазҳаб донистаанд. Фақеҳе аз Тобарони шаҳри Тус мегӯяд: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусулмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд».[16] Ба андешаи Шайх Абулқосими Курраконӣ:

*Чунин гуфт ӯ, ки: -Фирдавсӣ басе гуфт,*
*Ҳама дар мадҳи габре, нокасе гуфт.*
*Ба мадҳи габракон умре ба сар бурд,*
*Чу вақти мурдан омад, бехабар мурд*[17].

"Габрак" дар ин шеър ба маънои зардуштӣ будан аст. Дар китоби муҳаққиқи муосири Эрон бо номи «Шаклшиносии «Шоҳнома», ки муҳтавои онро аз 628 мавзуъ иборат медонад, ягон мавзуъ доир ба дин бахшида нашудааст. Ҳангоми мутолиаи «Шоҳнома», ба шахс ин эҳсос даст медиҳад, ки гӯё қаҳрамонони «Шоҳнома» ба дин аслан таваҷҷуҳе надоштаанд. Агар ҷо-ҷое аз дини беҳӣ (зардуштӣ) ёде шуда, он ҳам мавзуи асосӣ набуда, баҳонае ва ё василае қарор гирифтааст. Масалан, Шоҳ Гуштосб, писараш Исфандиёрро барои тарғиби дини

[15] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Душанбе, 2010.-С.207-217.
[16] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Душанбе, 2010.-С.146.
[17] Ҳамон ҷо.-С.147.

зардуштӣ ба берун аз пойтахти худ мефиристад... Баъдтар маълум мешавад, ки ин як ҳила ва найранги навбатии шоҳ аст, барои он ки писараш ӯро аз мансаби шоҳӣ маҳрум накунад... Ин ҷо масъалаи тарғиби дини зардуштӣ дар кишварҳои дигар, як баҳонаи навбатӣ будааст... Муғону муъбадон ҳам барои ба мансабе расидан, тарғиби дини худро баҳона қарор медоданд. Зардушт дар «Готҳо»-и Авесто мегӯяд, ки шарти қабул намудани дини ман он аст, ки инсон бояд онро аз рӯи хирад қабул кунад ва аз рӯи виҷдони худ аз он қонеъ бошад. Яъне, дини зардуштӣ аз рӯи сарчашмаҳои ростинаш ба ақлу андешаи инсонӣ такя мекарда, на ба гурӯҳҳои муназзам ва мусаллаҳе, ки онро бар гардани мардум таҳмил мекунанд.

Касе, ки ба шахсияти маънавии Фирдавсӣ сару кор дорад, пеш аз ҳама, бояд аз худ бипурсад, ки чаро ин шоири ҳаким 40 соли зиндагии хешро ба назм даровардани таърихи китобӣ ва шифоҳии Эрони қадим бахшид, барои як мусулмони зайдӣ, рофизӣ, шиӣ, муътазилӣ, исмоилӣ, исноашарӣ навиштани чунин мавзуи «ғайриисломие» чӣ зарурат дошт? Оё мавзуи Ҷамшеду Заҳҳок, Рустаму Суҳроб ва садҳо аз ин қабил мавзуъҳо дар саволномаи Мункару Накир ҷой доранд?

Пас, ангезаи эҷоди «Шоҳнома» чист? Мо имрӯз бар ин назарем, ки хонаводаи Фирдавсӣ бо эҳтимоли қавӣ зардуштӣ буданд, падараш, ки зардуштӣ буд ва забони паҳлавӣ медонист, забони паҳлавиро ба Фирдавсӣ ёд дод. Ҳамсараш Фарангис низ, зардуштӣ буд. Дар достони Манижа ва Бежани «Шоҳнома»- зикр шудааст, ки «дар яке аз шабҳои тобистон, Фарангис шавҳарашро мебинад, ки бо табъе хира нишастааст. Барои рафъи ин хастагӣ ба Фирдавсӣ машғулиятеро пешниҳод мекунад. Ва пешниҳод қабул мешавад. Ҳамзамон, Фарангис як баста коғазҳоеро меорад, ки дар онҳо таърихи Эрони қадим ба забони паҳлавӣ навишта шуда буданд.

Ва аз шоир хоҳиш мекунад, ки ин достонҳои паҳлавиро ба забони форсӣ ба назм дарорад… Ва назми «Шоҳнома» оғоз мегардад…

Сарчашмаҳо навиштаанд, ки ҷасади Фирдавсиро дар гӯристони умумии мусулмонон роҳ надоданд. Гуфтанд, ки рофизӣ аст. Дигар сарчашмаҳо гуфтаанд, ки габр асту оташпараст ва таърихи габракон (зардуштиён) менавишт.

Иллати асосии ин ҳодиса маҳз «габру оташпараст», яъне зардуштӣ будани ӯ буд, на рофизӣ буданаш. Шоир дар «Шоҳнома» доир ба ислом, мазҳабҳо ва аҳкоми он аслан чизе нагуфтааст. Аз мазҳабҳои дигар: ҳашт бор аз зардуштиён, як бор аз маздиясно ва нуҳ бор аз беҳдинон ба сифати ишора ном бурдаасту бас.

Барои он ки ин тахминҳо ва фарзияҳои баёншуда дуруст фаҳмида шаванд, зикри чанд нукта доир ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» зарур аст:

А) Бештари муҳаққиқони муосири «Шоҳнома» бар ин назаранд, ки дар ин китоб таҳрифҳои зиёде роҳ ёфтааст.

Б) Худи шоир мегӯяд, ки «Шоҳнома»-и ман дорои 60.000 (шаст ҳазор) байт мебошад:

*Бад-ӯ мондам ин номаро ёдгор,*
*Ба шаш бевар абёташ омад шумор.*

Як бевар 10.000-ро ташкил медиҳад. Ва шаш бевар 60.000 байт аст.

В) Вале дастхатҳои форсие, ки муҳаққиқони имрӯза дар даст доранд, иборатанд аз: 50.000 байт; 62, 65, 70, 75 ҳазор байт! Чаро шаст ҳазор байт не?! Кадом байтҳо ихтисор шудаанд? (Дар нусхаҳои 50.000). Кадом байтҳо илова карда шудаанд? (Дар дастхатҳое, ки дорои 62, 65, 70, 75 ҳазор байт доранд!).

Бо эътирофи худи шоир нусхаи аслии «Шоҳнома» 60.000 байт доштааст… Пас, ин каму беши байтҳоро чӣ тавр ислоҳ намоем? Аз рӯи кадом меъёр?

Г) Муҳаққиқони муосир (Муҳаммад Карамӣ, Муртазо Соқибфар ва бисёре дигар) чунин мешуморанд, ки Фирдавсӣ аслан Султон Маҳмудро надидааст ва чизе (на мадҳ ва на ҳаҷв) дар бораи ӯ нанавиштааст. Вақте ки Султон Маҳмуд ба сари ҳукм омад, аз оғози навиштани «Шоҳнома» аллакай 20 сол гузашта буд! Ин ҳама таҳрирҳои якуми «Шоҳнома» (соли 994) ва таҳрири дуюми «Шоҳнома» (1010) ҳама сохта ва бофтаи шоирони дарбори Султон Маҳмуд будаанд! Барои мондагор кардани султони ғазнавӣ дар таърих! Худи Султон Маҳмуд мондагор нашуд, вале таҳрифҳои «Шоҳнома» то имрӯз боқӣ мондаанд!

Д) Мо дар ин фарзияҳои худ ба таври қатъӣ пофишорӣ надорем. Ҳар пешниҳоди созанда ва аз назари таҳқиқӣ муътамадро бо дилу дидаи боз мепазирем.

Дар ин баҳси мухтасар мо ба ин натиҷа расидем, ки Фирдавсӣ дар маънои маъмулӣ ва истилоҳии калима шуубӣ набуд. Ҳарчанд ки дар ибтидо бо эҳсосоти шуубигарӣ ба таълифи «Шоҳнома» оғоз намуда буд. Ӯ мутафаккири ориёие буд, ки ҳамаи фазилатҳову разилатҳои эрониву арабу турониро бо тароуи ақлу хиради солими башарӣ месанҷад ва бо қолабҳои хурофотӣ ва фарсудаю ифротии динӣ ва нажодии шуубиёни замони худ, ҳеҷ ҳамдилӣ ва робитае надошт.

Аз он гузашта, агар ба таври куллӣ доир ба шахсият ва ақидаҳои ӯ қазоват кунем, Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, аз назари фалсафӣ, дуалисти Ҷамшедӣ буд. Сарчашмаи ҳамаи хайру шарри олами инсониро дар Замин ва Инсон медид. Инсон қодир аст, ки бо қудрати ақлу хиради худ, ҳамаи мушкилоти хешро ҳаллу фасл намояд. Ин шакли дуализмро дуализми Инсон ва Ҷаҳон меноманд. Фирдавсӣ аз нигоҳи динӣ, пайрави ягон мазҳаб набуд, балки як мутафаккири озодандеш ва гуманист буд.

Шоир аз назари ихтисосӣ ба таърихи достонӣ ва паҳлавонии қадимаи миллати хеш сахт ошиқ ва дилбаста буд. Яъне, файласуфи таърих буд, на таърихнигори маъмулӣ. Ва аз нигоҳи ҳунарию адабӣ, ба истилоҳи имрӯза, адиби файласуф буд ва жанри адабии ӯро адабиёти фалсафӣ меноманд. Яъне, шоир фалсафаи таърихи худро бо истифода аз жанрҳои адабӣ (достони манзум) таълиф намудааст.

Фалсафаи таърихи Фирдавсӣ, ки бар асолати хайру адолат ва миллату ватан бунёд ёфтааст, метавонад барои бозсозии идеяи миллӣ дар Ҷумҳурии демократӣ ва дунявии Тоҷикистон хизмат намояд.

**Бо як калима:** Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ медонист, ки миллатгароёни шуубии замони ӯ, аз ғоратгарони мазҳабии араб, афзалияту фазилате надоранд... Аз ин ҷиҳат, шоир идеали иҷтимоӣ ва сиёсии худро дар сохти одилона ва оқилонаи давлати дунявии оянда ҷустуҷӯ мекард.

**Нозим НУРЗОДА**
*ходими пешбари илмии МОРМОИ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ДАР МАҚОМИ ПАДИДА-ФЕНОМЕНИ ҲУВИЯТӢ

Бархе аз донишмандон ва шоҳномапажӯҳон “Шоҳнома”-ро минҳайси устураматни ҳувиятсоз муаррифӣ кардаанд, вале ин шоҳасари миллӣ асрҳо боз дар мақоми як падида-феномени ҳувиятӣ арзи ҳастӣ мекунад ва бо паси сар шудани муруру фосилаи зиёди замонӣ он ҳамчунон арзишмадтар ва бадардхӯрдтар ба назар мерасад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, чанд нуктаи мухтасарро дар робита бо“Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ ироа мекунем:

**Якум.** Баҳси огоҳӣ ва хирад дар “Шоҳнома” аз замони зуҳури асар то ба имрӯз ҳамчунон идома дошта, доираҳои илмию адабӣ ва таҳқиқию пажӯҳишӣ асрҳо боз сари мафҳуми хирад ва мухтасоти он муколимаву гуфтугӯ ва радду бадалҳои зиёде кардаанд ва мавзуъ ҳанӯз ҳам мавриди баррасист. Яъне баҳс сари хирад дар “Шоҳнома”, бо назардошти ҳолу ҳавои илмӣ ва таҳаввулоти фикрӣ кушода боқӣ мемонад. Аммо муҳим ин аст, ки хирад мавзуи меҳварӣ ва калидӣ дар “Шоҳнома” будааст ва беҳуда нест, ки Фирдавсӣ ҳамосаи ҷаҳонии худро бо хирад ва гиромидошту тақаддуси он меоғозад:

*Ба номи Худованди ҷону хирад,*
*К-аз ин бартар андеша барнагзарад…*
*Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,*
*Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме.*
*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*

*Зи дониш дили пир барно бувад.*
*Аз ин парда бартар сухангоҳ нест,*
*Зи ҳастӣ мар андешаро роҳ нест...*

(ниг.: Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷилди аввал. Матни интиқодӣ. -Теҳрон: Корвон, 1378. С.27-28)

Худи мафҳуми хирад (**хирад** -- шакли паҳлавии он “xrat” ба маънои ақлу ҳуш, дироят ва идрок, ҳусну қубҳи аъмол ва тамйизи неку бади умур далолат мекунад -- ниг.: Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. –Ҷилди дувум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. С.1004) дар саросари “Шоҳнома” ба унвони мақула ё категорияи асосӣ ҷилва мекунад. Дар фаҳмиши Фирдавсӣ, хирад, аз як сӯ, дараҷаи олии дониш ва маърифати инсонӣ аст ва аз сӯйи дигар, сатҳи баланди отифию ахлоқию ҳувиятии шахсро низ ифода мекунад. Албатта, хирад бо дониш (**дониш** – паҳлавӣ “danish” исми масдар аз донистан, амали донистан, донандагӣ, доноӣ, илму фазл -- ниг.: Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. –Ҷилди дувум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. С.1091) ва илм (**илм** – донистан, яқин кардан, маърифат, дониш -- ниг.: Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. –Ҷилди дувум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. С.1729) ҳаммаъно мебошад. Ҳамчунин, хирад ба маънои доноӣ, доштани дониш, шуур, фаҳм, таҷриба ва басирати иктисобӣ (касбшуда), фаҳми зотӣ ва тавону қобилияти фардии инсон шарҳу тафсир шудааст (ниг.: **https://fa.wikipedia.org/wiki/خرد**). Аз назари илмию ихтисосӣ, дониш инъикоси кофӣ аз воқеият аст, ки дар шакли тасаввурот, мафҳумҳо, категорияҳо, муҳокимаҳо, хулосабарориҳо ва назарияҳо зуҳур мекунад (ниг.: Самиев А.Х. История и философия науки: учебник /А.Х.Самиев. –Душанбе, 2014. С.27). Вале Фирдавсӣ, вақте ки хирад мегӯяд, сатҳи баланди маърифат ва фаҳму фаросату дирояти инсонро дар назар мегирад ва онро мусодифу муродифи доноӣ медонад. Ин аст, ки Ҳакими Тӯс "Шоҳнома"-ро, қабл аз ҳама, ба хотири

боло бурдани сатҳи ҳувиятӣ, огоҳӣ ва хирадмандии насли иронитабор ва аз ин тариқ ба майлу муроди қавмӣ тағйиру таҳаввул додани давлатдории миллӣ таълиф карда буд. Ба ин маънӣ, Фирдавсӣ аҳли хирадро мухотаб қарор дода, дар оғози "Шоҳнома" тазаккур медиҳад, ки бихрадон (хирадмандону доноён) аз рамзу маънои достон (манзур "Шоҳнома" аст) огоҳ шуда, воқеиёти матлабро ба дигарон манзур месозанд (ниг.: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. –Ҷилди 1. Теҳрон: Интишороти Висман, 1370. С.271). Байти 125-уми боби "Гуфтор андар фароҳам овардани китоб"-и "Шоҳнома" ин маънию матлабро бозгӯ мекунад::

*Аз ӯ ҳарчи андар хӯрад бо хирад,*
*Дигар бар раҳи рамзу маънӣ барад.*

(ниг.: Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Чилди аввал. Матни интиқодӣ. -Теҳрон: Корвон, 1378. С.33)

Муҳимтар аз ҳама, Фирдавсӣ мафҳуми хирадро бо воқеият айният медиҳад ва дар оғози Достон (манзур "Шоҳнома" аст) бар он таъкид меварзад, ки хирад бояд воқеият ва чизи диданиро ифода кунад:

*Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,*
*Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме.*

(ниг.: Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Чилди аввал. Матни интиқодӣ. -Теҳрон: Корвон, 1378. С.27)

Аз ин ҷост, ки меъёр ва ченаки хираде, ки Фирдавсӣ аз он тавсифу ситоиш мекунад, ба инсон ва ҷомеа сурат ва тасвир мебахшад ва ба чизи диданӣ ва воқеӣ майл дошта, ба истилоҳ, хиради суратгар (воқеӣ ва диданӣ) аст (ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр. Сиёҳмашқҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дувум. Ландан: Курмалӣ, 1995. С.46). Дар зимн, Фирдавсӣ бар он аст, ки хирадманди тавоно ҳунари хешро на танҳо пинҳон намекунад, балки ба дигарон – ба ҷомеа интиқол медиҳад:

*Чу доно тавоно буду додгар,*
*Азеро накард эч пинҳон ҳунар.*

(ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр. Ба сӯйи ҳукумати фарҳангӣ. Ландан, 1995. С.138)

**Дуюм.** Агар адабиётшиноси маъруфи чех Ян Рипка даъвӣ пеш оварда бошад, ки: "Фирдавсӣ дар саросари арсаи адабиёти форсӣ чун Таҳамтан қад барафрохтааст" (ниг.: Рипка Ян. Таърихи адабиёти Ирон. Тарҷумаи Исо Шаҳобӣ. – Теҳрон, 1355. С.251), соири муҳаққиқони "Шоҳнома", минҷумла Муҳаммадамини Риёҳӣ бар ин назаранд, ки ҳеҷ эронӣ ба андозаи Фирдавсӣ ба сарнавишти миллат ва кишвари хеш таъсири пойдор бар ҷой нагузоштааст (ниг.: Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои кириллии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. – Душанбе: "Шуҷоиён", 2010. С.24). Ба ин тариқ, Фирдавсӣ бар мабнои устураву бовардоштҳо, афсонаву достонҳо ва омолу ормонҳои миллӣ маҷмуаи сарнавишту саргузаштҳо, шукӯҳу бузургиҳо, тафохуру ғурурҳо, дарду захмҳо, ранҷу азобҳо, инҳитоту заъфҳо, уқдаву мушкилиҳо, таҳдиду чолишҳо, муаммову печидагиҳо ва ҳаводису воқеиятҳои иронитаборонро рӯйи сафаҳот бирехт ва дар шаҳкитобе бо исми "Шоҳнома" мураттабу мунсаҷим кард. Дар зимн, тасаввуроте, ки аз бостонитарин адабиёти Ирон метавон дошт, ба маҷмуае аз қиссаҳои динӣ ва қавмӣ пайванд меёбад, ки дар Шарқи Ирон ва дар маҷмуаи ҷуғрофиёӣ ва фарҳангии Хуросони бостон шакл гирифтаанд (ниг.: Муҳаммад Маҳдӣ Муаззини Ҷомӣ. Адаби паҳлавонӣ (Мутолиае дар таърихи адаби деринаи иронӣ аз Зардушт то Ашкониён). -Теҳрон: Нашри Қатра, 1379. С.17) ва Фирдавсӣ бо такя ба дирояту фаҳму хиради фардӣ аз мухтавои асотиру мифологияи қадимаи иронитаборон васеъ истифода бурдааст. Аз ин ҷост, ки устураҳои "Шоҳнома" ормонҳои миллатро ифода

мекунанд ва Фирдавсӣ паҳлавонони иронитаборро дар қолиби ормонии миллӣ ба риштаи тасвир баркашидааст (ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр. Сиёҳмашқҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дувум. Ландан: Курмалӣ, 1995. С.46). Мунтаҳо, бар мабнои устураматнҳои бостонӣ аносири фарҳангии як ҷомеа дар тӯли таърих идома меёбанд ва ин аносирро бо густариши худ аз насле ба насле дигар ва асре ба асре дигар мунтақил мекунанд (ниг.: Устураматни ҳувиятсоз. Ҳузури “Шоҳнома” дар адаб ва фарҳанги иронӣ. Ба кӯшиши Баҳман Номвари Мутлақ. –Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1387. С.7). Ва Фирдавсӣ ҳадафмандона ва бо масъулияти баланди ватандорӣ, эҳсоси миллӣ ва тавонмандии фикрӣ тавонист, ки фарҳанги устуравӣ, паҳлавонӣ, сиёсӣ ва таърихии моро беосеб ба асрҳои дигар мунтақил кунад ва роҳро барои таҳкими раванди ҳувиятсозӣ ва муаррифии шоистаю боистаи мероси арзишманди миллӣ ҳамвор созад (барои иттилооти бештар дар ин масъала таваҷҷуҳ шавад ба: Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. - Душанбе: Дониш, 2012. - 433 с.).

**Севум.** Бо он ки “Шоҳнома” зиёд таҳқиқ шудааст, ҳанӯз ба таҳқиқи ҷиддии фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ ниёз дорад. Шоҳномашиноси маъруфи иронӣ Муҳаммад Карамӣ, ки умри худро сарфи шоҳномапажӯҳӣ кардааст, таъкид меварзад, ки “Шоҳнома” то ба имрӯз амиқ шинохта нашудааст ва ба Фирдавӣ ва “Шоҳнома” бояд бархӯрде маънавӣ, ботинӣ, дарунӣ, фалсафӣ дошт, то воқеияту асолати асар ва шахсияти шоир ошкор гардад. Фирдавсӣ, -менависад Муҳаммад Карамӣ, - таърихро дар хидмати худ қарор дода, на худ дар хидмати таърих рафта (ниг.: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. –Ҷилди 1. Теҳрон: Интишороти Висман, 1370. С.8). Донишманди мазкур ҷилди дувуми китоби худро ба бозбинӣ

ва баррасии фоҷеа-трагедияҳои “Шоҳнома”, ки дар шикасту инҳитоти миллат нақши асосӣ доштаанд, ихтисос додааст (ниг.: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. –Ҷилди 1. Теҳрон: Интишороти Висман, 1370. С.8-9) ва трагедияҳои Рустаму Суҳроб, Сиёвуш ва Рустаму Исфандиёрро дар китоби дуюми худ матраҳ мекунад (барои иттилооти бештар таваҷҷуҳ шавад ба: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. –Ҷилди 1. Теҳрон: Интишороти Висман, 1370. -453 с.).

Мутаассифона, достонҳои “Шоҳнома”, аз ҷумла достонҳои Ҷамшед, Фаридун, Симурғ, Рустам, Сиёвуш, Исфандиёр ва амсоли инҳо аз дидгоҳи илмҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, равонковӣ (психоанализ), равоншиносии иҷтимоӣ хеле кам баррасӣ гардидаанд. Ва имрӯз зарурати бозбинӣ ва бознигарии достонҳои “Шоҳнома” бар мабнои таҳқиқҳои ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ пеш омадааст. Бавежа, омӯзиш ва таҳқиқи достонҳои “Шоҳнома” бар асоси назариёти фарҳангшиносӣ, равонковӣ, ҷомеашиносӣ, мардумшиносӣ, равоншиносии иҷтимоӣ ва амсоли инҳо дар решашиносию бозбинии мушкилот, муаммо ва уқдаҳои фикрӣ, ақидатӣ, ахлоқӣ, ҳувиятӣ, равонӣ ва мадании миллат мусоидат мекунанд. Барои намуна, баррасӣ ва бозшиносии Достони бархӯрди Рустам ва Исфандиёр, ки яке аз фоҷеа-трагедияҳои ҷиддии миллӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ маҳсуб меёбад, роҳро барои бозкушоии уқдаву гиреҳҳое аз қабили заъфи фикрӣ, бuҳрони ақидатӣ, таъсири манфии стереотип ва қолибҳои шахшудаи иҷтимоӣ ҳамвор месозад. Бо овардани Гуфтор андар набарди Рустам ва Исфандиёр Фирдавсӣ бархӯрди ду мафкура ё ақида – мафкураи Митроӣ (ки Рустам ва аҷдодаш бар он муътақид буданд) ва ойини Зардуштӣ (ки нав зуҳур карда, Исфандиёр ва авлодаш бар он бовар доштанд)-ро ба

намоиш мегузорад. Ҳар ду ойин ва мафкура ҳам сарчашма ва манбаи ориёӣ-ironӣ доранд, аммо авомиле мисли худхоҳӣ, бартариҷӯйӣ, мансабталошӣ, беҳувиятӣ, худбохтагӣ, мазҳабзадагӣ Исфандиёрро аз масири иттиҳоду ҳамбастагӣ берун мекашанд ва дар муқобили паҳлавону қаҳрамони миллӣ – Рустами Дастон қарор медиҳанд. Ё ин ки Рустами Дастон, бо он ки паҳлавони нотакрори ҷаҳони устуравии иронитаборон аст, побанди стереотип ва қолибҳои шахшудаи иҷтимоӣ, равонӣ ва ахлоқии замонаш мебошад. Маҳз стереотип ва қолибҳои шахшудаи иҷтимоии вақт Рустами Дастонро таҳти таъсир ва тасаллут қарор додаанд. Ҳатто ба хотири хиёнат накардан ба қолибҳои шахшудаи вақт Рустам алайҳи маъмурони ноодил барнамехезад, ба беадолатию беэътиноиҳои онон чашм мепӯшад ва дар баробари беадолатиҳои баъзе нухбагони сиёсии ватанӣ танҳо аз василаи эътирози нарми номусӣ кор мегирад. Дар Гуфтори набарди Рустаму Суҳроб ҳам побанди стереотип ва қолибҳои шахшуда будани ҳар ду қаҳрамон ошкор мегардад. Дар достон ҳатто Сухроби ҷавон пешдастӣ карда, суроғи падарро мегирад, аммо Рустам ба хотири хиёнат накардан ба арзишҳои маҳдуди маҳаллӣ сукут меварзад ва охируламр ҷигари фарзанди хешро медарад. Ҳамин тур, дар заминаи достонҳои дигари "Шоҳнома" ҳам метавон таҳқиқоти густурдаи равоншиносӣ, равонковӣ, фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ анҷом дод ва рози достонҳои миллиро ошкор кард.

**Чаҳорум.** Дар воқеъ, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар таърихи фарҳангу сиёсати миллӣ дар мақоми падида ё ба истилоҳ, фенеомени ҳувиятӣ шинохта шудааст, чаро ки он, қабл аз ҳама, муаррифгари ҳастию вуҷуди ақвоми иронитабор аст. Аслан, Фирдавсӣ аз тариқи тасвири бадеӣ ба бозкушоии масоили вуҷудӣ ва ҳувиятӣ мепардозад ва кулли ҳаводисро дар бастагӣ бо мушкилоти ҳувиятӣ бозтоб медиҳад. Вожаи "ҳувият" дар

луғату фарҳангномаҳо ба маъноҳои шахсият ва ҳақиқати чиз (нигаред: Малуф Луиз. Фарҳанги донишгоҳии арабӣ ба форсӣ. Тарҷумаи Аҳмад Сайёҳ. Теҳрон, 1379. С. 908), ҳақиқати шайъ ё шахс, ки муштамил бар сифоти ҷавҳарии ӯ бошад, ҳамчунин маънои шахсият, зот, ҳастӣ ва вуҷудро далолат мекунад (ниг.: Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди севум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. С. 2513). Ҳамчунин, ҳувият ба маънои зоти ҳар шахс, хулқу хӯйи махсуси ҳар кас, ки ӯро аз дигарон мутамоиз созад, омада, дар маҷмуъ, маънои шарофат ва бузургвориро низ дорад (ниг.: Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди дувум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. С. 1542). Дигар ин ки бузургтарин донишмандону пажӯҳишгарони имрӯзӣ бо шумули Френсис Фукуяма, ки масоили сиёсию геополитикиро таҳқиқу дунбол мекунанд, мафҳуми "ҳувият"-ро аз ҷумлаи масъалаҳои заминасози бисёре аз падидаҳои сиёсӣ шинохтаанд (ниг.: Фукуяма Френсис. Ҳувият; мутолибаи каромат ва сиёсати нохушнуд. Тарҷумаи Ҳония Раҷабӣ, Маҳдӣ Мусавӣ. Теҳрон: Бунгоҳи тарҷима ва нашри китоби порсаҳ, 1398. С.255). Ба ин маъно, қаҳрамонони "Шоҳнома" ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ масири ҳувиятиро тай намудаанд ва ҳаракату амалиёти онҳо ба самти огоҳӣ, шарафмандӣ ва ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, ки аз ҷумлаи мушаххасоти ҳувиятӣ маҳсуб меёбанд, нигаронида шудааст.

**Панҷум.** Шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва бархӯрдҳои тамаддунию геополитикӣ моро водор месозанд, ки сари мерос ва арзишҳои ҳувиятсози миллӣ тамаркуз кунем ва бар мабнои шинохти воқеиёти рӯз барномарезиҳои ҷиддии сиёсӣ, фалсафӣ, илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ роҳандозӣ намоем. Аз ҷумла, таблиғоти густурдаи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ ба унвони барнома-стратегияи илмӣ, адабӣ, маданӣ, ҳувиятӣ ва миллӣ аз тариқи муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва

фазои маҷозӣ зарурати имрӯзист. Зимнан, “Шоҳнома” падида-феномени ҳувиятии мост ва бар асоси шинохти илмӣ, ихтисосӣ ва фалсафии он метавон дар муассисаҳои ҳунарию эҷодӣ, телевизион, театр ва синамои миллӣ асарҳои ҷолиби адабию ҳунарӣ, барномаҳои вежаи телевизионӣ, тарҳҳои бузурги драмавӣ, намоишномаҳои театрӣ, филмҳои тасвирӣ ва пружаҳои калони синамоӣ офарид, таҳия кард ва манзури ҳамватанон гардонд. Танҳо аз ин тариқ метавон сатҳи таҳдиду чолишу хатарҳои сиёсӣ, ақидатӣ, мафкуравӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва маданиро коҳиш дод ва дар муқобили раванди беҳувиятӣ ва таҳоҷумоти аҷнабӣ, ки рӯз ба рӯз дар ҳоли таҳкиму тақвиятёбист, ҷиддӣ қарор гирифт. Ба сухани равшантар, дар замони имрӯзӣ бештар ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” ниёз дорем ва ин ниёзмандӣ моро муваззаф месозад, ки сатҳи донишмеҳварӣ, хирадмадорӣ ва ифтихороти миллиро миёни наслу қишрҳои гуногуни ҷомеа боло бубарем ва дар роҳи пайвастан ба ҷавомеи мутамаддини ҷаҳонӣ гомҳои устувор бардорем. Ба ин маънӣ:

*Шоҳнома шаҳкитоби беназиру бебаҳост,*
*Шоҳкори шахси Фирдавсӣ – ҳакими порсост,*
*Олами гунгу кари моро дигар савту садост,*
*Саргузашту сарнавишти миллати дерошност,*
*Мунтаҳо, таърихи аҷдоду ниёст,*
*Ифтихори Ориёизодаҳост!*

**Пирмаҳмад НУРОВ**
*доктори илмҳои филологӣ*

# ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ИЛМИИ ТОҶИКӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

Аз шумораи зиёди забонҳои мавҷудаи миллӣ дар ҷаҳон (беш аз 2000) ками дар кам забонҳое воқеӣ гардидаанд, ки бо истифодаи онҳо осори бузурги илмӣ боқигузор шуда бошад ва ин асар то имрӯз мавриди таваҷҷӯҳи ҷаҳониён, хусусан илмпешагон қарор гирифта бошад. Хушбахтона, забони тоҷикии порсӣ низ дар радифи забонҳои юнониву лотинӣ, хитоиву сурпиёӣ, арабиву англисӣ, русиву олмонӣ, фаронсавию итолиёӣ аз ин гуна афзалият бархӯрдор будааст. Ин забони илмии тоҷикӣ аст, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ таърихи кӯҳани бештар аз 1000-сола дошта, хиштҳои нахустини пойдевори он дар асрҳои миёна, дар замони ташаккули аввалин сохти давлатдории тоҷикон - давлати Сомониён гузошта шудааст.

Нахустбунёдгузорони забони илмии тоҷикӣ дар давраи классикӣ олимони бузурги аҳди Сомониён – Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ мебошанд. Талабот ва сиёсати давлатдории Сомониён мутафаккирони даврро водор месохт, ки нисбат ба тараққӣ додани забони порсии дарӣ (яъне тоҷикии имрӯза) ва татбиқи он дар соҳаи илм низ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, имкониятҳои дохилии ин забонро дар баёни асосҳои илмҳои замона истифода баранд, то дурдонаҳои ҳар як илм дастраси аксари мардуми форсизабонон гардад. Хушбахтона, олимони муътабари замон - Абуалӣ ибни Сино ва каме баъдан (аввали асри XI, пас аз заволи давлатдории Сомониён) - Абурайҳони Берунӣ аз уҳдаи ин вазифаи заҳматталаб, вале боифтихор, низ баромада тавонистанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмии худро доир ба илмҳои мантиқ, ҳандаса, табииёт, ҳайат ва монанди ин бо забони форсии тоҷикӣ (бо хати арабиасоси тоҷикӣ) Абуалӣ ибни Сино дар асарҳои «Донишнома», ва Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим» ва чанди дигар баён карданд.

Нахустин кӯшишҳои бо забони тоҷикӣ ифода кардани афкори илмии замони Сомониён аз тарафи олимони барҷастаи давр Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ дар заминаи порсии дарӣ ва сохтани ҳамтоҳои тоҷикии истилоҳоти илмии арабӣ бешубҳа аҳамияти бузурги илмию таърихӣ дорад. Забони ин асарҳо аз тавоноии забони тоҷикӣ дар ифода кардани афкори илмӣ ва сохтани истилоҳоти илмӣ шаҳодат дода, барои дар оянда ташаккул ёфтани забони адабии тоҷикӣ ва забони илмии тоҷикӣ нақши муассир бозиданд. Ҳарчанд, дар тӯли қарнҳои баъдина (то охири асри XIX ва аввали асри XX, то давраи ба Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани Осиёи Марказӣ ва оғоз гардидани замони Шӯравӣ) олимон ва мутафаккирони тоҷик дар асарҳои бо забони тоҷикӣ таълифнамудаи худ оид ба нуҷум, риёзиёт, тибб, фалсафа, ҷуғрофия ва монанди ин асосан аз истилоҳоти арабӣ истифода карданд, лекин истилоҳоти сохтаи ин ду олими ҷаҳоншумули тоҷик ҳоло қисми ҷудонопазири истилоҳоти илмии тоҷикӣ буда, дар баёни илмҳои замона оид ба физика, астрономия, геология, ҳандасаю риёзӣ ва ғайра бо замони тоҷикӣ истеъмоли умум доранд.

Дар ташаккули минбаъдаи забони илмии тоҷикӣ ва истилоҳоти он дар аввали асри XX ва баъд, забони русӣ нақши асосӣ бозид. Забони муосири илмии тоҷикӣ ва истилоҳоти он бо роҳҳои зерин ташаккул ёфтаанд:

- тарҷумаи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ (солҳои 20-40-уми асри XX);

- тарҷумаи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ (солҳои 50-уми асри XX то айни замон);

- тарҷумаи жанрҳои гуногуни адабиёти илмӣ – илмӣ, илмию оммавӣ, илмию фантастикӣ аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ (солҳои 50-80-уми асри XX);

- тартиб додани луғатномаҳои русӣ ба тоҷикии истилоҳоти соҳавии илм (солҳои 40-уми асри XX то айни замон);

- тартиб додани Энсиклопедияи Советии Тоҷик дар 8 ҷилд (солҳои 70-90-уми асри XX);

- таҳияи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои дигари таълимӣ бо забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ (солҳои 90-уми асри XX то айни замон – давраи соҳибистиқлолӣ);

- таҳияи монографияҳо, мақолаҳо, ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бо забони тоҷикӣ (солҳои 2000-ум то айни замон – давраи соҳибистиқлолӣ).

Ҳоло забони илмии тоҷикӣ яке аз воситаҳои зарурии аз бар кардани асосҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ буда, барои рушду равнақи ин илмҳо ва боло бурдани тафаккури илмӣ дар ҷомеа нақши асосӣ дорад. Бунёди забони илмии тоҷикиро воситаҳои забонии забони адабии миллӣ ташкил медиҳанд. Хусусан онҳо дорои грамматикаи қариб якхела мебошанд. вале аз ҷиҳати захираи луғавӣ ва истифодаи он фарқе низ доранд. Ба таъбири дигар, забони илмии тоҷикӣ маҷмӯе аз воситаҳои интихобии забони адабии миллӣ буда,

барои б5. аёни ин ё он соҳаи илм ва техника истифода мешаванд.

Захираи луғавии забони илмии тоҷикиро калимаҳои маъмулии забони адабӣ; калимаҳои махсусе аз захираи луғавии забони адабӣ, ки дар забони илмӣ бар дӯши онҳо мазмуни нави илмие вогузор шудааст; тозакалимаву тозаиборахое, ки дар раванди маърифати илмиву техникӣ барои ифода кардани номи мафҳумҳои илмиву техникӣ сохта шудаанд;калимаҳои байналмилалие, ки аз забонҳои муқтадири илмӣ ба таври тайёр (баъзан бо каме тағйироти савтиётӣ ва ё морфологии забони иқтибоскунанда) иқтибос карда шудаанд, ташкил медиҳанд.

Таркиби луғавии забони муосири илмии тоҷикиро инҳо ташкил медиҳанд: калимаҳои арабиасоси тоҷикӣ; калимаҳои соф русӣ; калимаҳои байналмилалие, ки якҷоя бо мафҳуми худ аз ба воситаи забони русӣ аз забонҳои дигари муқтадири илмӣ ба таври тайёр (баъзан бо каме тағйироти савтиётӣ ва ё морфологии забони иқтибоскунанда) иқтибос карда шудаанд, аз ҷумла калимаҳое, ки номи мафҳумҳои илмӣ, илмии техникӣ ва умумиилмӣ, номҳои ҷуғрофӣ, номҳои техникӣ, номи чизҳои кайҳонӣ ва монанди инҳоро ифода мекунанд; воситаҳои ғайризабоние чун аломат, рамз, ишора, нақша, расм, график, диаграмма, формула ва ғайра.

Қисмати зиёдтарини воҳидҳои луғавии забони илмии тоҷикиро дар баробари калимаҳои оддии забони адабӣ ҳамчунин истилоҳот, яъне маҷмӯи калимаву ибораҳои махсусе, ки номи мафҳумҳои илмӣ ва техникиро ифода мекунанд ва номгон (номенклатура), яъне маҷмӯи калимаву ибораҳое, ки номи чизҳои илмиву тахникиро ифода мекунанд, ташкил медиҳанд.

Воҳидҳои луғавии забони илмӣ дар натиҷаи амали махсуси номгузорӣ тавлид меёбанд. Тавре ки маълум аст,

калимаҳо дар забони рӯзмарра барои ифода кардани номи шартии чизу ҳодисаҳое истифода мешаванд, ки дар шароити табиӣ вуҷуд доранд ва онҳоро инсон ҳамарӯза истифода ва мушоҳида мекунад. Ба иборати дигар, инсон барои аз якдигар фарқ карда тавонистани чизу ҳодисаҳои табиӣ онҳоро бо калимаҳои алоҳида номгузорӣ мекунад. Воҳидҳои луғавии забони илмӣ (яъне, истилоҳот ва номгон) барои ифодаи номи чизу ҳодисаҳои илмие истифода мешаванд, ки дар шароити табиӣ ба инсон маълум набуданд ва танҳо дар раванди аз тарафи инсон шинохта шудани табиат ва сохтани дастгоҳу механизмҳо ошкор мегарданд. Ҷиҳати ба ҳамагон ошкор гардидани ин ҳодиса ва ё чизи нави илмиву техникӣ онҳо бо калимае ва ё иборае номгузорӣ мешаванд. Дар ин маврид чиз ё ҳодисаи нави илмӣ бо калима ё иборае номгузорӣ мешавад, ки ба мазмуни мафҳуми ҳодиса ё сохти чиз алоқамандӣ дорад (сарфи назар аз он, ки ин ҳангом калимаи махсусе аз захираи луғавии забони адабӣ интихоб мегардад ва ё калимаи тозае сохта мешавад).

Истилоҳсозӣ яке аз манбаҳои ғанӣ гардонидани захира ва таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ мебошад. Дар ин маврид, тозавоҳиди сунъисохти забони илмӣ мазмуни илмии худро гум карда, чун калимаи оддӣ ба захираи луғавии забони адабӣ ворид мешавад. Масалан, истилоҳи илмии «нурбориш», ки муодили тоҷикии истилоҳи русии «облучение» аст ва мазмуни илмии «бо таъсири нур тағйир додани хосиятҳои ҷисм»-ро дорад, метавонад ба захираи луғавии забони адабӣ ворид шуда, маънии луғавии «нурбор кардан», «нур боридан»-ро гирад.

Дар забони як соҳаи илм (масалан, физика, математика, химия ва монанди инҳо) дарозои умумии матн на аз ҳисоби чӣ қадар ворид кардани калимаҳои нав, балки дар натиҷаи

такрори чандкаратаи ҳамон як воҳиди луғавӣ ва ё воситаи ғайризабоние чун рамзу формула ба вуҷуд оварда мешавад.

Хусусияти дигари забони адабиёти илмии техникӣ соҳиби таъриф будани вожагони он (хусусан, истилоҳот) аст, ки ба воситаи он мазмуни асосии мафҳум баён карда мешавад. Ин тафовути асосии истилоҳ дар забонҳои адабӣ ва забони илмӣ аст, зеро дар забони адабӣ истилоҳ на соҳиби таъриф, балки шарҳу маънӣ мебошад.

Муҳимтарин ва асоситарин хусусиятҳои луғавиву услубии забони илмии тоҷикӣ инҳо мебошанд:

- дақиқу возеҳ, кӯтоҳу мӯҷаз, ғунҷо ва бо пайдарпайии мантиқӣ баёну сабт шудани матнҳо дар адабиёти илмии техникӣ;
- интихобиву якмаънӣ будани калимаву иборҳо дар матнҳои илмӣ;
- такрорпазирии чандкаратаи ҳамон як воҳиди луғавӣ дар дарозои матни як зерзабони илм;
- интихобӣ ва мустақил будани ҳиссаҳои нутқ дар матнҳои илмӣ ва қисмати зиёдтарини таркиби луғавии адабиёти илмии техникиро ташкил додани исму феъл;
- аз рӯи такрорпазирӣ серистеъмол будани исм, феъл, сифат ва ҷонишин дар матнҳои илмӣ;
- асосан дар шакли шумораи танҳо истифода шудани аксарияти мутлақи исмҳо дар адабиёти илмии техникӣ;
- дар забони илмию техникӣ бештар хос будани истифодаи на ишорати ҳарфӣ, балки ишорати рақамии шумора;
- дар забони илмию техникӣ ба таври фаровон истеъмол шудани номвожагон (номенклатура), ишораҳои рамзӣ ва ҳамчунин калимаҳои сарҳарфӣ (аббревиатураҳо);
- фориғ будани воҳидҳои луғавии забони илмӣ аз сермаъноӣ ва умуман тобишҳои маъноӣ;

- дар баён ба шакли матни илмӣ (тавсиф, нақл, муҳокима, исбот ва монанди инҳо) вобаста будани ҳаҷми луғати умумиистеъмолӣ дар адабиёти илмии техникӣ;

- дар баён ва сабти матнҳои илмӣ истифода нашудани калимаҳои эҳсосотӣ;

- ба сифати баъзе истилоҳоти забони илмӣ интихоб шудани калимаҳои махсусе аз захираи луғавии забони адабӣ;

- дар забони илмии техникӣ ба таври фаровон истеъмол шудани воситаҳои ғайризабоние чун ишора, аломат, рамз, формула, муодила, нақша, расм, график, диаграмма ва монанди ин, ва ғайра.

Ҳамин тариқ, яке аз хусусиятҳои муҳими забони илмӣ майлони тахассусӣ доштани он мебошад. Вале забони илмӣ аз нигоҳи луғавӣ танҳо бо луғатҳои махсуси илмӣ ва илмию техникӣ маҳдуд намебошад. Таркиби луғавии забони илмии тоҷикиро ҳамчунин номҳои хос (номи олимон, кошифону ихтироъсозон ва ғайра), ихтисора ва калимаҳои сарҳарфӣ (аббревиатура) низ ташкил медиҳанд.

Истилоҳҳо воҳидҳои муҳими захираи луғавии забони илмӣ буда, баъзе қолабҳои махсуси воҳидсозиро соҳибанд, ки онҳо аз қоидаҳои калимасозии забони адабии миллӣ фарқ карда метавонанд. Истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ як воситаи муҳимеанд, ки илми забоншиносиро бо илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ алоқаманд мегардонанд. Истилоҳсозӣ, хусусан сохтани истилоҳоти илмию техникӣ, ҳамчунин яке аз манбаъҳои ғанӣ гардонидани захира ва таркиби луғавии забони миллӣ ва рушди минбаъдаи он мебошад. Ба таъбири дигар, азбаски истилоҳсозӣ фаъолияти эҷодӣ мебошад, мумкин аст дар раванди истилоҳсозӣ дар забони илмии миллӣ қолабҳои нави калимасозиву иборабандие ба вуҷуд оварда шаванд, ки дар забони адабии миллӣ дида намешаванд.

Истилоҳи илмию техникӣ калимаи махсус ё худ вожаи интихобие аз захираи луғавии забони адабии тоҷикӣ ва ё калимаи байналмилалие аз захираи луғавии яке аз забонҳои муқтадири илмӣ аст, ки дар забони илмии тоҷикӣ ба он ба таври сунъӣ мазмуни муайяни илмӣ бор карда шудааст. Истилоҳи илмию техникӣ ҳамчунин тозакалима ё тозаиборае буда метавонад, ки барои ифода кардани муодили тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмӣ, масалан забони русӣ дар заминаи мазмуни мафҳуми истилоҳи илмии русӣ ва қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони тоҷикӣ сохта шудааст (дар ин маврид калима ё ибораи истилоҳшаванда бояд ақаллан яке аз аломатҳои барҷастаи мазмуни мафҳуми илмиро таҷассум карда тавонад). Бинобар ин, дар забони муосири тоҷикӣ дар зери мафҳуми «истилоҳофаринӣ» фароянди ҷӯйишу созиш ва пазириши муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмиро тариқи тарҷума ва истифода аз истилоҳоти забонҳои муосири илмӣ ба шарти донистани асосҳои ин ё он илми муосир ва қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони тоҷикӣ фаҳмидан мебояд.

Меъёрҳои дурустии истилоҳоти илмию техникӣ инҳо бояд бошанд: якмаъноӣ, системнокӣ, саҳеҳӣ, кӯтоҳӣ ва ихчамӣ, гардишпазирӣ ё худ татбиқпазирӣ.

Иқтибоси истилоҳот аз забонҳои классикии илм (юнонӣ ва лотинӣ) ва забонҳои муқтадири илмӣ - англисӣ, русӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва чанди дигар, яке аз тарзҳои сермаҳсули истилоҳсозӣ дар ҳар як забони муосири пешрафта мебошад. Аз як тараф, иқтибоси калима гӯё яке аз тарзҳои осони калимасозӣ аст. Вале иқтибос, чун тарзҳои дигари истилоҳсозӣ (калимабандӣ, ибораоройӣ, истилоҳгардонии калима, ихтисораҳо ва ғайра) бояд тибқи қоидаҳои қатъан илмӣ, бо риояи талаботи қоидаву қонунҳои забони миллӣ амалӣ карда шавад. Зимни дар забони тоҷикӣ иқтибос кардани истилоҳоти

байналмилалии илмии техникӣ принсипҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

- принсипи луғавиву семантикӣ;

-густариши байнизабонии калимаи иқтибосшаванда;

-имкониятҳои аз истилоҳоти байналмилалӣ сохтани ҳосилакалимаҳо;

-принсипи савтиётиву морфологии забони тоҷикӣ;

-мувофиқатии истилоҳоти иқтибосӣ ба талабот нисбат ба истилоҳот, яъне системнокии истилоҳ, якмаъноӣ ва дақиқии маънои он, кӯтоҳӣ ва монанди инҳо.

Дар забони илмии тоҷикӣ меъёрҳои пазириши истилоҳи байналмилалӣ ва русии илмии техникӣ бояд инҳо бошанд:

- осонталаффузии истилоҳ;

- дар чаҳор забони муқтадири илм (русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ) шакли якхела ё монанд доштани истилоҳ;

- гардишпазир будани истилоҳ (яъне имконпазирии аз истилоҳи байналмилалӣ сохтани ҳосилаистилоҳҳои тоҷикӣ);

- маънои номатлуб надоштани шакли истилоҳ дар забони тоҷикӣ;

- созгории истилоҳ ба савтиёти забони тоҷикӣ.

Истилоҳсозӣ дар забони муосири тоҷикӣ, хосатан дар забони адабиёти илмии техникӣ дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки аз сохтани истилоҳот дар забони адабии тоҷикӣ бо баъзе ҷиҳатҳои худ фарқ мекунад. Ин тафовут, пеш аз ҳама, дар истифодаи қолабҳои истилоҳсозӣ зоҳир мегардад. Азбаски истилоҳоти муосири илмии техникӣ дар забони тоҷикӣ дар заминаи тарҷумаи адабиёти илмии русӣ поягузорӣ шуда, пеш меравад, бо таъсири забони русӣ дар забони тоҷикӣ дар сохтани истилоҳот қолабҳои наве пайдо шудаанд, ки пештар набуданд. Чунончи, сохтани истилоҳоти сохтаю мураккаби таркибӣ, фаъол гаштани қолабҳо бо

ҷузъҳои зидди -, ғайри -, ҳам -, боз -, но -,бе -, во -, по(д) -, микро -, макро -, ултра -, инфра - ва ғайра.

Таҳияи луғатномаҳои русӣ ба тоҷикии истилоҳоти соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиноси ва техникӣ дар ҳалли масалаҳои алоқаманд ба мураттабсозии истилоҳот дар забони миллӣ мусоидат карда метавонад. Камиву норасоиҳои асосие, ки ҳоло дар луғатномаҳои русӣ ба тоҷикии соҳаҳои гуногуни илм ба назар мерасанд, инҳо мебошанд:

-якум, дар онҳо дар баробари истилоҳоти асосии соҳа, ҳамчунин ба чашм расидани калимаву таркибҳое, ки умумӣ мебошанд ва ё ба ин соҳа алоқамандие надоштани онҳо;

-дуюм, дар луғатнома пурра фаро гирифта нашудани аққалан истилоҳоти асосии як соҳаи интихобшуда.

Сабаби асосии ҷой доштани чунин камбудиҳо дар кори таҳияи луғатномаҳои русӣ ба тоҷикӣ, таҳқиқ ва коркард нашудани принсип ва меъёрҳои интихоби истилоҳ зимни тартиб додани луғатномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаи илм ва техника мебошад.

Дар роҳи мураттаб сохтани истилоҳоти илмии техникӣ дар забони илмии тоҷикӣ қадами якум мураттабу якгунсозӣ ва стандартгардонии истилоҳоти китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад бояд дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони босалоҳияти соҳаи гуногуни илм, аз ҷумлаи олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, омӯзгорон ва устодони беҳтарини донишгоҳу донишкадаҳо, тарҷумону муаллифони китобҳои дарсӣ, мураттибони луғатномаҳои истилоҳот, истилоҳшиносон ва забоншиносон комиссияи махсуси таҳияи истилоҳоти китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шавад. Ин комиссия бояд истилоҳоти ҳар як китоби дарсиро мавриди

таҳлилу таҳқиқ қарор дода, вариантҳои ниҳоии онҳоро дар шакли луғатномаи русӣ ба тоҷикӣ омода созад ва барои тасдиқ ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намояд. Баъди тасдиқ гардидани луғатномаҳои русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳар як китоби дарсӣ (соҳаи илм) истеъмолу риояи ягонаи онҳо таъмин карда мешавад.

Зимни мураттабу якгун сохтан ва стандарт гардонидани истилоҳоти илмии техникӣ дар забони тоҷикӣ бояд меъёрҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

-дар системаи истилоҳоти ҳар як соҳаи алоҳидаи илм муодили тоҷикии истилоҳи русӣ бояд танҳо бо як калима ё ибора ифода карда шавад, яъне ин калима ва ё ибора дар ин системаи истилоҳот бояд мазмуни танҳо як мафҳуми илмиро инъикос намоянд;

-калимае, ки ба сифати муодили тоҷикии истилоҳи русӣ пазируфта мешавад ва ё калимаву иборае, ки дар ин маврид ҳамчун истилоҳ сохта мешаванд, бояд аз ҷиҳати забонӣ ва илмӣ дуруст буда, мазмуни мафҳуми илмиро ба таври саҳеҳ инъикос карда тавонанд; дараҷаи саҳеҳии истилоҳи илмӣ ба истифодаи воситаҳои дурусти калимасозиву иборабандӣ бастагӣ дорад;

-ба сифати истилоҳи илмӣ бояд калимае пазируфта ва ё сохта шавад, ки гардишпазир бошад, яъне аз он имкони сохтани истилоҳоти ҳосила вуҷуд дошта бошад; дар акси ҳол истилоҳ татбиқи васеъ дошта наметавонад;

- шакли истилоҳи иқтибосӣ (байналмилалӣ) бояд ба савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ гардонда шавад (агар ба ин зарурат бошад).

Танҳо бо ин роҳ дар забони илмии тоҷикӣ истилоҳоти саҳеҳу дақиқ ба вуҷуд оварда шуда, масъалаи мушкилу

душвор дар роҳи эҷоди забони илмии тоҷикӣ, яъне масъалаи истилоҳот ҳалли худро ёфта метавонад.

Ниҳоят, таъсис додани хазина (бонк)-и истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм зарур аст. Хазинаи истилоҳот вазифаи хадамоти дохилизабонии истилоҳотро иҷро намуда, дақиқӣ ва қатъияти истеъмоли истилоҳотро дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ, соҳаҳои маъмуриву идорӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ ва фарҳангиву тарбиявӣ таъмин менамояд.

Зимни мураттабу якгун ва стандарту қонунигардонии истилоҳоти илмии техникӣ дар забони илмии тоҷикӣ бояд принсип ва заминаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

Якум, якгунсозии истилоҳот бояд, пеш аз ҳама, дар заминаи истифодаи имкониятҳои дохилии забони тоҷикӣ, яъне бо эътибори хусусиятҳои миллии он амалӣ карда шавад. Албатта, забони тоҷикӣ имконияти васеъ дорад, ки бо воситаҳои дохилии худ ҳар гуна мазмуну мафҳумеро бо калима ё иборае ифода кунад. Вале дар мавриди додани афзалияти пурра ба хусусиятҳои миллӣ, яъне танҳо ба имкониятҳои дохилии забони миллӣ дар сохтани истилоҳот эҳтиёткорона ва бошуурона рафтор кардан мебояд, зеро илм ва забони илмӣ пеш аз ҳама хусусияти умумиҷаҳонӣ дошта, аз рӯйи табиати худ байналмилалӣ мебошад. Мутлақгардонии ин имконият дар гумон аст, ки аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва аз нуқтаи назари истифодаи таҷрибаи умумиҷаҳонии рушди илм, техника ва фарҳанг, хусусан дар раванди ҷаҳонишавӣ қобили истифода бошад.

Дуюм, барои якгун сохтани истилоҳоти илмию техникӣ дар забони илмии тоҷикӣ истифодаи яке аз забонҳои муқтадири илмӣ, масалан забони илмии русӣ муҳим аст, ки таҷрибаи бузурги таъсиси системаҳои истилоҳотро дар ҳама соҳаҳои илм дорад.

**Шодипур ЮСУФИ**
*н. и. т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ*

# РОҲИ ПУРХАТАР ВА САРГУЗАШТИ ПУРМУАММОИ ШОҲАСАРИ БЕЗАВОЛИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ "ТОҶИКОН"

Имрӯз варақгардон намудани роҳи пурхатар ва саргузашти пурмуаммои шоҳасари безаволи "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров ба доираи васеи хонандагони чи дохиливу чи берунӣ ба аҳамияти бузурги илмиву амалӣ молик аст. Бесабаб нест, ки рӯзноманигор ва фаъоли шуравӣ С. Мирзораҳматов ба душвориҳои ногувор ва талошҳои пайгиронаи Бобоҷон Ғафуров дар роҳи мураккаб ва пупечутоби таҳия ва офаридани шоҳасари "Тоҷикон" афкору андешаҳои ҷолибу писандида баён месозад, ки он феълан боиси ифтихор ва намунаи ибрат аст. Аз рӯи таъкидҳои ин шахси шоҳиду ҳамзамон, "Дар осори гаронмояи эҷодии Ғафуров асари фундаменталии пажуҳишии илмии "Тоҷикон" мақоми махсус дорад. Ин заҳмати тамоми умри ӯст, ки ҳатто дар таълифи он Ғафуров розигии Сталинро ҳанӯз соли 1948 гирифта будааст. Рӯзноманигор ва нависандаи маъруфи тоҷик, муаллифи филми ҳуҷҷатӣ оид ба зиндагӣ ва фаъолияти Ғафуров, Шарифи Ҳамдампур бойгонии олимро омӯхта, ҳуҷҷати нодиреро дарёфт кардааст, ки дар он сабти сӯҳбат миёни Бобоҷон Ғафуров, Иосиф Сталин ва котиби Ҳизби Умумииттифоқии Коммунистӣ Андрей Жданов аз 24 январи соли 1948 сурат гирифта аст. Мувофиқи он, ба суоли мантиқӣ ва хоҳиши Бобоҷон Ғафуров, ки бевосита ба қадима ва мардуми асили бумӣ будани тоҷикон дахл дошт, **И.В. Сталин**

**посухи амиқ гуфта, розигӣ медиҳад, ки "Агар ин таърихнома аз нуқтаи назари илмӣ дуруст бошад, марҳамат, он чи бадӣ дорад? Оре, хақ будани худро исбот кунед".** Бегумон, аз ин санад ва далел ба хулосаи қавӣ омадан душвор нест, ки Бобоҷон Ғафуров аллакай дар охири солҳои 40 асри XX дар бораи таълифи асари фундаменталии "Тоҷикон" аз сардори аввали ҳукумати марказии Иттиҳоди Шуравӣ иҷозати расмӣ гирифта будааст. Ҳамзамон иқрор кардан ҷоиз аст, ки **дар солҳои шастум ва ибтидои ҳафтодуми асри XX ба мақсади нашр кардани шоҳасари "Тоҷикон" маҳз ба ҳамин унвон, академик Бобоҷон Ғафуров иҷозати мансабдорони сатҳи баланди ҳукумати шӯравиро низ соҳиб мегардад.** Албатта, ин бахту иқболи баланди миллати тоҷик маҳсуб меёбад!!!

Шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» на танҳо дар таърихнигории Ватанӣ, балки дар миқёси кишварҳои хориҷӣ низ шухрату шаҳомати беандоза бузургро соҳиб гардидааст. Бесабаб нест, ки шоҳасари «Тоҷикон» дар илми ховаршиносии Шуравӣ падидаи ниҳоят муҳим ва навгонии беназир эътироф мегардад. Зеро дар он бисёр масъалаҳои ҳалталаб ва мубрами таърихи халқи тоҷик ва сарнавишти таърихиву фарҳангии он бо тарзу усули нав ҳаллу фасл шуда, бархе аз онҳо аз ҷониби намояндагони илму адаб мавриди санҷиши ҷиддӣ қарор гирифта, комилан маъқул дониста шудаанд, ба туфайли маҳорату кордонии Бобоҷон Ғафуров боз ҳам инкишоф ва такмил ёфтанд. Китоб бо фасоҳат ва шеваи содаву возеҳ таълиф гардида, қобили фаҳмиш ва идроки ҳамаи мутолиакунандагон мебошад. Дар китоб муборизаи мардуми тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ ва корнамоиҳои тӯдаҳои заҳматкаш ба хотири озодӣ ва соҳибихтиёрии худ ниҳоят пуртаъсир инъикос гардидааст.

Бешак, аксар қисматҳои «Тоҷикон» ба таври мубоҳисавӣ таълиф ёфта, афкори мухталиф ва баъзан ба ҳамдигар муқобили фозилону донишмандон чунон устокорона оварда шуданд ва он имкони мусоид фароҳам меорад, ки хонандаи китоб бо ақидаҳои мухталифи масъалаҳои таҳқиқшаванда огаҳ гарданд ва бештар андешаву мулоҳиза намоянд. Амалан феҳристи маъхазҳо ва таҳқиқотҳои истифодашуда бисёр мукаммал буда, он ҳамаи марҳилаҳои асосии таърихи халқи тоҷикро дарбар мегирад. Муаллиф дорои фазилати фавқулодда барҷаста ва огаҳии комил доштани худро аз дастовардҳо ва навгониҳои фозилону донишмандони шуравӣ ва хориҷӣ пурра зоҳир намудааст. Феҳристи китоб ба муҳаққиқони таърихи халқи тоҷик як сарчашмаи бағоят нодир буда, кори онҳоро комилан осон мегардонад. Ҳатто доираи тамоми он масъалаҳое, ки ба таърихи тоҷикон марбут аст ва инчунин тамоми он самтҳои илмие, ки дар таҳқиқотҳои бунёдии Б. Ғафуров мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтаанд, бемуҳобот ҳатто номбар кардани онҳо имконнопазир аст. Зимнан иқрор кардан мусаллам аст, ки **аксари муҳаққиқони Ватанӣ ва хориҷӣ ба он ақидаи комилан дурусти илмӣ ва ҳаётӣ омадаанд, ки шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров аз ҷиҳати масъалагузорӣ, таҳқиқу пажуҳиш, таҳлилу муқоиса ва хулосаву ҷамъбаст аз дигар асарҳои илмиву таҳқиқотӣ ба куллӣ фарқ мекунад ва он дар сатҳи ниҳоят баланди илмию эҷодӣ таълиф ёфтаа**ст. **Ҳатто муҳаққиқ дар он масъалаҳои муҳим ва таҳқиқталаберо, ки мавриди баррасӣ ва таҳқиқи проблемавӣ гузаштааст, ба муҳққиқони оянда роҳи васеъ мекушояд ва ҳамзамон муайян месозад, ки тадқиқотчиёни ҷавон ба кадом масъалаҳои мубрам ва таҳқиқталаб бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва ба кадом самтҳои афзалиятноки илмиву таҳқиқотӣ корҳои илмиву**

**пажуҳишӣ бурда, онҳоро бомаром ва дорои навгониҳо анҷом диҳанд.** Аз ин лиҳоз, шоҳасари «Тоҷикон» ба доираи васеи муаррихони тоҷик ҳамчун қутбнамои корҳои илмиву таҳқиқотӣ аз таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад.

Тазаккур ба ёдоварист, ки ин таҳқиқоти комил ва мукаммали Бобоҷон Ғафуров дорои мусаввараҳои фаровон ва марғуб буда,онҳо мазмун ва мӯҳтавои асари мазкурро дучанд афзун мегардонанд. Мусаввараҳои нодири асар аз хазинаи муассисаҳои илмӣ ва таҳқиқотии ниҳоят муътабари Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ, аз қабили Эрмитажи давлатии Ленинград, Институти ховаршиносии Ӯзбекистон, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ Тоҷикистон, Музеи Британия, бозёфтҳои миссияи бостоншиносии Фаронса дар Афғонистон ва амсоли он пешкаш шудаанд. Бояд қайд кард, ки мусаввараҳо, аксҳо, нақшаҳо, харитаҳо ва амсоли он ниҳоят эҷодкорона бо ҳунари баланд омода шуда, интишор гардидаанд. Нақшаву тасвирҳо хеле марғуб ва нафис буда, дар онҳо арзишҳои баланди моддие, ки мардуми тоҷик дар тӯли асрҳо офаридааст, ба хубӣ ҳувайдо мегарданд[1].

*Бобоҷон Ғафуров то рӯзҳои вопасини зиндагии худ пайваста машғули тавзеъ ва такмили асари асосиаш «Тоҷикон» буд. Дар бадали 30 соли кори эҷодии худ дар сари таърихи халқи тоҷик, Б. Ғафуров ҳаҷми асарашро се маротиба зиёд намуда, онро аз як китоб ба ду китоб мерасонад. Ин асар ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Маскав шаш маротиба ба табъ расидааст. «Тоҷикон» на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва гунҷоиш, балки бештар мазмунан низ ғанӣ ва пурра гардидааст. Ҳудуди хронологии қисмати такмилшудаи (яъне, тоҷикии) асар давраи аз нимаи*

[1] Мухторов А., Шарифов Ш. Академик Бобоҷон Ғафуров.-Душанбе: Ирфон,1989.-С.134-135.

*дуюми асри XV1 то ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябрро дарбар мегирад. Академик Бобоҷон Ғафуров китоби худро пурра намуда, орзу дошт, ки «Тоҷикон» ҳарчӣ зудтар ба забони тоҷикӣ нашр шуда, дасраси доираи васеи хонандагон гардад, вале ин орзуи олим пас аз маргаш ҷомаи амал пӯшид. Ҳангоми ба чоп омода намудани «Тоҷикон» ба забони тоҷикӣ бо дарназардошти афзоиши ҳаҷми нашрия (75 ҷузъи чопӣ, бо сабабҳои техникӣ), муҳаррири масъули китоб, академик Аҳрор Мухторов мувофиқи ризоияти муаллиф асарро ба ду ҷилд тақсим намудааст. Воқеан, ҷилди аввал, чаҳор фасли нахустинро (то асри XVl), ҷилди дуюм бошад, давраи аз асри XVl то ғалабаи Инқилоби Октябрро дарбар мегиранд. Дар соли 1983 нашриёти «Ирфон» китоби якум ва дар соли 1985 бошад, китоби дуввуми «Тоҷикон»-ро ба хонандагони деринтизор тақдим намудааст.Бобоҷон Ғафуров ҳангоми ба забони тоҷикӣ тайёр кардани асари худ, маълумотҳои манбаъҳо ва таҳқиқотҳои гуногунро то аввали соли 1977 моҳирона истифода бурда, ба он эҷодкорона иловаҳо ва тасҳеҳ ворид намудааст.*

Аллома Бобоҷон Ғафуров бешак азму паймон намуда буд, ки агар насиб бошаду имконият даст диҳад, дар варианти тоҷикии китоб асосҳои масъалаҳои мазкурро, яъне, он масоили баҳсноку ҳалталабро то ҳадди имкон равшан хоҳад кард. Бино бар ваъдаи мантиқии муҳаққиқи чирадаст, *"умуман агар фурсат даст диҳад, перомуни пайдоиши забони тоҷикӣ як фасли алоҳида навишта, зодаи Моваруннаҳру Хуросон будани онро ҳамаҷиҳата исбот мекунад".* Зимнан ҳамин дархости ниҳонӣ ва ваъдаҳои ҷолибу мубрамро ба назар гирифта, академик Акбар Турсунов чунин ибрози ақида намудааст, ки боиси таҳсин ва дасгирӣ мебошад. Бино бар андешаҳои муаллифи собитқадам Акбари Турсон, ҳоло, ки тарҷумаи тоҷикии асари Б. Ғафуровро дар даст дорем, мебинем, ки эшон ба қавли худ вафо карда, ба боби дуюми

китоб фасли махсусе илова намудааст, ки он «*Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик*» ном дорад. Вале сад афсус, ки дар баробари ин фасли нав, дар китоб фасле низ нигоҳ дошта шудааст,ки дар он ақидаи аввали Б. Ғафуров баён ёфтааст. Хонандае, ки аз асли ҳол бехабар аст, албатта, ба иштибоҳ хоҳад афтод. Мутаассифона, он хатои дағале, ки ҳангоми таҳияи нашри тоҷикии муҳимтарин китоби Бобоҷон Ғафуров роҳ дода шудаст, таввасути нашри дарии (афғонии) асар ба хориҷи кишвар ба муҳити форсизабонони дунё нуфуз пайдо намуд. Бояд иқрор шуд, ки нашри тоҷикии китоб як қатор норасоиҳои илмӣ, терминологӣ ва услубиро дорост, ки онҳоро ба осонӣ бартараф кардан мумкин буд, албатта, ба шарте, ки агар мураттибу муҳаррирони китоб як нуқтаи муҳимро ба назар мегирифтанд: *«Тоҷикон» аз ҷумлаи китобҳои муқаррарӣ нест....«Тоҷикон» таърихи сеҳазорсолаи халқест, ки роҳи дуру дарозеро тай намуда, қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ барои ҷисман зинда мондан, барои осори маданиашро ҳифз намудан, барои ҳаққу ҳуқуқи маънавияшро барқарор намудан пайваста мубориза бурда омадааст.* Ба қавли комили академик Акбари Турсон, *он асарест, ки худи ҳозир ба китоби рӯимизии ҳар як фарди тоҷик табдил ёфтааст, онро аллакай мардум дар магозаҳо кофта мегарданд, якбора чанд нусхагӣ харида, ба фарзандон ва хешовандонашон тақдим мекунанд. Пас, китоби «Тоҷикон» худи ҳозир ҳамчун як навъ муқаддасоти миллӣ пазируфта шудааст. Магар инро пешбинӣ кардан мумкин набуд? Бешубҳа, мумкин буд, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҳамаи он мураттибу муҳаррирони китоби Бобоҷон Ғафуровро ба масъулиятшиносӣ водор накард, онҳоро аз саросемагӣ ва саҳлангорӣ бознадошт ва амсоли он*[2].

---

[2]Турсунов А.Пояафрози миллат: (Шамае чанд аз рӯзгори Бобоҷон Ғафуров) // Акбар Турсунов. Қирони Саъд: (Се очерк).-Душанбе: Ирфон,1986.-С.139.

Академик Акбари Турсон тазаккур медиҳад, ки боре зимни мулоқоте бо устод Б. Ғафуров, мавзуи ба ҳамин монанд дар миён омад. Камина суол кардам, ки оё ҳангоми нигоштани «Тоҷикон» ягон душворие пеш наомадааст, ки ҳаллу фасли бояду шояди он аз имкон берун бошад? Устод аз рӯи одат якбора ҷавоб надоданд, хеле фикр карда монданд. Баъди чанде оҳиста ба гап сар карданд:

**-"Душвориҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ умуман пеш меоянд, аз рӯи он ки ҳаллу фасли онҳо ба худи муҳаққиқ вобаста аст, ё не, ду навъ мешавванд: объективӣ ва субъективӣ. Албатта, вақте кас ба нигоштани «Тоҷикон» барин асари калонҳаҷм, серсоҳа ва бисёрҷанба шурӯъ мекунад, вай бояд барои бархӯрдан бо душвориҳои сершумори кӯчаку бузург худро омода созад, ҳарчанд, ки ӯ миқдори миқёси онҳоро аз оғоз тасаввур карда наметавонад. Азбаски ман ба тадқиқи таърихи халқи тоҷик бештар аз сӣ соли умри худро сарф кардаам, гуё дар худи ибтидои иншои монографияи нав душвориҳои имконпазирро, ки сурати сирф илмӣ, методологӣ ва ҷамиятию сиёсӣ доштанд, бо тамоми ҷузъиёт ва нозукиҳояшон мефаҳмидам ва роҳҳои рафъи онҳоро медонистам. Аммо дар ҷараёни кор, хусусан баъди анҷоми он маълум шуд, ки ҷо-ҷо ман тушбераро хом шумурдаам,-** ба таври ҷиддӣ гуфтанд устд Б. Ғафуров. Аз афташ, шумо, аз он иғвоюю ғавғое, ки баъди интишори китоб ба амал омадааст, бехабар ва ё хабар ёфта бошед ҳам, мақсаду миқёси онро ба ҳадде, ки буд, пурра тасаввур карда наметавонед. Охир, кор ба дараҷае расид, ки дар маҷаллаи «Вопросы истории» як тақризи калони пуриддао ва ҳангомталабона ба чоп ҳозир шуд. Он вақт ман дар Душанбе будам. Хайрият, ки Б. А Литвинский бохабар шуда, ба ман телефон кард, вагарна, ба осиёби иштибоҳ оби касифе сар

дода мешуд. Фақат ба туфайли дахолату далолати саривақтӣ ва олиҳимматонаи Кумитаи Марказии ИЧШС пеши ин фитнаҷӯиҳо гирифта шуданд[3].

-Пас он душворие, ки изҳор намудаед, душвории сирф объективӣ гуфтан мумкин аст?- суол медиҳад  А. Турсунов.

-На чандон! Маънии «омили субективӣ» аз оне, ки ману шумо гумон мекунем, васеътар ва ҳам нуфузаш амиқтар будааст... Аслан сабаби ба ду китоб ҷудо кардани »Таджики» танҳо омили  техникӣ (полиграфӣ) набуд. Ман гумон карда будам, ки қисми аввал назар ба қисми сонӣ шомили масъалаҳои баҳсноки сиёсатомез нест ва аз ин рӯ, онро пештар чоп кардан салоҳтар аст.  Дар қисми дуюми таърихнома бошад, мебоист воқеаҳои нимаи дуввуми асри XlX, маорифпарварӣ ва наҳзати ҷадидия барин проблемаҳои дандоншикан акс мееёфтанд, ки барои ҳаллу фасли бояду шояди онҳо танҳо материали даркориро андӯхтан ва онро ҳамаҷиҳата таҳлилу хулоса карда тавонистан хеле кам аст[4].

Дар шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров қисматҳои баҳснок, мураккаб ва дандоншикан ниҳоят зиёд мебошанд, ки муаллиф онҳоро эҷодкорона  сайқал ва такмил додааст.Масалан, *дар боби «Ҳаёти тоҷикон дар ҳайати Аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд (аз миёнаҳои асри XVlll то миёнаҳои асри X1X), муаллиф таърихи сиёсии ин давраро тасвир намуда, ба хулосае  меояд, ки ин солҳо мушкилтарин ва вазнинтарин давраҳои таърихи халқи тоҷик ба шумор мерафтанд. Бино бар андешаи комили муҳаққиқи эҷодкор, «маҳз дар ҳамин давра  дар байни давлатҳои мухталиф тақсим шудани халқи тоҷик анҷом меёбад»[5].*

---

[3] Турсунов А. Пояафрози миллат: (Шамае чанд аз рӯзгори Бобоҷон Ғафуров).-С.176.
[4] Дар ҳамон  ҷо.-С.177.
[5]Дар ҳамон  ҷо.-С.176.

Зимни омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар нимаи аввали асри XIX, Бобоҷон Ғафуров нисбат ба таҳқиқотҳои пешинаи худ дар масъалаи найрангу дасисаҳои Англия дар Осиёи Миёна, вусъати муносибатҳои хонигариҳои Осиёи Миёна бо Руссия, болоравии ҷунбишҳои халқӣ дар ҳудуди ин хонигариҳо як қатор тавзеҳоти комили илмӣ ва афкори навро илова карда, ба асари хеш ворид намудааст, ки шоёни таҳсин аст. Мушоҳидаҳои ихтисосӣ собит мекунанд, ки дар шоҳасари Б. Ғафуров "Тоҷикон" навгониҳои пурарзиш ва навпардозиҳои илмиву эҷодӣ ниҳоят зиёд мавриди амал қарор дода шудаанд. Масалан, академик Б. Ғафуров дар асоси асарҳои К. Маркс, Ф. Энгелс ва В. И. Ленин бори нахуст дар илм нуқтаи назари доир ба аҳамияти прогрессивии таърихии ба Руссия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёнаро баён намуда буд, ки он дар натиҷа, дар илми таърихшиносии Шуравӣ мавриди эътирофи ҳамагон қарор мегирад.

Дар китоби "Тоҷикон", муаллиф дар мавқеи худ пойдор монда, ақидаи худро бо далелу бурҳонҳои нав ва хулосаҳои тозаи илмӣ комилан пурра менамояд. Бар замми он, дар ин қисмат муаллиф раванди инкишофи дохилии Тоҷикистони тоинқилобиро (бо якҷояигии аморати Бухоро) баъд аз истилои ин сарзамин аз тарафи Руссия бо санаду бурҳонҳои ҳаётӣ нишон медаҳад, ки он ҷолибу писандида буда метавонад. Зимнан муаллиф бо дарназардошти охирин дастовардҳои илми таърихшиносӣ муайян намудааст, ки ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон нисбат ба ноҳияҳои марказӣ, ҷанубу шарқӣ ва Бадахшон бештар ба ҳаёти иқтисодии Туркистон бевосита саҳми намоён доштанд. Инчунин охирин қисмати китоби "Тоҷикон" ба таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX бахшида шудааст. Хусусияти ин давра аз он иборат аст, ки ҳаракатҳои инқилобие, ки саросари Руссияро фаро мегирифтанд, ба Осиёи Миёна низ паҳн ва интишор

мегардиданд. Мардуми ситамдида тахти роҳбарии синфи коргари рус ва ҳизби болшевикон барои сарнагун намудани режими мутлақият ва аз байн бурдани сармоядорӣ шӯру қиём намуданд. Муаллиф ба ҷиҳатҳои алоҳидаи таърихи ҷунбишҳои халқӣ аҳамияти махсус дода, онро бо дарназардошти вазъи ҳамон замон ба таври марксистӣ арзёбӣ намудааст, ки он бемуҳобот аҳамияти бузурги илмиву амалӣ дорад.

Чунонки ҳамзамонон таъкид месозанд, ки Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари «Тоҷикон» тарзу усули нигориши ҷаззоб ва дилфиребро куллан риоя намудааст ва асари мазкур ҷанбаи пурқуввати илмии академиро соҳиб мегардад, вале бо вуҷуди он, вай бевосита ба тариқи оммафаҳм нигошта шудааст ва шахси андак босавод онро мутолиа намуда, аз он пурра баҳраманд шуда метавонад. Зимнан тарҷумаи тоҷикии асар (нашри солҳои 1983,1985) бори дигар равонии тарзу усули нигориши онро собит менамояд[6].

Бешаку шубҳа, хусусияти хоси таҳқиқоти олими мумтоз Бобоҷон Ғафуров дар он таҷассум меёфт, ки ӯ аз сарчашмаҳои хаттӣ, манбаъҳои сершумори таърихӣ, санаду ҳуҷҷатҳои нодир, асноди бойгонӣ ва амсоли он васеъ ва бамавқеъ истифода мебурд. Масалан, муҳаққиқи заҳматкаш ва тозакор танҳо дар ҷараёни таълифи нашри тоҷикии «Тоҷикон» беш аз 1900 номгӯй асарҳо, монографияҳо ва таҳқиқотҳоро истифода бурддааст, ки аз онҳо 367 ададашон ба қалами олимони хориҷӣ мутааллиқ мебошанд[7] (9,496). Чуноне дигар тадқиқотҳо собит мекунанд, ки академик Б. Ғафуров ҳангоми

[6]Ғаффоров У. Сарчашмаҳо ва омилҳои шуҳрати Бобоҷон Ғафуров // Академик Бобоҷон Ғафуров- муҳаққиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ (Маҷмӯаи мақолоти таҳқиқӣ).- Душанбе: Ирфон,1999.- С.486.

[7]Ғаффоров У. Сарчашмаҳо ва омилҳои шуҳрати Бобоҷон Ғафуров.- С.496.

навиштану коркарди шоҳасараш "Тоҷикон" зиёда аз 2000 сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ, монографияҳо, брошюра ва мақолаҳои илмиро самаранок истифода бурдааст, ки барои дастрас намудани баъзе аз онҳо худаш махсус ба хориҷа сафар карда, онҳоро бо машақатҳои зиёд мутолиаву коркард намудааст.

Китоби"Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар ҳаёти илмиву фарҳангии кишварамон ҳодисаи намоёне гардид ва дар саҳифаи рангини таърих-шиносии Шуравӣ бо хати заррин сабт ёфтааст. Аҳамияти илмию амалии асари ҷамъбастии академик Б. Ғафуров танҳо бо он, ки вай яке аз таҳқиқотҳои бунёдӣ ва мӯҳташам доир ба таърихи халқҳои Осиёи Миёна мебошад, маҳдуд намегардад. Асари мазкур умуман дар таҳқиқу баррасии таърихи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии тамоми Машриқзамин саҳми бориз ва арзанда мегардад. Далели аз тарафи аҳли илм эътироф шудани маҳсули меҳнати олими тоҷик аз он иборат аст, ки ба "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров таърихшиносон, бостоншиносон ва ховаршиносони номии Шуравӣ, аз қабили академикҳо Б. Б. Пиотровский, А. П. Окладников, М. П. Ким, Е. М. Жуков, И. И. Минс, М. А. Коростовсев, А. Л. Нарочнитский ва олимони шинохтаи тоҷик, академикҳо Б. Искандаров, С. А. Раҷабов, аъзо-корреспонденти АИ Тоҷикистон А. Мухторов, бостоншиноси номӣ В. А. Ранов, адабиётшиноси маъруфи тоҷик Х. Мирзозода, файласуфи кайҳоншиноси сатҳи ҷаҳонӣ А. Турсунов ва дигарон тақризҳои илмиву эҷодӣ иншо намуда, ба он баҳои баланд додаанд. Чунончӣ, дар тақризи худ ба ин асар, академикҳо А. П. Окладников ва Б. Б. Пиотровский чунин навиштаанд: "Мо дар даст таҳқиқоти нави ҷамъбастии олимро дар ҳудуди 60 ҷузъи чопӣ дорем. Ин асари Бобоҷон Ғафуров натиҷаи заҳмат ва таҳқиқотҳои бештар аз 30 солаи ӯ дар ин мавзуст, барҷастатарин қисми фаъолияти илмии вай аст...

Бобоҷон Ғафуров дар асари худ соҳиби истеъдоди фавқулодаи ба роҳбарӣ гирифтани методологияи марксистӣ-лениниро собит менамояд"[8]. Яке аз бостоншиносони барҷастаи Шуравӣ, академики АИ ИҶШС, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, лауреати Мукофоти Давлатии ИҶШС А. П. Окладников, ки дар таҳқиқи таърихи бостонии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон саҳмгузорӣ намудааст, дар рӯзномаи "Известия" доир ба "Тоҷикон" чунин навишта буд: "Рисолаи мӯҳташаму бунёдии Б. Ғафуров дониши моро доир ба таърих ва анъанаҳои яке аз халқҳои қадимтарини мамлакати мо-тоҷикон ғанӣ мегардонад ва ҳиссаи арзанда дар омӯзиши таърихи Ватан аст"[9].

Зимнан, оид ба китоби "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров ховаршиносони машҳури ҷаҳон, ба монанди Ричард Фрай, Иржи Бечка, Манфред Лоренс, Шоши Бушан, Нурул Ҳасан, Файз Аҳмади Файз, Ҳасани Донӣ, Сайид Муҳаммади Ҳаким ва чанде дигарон тақризҳои илмиву эҷодӣ ва ихтисосӣ таълиф намуда, арзиши баланд ва бебаҳои онро мавриди баҳс ва баҳогузорӣ қарор додаанд. Аз ин боис, китоби "Тоҷикон" дар хориҷи кишвар низ шуҳрат ёфта, дар байни шарқшиносони маъруфи хориҷа бо истиқболи гарм пазируфта шуд. Ба ин китоб дар ИМА, Олмон, Чехословакиё, Ҳиндустон, Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳо тақризҳои мусбати илмиву эҷодӣ ба чоп расиданд. Яке аз донишмандони маъруфи таърих ва фарҳанги Шарқ, муаллифи асарҳои "Мероси Эрон", "Бухоро" проффесори Донишгоҳи Гарвард Ричард Фрай (ИМА) дар маҷаллаи

[8]Окладников А.Т., Пиотровский Б. Б. Тақриз ба шоҳасари "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров //Вопросы истории.-1974.-№12.-С.144.

[9] Академик А. Окладнинов. Из глубины веков// Известия.-1973. - 22 феврал; Мухторов А., Шарифов Ш. Академик Бобоҷон Ғафуров.-Душанбе: Ирфон,1989.-С.138-139.

"Америка ҳисторик-эл ревью" ("Ахбори муаррихони Амрико") мақолае таҳти унвони "Академик Бобоҷон Ғафуров ва "Тоҷикон" навишта, ба китоб чунин баҳои баланд медиҳад: "Беназирии академик Ғафуров дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба Осиё на танҳо аз он аст, ки ӯ фарзанди миллати тоҷик аст. Ӯ директори Институти шарқшиносии АИ ИҶШС--бузургтарин маркази ховаршиносие мебошад, ки таҳти раёсаташ дар кӯтоҳтарин муддат муваффақиятҳои гӯшношунидро ноил гаштааст. Агар зарурати тарҷумаи инглисии ягон асари русии оид ба мавзуи Осиёи Марказӣ пеш ояд, бешак, он "**Тоҷикон**" аст"[10]. Бесабаб нест, ки зумраи зиёди олимони маъруф ва мутафаккирони барҷастаи ҷаҳон ба хидматҳои бузург ва кору пайкори беназири аллома Бобоҷон Ғафуров баҳои баланд додаанд. Чунончӣ, ховаршиноси маъруфи чех, доктор Иржӣ Бечка ба шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров баҳои баланд ва ҳаққонӣ медиҳад:"Тоҷикон" на танҳо ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, балки таърихи тамоми тоҷикони Осиёи Миёна, ҳамчунин қисмати бузурги Афғонистони имрӯзаро фаро гирифтааст. Аз ин лиҳоз, асар на танҳо барои халқи тоҷик, инчунин барои донистани таърихи рушду такомули тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти басанда дорад". Инчунин муаррих ва муҳаққиқи намоёни Афғонистон, профессори риштаи таърихи Донишгоҳи Кобул, доктор Ҷалолиддин Сиддиқӣ ба мазмун ва мӯҳтавои шоҳасари "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров эътибори бевосита равона намуда, саҳми барҷастаи муаллифро нишон медиҳад, ки шоистаи гуфтор ва таҳсин буда метавонад: ″Китоби "Тоҷикон" дар воқеъ асарест, ки дар он муборизаи халқи тоҷик бо халқҳои дигари бародари Хуросонзамин ва Мовароуннаҳр

---

[10] Ҳамдамов Ш. Олим будан, одил будан аст:Саҳифае аз рӯзгори академик Бобоҷон Ғафуров// Газетаи муаллимон.-1983.-5 ноябр.

зидди ситам ва бедодгариҳои низомҳои гуногуни феодалӣ ба хубӣ акс ёфтааст. Ва фарозу дурудҳои ин халқро аз адвори хеле куҳан то асри ҳозир ба хубӣ ва диққати олимона баён доштааст"[11]. Президенти Анҷумани покистонии "Ҳамдард Нэшил фаундейшен" Ҳалим Муҳаммад Саид нақши илмиву адабии академик Бобоҷон Ғафуровро дар фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ эътироф намуда, чунин иброз медорад: "Б. Ғафуров дар таҳқиқоти тамаддуни Осиёи Марказӣ-Покистон, Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон, Муғулистон ва қисме аз ҳудуди Иттиҳоди Шуравӣ аз зумраи нахустин муҳаққиқон аст. Фаъолияти ӯ дар омӯзиши ин масъалаҳо сабаби дар ЮНЕСКО ташкил ёфтани бастҳои (секцияҳо) алоҳида гардидааст. Бесабаб нест, ки саҳми бузурги илмӣ Б. Ғафуровро бо олимони бомаҳорати ҷаҳонӣ дар як қатор мегузорад"[12]. Фарзанди фарзонаи қирғиз, мутафаккири сатҳи ҷаҳонӣ Чингиз Айтматов дар бораи шуҳрату шаҳомати ҷаҳонии академик Бобоҷон Ғафуров чунин андешаронӣ намудаст, ки он самимонаву ҷасоратмандона аст:*“Бобоҷон Ғафуров базургтарин симоҳои илми ҷаҳонӣ буда, бо ҷустуҷӯҳои доманадор, бо ғурури баланди худшиносӣ ва талошу орзуҳо тавонист миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни хеш-тоҷиконро дар сафҳаи таърихи ҷаҳониён муаррифӣ созад.Дар солҳои фаъолияти ӯ (дар давраи интерат-сионализми байналхалқӣ) навиштани китоби”Тоҷикон”, бешак қаҳрамонист. Ман гумон мекунам, ки на ба ҳама муҳаққиқ таълифи чунин шоҳасар насиб мегардад”*[13].

Академики АИ ҶШС Тоҷикистон М. С. Осимӣ перомуни хизматҳои арзандаи ин марди пурхирад ва мутафаккири

[11]Номбардори миллат: Назари донишмандон ва арбобони давлатӣ дар бораи Бобоҷон Ғафуров.- С.140.

[12]Номбардори миллат:Назари донишмандон ва арбобони давлатӣ дар бораи Бобоҷон Ғафуров.- С.139.

[13] Тоҷикистон.-2018.- № 43.- 24 октябр.- С.12.

барҷастаи Машриқзамин чунин ибрози ақида намудааст, ки ҳақ бар ҷониби ӯст: "Тақдири миллат ва ҳифзи шаъну шарафи он то нафаси вопасин Бобоҷон Ғафуровро ором намегузошт. Ҳар гоҳ, ки дар бораи хизматҳои шоистаи Бобоҷон Ғафуров дар назди миллати худ сухан меравад, пеш аз ҳама, шоҳасари ӯ "Тоҷикон" пеши чашмамон ҷилвагар мешавад. Як худи ҳамин асар кофист, ки номи Бобоҷон Ғафуров дар саҳифаҳои таърихи халқамон бо ҳарфҳои заррин сабт шавад. Ва ҳол он ки тамоми фаъолияти бошууронаи Бобоҷон Ғафуров дар роҳи ҳифзи шаъну шараф, баланд бардоштани обрӯю эътибори миллати тоҷик равона шуда буд"[14]. Муаррихи намоёни тоҷик Амиршоҳ Ёрмуҳаммадов дар бораи душвориҳои дастрас намудани шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" чунин ибрози ақида мекунад, ки он инъикоскунандаи ҳақиқати ҳол аст. Мавсуф таъкид месозад, ки дар "соли 1972 асари машҳури академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна" (ба забони русӣ) аз чоп баромад. Китоб дар байни зиёиёни тоҷик як инқилоби фикриро ба вуҷуд овард. Ҳама кӯшиш мекарданд, ки он китобро дастрас кунанд, аммо ин на ба ҳама муяссар мегашт. Ман аз ноҳияи Колхозобод як нусхаи онро дастрас кардам ва бо ин худро хушбахт ҳисоб мекардам ва аз ин шоҳасар куллан баҳраманд гаштаам"[15].Зикри он саривақтӣ аст, ки чӣ муҳаққиқону муаррихон, адабиётшиносону фарҳангшиносони дохилӣ ва чӣ хориҷӣ ба шоҳасари академики Академияи илмҳои ИҶШС, алломаи замон Бобоҷон Ғафуров тақризҳои илмию адабӣ иншо намуда, онро падидаи нави

---

[14] Осимӣ М.С. Марди хирад ва дилсӯзи миллат// Мухторов А. Бобоҷон Ғафуров:(Хотираҳо). Душанбе: Дониш, 1992.- С.118.

[15] Ёрмуҳаммадов. А. Хотироти пурарзиши ҳаёти ман// Маорифи Тоҷикистон.-2020.- №3.- С.20.

замон ва навгонии беамсоли даврон арзёбӣ мекарданд. Боиси тазаккур аст, ки саргузашти рангин ва қадамҳои ҷасуронаи шоҳасари "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуровро ёдрас намудан боиси ифтихори тоҷикон аст[16].

Воқеан, соли 1972 дар шаҳри Ашқободи Туркманистон симпозиуми байналмилалии ховаршиносони ҷаҳон доир мегардад, ки дар кори он олимони бештар аз 20 мамлакати ҷаҳон иштирок намуданд, масъалаҳои мубрами таърихи нав ва навтарин, таҳлили инкишофи иҷтимоиву мадании мамлакатҳои Осиёи Марказиро дар асрҳои XIX-XX мавриди муҳокима қарор медиҳад. Иштирокчиёни форуми байналхалқии Ашқобод аввалин касоне буданд, ки бо монографияи фундаменталии Б. Ғафуров "Тоҷикон" шинос шуданд. Китоби мазкур дар ҳаёти илмии мамлакати мо ҳодисаи намоёне мегардад ва дар саҳифаҳои рангини таърихшиносии Шуравӣ инъикоси худро ёфтааст. Зимнан дар назди даромадгоҳи толори конференсия ин китоб ба фурӯш гузошта шуда буд, ки аксарият онро бо қаноатмандӣ мехариданд ва аз он бомаром хушнуд буданд. Устод ба бисёр шахсони ба конференсия даъватшуда, дӯстону ҳамкорони худ, китобро бо соядасташон туҳфа мекарданд. Чуноне Аҳрор Мухторов ёдоварӣ кардааст, ки ба рӯйи нусхаи ба ӯ туҳфакардаи Б. Ғафуров чунин навишта шудааст: "Моему большому другу профессору Мухтарову от Гафурова Б.Г., 27 сентября 1972 г.". Ин нусхаи табаррукиро ӯ дар ҷои намоёни китобхонааш нигоҳ медорад. Он вақт Мухторов ҳанӯз унвони профессорӣ надошт, КОА-и ИҶШС ҳанӯз рисолаи

[16] Ёрмуҳаммадов. А. Хотироти пурарзиши ҳаёти ман// Маорифи Тоҷикистон.-2020.-№3.- С.20.

докториашро тасдиқ накарда буд. Вале дар пеши назари устод, Аҳрор Мухторов ин унвонро аллакай соҳиб буданд[17].

Дар кори ин конфренсия олимони Ӯзбекистон бо сарварии президенти Академияи улумашон О. Содиқов ширкат варзиданд. Ҳис карда мешуд, ки директори Институти ховаршиносии Ӯзбекистон **С. Азимҷонова** як нусхаи "Тоҷикон"-и Ғафуровро дар рӯи курсии паҳлӯяш гузошта, ба тарафи О. Содиқов, ки дар президиуми маҷлис менишаст, ишораҳо мекард. Ӯ гуфтанӣ мешуд, ки "Бинед, Ғафуров боз чӣ кор кардааст?! Ин китоб "Тоҷикон" номида шудааст[18]. Моҳи апрели соли 1977 ноиби президенти АИ Ӯзбекистон Нурмуҳаммадов дар Душанбе бо Б. Ғафуров дучор омада, иброз медорад, ки "Домулло! Мо ба муқобили китоби шумо "Тоҷикон" ягон эроде надорем. Фақат мехоҳем, ки шумо номи онро дигар кунед". Дар ҷавоб устод бо ифтихор ба ӯ изҳор намуданд, ки "Сизлар ҳам "Ӯзбеклар" деб битта китоб чиқоринглар", яъне,"Шумоён ҳам бо номи "Ӯзбекҳо" чунин як китоб нашр кунетон!"[19]. Вале бо чунин унвон нашр кардани чунин шоҳасар танҳо ба Бобоҷон Ғафуров муяссар шудаасту халос, ба дигарон ин кор мутлақо дастнорас буд.

Умуман, асари Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби аҳли илм якхел қабул карда нашуд. Якчанд нафари олимон, ки ақаллиятро ташкил медоданд, доду фарёд бардоштанд. Ҳатто ба муаллиф тухмат карда, дар саҳифаи матбуот баромад карданӣ шуданд. Яке аз ин қабил олимон *бостоншиноси ленинградӣ Вадим Массон* буд. Зимнан Ғафуров ба ин қабил олимон ҷавоби сазовор дода, асарашонро муҳофизат карда тавонистанд. Аксарияти олимони нотавонбин ва худхоҳу такаббур аз устод ҳарос

[17] Мухторов А. Қиссаи“ Тоҷикон”//Мухторов А. Бобоҷон Ғафуров: ( Хотираҳо).-С.49.
[18] Дар ҳамон ҷо.
[19] Мухторов А. Қиссаи“ Тоҷикон”.-С.48.

мекарданд. Устод ба Аҳрор Мухторов боре гӯшзад карда буданд, ки ман боре бо В. Массон дар роҳрави Институт рӯ ба рӯ омада будам. Ӯ аз наздикшавӣ бо ман ҷуръат накарда, ба кадом як утоқи корӣ сар халонида, даромада, худро аз ғазаби ман халос намуд[20].

Ибрози он андеша мусаллам аст, ки доир ба шоҳасари Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар баробари бештар тақризҳои мусбӣ, инчунин  баъзе фикру андешаҳои манфӣ низ нашр гардиданд. Масалан, доир ба асари Бобоҷон Ғафуров дар маҷаллаи "Гулистон" (органи расмии Ҳизби коммунисти Ӯзбекистон) тақриз ба забони ӯзбекӣ таҳти унвони "Таърих ва замон" нашр мегардад. Муаллифи он дар тақриз ақидаҳои таърихии Бобоҷон Ғафуровро ақидаи буржуазӣ ном бурда, ҳадафи танқид қарор медод. Вале Бобоҷон Ғафуров маҳсули эҷодӣ ва офаридаҳои худро ҳама вақт бо санаду далелҳои эътимоднок ҳимоя мекард[21]. Чуноне маҳаққиқон таъкид месозанд, ки "ба миён омадани асари бебаҳои Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар илми замон  такони наверо ба вуҷуд оварда буд. Вале баъзе олимони таҳрифкор аз эҷоди чунин асари пурарзиш доду фарёд ва валвалаҳои беасос бардошта, онро бепоя нишон доданӣ мешуданд. Вале тавоноии олими дақиқназар даъвои беасоси даъвогарони бефакту далелро дарун шинонида, ба оташи ғазабашон оби сард рехт..."[22].

Воқеан, ин асари нодир ба аксарияти олимони шарқшиноси ватанӣ ва ховаршиносони хориҷӣ таассуроти оламшумул бахшида, Тоҷикистонро ба худаш ва берун аз он шинос намуд. Ин асар бо теъдоди 10 ҳазор нусха дар Маскав

[20]Мухторов А. Қиссаи“ Тоҷикон”//Мухторов А. Бобоҷон Ғафуров: ( Хотираҳо).-С.49.

[21]Ёрмуҳаммадов. А. Хотироти пурарзиши ҳаёти ман// Маорифи Тоҷикистон.-2020.-№3.- С.20.

[22] Саъдуллоҳи Ҳайдар. Хотираи некаш дар ёдҳо// Нидои ранҷбар.-1994.-№28.-10 декабр.

нашр шуда, мутаассифона, теъдоди ками он ба Тоҷикистон мерасад. Вале дӯконҳои китобфурӯшӣ ин китобро "зери остин" фурӯхтанд. Баъзе дигарон ба он китобҳои дигари аз фурӯшмондаро ҳамроҳ карда, бо нархи дучанду сечанд ба харидорон пешкаш мекарданд. Нархи китоб 4 сӯму 17 тин буд. Абдуллобек Муродов, бародари ҳофизи маъруфи тоҷик Ҷӯрабек Муродов ба А. Мухторов боре нақл карда буд, ки "Китоби Ғафуровро ман албатта, хонда намебароям, вале ин асар дар хонадони ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ ҳатман бояд ҷой дошта бошад. Вай зимнан таъкид месозад, ки "Ман ин китобро кофта пайдо намудам. Лекин танҳо як нусхаи онро дастрас карда, 30 сӯм дода харидам"[23]. Ҳамин тариқ, шоҳасари Б. Ғафуров мухлису ҳаводори зиёде пайдо карда, дар фурӯш тухми анқо мегардад ва онро мардум аз нархаш ҳам баланд харидорӣ менамуданд. Феълан Бобоҷон Ғафуров ба ин омилҳо диққат дода, боре суоломез изҳор медоранд: "Аҳрорҷон! Нисбат ба оне, ки китоб дар рафҳои дӯкон чанг зер карда, хобад, ҳамин хел тала шавад, беҳтар не мӣ?"[24]. Дар воқеъ, ин шоҳасар ба баъзе мухлисону ихлосмандони ашаддӣ чун доруи ҷонбахш ва бедармон мегардад, ки аз он рӯҳу равон ва ҳаловат мебурданд. Ҳамзамон, дар ин хусус санаду бурҳонҳои ҳаётӣ кам нестанд. Бино бар нақли доктори илмҳои таърих Гулрӯз Наврӯзов, мавсуф ба ватанаш Ишкошим меравад ва зимнан ба аёдати ҳамсояаш мӯйсафеди 82 сола рафта, ба тааҷҷуб мемонад. Ҳамсояи пираш гарчанде бемори бистарӣ бошад ҳам, вале дар даст "Тоҷикон"-и Ғафуровро нигоҳ медошт. Сониян, Г. Наврӯзов тааҷҷуб намуда, сабаби китобдории беморро мепурсад. Мӯйсафед посух медиҳад, ки "Агар ҳамин китобро аз дасти худ дигар ҷо гузорам, дарди ман боло

[23]Мухторов А. Қиссаи“ Тоҷикон”.-С.50.
[24] Мухторов А. Қиссаи“ Тоҷикон”.-С.50.

мегирад". Бале, "Тоҷикон" давои бедармони дарди чандинасраи тоҷикон гардида будааст[25] .

Хизматҳои шоён ва назарраси академик Б. Ғафуров баҳри илму адаб, ватану миллатҳои дунё (Шарқ) бепоёну беназиранд. Бо қалами академик Б. Ғафуров зиёда аз 400 асару мақолаҳо дар бораи таърихи халқи тоҷик, таърихи умумиҷаҳонӣ ва дигар мавзуъҳо навишта ва илова бар ин, онҳо бо забонҳои гуногун дар нашрияҳои гуногуни дунё аз чоп баромадаанд. Асару корҳои илмии олим бо забонҳои ҳиндуӣ, итолиёвӣ, форсӣ, арабӣ, юнонӣ, чинӣ, фаронсавӣ, урдуӣ, полшагӣ, русӣ ва ғайра бо теъдоди зиёд ба табъ расидаанд. Аввалин маротиба бо ёрии академик Б. Ғафуров гурӯҳи бонуфузи муаллифон, китоби "Таърихи халқи тоҷик"-ро дар се ҷилд ва панҷ китоб таълиф намуда, солҳои 1963-1965 нашриёти "Наука"-и шаҳри Маскав аз чоп бароварданд. Бо ташаббус ва зери таҳрири олим танҳо бо забони англисӣ зиёда аз 30 асар дар мавзуъҳои муҳими таърихи кишварҳои Шарқ ба табъ расиданд. Лекин аз ҳама заҳмату машаққат ва хизматҳои шоёну беназири академик Бобоҷон Ғафуров ин китобҳои "Таърихи халқи тоҷик" ва "Тоҷикон" дар чанд ҷилд мебошанд, ки онҳо ному нишони миллати тоҷикро дар тамоми ҷаҳон интишор намуда, шуҳратманд мегардонад.

Муаррихи номии тоҷик, доктори илми таърих Давлатхоҷа Довудӣ ба истеъдоди бузург ва фавқулоддаи аллома Бобоҷон Ғафуров баҳои ҳаққонӣ дода, чунин ибрози ақида намудааст: "Ба қалами ин бузургмард асарҳои зиёде тааллуқ доранд, аммо саҳми бузурги ӯ дар таърихшиносии тоҷик таълифи китоби бунёдии "Тоҷикон" мебошад. Аз тарафи як муаллиф дар чунин поя навиштани асаре, ки давраи калони таърихиро аз қадимтарин ҷамоаҳои ибтидоӣ то давраи нав дарбар

[25]Дар ҳамон ҷо.

мегирад, корест басо мушкил. Дар таълифи ин асар сарчашмаҳои сершумори хаттӣ, бостоншиносӣ, забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва ғайраро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додан зарур буд, вале бо вуҷуди он, Бобоҷон Ғафуров аз ӯҳдаи ин кори заҳматталаб сарбаландона баромада, асари "Тоҷикон"-ро ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ (минҷумла бо ҳуруфоти арабӣ), англисӣ ва ғайра нашр намуда, дар олами илм баҳои баланду сазоворро соҳиб гардид, бо ин кори наҷиби хеш, аҳли оламро мусаххар намуд. Бояд таъкид кард, ки китоби "Тоҷикон" ва асарҳои дигари муҳаққиқ бо сабки хос навишта шудаанд. Донишманд тамоми сарчашмаҳои мавриди истифодааш қарордоштаро амиқу дақиқ омӯхта, ба хулосаҳои муҳими илмӣ омадааст, аз изҳори хулосаҳои шитобкорона худдорӣ кардааст[26].

Набояд фаромӯш кард, ки дар чунин замон ва муҳити идеологие, ки шоҳасари"Тоҷикон"офарида шудааст, имконияти таърихнигорону ҷомеаши-носон ниҳоят маҳдуд буд. Дар он шароит "Тоҷикон" барин асареро навиштан ва нашр кардан дониши қавӣ ва ҷасорати хосаеро талаб мекард. Албатта, дар доираи як асар ҳамаи масъалаҳои таърихи тӯлонии халқро ҳаллу фасл кардан аз имкон берун аст. Ҳалли баъзе аз ин гуна масоил маъхазҳо ва таҳқиқотҳои иловагиро тақозо мекунанд. "Дар ҳар сурат, масъалаҳои асосӣ ва бунёдии таърихи халқи тоҷик дар ин асар воқеъбинона инъикос ёфтаанд. "Тоҷикон", ки соли 1972 нашр шудааст, то имрӯз беҳтарин ва мукаммалтарин асар доир ба таърихи тоҷикон ва мардуми Осиёи Миёна ба шумор меравад"[27]. Агар "Тоҷикон"-

---

[26]Довудӣ Д. Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар сиккашиносии тоҷик //Академик Бобоҷон Ғафуров- муҳақ-қиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ (Маҷмӯаи мақолоти таҳқиқӣ).- Душанбе: Ирфон, 1999.- С. 251-252.

[27]Довудӣ Д. Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар сиккашиносии тоҷик.- С. 253.

и Бобоҷон Ғафуров асари фундамен-талӣ намебуд, ба чандин забонҳои олами мутамаддин тарҷума ва нашр намешуд. Шоҳасари "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр шуда, шухрати ҷаҳонии он боз ҳам афзун мегардад. Чунончӣ, дар соли 1977 "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ба забони ҷопонӣ ва дар соли 1978 бошад, дар Варшава ба забони полякӣ аз чоп баромад. Соли 1984 дар Кобул "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуровро муаррихи маъруфи Афғонистон Ҷалолиддин Сиддиқӣ аз рӯи китоби якуми чопи Душанбе ба нашр ҳозир намуд. Баъд бо саъю кӯшиши ин олим китоби дуюми "Тоҷикон" омодаи нашр шуда, ба хонандагон ва ҳаводорони арҷманди тоҷики ҶИА дастрас мегардад. Мутафаккири машҳури афғон, собиқ раиси Китобхонаи Академияи илмҳои Афғонистон Дӯстмуҳаммад Парвонӣ ба хидматҳои профессор Ҷалолиддин Сиддиқӣ, ки "Тоҷикон"-ро ба ҳуруфи арабӣ бо сифати баланд баргардон намудааст, ба он баҳои ҳаққонӣ медиҳад. «Зимнан "Тоҷикон", ки бо эҳтимоми олими шинохтаи мо Ҷалолиддин Сиддиқӣ танзим ва ба ҳуруфоти арабӣ баргардонида шуда, чоп гардид, воқеаи бузурге буд дар ҳаёти илмию фарҳангии Афғонистон. Асаре, ки ба забони хеле фаҳмо иншо гардидааст, ба хонандаи афғон перомуни таъриху фарҳанги муштараки мо сарчашмаи бебаҳои дониш аст»[28].

Муҳаққиқи тавоно ва муаррихи барҷастаи халқи тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров шоҳасари "Тоҷикон"-ро на танҳо барои тоҷикон ва мардуми Осиёи Марказӣ, балки ба тамоми тоҷикони ҷаҳон ҳамчун ғизои пурғановат ва оламафрӯзи маънавӣ пешниҳод намудааст. Аз ин хотир, муҳаққиқон оид

[28]Номбардори миллат: Назари донишмандон ва арбобони давлатӣ дар бораи Бобоҷон Ғафуров// Аҳрор Мухторов. Бобоҷон Ғафуров: (Хотираҳо).- Душанбе: Дониш, 1992.- С.139-140.

ба доираи амал ва таъсиру нуфузи ин шоҳасари безавол чуннин ақидаи баҳснок ва ҳалталабро арзонӣ медоранд, ки он мувофиқи матлаб аст. Чунончӣ, бино бар андешаҳои муҳаққиқон, Ғафуров хуб тасаввур мекарданд, ки ҳангоми тақсимоти миллӣ дар умури марзбандиҳои миллӣ-давлатии Осиёи Марказӣ ба хатогиҳои фоҳиш роҳ дода шудааст. Аз ҳисоби бадбахтии тоҷикон халқҳои кӯчии орӣ аз тамаддун мутамаддин карда шудаанд. Ғафуров хуб медонистанд, ки гаҳвораҳои тамаддуни халқи тоҷик - Самарқанд ва Бухоро ба бегонагон дода шудаанд, тоҷик дар деҳаи хурдакаки Душанбе пойтахти навини худро эълон кард. Ғафуров хуб тасаввур мекарданд, ки қисмати бофарҳанги халқи тоҷик асосан берун аз ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯза мондааст. Ба ҳамин хотир, он кас номи китобашонро "Тоҷикон" монданд ва бо ин васила тамоми тоҷикони ҷаҳонро бо таърихи тамаддуни қадимаашон фаро гирифтанд. Дар ҳақиқат ҳам, ин китоб дар фикру зикри тоҷикони ҷаҳон инқилоби худшиносии миллиро ба вуҷуд овардааст...[29]. Бесабаб иловатан *профессор Усмонҷон Ғаффоров зикр намесозад, ки Бобоҷон Ғафуров дар пайи таснифи ин шоҳасари комиле, ки ба 15 милён тоҷикони ҷаҳон аз муқаддастарин таснифот маҳсуб ёфта, беш аз сӣ соли умри азизу пурбаракати худро ба харҷ додааст, таърихи пайдоиш, рушду такомул ва талошу пайкорҳои халқи тоҷикро дар рафоқату муттафиқӣ, робитаҳои қавӣ ва устувор бо халқҳои соири Осиёи Марказӣ собитқадамона ва умедбахш ба қалам медиҳад*[30]. *Тазаккур ба ёдварист, ки ба туфайли таҳқиқотҳои қавӣ ва*

[29]Дӯстзода Ҳ.Фарзанди барӯманди халқи тоҷик // Бобоҷон Ғафуров--муҳаққиқи барҷастаи таърихи Осиёи Марказӣ: Маводи конфронси илмии байналхалқӣ.- Душанбе, 2009.-С.211-212.

[30]Ғаффоров У. Сарчашмаҳо ва омилҳои шӯҳрати Бобоҷон Ғафуров // Академик Бобоҷон Ғафуров- муҳаққиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ (Маҷмӯаи мақолоти таҳқиқӣ).- Душанбе: Ирфон,1999.- С.486.

*доманадори муҳаққиқи мумтози тоҷик, профессор Мансур Бобохонов дар солҳои аввали истиқлолият теъдоди тоҷикони ҷаҳон 29 милён нафар*[31]*, аммо пажуҳиши солҳои охир бошанд, собит месозанд, ки миқдори тоҷикон дар ҷаҳони мутамаддин беш аз 50 милён нафарро ташкил медиҳанд*[32]*. Феълан ҳақиқат он аст, ки шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" на ба 15 милёне, ки муҳаққиқон иброз медоштанд, балки ба беш аз 50 милён тоҷикони ҷаҳон мояи ифтихор мебошад.* Имрӯз мо бо сарбаландӣ ва ифтихори баланд таъкид менамоем, ки ин шоҳасар пас аз Авестои муқаддас, Қуръони Маҷид, "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ, "Ёддоштҳо"-и аллома Садриддин Айнӣ ва амсоли он таснифоти оламшумул маҳсуб меёбад, ки ба ин ҳақиқати кулл ҳеҷ гоҳ ҷойи шубҳа нест ва нахоҳад буд!!!

Шуҳрати бепоёни шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон"-ро ин далели воқеӣ кофист, ки он *дар муддати кутоҳ ба 83 забони дунё тарҷима ва нашр мегардад*[33]. Аҳамияти илмиву амалии шоҳасари "Тоҷикон аз он иборат аст, ки он на танҳо ба тоҷикон ва форсизабонони олам, балки ба халқҳои гуногуни ҷаҳон намунаи ибрат буда метавонад. Бесабаб нест, ки донишмади барҷаста ва муаррихи машҳури Ҳиндустон Нурул Ҳасан дар ин бора чунин таъкид месозад, ки "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар омӯхтани таъриху тамаддуни Шарқ, инчунин ҳаматарафа таҳлил намудани олами табиату наботот ва халқҳои Осиё нақши бузург бозидааст"[34]. Ба ибораи оламшумули Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,"Арзиши илмии "Тоҷикон"-и аллома Бобоҷон Ғафуров бениҳоят бузург аст ва ӯ бо заҳмати

[31] Бобохонов М. Тоҷикони ҷаҳон чанд нафаранд?//Минбари халқ.- 1996.-7 сенябр.
[32] Бобохонов М.Таърихи тоҷикони ҷаҳон: (Тоҷикон ва ирреденту диаспораҳои онҳо).- Қисми аввал.- Душанбе,2011.- С.8.
[33] Осидова Ш."Тоҷикон"-и безавол// Паёми Душанбе.-2020.-№91-92.-31 октябр.-С.13.
[34] Восидова Ш."Тоҷикон"-и безавол// Паёми Душанбе.-2020.-№91-92.-31 октябр.-С.13.

чандинсолаи худ мо ва мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои рангини миллатамон ошно кард”[35]. Оре, ба қавли Президенти ҷумҳуриамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, “ин асар аз тарафи маъруфтарин мутахассисони тамаддуни халқҳои Шарқ, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ эътироф шуд ва ба таври сазовор арзёбӣ гардид. Китоби «Тоҷикон» барои болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо дар ҳақиқат такони ҷиддие гардид”[36].

Зикри он мувофиқи матлаб аст, ки хушбахтона, пас аз чанд даҳсолаҳо аз вариантҳои русиву тоҷикии шоҳасари “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров, ба қарибӣ бори нахуст ба забони ӯзбекӣ, аз ҷониби рӯзноманигори хушсалиқа ва тарҷумони варзидаи ӯзбек Ҳасан Бердиқулов бо маҳорати баланд тарҷума ва нашр шуда, ба хонандагони ӯзбекзабон дастрас мегардад. Китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар тарҷумаи Ҳасан Бердиқулов дар ду ҷилд, дар ҳаҷми 1523 саҳифа ва қариб 300 аксҳои гуногуни таърихӣ нашр шудааст. Бино бар таъкиди тарҷумони нашри ӯзбекии ин шоҳасар-Ҳасан Бердиқулов, “тарҷумаи асар ба забони ӯзбекӣ аслан дар такя ба нусхаи русии он сурат гирифтааст, он аз ҷониби аҳли зиёи кишвар, хусусан олимони маъруфи ҷумҳурӣ якдилона пазируфта шудааст. Алалхусус даҳ нафар муҳаққиқони варзида ва намоёни Ватанӣ ба ин шоҳасар тақриз навишта, нашри онро якдилона ҷонибдорӣ намуданд”[37].

Зимнан саросари мундариҷаи китоби Б.Ғ.Ғафуров бо рӯҳу нияти ғояи дӯстии халқҳои Осиёи Миёна саршор аст. Дар ин асар натиҷаи тамоми таҳқиқотҳои олимон ва муаррихони Шуравӣ ва илми пешқадами хориҷа, ки то ибтидои солҳои 70-

[35] Раҳмон. Э. Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ // Чеҳраҳои монда-гор.- Душанбе, 2016.- С.331-333.
[36]Дар ҳамон ҷо.
[37] Тарҷумае дар партави дӯстӣ// Ба қуллаҳои дониш.-2019.-№6.-15 апрел.

уми асри XX дастрас буданд, дурандешона ҷамъбаст карда шудаанд[38]. Пас аз чопи "Тоҷикон" ба забони русӣ, Бобоҷон Ғафуров аз ин нашр қаноатманд нашуда, ба китоби худ иловаҳо ворид мекарданд, норасоиҳо ва нуқсонҳои бударо ислоҳ менамуданд ва онҳоро барои ворид кардан ба нашри тоҷикӣ омода мекард. Илова бар он, муаллиф дар нашри тоҷикӣ манбаъҳо ва тадқиқотҳои олимонро то ибтидои соли 1977 дастрасбударо ҳамроҳ намудааст[39]. Албатта, орзуи Бобоҷон Ғафуров, доир ба нашри тоҷикии"Тоҷикон" баъзе мураккабиву душвориҳо дошт, ки дар ин хусус муҳаррири нашри тоҷикии он, академик Аҳрор Мухторов дар хотираҳо ва ёддоштҳои худ таҳти унвони "Қадамҳои "Тоҷикон" баъдтар бо самимият сухан рондааст[40].Маҳз дар даврони Шуравӣ ба асарҳои худ гузоштани унвони "Тоҷикон" кори бениҳоят душвору мураккаб ва иҷронашаванда маҳсуб меёфт, вале фарзанди фарзонаи халқи тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров ин кори наҷиб ва сангинро бо фахри баланди миллӣ анҷом дода, ба шоҳасари хеш номи "Тоҷикон"-ро мегузорад, ки онро ҷасорати беҳамто ва қаҳрамонии нотакрор номидан мумкин аст. Бесабаб нест,ки Президенти муҳтарами ҷумҳуриамон, Эмомалӣ Раҳмон нашри "Тоҷикон"-ро дар он давра ҷасорату матонати бузург номида, ба он чунин баҳои ҳаққонӣ медиҳанд: «"Тоҷикон" воқеан шиносномаи миллат аст. Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин асар, барҳақ, китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳиб-маърифати тоҷик мебошад ва барои худгоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст»[41]. Зимнан, академик Бобоҷон Ғафуров ба осори пурмӯҳтаво ва рангини худ, хусусан

[38]Мухторов А. Қадамҳои " Тоҷикон".-С.59-60.

[39] Дар ҳамон ҷо.-С.60.

[40]Мухторов А. Қадамҳои " Тоҷикон".-С.56-66.

[41]Раҳмон. Э. Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлаитӣ.-С.333.

бо шоҳасари “Тоҷикон” дар таърихи миллати мо ному насаби ин шахсияти бузург ба хатти заррин сабт мегардад. Бесабаб нест, ки ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бо номи ин абармарди миллат сидқан фахр мекунанд ва номи оламгири ӯ бо шоҳасараш “Тоҷикон” вирди забони на танҳо халқи тоҷик, балки тамоми мардуми олами мутамаддин гирдидааст. Академики АИ ИҶШС Г. М.Бонград-Левин оид ба ҷуръату матонати бузурги академик Бобоҷон Ғафуров ишора карда, чунин ибрози ақида менамояд:”Таърих кам андар кам олим ва сиёсатмадореро медонад, ки ба андозаи Бобоҷон Ғафуров ҷуръат ва матонати комил дошта бошад... Нуфуз ва эътибори байналмилалӣ пайдо кардани Институти шарқшиносӣ самараи бемонанди ҷуръат, вусъати назар, сиёсатмадорӣ ва истеъдоди баланди созмондиҳии Бобоҷон Ғафуровро намоиш медиҳанд”[42].

Ҳамин тариқ, роҳи тайкардаи шоҳасари “Тоҷикон” ба муаллифи он осон набуд, маҳз ӯ дар ин роҳ, сӣ сол заҳмати бепоён кашида, маҳбуби халқи худ гаштааст.Шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” меҳрномаи ӯ нисбат ба халқи азизаш буда, номи ин муаррихи барҷастаро абадӣ ва ҷовидонӣ гардонидааст. Дар ҳақиқат ҳам, шоҳасари Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” ҳамчун машъали пурҷилое саҳифаҳои торику ниҳонии таърихи миллати тоҷикро равшанӣ андохт ва падидаҳои худшиносиву ифтихори миллиро дар зеҳну шуури ҷавонони тоҷик такмил ва тақвият медиҳад. Ин шоҳасари Бобоҷон Ғафуров-“Тоҷикон” номи халқи тоҷикро поянда ва абадан зиндаву ҷовидон гардонидааст.

[42] Охунзода Н. Андар шинохти Бобоҷон Ғафуров // Омӯзгор. -2019.-№14.- 4 апрел .- С.13.

ЧЕҲРАҲО

**Садулло РАХИМОВ**
*доктор философских наук*

## РУСТАМ ИБРАГИМБЕКОВ ЗАБОТИЛСЯ О ПОЛИФОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КОНФЕДЕРАЦИИ

Который раз убеждаюсь в ситуации, когда Личность берет на себя ответственность создать то или иное начинание и тащит его, как локомотив. Но с его уходом, начатое дело угасает …

Был у нас в Таджикистане талантливый театральный режиссер Фаррух Касымов, создавший театр «Ахорун», где в стиле модерна ставились произведения персо-таджикских классиков. Спектакли шли с аншлагом. Однако режиссер внезапно получил инсульт и вскоре ушел из жизни. И сейчас как не пытаются возродить его детище, ничего не получается …

Вот и с Рустамом Ибрагимбековым складывается такая ситуация.

Будучи инициатором и председателем Конфедерации Союзов кинематографистов стран СНГ и Балтии (1992 г.), хотя было у него много ответственных работ и обязанностей, он до конца своей жизни заботился о том, чтобы сохранить былую связь и взаимодействие кинематографистов республик, которые образовывали СССР. Его забота проявлялась не только в том, чтобы периодически проводить Кинофорумы Конфедерации, совещания председателей Союзов кинематографистов стран СНГ, полнокровной жизнедеятельности творцов кино, поиска источников

финансирования этой организации и т.д. Он заботился не только о поиске и постановки интересных и актуальных проблем, составляющих жизнедеятельность Конфедерации, но и об элементарном быте приглашенных на форумах и совещаний рядовых представителей, участвующих на тех или иных плановых мероприятиях в рамках этой организаций. Для него важно было жизнедеятельность всей организации Конфедерации в целом, но и проявление заботы о каждом союзе кинематографистов, входящих в эту организацию. И это все, несмотря на то, что было очень много противников и препятствий.

Ну, никак не хотели и не смогли поддержать существование Конфедерации. Ведь она была создана по принципу былой советской идеологии – быть вместе. А республики уже были независимы. Главное препятствие было *финансовое*. Страны, входящие в состав Конфедерации, не хотели и не могли выделять средства на ее поддержку. Не могли потому, что в некоторых из этих независимых республик были проблемы куда посерьёзней. Например, в Таджикистане началась гражданская война, длившаяся многие годы…

Без финансирования эту махину не возможно было тянуть. Хотя, я подозреваю, что ряд мероприятий финансировались за счет личного вклада Рустама Ибрагимовича. А что, он ведь был не только сценаристом, прозаиком, драматургом, кинорежиссёром, продюсером, но и предпринимателем. Он – азербайджанец. А в генах азербайджанца, думаю, от природы заложено предпринимательство.

Кстати, Азербайджан с фарси означает «страна, где много огня». Эта страна, культивировавшая священный огонь зороастризма, традиции которой до сих пор бережно помнит народ. До сих пор в соответствующие даты зороастризма,

издревле существующих специальных местах по зажжению огня, свершается обряд почитания этого важного для зороастризма из четырех элементов[1].

Я не осведомлен о виде верования Рустама Ибрагимовича. Скорее, ислам шиитского толка. Но большинство народа помнит и бережет свои доисламские традиции. Думаю, Рустама Ибрагимовича, как один из них, подсознательно, (а может и вполне осознанно, только без выпячивания наружу), носил дух жителя «страны Огней». Об этом говорили черты его характера азербайджанца – мыслить масштабно, инициативность, ответственность, человек слова, предприимчивость и скромность. Истинные зороастрийцы обладали и обладают сейчас этими качествами.

Почему я с уверенностью говорю об этом, дело в том в том, что на одном из совещаний Форума Конфедерации, куда был приглашен и ваш покорный слуга, обсуждался просмотренный фильм из стан, входивших в эту организацию. Сейчас не помню ни названия и не страну. Вел обсуждение фильма сам Рустам Ибрагимович.

Помню, речь шла о метафоре и символике в кино, которая меня очень интересовала. Выступая в качестве кинокритика, я стал теоретизировать по этой проблеме. И для иллюстрации своих рассуждений, я привел по контексту следующие строки Абдул-Кадыра Бедиля:[2]

Видои гунчаро гул ном карданд,

---

[1] Храм огня, Агиарий, Аташкадех , Аташгах, или Дар-э-Мехр. В зороастрийской религии огонь (атар) вместе с чистой водой (абан), землей и небом, являются агентами ритуальной чистоты.

[2] Бедиль – великий фарсиязычный поэт и мыслитель (1644 – 1720), живший в Дели (Индия), главный представитель поздней фазы индийской школы (sabk-e hendī) в персидской поэзии.

Тарабро мотами гам офариданд[3].

И только хотел сделать подстрочный перевод, как Рустам Ибрагимович тут же включился в диалог со мной, демонстрируя свои знания фарси. Он понял очень сложные по содержанию метафоры Бедиля и поддержал мою мысль о применении значимой символики в кино. Но подчеркивая меру доступности понимания подобной символики зрителем. Такая работа доставит огромное наслаждение творчески воспринимающему зрителю. Ибо зритель есть партнер автора. Иными словами, он становится соавтором в конечном осмыслении артхаусного кинопроизведения. А в так называемом «массовом кино» такого приема не требуется …

Наши встречи проходили то в просмотровом зале Киноцентра, находившего по ул. Дзержинского 6, то в Белых столбах в Госфильмофонде России (Московская область, г. Домодедово, пос. Белые столбы).

На одном из таких встреч участвовал и я в качестве представителя кинематографии Таджикистана. Почему я об этой встрече помню? Сохранилась мое интервью о ней.

С 25 по 30 октября 2008 г. проводился очередной XII Форум национальных кинематографий, который прошел в стенах комплекса Госфильмофонда Российской Федерации. Организаторами XII Форума были: Конфедерация Союзов кинематографистов, Госфильмофонд России, при поддержке Министерства культуры РФ. Руководителем Форума был Рустам Ибрагимбеков.

Очередной Форум проходил в новом формате.

Во-первых, на нем не были столь широко представлены, как это бывало на прошлых Форумах, большие делегации

[3] Прощание бутона назвали цветком, Веселье создали как признак печали. – Подстрочный перевод наш – Р.С.

кинематографистов из стран СНГ с их различными фильмами (игровыми, документальными, анимационными) и с развернутой многообразной программой показа и обсуждения этих фильмов. Прежние Форумы носили больше фестивальную окраску: там было много прессы, зрителей. XII Форум носил сугубо рабочий характер, был рассчитан только на приглашенных специалистов.

Во-вторых, особенностью Форума была в том, что эта была творческая встреча **российских** кинематографистов с **кинематографистами СНГ и Балтии**. Именно это по замыслу организаторов должен был стать фокусом предметных дискуссий в ходе работы Форума. Следует заметить, что российская кинематография всегда представлялась на Форумах в числе других постсоветских. На данном же Форуме она была представлена еще обширнее: половина программы – наиболее заметные российские фильмы и вторая половина – лучшие фильмы стран СНГ и Балтии. Все фильмы были продукцией 2008 года. Что касается фильмов стран СНГ и Балтии, отбор происходил достаточно строгий. «Если в прошлые годы важно было показать, что кинематография в независимых республиках *существует*, то сегодня, когда это очевидно, когда фильмов производится достаточно много, то задача была в том, чтобы выбрать лучшее. И соотнести это лучшее с тем, что производится в России»[4]. По замыслу организаторов «параллельный показ фильмов постсоветского пространства мог бы стать тем континуумом, который даст возможность поразмышлять о предварительных итогах пошедшего пятнадцатилетия. ***Что ушло? Что осталось? В чем разошлись? В какую сторону меняемся? Появились ли новые идеи, новые смыслы, новые***

[4] Цитаты из информационного листа организаторов.

***приоритеты? Как соотносятся процессы глобализации с национальными ценностями? Есть ли взаимовлияние, взаимопроникновение? Нужны ли мы друг другу?***

Вот круг тем, которым был посвящен итоговый круглый стол Форума» [5]. В ходе Форума у меня, как представителя СК Таджикистана, брали интервью.

***Вопрос: Садулло Хайруллоевич, какие кинематографические профили были представлены в работе Форума?***

- Были приглашены по одному или три представителя с каждой страны, в зависимости от того, был ли включен в программу показа Форума фильм той или иной страны. Исключением была Россия, поскольку она была принимающей страной и в связи с особенностью данного Форума.

***Вопрос: Почему на этом Форуме не были представлены таджикские фильмы?***

- Этот вопрос нужно задать организаторам. Я точно знаю, что по их запросу им были отосланы пакет таджикских фильмов. Но, видно, у отборщиков, были строгие требования. Это я понял в ходе просмотра фильмов на Форуме. Прежде всего, речь шла о продукции 2008 года и, естественно, при этом отбор осуществлялся по критериям *новаторского* кино.

***Вопрос: Какие фильмы, из каких стран были представлены на XII Форуме?***

- Из как бы «чисто» российских – «Бумажный солдат», режиссера Алексея Германа-младшего; «Живи и помни», реж. Александра Прошкина; «Дикое поле», реж. Михаила Калатозишвили; «Шультес», реж. Бакура Бакурадзе – ученика Марлена Хуциева. Сам же мэтр советского и российского кино

[5] Там же.

представил материалы своего будущего фильма «Невечерняя», посвященного Льву Толстому и Антону Чехову.

Кроме того, Россия участвовала в создании таких картин, как «Песнь южных морей» Марата Сарулу, который, будучи кыргызским кинематографистом, представлял продукцию Казахстана-Германии-России-Франции. Этот фильм душанбинцы видели на III МКФ «Дидор»). Такая же ситуация была и с фильмом «Тюльпан», реж. Сергея Дворцевого (Казахстан-Россия-Германия-Швейцария).

Казахстан был представлен еще одним ярким фильмом «Подарок Сталину» режиссера Рустема Абдрашева. (Этот фильм также является копродукцией и, кстати, его видели душанбинцы на днях культуры Республики Казахстан в Таджикистане, проходившем в 2008 г.

Киргизия представила «Неизвестный маршрут» режиссера Темира Бирназарова, получившего на V МКФ «Евразия» в Астане приз жюри, а в Душанбе, на III МКФ «Дидор» – Гран-при.

Узбекистан представила картину «Забаржад» режиссера Баходыра Адылова.

Далее, «Вечная репетиция», режиссера Герца Франка (Латвия-Израиль); «Жрица», реж. Вигена Чалдраняна (Армения); «Класс», реж. Ильмара Раага (Эстония). Украина представила информационный материал «Живые» режиссера С. Буковского.

***Вопрос: Какие фильмы произвели на Вас яркое впечатление?***

- Начну с «Неизвестного маршрута». Я Темира Бирназарова знаю лично, хотя он живет в Бишкеке, а я в Душанбе. Это одаренный театральный режиссер, пробующий свои силы в кино. Но то, что он больше театральный режиссер, мне кажется, сказался как раз в этом фильме. Я бы определил жанр

фильма как фильм-спектакль. Он получил в этом году, уже два престижных приза на «Евразии» (Астане) и «Дидоре» (Душанбе). Я присутствовал в залах обоих фестивалей, когда демонстрировался этот фильм. Реакция зрителей была невероятная. И в Астане и в Душанбе фильм имел ошеломляющий успех.

Но на XII Форуме был встречен достаточно сурово.

Почему такой контраст? Быть может, фильм затрагивает такие «нервы», актуальные только регионально – для Азии, причем Азии бывшей советской? У Запада, быть может, другой социальный контекст? Оказывается, дело не только в этом. В ходе обсуждения выявилось, что подтекст фильма – модель автобуса-общества и кто его ведет, однозначно прочитывается. Главный герой фильма – автобус представлял собой модель политически наэлектризованного кыргызского социума. Но как оказалось впоследствии, эта модель воплощала собой узнаваемую ситуацию и в Монголии, и в Душанбе, и в Казахстане, и в России, и в США. Эта модель власти и социума вообще. Фильм пытается показать, кто находится в автобусе-обществе, куда этот автобус едет, и кто его ведет. У автобуса было два водителя. Первый – водитель аферист и вымогатель. Его, узнав, пассажиры прогнали. И доверили вождение человеку симпатичному, который оказался раскаявшимся вором. Автобус ехал в невидимом тумане. И в конце мы узнаем, что туман рассеялся и автобус едет в родной аул – село, которое теряется во вселенной.

Но дело не только в подтексте, **но и в том, как он решен.** Например, в фильме иранского режиссера Каюмарса Пурахмада «Ночной автобус», который также участвовал на III МКФ «Дидор» и который никак не был отмечен жюри, тоже все действия происходят в автобусе. И мне известно, что Темир Бирназаров смотрел вместе с Гульбарой Толомушевой –

известным кинокритиком из Киргизии этот фильм в Душанбе, и признался, что иранский фильм лучше его фильма по своему решению. И в иранском фильме традиционно для иранского кино, много говорят, как и в «Неизвестном маршруте», и все же это кино. То есть иранский фильм решает свои задачи больше с точки зрения киноязыка, а «Неизвестный маршрут» – в эстетике театра. «Неизвестный маршрут» – некий спектакль-публицистика, фельетон, плакат. Фильм сработал на зрителя и на жюри двух фестивалей за счет своей зрелищности. Он как кроссворд, дает широкому зрителю удовольствие разгадывания известных и волнующих его проблем путем иносказания. Вот, пожалуй, секрет успеха «Неизвестного маршрута» у азиатского зрителя.

На моих коллег из России, Европы, США, Израиля этот фильм не произвел впечатления. Мне думается, здесь возникает как раз феномен: *работать на своего зрителя*. С этих позиций фильм нужный, полезный. Национальное кино, наряду с тем, что «работает» на мировое кино, должно иметь в виду и своего зрителя. Оно должно помочь ему сформировываться социально, культурно, нравственно и т.д. Однако это вовсе не означает, что для своего зрителя можно снимать второсортное кино. В этом смысле, т.е. с точки зрения кино-эстетики, мастерства, новизны стоит значительно выше «Неизвестного маршрута» фильм «Песнь южных морей», тоже, кстати, показанный в «Евразии V» и «Дидоре III» и тоже, как и иранский фильм, не отмеченный жюри на «Дидоре». Почему? Ведь с этим явлением нам также надо будет разобраться. Я присутствовал на пресс-конференции в «Евразии V», когда Марат Сарулу сетовал на то, что продюсеры, (а их было четверо из четырех стран) загубили его фильм. По признанию режиссера в фильме были те краски и интонации, которых продюсеры потребовали убрать. Из этой

ситуации и ряда других похожих возникает серьезная проблема *авторского* и *продюсерского кино*. **Продюсерское кино**, о котором говорят в последнее время и на Западе и на Востоке, наряду с тем, что открывает нам новые имена, (без продюсеров сегодня не возможно практически представить развитие современного кинематографа), тем не менее, не все здесь гладко, как это может быть. Продюсерами являются ведь конкретные люди. А люди, как известно, могут быть хорошими и не очень. Последние, очевидно, из-за своих амбиций создают такие проблемы, которые тормозят развитие авторского кино. Продюсерство тоже требует таланта. Оно не должно исходить только из соображения сиюминутной выгоды от сделанной картины. Талантливый продюсер верит в художника до конца, рискует вместе с ним, помогает осваивать новые высоты искусства. Типично средний же продюсер исходит из соображения создания некоей усредненной модели, приспособленной к конъюнктуре западного зрителя, или международных кинофестивалей. В итоге может случиться так, как это произошло с нашим земляком – Бахтияром Худойназаровым. После «Братана», на мой взгляд, связавшись с продюсерами, он не создал того, что можно было бы ставить рядом с его первой картиной – «Братан»…

Возвращусь к «Песни южных морей». Этот фильм как раз стоит в ряду тех интересных кинолент, которые вместе с «Бумажным солдатом», «Падарком Сталину» и еще «Тюльпаном» создают *образ казахской земли*. В моем сознании эти фильмы представляют собой панораму Казахстана – земли, на которой живут и страждут, любят и ненавидят прекрасные люди. «Песнь южных морей» – в моем видении это действительно песнь. В нем есть притчевость, поэзия жизни, несмотря на ее суровость. Это эпос о глубоком родстве с человечеством. И главным пафосом фильма является Любовь,

в хрестианско-суфийском, в буддийском, в общечеловеческом контекстах. Фильм будит во мне, как зрителе, любовь к людям, без разбора цвета их кожи, расы, национальности. Будит любовь к многострадальной, мудрой и безмолвной земле…

«Песнь…», мне думается, хороша особенно в этом великолепном ряду вышеперечисленных фильмов о Казахстане. И в этой связи я благодарю россиянина Алексея Германа-младшего, киргиза Марата Сарулу, казаха Рустема Абдрашева, опять же русского Сергея Дворцевого за прекрасные фильмы, которые укрепили во мне мою любовь к степям Казахстана, к людям, которые там живут. Как некогда такое чудо сотворил с нами по отношению к сыпучим барханам Туркмении Хаджакули Нарлиев своим фильмом «Невестка».

Несколько слов об узбекском фильме «Абарджад». Это – фильм рефлексия того, что происходит в узбекском городском социуме. Признаки этого социума и женщин, подобной героине фильма, я обнаруживаю и у себя на родине. Моя коллега Гульбара Толомушева, анализируя тенденции современных кыргызских фильмов, посвященных теме города, на мой взгляд, справедливо определила процесс развития кыргызского города как капитализирующийся социум. Причем, азиатские города из бывших советских преобразовываются в капиталистические. (Процесс, кстати, уникальный, любопытный с точки зрения, как социологии, так и искусствознания!) Так вот узбекский фильм «Абарджад» как раз отображает положение тихой, порядочной узбекской женщины в этом капитализирующемся обществе. И мы видим, как не сладко ей живется в этом преобразовывающемся социуме, которому до лампочки проблемы отдельного человека, тем более одинокой женщины...

***Вопрос: Садулло Хайруллоевич, что принципиального вывели для себя Вы лично в ходе XII Форума? Была ли такая форма Форума продуктивной? Нужен ли такой Форум в будущем?***

- В ходе наших бесед и дискуссий на Форуме возникла, на мой взгляд, ряд принципиальных вопросов, которых, быть может, необходимо будет в будущем обсудить. Один из них возник в ходе обсуждения «Неизвестного маршрута». Вопрос, на мой взгляд, звучит так: «Должна ли работать национальное кино на своего зрителя?» Вопрос вроде риторический: безусловно, национальное кино должно работать на своего зрителя. Национальное кино, наряду с тем, что должно работать на мировое кино, должно в тоже время иметь в виду и своего зрителя. Оно должно помогать ему сформировываться социально, культурно, нравственно и т.д. Но ***как***? Я отчего-то уверен, что узбекская картина «Абарджад» не будет иметь успеха у себя дома. Точно также не имел успеха у нас в Таджикистане фильм «Братан» Бахтияра Худойназарова, в свое время получивший 9 гран-при МКФ. Боюсь прогнозировать, но и полюбившийся мне фильм «Песнь…» также не будет иметь успеха у кыргызского зрителя. А между тем ведь именно названные картины несут в себе то важное, что должно быть привито в сознание и души национального зрителя.

Именно эта проблема – неприятие фильма у себя на родине может оттолкнуть режиссеров от желания «работать» на своего зрителя.

Итак, в ходе Форума я вывел для себя эту очень важную проблему. – Это, во-первых.

Во-вторых, мне чрезвычайно оказался актуальным вопрос: «авторское» и «продюсерское» кино. С моим небольшим знанием института продюсерства в моем сознании возникает

острая проблема: «Как защитить одаренного художника от продюсерского произвола». Ведь в таком контексте продюсерство предстает как некий цензор, алчно заинтересованный в эксплуатации автора, при этом, не давая последнему быть до конца самим собой. Разумеется, здесь, речь не о всех продюсерах, а лишь о тех, кто имея деньги, не имеет желания служить подлинному киноискусству… В итоге мы нередко имеем результат такие фильмы, которые имеют успех на кинофестивалях, но по сути ничего общего не имеют с национальной духовной культурой. Это чаще высосанные из пальца проекты «на тему о национальном». «Глобальное» в данном случае не позитивно. Оно «глобальное», или «продюсерское» вынимает из фильма душу, правду, делает проект удобоваримым для восприятия мирового безликого зрителя, делает конъюнктуру под тот или иной фестиваль. Итак, я не против продюсерского кино вообще. Я против плохого, алчного продюсерства, которое, в целях славы и наживы, наносит урон национальному кино. Поэтому я ставлю вопрос: как защитить художника от такого варварского отношения? Потому что одними договорами при составлении прав и обязанностей автора и продюсера, как показывает опыт, вопрос не разрешиться. Здесь нужны, на мой взгляд, кардинальное решение проблемы.

И, в-третьих. Я попытаюсь ответить на вопрос: нужны ли мы друг другу – бывшие советские? На словах вроде бы да, безусловно. Об этом говорят главы государств СНГ, подписываются Договоры и Соглашения о Сотрудничестве. Но на этом все заканчивается. Или же проводят такие мероприятия, как Форумы научной и творческой интеллигенции, типа того, что проходил недавно в Душанбе. Так ведь, на этом Форуме собрались одни начальнички, и боссы от науки и культуры и практически было мало тех,

именем которых проводятся подобные форумы. Когда я спросил у одного из ответственных лиц проведения этого форума: а приедут ли кинематографисты из России, из Конфедерации Союза кинематографистов СНГ и Балтии, был ответ: мы обратились к Рустаму Ибрагимычу, он отказался приехать за свой счет. Почему, спрашиваю, всем боссам можно за счет Форума, а Рустаму Ибрагимбекову за свой счет? В ответ услышал: у нас не большой бюджет…

Словом, на практике, когда реализовываются (если, конечно, реализовывается), то очевидна девальвация тех позиций, которые главы государств декларируют. Недавний Форум научной и творческой интеллигенции в Душанбе, хотя проходил помпезно, во многих секциях, были сказаны речи, показаны какие-то работы, но КПД их был не на высоком уровне.

Совершенно другое дело было с XII Форумом национальных кинематографий. Здесь была конкретная работа, и конкретные выводы. Там обсуждалась ситуация кино России и стран СНГ. Думаю, нужно и далее продолжить эту работу в этом формате или другом более эффективном, потому что это позволяет анализировать процесс. А анализ процесса дорогого стоит для каждой страны-участницы! Нужно, чтоб каждая страна-участница, исходя из подписанных договоров о сотрудничестве, также принимала участие в финансировании таких конкретных проектов, типа Форума национальных кинематографий…

Мы теоретики, кинокритики киножурналисты из разных независимых стран пытались восполнить пробел о текущем состоянии национальных кинематографий. Печатались обзоры, обсуждений фильмов, портреты кинематографистов и т.д. в нашем журнале «Кинофорум», который издавался с 2004 года. Главными редакторами журнала были известные

Стишова Елена Михайловна и Щербаков Константин Александрович. «Кинофорум» был как бы продолжением «Искусства кино», который с распадом СССР, не часто издавал материалы о кинематографиях бывших советских республиках. Скорее, «Кинофорум» своей регулярностью материалов о национальных кинематографиях составлял солидную конкуренцию «Искусству кино».

Деятельность этого журнала в стратегическом аспекте возглавлял Рустам Ибрагимбеков …

К сожалению, этот журнал из-за отсутствия источников финансирования, прекратил свое существования. Я считаю это большой потерей для СНГ и для Росии.

В качестве Председателя Конфедерации Рустам Ибрагимбеков посетил Первый Международный кинофестиваль «Дидор» (2004 г.) в г. Душанбе. В рамках своего приезда на фестиваль встречался с рядом ответственных лиц Республики Таджикистан, в частности, с Премьер-министром республики О. Г. Окиловым, Председателем Комитета по телевидению и радиовещанию при Правительстве Республики Таджикистан Рахмоновым А.А., руководством Союза кинематографистов Таджикистана и киностудии «Таджикфильм».

Кстати, он в прошлом соавтор двух игровых фильма- «Лошади под луной» и «Я ей нравлюсь». Оба этих фильма по жанру – лирические мелодрамы и имеют свою нишу в истории таджикского кино[6].

Ниже предлагаем интервью с Рустамом Ибрагимбековым о Первом международном кинофестивале «Дидор» («Встреча»),

[6] Лошади под луной» (1979 г.): авторы сценария Рустам Ибрагимбеков и Виктор Багдасаров, режиссер – Олег Тулаев; «Я ей нравлюсь» (1985 г.): авторы сценария Рустам Ибрагимбеков и Виктор Багдасаров, режиссер – Анвар Тураев.

который проходил в столице Таджикистана – городе Душанбе в 2004 г. и его впечатлениях о состоянии таджикского кино.

**Рустам Ибрагимович, много стало кинофестивалей в мире. Вот появляется еще один. Не много ли?**

- Но ведь его появление не случайно. Я думаю, эта та ниша, где обязательно должен был возникнуть фестиваль. Потому что фактически в Центральной Азии на данный момент истории нет ни одного серьезного фестиваля. И мне думается, то, что он появился именно в Душанбе – это, с одной стороны, очень обнадеживающие признаки, как бы появления второго дыхания у таджикского кино, а, с другой стороны, это необходимо всем нам для нашего более тесного общения, поскольку мы все варимся в одной сковородке. И нам очень важно обмениваться опытом для того, чтобы вместе выжить в создавшейся кризисной ситуации.

**Знакомо ли Вам нынешнее состояние таджикского кино?**

- Ну, в силу своих обязанностей, я более или менее знаком с состоянием почти всех национальных кинематографий стран СНГ и Балтии. В определенной мере я знаю, что происходит здесь, в Таджикистане.

**Что является, на Ваш взгляд, мотором или аккумулятором национальной кинематографии?**

- Вы знаете, во всех сферах и, в особенности в такой области, как кино всегда самыми важными являются люди. Здесь в Таджикистане есть кадры, есть профессионалы достаточно высокого уровня. При определенном внимании государства может быть доведена до уровня современных требований киностудия «Таджикфильм». Чрезвычайно важно осознание руководством республики, что кинематограф является частью национальной культуры. И, поскольку плохо или хорошо, народ платит налоги, часть из этих налогов должна быть

направлена на кинематограф. Это совсем не означает, что не должны быть использованы и другие внебюджетные источники. Но некий минимум государство обязано выделять на кино. И вот, насколько я знаю, в ближайшее время в Вашей республике будет принят Закон о кино (*он принят в декабре 2004 г.* – Р.С.), который на определенном уровне уже обсуждался. И в этом законе будет все предусмотрено для тех, кто будет давать деньги на кино. Но все же очень важно, чтобы само государство выделяло деньги на кино. Потому что проигрывается самое главное – мы теряем сегодняшнее молодое поколение. Оно воспитывается на не лучших образцах западного кино. И кинематограф, все-таки по силе своего воздействия – есть мощное средство воздействия на умы и сердца людей. При этом я учитываю и возможности телевидения. Им не надо гнушаться. Есть смысл делать кино и для телевидения. Кстати, Россия сейчас показывает, что можно успешно конкурировать с западными сериалами, если, конечно, заработает экономический механизм, основанный на рекламе. Если таджикское телевидение освоит эту технологию, то будет иметь возможность платить тем, кто делает кино. Иными словами создастся благоприятное поле для работы кинематографистов. Но главное, все же, мне кажется – это – государственная поддержка национального кинематографа.

**Можно ли узнать, о чем Вы говорили при встрече с Премьер-министром республики Таджикистан?**

- Примерно об этом же говорили. И я увидел удивительное понимание ситуации. Это человек очень, как мне кажется, широко эрудированный и понимающий значение культуры, просветительства, воспитания. Он очень озабочен всеми этими вопросами. И, конечно, сразу возник вопрос о том: как же во всем этом деле без кинопроката, без кинотеатров. Поэтому в самое ближайшее время с помощью Правительства

Республики Таджикистан будет, как бы создан первый многозальный кинотеатр нового поколения (*он создан в рамках «Ашан»* - Р.С.), который заложит основу для возрождения киносети в республике. Премьер-министр всем этим озабочен, он надеется, что проблема будет сдвинута с мертвой точки. Он даже знает тех, кто способен это сделать.

Таким образом, в Правительстве республики в этом вопросе наблюдается полное понимание. Просто, видимо, экономическая ситуация сложная, поэтому государству пока трудно.

**Ваше пожелание фестивалю, который родился здесь, в Душанбе?**

- Я имею довольно большой опыт в организации фестивалей. Но мне кажется, что здесь, в Душанбе сразу со старта все сделано на достаточно высокопрофессиональной основе. Очень интересная, разнообразная программа, серьезное жюри. Все достаточно хорошо организовано. И есть все основания надеяться, что в Центральной Азии появился серьезный фестиваль, и я желаю ему долгих лет жизни.

**Благодарю Вас за интервью**.

- Пожалуйста.

*Интервью брал Рахимов С.*
*Октябрь 2004 г., Душанбе*

**Мухбирҷон КЕНҶАЕВ**
*сармутахассиси шуъбаи*
*табъу нашри Раёсати АМИТ*

## РОЗДОНИ ИЛМУ ИРФОН



*Дарёи дилаш гавҳари рахшон дорад,*
*Бас хотираҳо зи боду борон дорад.*
*Ойинаи беғубори қалбаш соф аст,*
*Дар тоби фаришта рози инсон дорад.*
*Мардонагӣ аз виқори ӯ омӯзам,*
*Дар саргаҳи хоксорӣ армон дорад.*
*Роҳе, ки гирифтааст, аз иршод аст,*
*Дар ҷону танаш ҷавҳари ирфон дорад!*

70 сол пеш дар деҳаи зебоманзари Артучи диёри Рӯдакӣ тифле ба олам омад, ки боиси хурсандии хешу ақрабо гардид. Мӯйсафедони деҳа ӯро, ки нахустин фарзанди амаки Раҳмонқули Муллобобо буд, Асрор номгузорӣ карданд, то ки аз розҳои ниҳони зиндагонӣ бохабар бошад. Падари писараки дӯстрӯ марди донишманд, соҳиби маълумоти олии омӯзгорӣ,

муаллими забону адабиёти тоҷик, корманди масъули ҳизбию давлатӣ, депутати халқ ва коммунисти матинирода ба шумор мерафтанд.

Аз рӯйи нақлҳои падари зиндаёдам Ҷӯрабой Кенҷаев, ки интиҳои солҳои 60-уми асри гузашта хаткашони деҳа будаанду бо соҳибҷашн аҳди дӯстию бародархондагӣ доштаанд, амаки Раҳмонқул (ҳамон вақтҳо директори мактаби деҳа) ба тамоми маҷаллаву рӯзномаҳои ҷорияи ноҳиявию ҷумҳуриявӣ ва марказие чун "Правда"-ву "Известия"-ву "Труд" обуна шудаву онҳоро ҷиддан мутолиа ва ба мардуми музофот тарғиб менамудаанд.

Аз гуфтаи падарам, он солҳо газетаву журналхонӣ, баҳсу муҳокимарониҳои "сиёсӣ" ва мавҷудияти "гӯшаҳои сурх"-и чойхонаҳо хелеривоҷу равнақ гирифтаву ба ҳукми мусобиқа ва анъанае даромада буданд. Аз ҷумла, ҳамон рӯзномаву маҷаллаҳои обунашудаи амаки Раҳмонқул Бобозода он айём аз даст ба даст мегаштаанд. Онҳоро дигар ёру рафиқонашон, мисли Абдурашиди Ҳақдоду Рофеъи Ҳоҷизода, Шамсиқули Боймуроду Қаноати Холмирзою Темури Нор ва бародарон Мирзояҳёву Исроили Ҳайдар, Бобову Худойбердии Ҳақбердӣ, Сафараливу Қайюм, Бӯриву Шариф Исматиҳо пайваста мутолиа мекардаанду мардумро аз хабарҳои ҷаҳону Тоҷикистону саросари Иттиҳоди Шӯравӣ бохабар мегардонидаанд.

Ҳолдонҳо нақл мекунанд, ки омӯзгори он солҳо ҷавону фаъол ва донишманду хушсалиқа устод Раҳмонқул Бобозода бо кулли зиёиёну пешқадамони замони худ робитаи қавӣ дошта, ҳамдиёронашро пайваста аз рӯйдодҳои ҷомеа воқиф мегардонидааст. Хусусан, ҳаёту фаъолияти меҳнатию ҷамъиятии коммунисти матинирода ва марди меҳнатзодаву озадаманиш, муаллими равшанзамир Раҳмонқул Бобозода дар он солҳо лоиқи таҳсин буда, ҳамчун ахтари рахшони илму

маърифат дар шароити деҳкадаи кӯҳистонӣ барои ҷавонон намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ будааст.

*Чароғи раҳнамо буда муаллим,*
*Ба мардум муттако буда муаллим!*

Аз рӯйи нақли падарам Ҷӯрабой Кенҷаев даврони баччагии дӯсташон- писаркалони амаки Раҳмонқул Бобозода - Асрор Раҳмонфари Сомонӣ дар маркази деҳаи Артуч, ки бо номи маъмулии Дари Сарой, яъне дари саройи колхозӣ маъруф аст, сипарӣ гардидаасту муваффақиятҳои минбаъд ба даст овардааш низ ба деҳаи навободи Марғедар ва инчунин шаҳраки Ғӯсари (Колхозчиёни) ҳозира Ҷамоати деҳоти ба номи Лоиқ Шералӣ вобастагӣ дорад.

Аҳли хонадони Мулло Бобоиҳо дар қаламрави Ҷамоати Киштуту шаҳри бостонии Панҷакент ашхоси басо ҳам донишманду муътабар маҳсуб меёбанд. Фарзандони ин хонадон ба мисли Раҳмонқулу Раҳимқул ва Имомқулу Субҳонқул ва хоҳарашон Малоҳат аз ҷониби атрофиён “фарзандони Мулло бобои Волостной”, яъне ҳокими волости Киштӯд ном бурда мешуданд.

Махсусан ҳаёту фаъолияти фарзандони омӯзгори маъруфи диёр Раҳмонқул Бобозода - писари калониашон Асрор, дуюмӣ Ансор (равонаш шод бод!), Ҳабибқулу Амирқул, духтаронашон – Ҳуснияву Мақсуда барои ҳамагон намунаи ибрат ба ҳисоб мераванд, ки соҳибэҳтирому соҳибмақому мартаба ба воя расидаанд ва соҳиби хонаву дари ободу ҳамзамон фарзандони накӯноманд.

Асрори Раҳмонфар, ки бо тахаллуси адабии Асрори Сомонӣ маъруфияти бештаре дорад, тавре зикр намудем, дар ана ҳамин хонаводаи намунавӣ касби камол карда, дар ҳамин муҳити солим илму ҳикмат омӯхта, дар ҳузури мактаби донишмандон таҷоруб ҳосил ва чеҳраи нодиру нуронӣ пайдо кардааст.

Бешак, нигоштаҳои дақиқу амиқ, феълу атвори шоиста, нақши қалами бурромі ӯ то дер гоҳ дар лавҳи хотир маскан гузида, инсонро хушҳол месозанд. Илова бар ин, фазилатҳои нодиру фархехта, одамияти олии инсонӣ ва ҳунари волои сухангустарии мавсуф ҳар мусоҳиб ва ёру дӯстонашро басо ҳам шоду масрур медоранд.

Устоди азизу арҷманди мо Асрори Сомонӣ бо вуҷуди ниҳоят серкор будан, зарурате пеш ояд, бадоҳатан "осон" шеъре эҷод менамояду бо насри мусаҷҷаъ афкору асрори ниҳонии қалбашро ширин ифода мекунад. Далели ин гуфтаҳо достони "Ёдгори баччагӣ" ё хайрёд аз ҷӯрайи равоншодам Ҷӯрабойи Кенҷазод (02. X. 1946 – 18. VII. 1946) , ки дар ёдбуди ҷӯраи ҷонии худ - шодравон Ҷӯрабой Кенҷаев - корманди собиқадори Ҷамоати деҳоти ба номи Рӯдакӣ эҷоднамудааш мисол шуда метавонад, ки писанди мухлисони сершумори ашъораш гардидааст. Оре, на ҳар як эҷодкор метавонад, ки дар як нишасти худ сари мизи корӣ чунин достони мондагореро барои имрӯзиёну пайвандон ба ёдгор гузорад. Сад офарину аҳсан ба қалами буррову истеъдоди волои чунин шоири шӯридадил!

Ба пиндори ман нишасту бархости бардавом ва рафиқи шафиқ будани амаки Асрор бо устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ барояшон таъсире гузошта аст. Ва ё, шояд, лутфи Худовандӣ бошад дар роҳи пурпечутоби эҷодгаришон, ки барояш арзонӣ доштааст. Ё, худ, таъсири муҳиту зодгоҳи Падари шеъри форсӣ ва кӯҳҳои осмонбӯсу қуллаҳои сарбафалак кашидаи Чимтарғаву Фону манзараҳои нотакрору дилрабои Кӯли Калону дараи Уреч, чашмаҳои булӯрини Зулайхову Оби Патону Ҳинтар ва дарёи хурӯшони Зарафшону зебоиҳои нотакрори дараҳои Ромиту Варзоби атрофу акнофи Душанбешаҳри нозанин манбаи эҷоду илҳоми саршори устоди муаззами мо ва шоири шинохта Асрор Сомонӣ

гардидаанд, ки ҳама аксу асари нотакроре дар осору пуди шеъри сараи ӯ гузоштаанд.

Устод Асрори Сомонӣ ба пиндори ман боре ҳам ба хотири обрӯю эътибор ва гирифтани мукофоте заҳмат накашидаанд, балки ба хотири меҳру муҳаббати худ ба меҳан ва халқи ҷоноҷони худ ба таври пайваста кору эҷод кардаанд ва ҳоло ҳам карда истодаанд. Ба ифодаи бузурмарде:

*Суҳбати равшандилон ҷавҳари ихсири ганост,*
*Бе садаф қатра муҳол аст, ки гавҳар гардад!*

Асосгузори ойини пешазисломии қавмҳои ориёӣ – Зардушти Спитамон фармудааст: "Одамӣ офарандаи сарнавишти хеш аст".

Бале, дуруст аст, ки зиндагиномаи ҳар инсон бозгӯйи осору афкор ва тимсоли ойинаи ибрате дар таърихи меҳан мебошад. Ҳар боре, ки ашъори тозаэҷоди ин марди хирадро дучор мегардам ва бодиққат мутолиа менамоям, рости гап, басо шод мешаваму аз ӯ ифтихор мекунам, ки чунин эҷодкори асиле дорем. Зеро ашъори ӯ зуд ба дилҳо нишаставу писанди кас мегарданд. Ба гуфти устоди сухан Мирзо Турсунзода; шеър ҳам бояд занад фавворае, аз танӯри дил чу оташпорае.

*Туро дар кашфи асрори сухан мумтоз мебинам,*
*Ба ҷони мургакони хушнаво ҳамроз мебинам!*
*Ба шаҳболи сухан дар олами дилҳо сафар дорӣ,*
*Ки осори туро ҳамвора дар парвоз мебинам!*

Шоистаи таъкиду таҳсин аст, ки Асрори Сомонӣ пайвасти андешаи хеле барҷаста – инсон ва арзиши олӣ будани онро васф менамояд. Дар ашъори шоир мазмуну ифодаҳои бисёр ҷолибе оид ба инсон ва қадру манзалати он, ватанпарвариву азиздошти марзу буми аҷдодӣ, эҳтирому эҳтиёти зебоиҳои олами атроф, дӯстиву рафоқат, накӯиву накӯкорӣ, хушахлоқию худшиносии миллӣ, авсофи табиати диёр, рӯду

чашмасорони мусаффои кишвари азизамон дар пеши назарҳо падид мегарданд.

Устод Асрори Сомонӣ на танҳо дар суханварӣ, балки дар зиндагӣ мумтозу нотакрору самимиянд. Аз ҷумла, ёд дорам, соли 1988, баъди хатми мактаби миёнаи зодгоҳам бо мақсади соҳиби касби рӯзноманигор шудан, ҳамроҳии падарам Душанбе омадем. Пеш аз дохилшавӣ падарам зуд ҷойи кори дӯсти даврони ҷавонии худ Асрори Сомониро ҷустуҷӯ ва суроғаи манзилашонро пайдо карда бо он кас аз наздик вохӯрӣ барпо намуданд, ки он замон устод ҳамагӣ 36-сола буданд. Инак, аз он мулоқоти таърихии мо аллакай 34-соли расо гузашт! Ба ифодаи лисонулғайб Мирзо Абдулқодири Бедил:

*Ғофил мабош зӣ умр, ки чун киштии дар об,*
*Истода менамояду чун тир меравад.*

Амаки Асрор дар ҳамон шабу рӯзҳои барои ман басо душвор кумаки худро дареғ надоштаву ҳамеша дар паҳлӯи ману падарам буданд ва моро ба зиндагӣ дилгарм менамуданд. Ба ибораи устоди зиндаёд Меҳмон Бахтӣ, Асрор Раҳмонфар, чӣ гуноҳе доштаанд, ки бо мо мусофирони саргаштаву саргардони он замона ҳамтабақ гардида буданд, мегуфтам мани кунҷкобу рамузфаҳм?!...

Аммо, ман ин муамморо баъдтар фаҳмидам, ки амаки Асрор рафиқи наздики даврони баччагию наврасии падарам будаанд. Бинобар ин то имрӯз бо ман ҳам дар лаҳзаҳои фориғ аз ташвишҳои кору рӯзгор нишастухез доранду мисли одами наздик ва амаки ҳақиқӣ (азбаски падарам яккаписар буданд) ва бародархонди қадрдон ҳамеша, дар ҳама лаҳзаҳои зиндагӣ, баъдан, дар давраҳои оила барпо кардану накарданҳои ман... ва инчунин хостгорӣ рафтан ба хонаи ишқи аввалам Ҷамилабону ҳамеша раҳнамову маслиҳатдеҳу қуввату мадори

дилам буданд. Хулоса, беҳтарин инсонанд устод Асрори Раҳмонфар.

Амаки Асрор дар баробари инсони комилу олими асил буданашон, ташкилотчии моҳир ва дорои қалби саршор аз меҳру муҳаббату самимиятанд. Мо он касро дӯст медорем ва эҳтиром менамоем.

*Қурбони он дилам, ки ӯ қурбони одам аст,*
*Ҷонам фидои одаме, к-ӯ ҷони одам аст!*

Ҳамин тариқ, устод Асрори Раҳмонфар инсони некдил, шахси оқил, марди соҳибмаърифату фидокорест, ки умри пурбаракати худро барои рушди илму фарҳанги кишвар масраф карда, ҳамеша чароғдори ҷодаи илму донишу маърифату сухан мебошанд. Маҳорати баланди суханварӣ ва истеъдоди баланди шоирӣ як кошонаи рӯзгори устодро зебу зинат бахшидаанд. Аз ин ҷост, ки рисолати хешро дар раванди рӯзгор сарбаландона ба сомон расонида, дар замири инсонҳо тухми меҳру муҳаббат мекорад. Аз нигоҳи ӯ, инсони асилу дилкушод дар ҳама ҳолат андӯхтаҳои афкори худро барои омӯзишу парвариши мустақими ҳамзамонон хуб тақдим бояд намояд. Ин хислати писандидаи инсонии устод дар зеҳну тафаккури шогирдону ҳамкасбон лона ва нақши муассир гузоштааст. Ҳамин тариқ, ӯ хастагиро намеписандад ва чун ҳамеша ҷавону нерӯманд аст. Дар ҳалқаи дӯстону пайвандон буданро мояи ифтихор меҳисобад. Хушбахтанд ашхосе, ки аз чунин инсонҳои асилу фарҳехта дар раванди рӯзгорашон сабақ андӯхта, кохи зиндагиашонро шукуҳу шаҳомати дигар мебахшанд.

Фаъолияти илмиву эҷодии ин марди шариф пурдомана ва серпаҳлӯ буда, таълифоташон бештар ба масоили умдаю муҳимми риштаи таҳқиқи адабӣ бахшида шудаанд. Афзун ба ин, устоди арҷманд Асрори Сомонӣ дар шеъргӯйӣ ҳунари санҷидаву писандида ва сабку услуби хоси худро доранд.

Хуллас, Асрори Сомонӣ марде фардраванд, ки дар таййи тариқи маърифат ба ҳамроҳу роҳбар эҳтиёҷ надорад. Ба қавли шоир:

*Чист фарри эзадӣ ҷуз хулқу атвори накӯ,*
*Ҳола дорад гул ба даври рӯ зи бӯйи худ мудом!*

Ба ин марди маънӣ, инсони асилу донишманд, меҳнатқарину нексиришт ва ранҷбари қаламрави илму маърифат пеш аз ҳама умри дарози пурбаракат ва саломатии бардавом таманно мекунем.

**Зоҳид АБДУЛҲАЕВ**
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

## ШАХСИЯТИ КОМИЛ ВА МАОРИФПАРВАРИ БЕНАЗИР САДРИ ЗИЁ

*(Ба муносибати 158 - солагии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё)*



Ташаккули шахсияти инсон, ин раванди ба даст овардани сифатҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ буда, он дар ҷараёни фаъолиятҳои гуногун сурат мегирад. Раванди ташаккул ва рушди шахсият мунтазам ба амал омада, то интиҳои умри одамӣ идома меёбад.

Ҳеҷ як инсон дар ҷаҳон ташаккулёфта таваллуд намешавад. Зиндагии ӯ ин худ ташаккулёбӣ ва ба камолот расидан аст – гуфтааст В.Г. Белинский.

Омилҳои асосии ташаккули шахсият, ин хусусиятҳои генетикӣ, муҳити зист, таъсири фарҳангӣ, таъсири иҷтимоӣ ва таҷрибаи шахсии инсон мебошад. Омезиши ин омилҳо дар ташаккули шахсият, ҳамеша натиҷаи беназир дар пай дорад.

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (1865-1932) низ аз ҷумлаи чунин шахсонест, ки хусусиятҳои зикргардидаро дорост. Ӯ ҳам аз падари худ – Абдушшакури Оят донишу фазилат, ҷасорату матонат ва хислатҳои баланди инсониро ба ирс гирифта буд. Ҳамчунин муҳити зист – Аморати Бухоро, таъсири фарҳангӣ – адабиёти пурғановати тоҷик, таъсири иҷтимоӣ – равшангарӣ

ва таҷрибаи шахсӣ аз дигар омилҳое буданд, ки ба ташаккули шахсияти ӯ таъсир бахшида, ӯро шахсияти таъсиргузор ва ҳамагонӣ гардониданд.

Сарчашмаҳои адабии нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву таърихӣ ва равандҳои эҷодии ин давраро дар худ таҷассум кардаанд. Аз ҷумла осори С. Айнӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи чеҳраҳои тобноки аҳли илму адаб, равшанфикрону тараққихоҳон сарчашмаи муътамад ба шумор рафта, ба мо маълумоти пурқимат дода метавонанд.

Асарҳои С. Айнӣ дар шинохти ҳаёти адабии замон нақши равшане доранд. Ҳаёти адабӣ дар ин давра ба тағйирот ва дигаргунии куллӣ дучор омад, ки авомили асосии он наҳзати маорифпарварӣ ё ба истилоҳи дигар ислоҳотхоҳӣ аст. Бино ба таъкиди адабиётшинос С.Амирқулов «равияи нави адабиёти нимаи дувуми асри XIX падидаи мушобеҳи типологии адабиёти дигар халқҳои туркнажоди Осиёи Миёна намебошад, балки ҳамчун падидаи адабӣ ва зеҳнии хоси тоҷикон зуҳур кард» [9, с.109].

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ бошад, ин «падидаи адабӣ ва зеҳнии хоси тоҷикон»-ро худшиносии тоҷикон номида, онро «аз шартҳои асосии ҳаёти огоҳонаи таърихӣ ва муборизаи роҳи сарнавиштсозӣ» [15, с.5] унвон кардааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик нахустин касе, ки оид ба шахсият ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё муфассалтар маълумот додааст, С. Айнӣ мебошад. Зеро С. Айнӣ худ аз зумраи маорифпарварон ва равшанфикрони раддаи аввали Бухоро ба ҳисоб рафта, дар масири шинохти арзишҳои инсонӣ, дарки моҳияти оламу одам, баррасии масоили муҳимму мубрами иҷтимоӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, адабӣ ва маданӣ гомҳои устувор бардоштааст. С. Айнӣ бо такя ба иттилоот ва манобеи дастрас, лаҳзаҳои муҳимтарини

зиндагӣ ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро дар асарҳои худ инъикос намуда, даҳҳо маротиба номи ин шахсиятро зикр кардааст.

Аз миёни мансабдорони руҳонии амир якчанд нафар ба ҷунбиши маорифпарварӣ ҳамроҳ гардида буданд, ки машҳуртаринашон қозӣ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё мебошад. Аз ин лиҳоз, дар қисми «Қайдҳо ва эзоҳот»-и нашри ҷудогонаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», ки ба қалами тартибдиҳандагони китоб Р. Ҳодизода ва К. Айнӣ мансуб аст, дар қатори дигар шахсиятҳо номи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ шарҳ ёфтааст. Муаллифони қайду эзоҳот дар аҳди ду амири охири Бухоро – Абдулаҳад (1885-1910) ва Олимхон (1910-1920) вазифаҳои давлатӣ ва маъмурӣ иҷро кардани Садри Зиёро махсусан қайд намуда, дар айни ҳол «мухлис ва тарафдори бисёр маорифпарварон, шоир ва нависандагони пешқадами охири асри XIX ва аввали асри XX» [3,с.331] будани ӯ ва барои омӯхтани ҳаёти адабии он давр аҳаммияти бузург доштани хотираҳои вайро таъкид кардаанд.

Дар ин мақола, мо дар мавриди фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё аз назари С. Айнӣ сухан ронда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёт, фаъолияти маорифпарварӣ ва ақидаҳои пешқадами ин марди донишманд ва равшанфикри гениалиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳем.

Пеш аз он ки фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё мавриди баррасӣ қарор гардад, мафҳуми маориф, маорифпарварон ва омилҳои пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ бояд шарҳ ёбад, ҳамчунин шахсияти Садри Зиёро бар пояи он муайян намудан ва хулосабарорӣ кардан яке аз авлавиятҳои таҳқиқ ба ҳисоб меравад, зеро шаҳомати ахлоқӣ, фаросати адабӣ ва хулқу атвори инсонӣ аз ҷузъҳои муҳимми ногусастании хусусиятҳои маънавии

маорифпарварӣ ба ҳисоб рафта, жарфандешию пухтакорӣ ва хислатҳои олии гуманистиро ба вуҷуд меоранд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (ҷ.2,2008) мафҳуми маориф ба маънои ҷамъи маърифат омада, соҳаест, ки маҷмуи корҳои оид ба таълиму тарбия ва муассисаҳои таълимию тарбиявиро дар бар мегиранд. Маорифпарвар бошад, фаъолияти маърифатпарварӣ ва ё маърифатгустарӣ дар назар дошта мешавад.

Маорифпарварӣ ҷараёни адабию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсиест, ки пайравони он дар ҷаҳлу нодонӣ ва дар хурофот мондани оммаро сабабгори асосии рӯзгори бади халқ ҳисоб мекарданд ва роҳи наҷотро танҳо дар баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, илму маърифат, ҷорӣ кардани адолат ва бо ҳамин иллатҳои сохти муайяни ҷамъиятиро барҳам зада, сиёсати онро тағйир додан мехост[25,с.758]. Асоси ҷаҳонбинии ин таълимоти намояндагони маорифпарварӣ бар пояи ақидаҳои идеалист. Пайравони маорифпарварӣ шуурро омили ҳалкунандаи тараққиёти ҷамъият, бемаърифатии одамонро сабабгори иллатҳои иҷтимоӣ медонистанд.

Қафомонии иқтисодию маданӣ, қашшоқию бенавоии омма, ҷаҳолат, ҳукмронии зулм, маҳрумияти сиёсӣ, истибдоди феодалӣ, истисмори мустамликавӣ дар аморати Бухоро омилҳои асосии пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ гардиданд. Махсусан, шиносоии қишри андешаманди ҷомеа, ба мисли Аҳмади Дониш бо маданияти рус заминаҳое буданд, ки маорифпарвариро ба майдон овард.

Барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ дар байни қувваҳои прогрессивӣ – унсурҳои демократӣ, маорифпарварон, аз як сӯй ва қувваҳои иртиҷоии куҳнапарвари феодалию ҷоҳилони динӣ, аз сӯйи дигар, муборизаи оштинопазир ҷараён дошт. Дар ин муборизаи давраи аввали намояндагони равшанфикри

маорифпарварии тоҷик пешвои маорифпарварон – Аҳмади Дониш, инчунин Возеҳ, Шоҳин, Савдо, Садри Зиё, Ҳайрат, Асирӣ ва дигарон фаъолона ширкат доштанд.

Охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар Бухоро давраи муборизаҳои сахти ғоявию маслакӣ авҷ гирифта буд. Дар ин миён равшанфикрону донишмандони қаламрави Бухоро, ки худро дар рафъи бухрони амиқи фикрӣ масъул медонистанд, бар он кӯшиданд, ки бо фаъолияти густардаи фикрию фарҳангӣ ин мушкилоти саросариро ҳаллу фасл намоянд. Яке аз ин пешгомони ҷараёни ба истилоҳ маорифпарвар ва ҳувиятсозу созанда Садри Зиё мебошад, ки бо фаъолияти илмию адабӣ ва амалиёти ҷамъиятии хеш дар пешрафти илму адаб хидмати шоёне кардааст.

Дар арсаи таърих шахсиятҳо ва чеҳраҳои таъсирноке арзи ҳастӣ намудаанд, ки бо донишу хирад ва заковати худ барои баланд бардоштани дониш, ҳувият ва рушди маданию маънавии ҷомеаи хеш худро дар маърази хатар гузошта, ҷонбозиҳо кардаанд. Тавре ки Муҳаммад Иқбол мегӯяд:

*Хок гаштан мазҳаби парвонагист,*
*Хокро аб шав, ки ин мардонагист...*
*Дар ҷаҳон натвон агар мардона зист,*
*Ҳамчу мардон ҷон супурдан зиндагист...*
*Имтиҳони покмардон аз балост,*
*Ташнагонро ташнатар кардан равост [14,с.483].*

Садри Зиё яке аз чунин шахсонест, ки роҳ ва равиши мардонагию равшангарӣ ва донишгустариро пеш гирифта, барои рушди ҷомеаи худ хидмат кардааст. Устод Айнӣ дар асарҳои худ, дар ҳар мавриде ки аз Садри Зиё ном мебарад, ӯро боиси ифтихори хеш ва миллати тоҷик меҳисобад. Зеро таъсири афкору ақидаҳои пешқадами Садри Зиё ба сифати яке аз уламои тозафикру навназар ва тараққихоҳ нисбат ба С. Айнӣ ва дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ниҳоят бузург аст. Аз ин

ҷост, ки устод Айнӣ Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» медонад[8, с.296].

Он солҳо, ки Аҳмади Дониш ҳанӯз дар қайди ҳаёт буд, марказе пайдо шуд, ки низ як идда пайравони ӯро ба ҳам пайваст. Ин марказ маҳфили адабии Садри Зиё буд. С. Айнӣ ошноии худро бо чеҳраҳои маорифпарвари рӯзгор ба маҳфили адабии хонаи Шарифҷон-махдум марбут донистааст. Устод Айнӣ аз соли таҳсили 1891-1892 (то охирҳои моҳи сентябр) ба хонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ки таҳти таъсири Аҳмади Дониш чанд асари насрӣ таълиф карда, дар якҷоягӣ онро «Наводири Зиёия» номидааст, меояд ва аз ин ҷо бо аъзои маҳфили адабӣ ошно мегардад. Садри Зиё равшанфикрони озодандеш ва ҷасоратмандони Бухороро дар маҳфили худ гирд оварда, бо баррасии муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабӣ, бо музокираву мубоҳисаҳо ҷасоратмандонро ба ҷаҳду ҷадал руҳбаландӣ мебахшид. Вай на танҳо нигоштаҳои парокандаи Аҳмад-махдумро ҷамъоварӣ кард, балки бо таблиғи омӯзаҳои ӯ фикри як идда ҷавононро ба ҷунбиш овард ва барои ин ки ба гуфти С. Айнӣ «як инқилоби фикрӣ» [2, с.55] ба вуҷуд биёяд, мусоидат намуд.

Садри Зиё воқеан, маорифпарвар, равшанфикр ва тараққихоҳ буд. Сарчашмаҳои зиёде мавҷуданд, ки фаъолияти равшангарии ӯро дар худ таҷассум намуда, аз ӯ ҳамчун як симои барҷастаи сиёсию адабӣ ба некӣ ёдоварӣ кардаанд: «Шарифҷонмаҳдум бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд»[4,с.44]. «Зиё аз ҷумлаи уламои тараққипарвар ба шумор меравад»[1,с.240]. «Бо Шарифҷон-махдум, ки фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст, алоқа бастан ва шинос шудан бад нест»[8,с.410]. «...маълум шуд, ки қозии мазкур яке аз раисони тараққипарварон будааст»; [13,с.45-46].«Муҳаммад

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё яке аз намояндагони интеллигентсияи пешқадами замони худ буд»[3, с.331].

Аввалин иқдоми Садри Зиё ба сӯйи маорифпарварӣ ин созмондиҳии маҳфили адабӣ дар хонаи худ дониста мешавад. Солҳое, ки Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар мадраса таҳсили илм мекард, ӯ ҳавлии хешро ба маҳфилгоҳи адабӣ табдил дода, аз шарикдарсонаш гурӯҳеро дар атрофи худ ҷамъ карда буд. Яъне Садри Зиё аз замони донишҷӯйӣ тарҳи дарозмуддати маҳфили адабии тафаккурсоз ва равшангарои хешро кашида, бо вуҷуди он ки ӯ дар ин вақт бояд аз пайи тақвияти илму дониш мешуд, ё орзуи дар ҷое қозӣ шуданро мекард, баръакс дар пайи эҷоди маҳфил ва шаклдиҳии он бо руҳияи равшанфикрона ва ғояҳои башардӯстонаи Аҳмади Дониш пардохт. Аз ин ҷо метавон пай бурд, ки ин «толибилми барушд» аз давраи донишҷӯйии хеш заминагузори аҳдофи бузурге буд, дарозмуддат. Фарзанди Садри Зиё – Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар ин бора барҳақ гуфтааст: «Аз чанд ҷиҳат метавон гуфт, маҳфили адабии Садри Зиё ба мактаби адабии маорифпарварӣ табдил ёфта буд, ки шаклгирии завқу салиқаи зебошинохтии (эстетикии) ҷавононро ба самте, ки созгор ба марому маслаки нави замон, ба хостаҳои ҷараёни маорифпарварӣ бошад, равон месохт, барои қувват додани равандҳои адабии тоза ва умедбахш мусоидат мекард»[17, с.15-16].

Аз сабаби он ки Садри Зиё ба ҳайси як равшанфикр ва оянданигар дар хонаи худ маҳфили адабӣ созмон дод, муҳаққиқ Нозим Нурзода чунин созмондиҳии равшанфикриро вокуниши саривақтӣ ба воқеияти давр ва бархӯрд ба он медонад: «Аз ин ҷост, ки равшанфикр бо фарогирии доираи донишҳои амиқ ва диду биниши воқеӣ бо масоил ва мушкилоти башарӣ бархурд мекунад ва сари вақт вокуниш нишон медиҳад. Аз ҷониби дигар, равшанфикр

воқеиятҳои давру замонро бо дарки амиқи масъулият бозгӯ месозад ва ҷиҳати ислоҳи камбуду навоқиси иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ, ки пеши роҳи рушду тараққиро банд мекунанд, ҷиддӣ иқдом менамояд. Ба сухани дигар, равшанфикрон дар ҳар давру замоне дар раддаи пеши мубориза қарор дошта, бо ҷавҳари мушкилот дасту панҷа нарм мекарданд»[20, с.49].

Воқеан, давру замон равшанфикрон ва озодихоҳони миллии худро ба вуҷуд овардааст ва он равшанфикрону озодихоҳони миллӣ барои бурунрафт аз мушкилот ва пешрафти кишвари худ, гоҳе бо қувваи бозу, мисли Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ, гоҳе бо қувваи қалам ва илму маърифат, монанди Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва дигарон талошҳо намудаанд.

«Таҳкурсии маънавии ҷустуҷӯҳои фикрии аҳли маҳфили адабии Садри Зиёро омӯзаҳои Аҳмади Дониш устувор карда буд. Аҳмади Дониш, ки сардафтар ва пешвои равшангарони тоҷик буд, дар маҳфили Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ҳамеша ғоибона ҳузур дошт»[18, с.12] ва инро С. Айнӣ бараъло мушоҳида карда гуфтааст: «Як каси ғоибе, ки зикри ӯ дар маҷлисҳо диққати маро ба худ бисёр мекашид, ҳамин Аҳмади Дониш буд. Ҳар кадоми аҳли он маҷлисҳо ин зоти бузургро дар ғайбаш ҳам «шумо-шумо» гуфта, ном мебурданд ва дар ҳаққи ӯ бо эҳтиром гап мезаданд... қисми дигараш ӯро дар некӣ ба дараҷаи фаришта мебаровард»[8, с.283]. Ин гуфтаҳои С. Айнӣ баёнгари он аст, ки Аҳмад-махдуми Дониш то чи андоза аз эҳтиром бархурдор буд.

Маҳфили адабии Садри Зиё аз масъалаҳои иҷтимоии замон дур набуда, балки дар он доғтарини масъалаҳо ба баррасӣ гирифта мешуд. Чунонки С. Айнӣ мегӯяд: «Дар маҷлисҳое, ки дар хонаи Шарифҷон-махдум барпо мешуд, чунонки аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони

ҳамон замон шикоят мерафт...», [8, с.281] инчунин онҳо «ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозитсионӣ нишон медоданд»[2, с.34].

Чунин шикоятҳо кардан аз бадкориҳои ҳукумат ва сохторҳои фасодпешаи зертобеи ӯ, ба назари С. Айнӣ, як навъ «ҳаракатҳои оппозитсионӣ» нишон додан аст. Аз сабаби он ки «С. Айнӣ ва ҳамкорони ӯ дастпарвари мактаби равшангарии Аҳмади Дониш мебошанд ва нуфузи омӯзаҳои ӯ нахуст ба воситаи маҳфили адабии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва баъд бевосита аз осори Аҳмади Дониш гузашта, онҳоро бо роҳи маорифпарварӣ ва ислоҳталабӣ равон кардааст»,[18,с.13-14] мавқеъгириҳои аҳли маҳфили Садри Зиёро бисёр дуруст таҳлил намудааст, то ин ки ба характери кори онон баҳо диҳад. Дар ояндаи наздик дида мешавад, ки ин ҳаракатҳои дар ҳоли ташаккулёбии хомӯшонаи оппозитсионӣ, ба «ҳаракати худшиносии миллӣ», «ҳаракати тараққиталабӣ», «ҳаракати муқовимат» ё худ «ҳаракати ислоҳотхоҳӣ» мубаддал мегарданд.

Дар зимн бояд қайд кард, ки «шикоятҳои дарборӣ» ва «ҳаракатҳои оппозитсионӣ»-и хонаи Садри Зиё барои ин ки С. Айнии ҷавон моҳияти воқеаҳои атрофро амиқан ва бо диди башардӯстӣ бубинаду бифаҳмад, барои ташаккули назариёти иҷтимоиву сиёсии ӯ бағоят аҳаммият дошт. Аз ин рӯ, Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар ин бобат дуруст қайд кардааст: «Садри Зиё дар маҳфили адабии худ, бо ин, ки маҳфили ӯ «мактаби адабиёти давра» шуд, барои ташаккули адабиёти маорифпарварии тоҷикон дар оғози садаи бист хидмат кардааст... Маҳфили адабии Садри Зиё нуфузи андешаи маорифпарвариро дар ҷомеа густариш дод, бо парвариши озодандешони ҷавони фаъол ва барои домангустарии маорифпарварӣ дар ду даҳаи аввали садаи

бист ба сифати яке аз омилҳои пурзӯр имкон фароҳам овард»[17, с.16].

Дар баробари ин, бо шунидани хубиҳои баъзе аз шахсони муайяни маҳфили адабии Садри Зиё, дар дили С. Айнӣ нисбат ба онҳо меҳр пайдо мешавад: «инчунин хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт, ки ман ғоибона ба он гуна одамҳо муҳаббат пайдо карда будам»[8, с.281].

Дар идома С. Айнӣ мегӯяд, ки одамони аҳли он маҷлисро дурусткирдор мешумурд ва аз суҳбатҳои онон бисёр хушаш меомад: «ман аз рӯйи дарёфти худ аҳли маҷлисҳои Шарифҷон-махдумро одамони дурусткирдор медонистам» [8,с.283]. Натиҷагириҳои С. Айнӣ аз маҳфилҳои адабии Садри Зиё ба тариқи зайл аст: «Ана ҳаминҳо буданд гули сари сабади маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, ки ман аз суҳбати онҳо бӯйи хушеро мешамидам»[8, с.281].

Ба гуфтаи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, суҳбатҳои хонаи Садри Зиё ба ҷанбаи иҷтимоии рӯйдодҳо маҳдуд нагардида, он заминаи густурдаи маънавӣ дошт: «Гуфтугузори аҳли суҳбатҳои маҳфили Садри Зиё танҳо бо ҷанбаи иҷтимоии рӯйдодҳои рӯз маҳдуд намегардид, балки заминаи густурдаи маънавӣ дошт. Аксари озодфикрони ин маҳфил аҳли фарҳанги маънавӣ буданд ва одитарин масъалаҳои ҳастии маънавии инсонро ба доираи андеша ва мизони хеш мекашиданд» [16, с.12].

Бо назар ба он ки ҳавлии Садри Зиё ба гуфтаи устод Айнӣ «ҳар ҳафта се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкоронро мегирифт» [8, с.271] ва онҳо бо шеърхонию аз назаргузаронии шеър, танқиди ашъори якдигар ва дар бораи навиштаҳои тозаи нависандагони замон изҳори ақида мекарданд, С. Айнӣ онҳоро «доираи зиндадилон» [2, с.33] ном мебарад.

Аз суханони С. Айнӣ маълум мегардад, ки аҳли маҷлисҳои Садри Зиё шахсони фозилу донишманд ва дар айни замон адибони пешқадам буданд, ки дар асарҳои худ нуқсону қабоҳатҳои замонро ҳаҷву танқид мекарданд. Ҳатто Садри Зиё дар бораи он гуна одамон асари ҷудогонаи ҳаҷвии «Тазкирату-л-ҳумақо»-и худро таълиф намудааст. Ин аст қадами аввалини Садри Зиё дар роҳи маорифпарварӣ, ки заминаи ғояҳои он башардӯстӣ ва инсонпарварӣ буд ва он дар хонаи худи ӯ ташаккул меёфт.

Устод Айнӣ аввалин нафарест, ки на танҳо ба шахсият, балки ба фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё баҳои баланд дода, ӯро «тараққихоҳ», яъне нафаре, ки бо дидгоҳи амиқи илмию фалсафӣ, рушди иҷтимоиву сиёсӣ, маданию ахлоқӣ ва зерсохториро бо як биниши хоси «модерн» дар он фазои ҷаҳолатгустар медид, баён намудааст: «Шарифҷон-махдум бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд»[4, с.44]. Суоли матраҳ ин аст, ки чунин баҳодиҳӣ аз куҷо сарчашма мегирад ва бо кадом натиҷагирӣ анҷом меёбад. Барои посух ба ин, фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро бояд аз назар гузаронид ва дидгоҳи воқеъбинонаи С.Айниро дарёфт.

Дар боло то ҳадде оид ба фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё посухи зарурӣ ба суоли матраҳшаванда дода шуд, дар идома бошад, мо онро тақвият мебахшем.

Барои тақвияти калом, суханони Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро оид ба маҳфили адабии Садри Зиё ва шахсияти ӯ аз иқтибоси С. Айнӣ овардан бисёр баҷост: «Бо Шарифҷон-махдум, ки фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст, алоқа бастан ва шинос шудан бад нест»[8, с.410].

Агар ба умқи ин сухани Ҳайрат назар андозем, пас мефаҳмем, ки ӯ ба шахсият ва фаъолияти маорифпарварии

Садри Зиё на танҳо холисона баҳои сазовор додааст, балки воқеъбинона ва объективӣ ба ҳайси як сокини Бухоро хулосаи шахсии худро нисбат ба ӯ баён кардааст.

Ғайр аз ин, С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ такроран ва таъкидан Садри Зиёро маорифпарвар ва аз ҷумлаи уламои тараққихоҳ номидааст: «Зиё аз ҷумлаи уламои тараққипарвар ба шумор меравад»[8, с.240].

С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» оид ба Садри Зиё фикрҳои ҷолиби диққат овардааст. Муаллиф дар ин асар, оид ба Садри Зиё, маълумоти басо муҳим оварда, соданависии ӯро махсусан қайд кардааст, ки ин дар «Ёддоштҳо» ва дигар асарҳо дида намешавад: «Шарифҷон-махдум аз иншонависони машҳури замони худ буда, аз мухлисони Аҳмади Дониш ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро (нисбат ба он ду шахс – З. А.) боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт» [2, с.59]. Вале аз чи бошад, ки таърихнигор Раҳим Масов ин суханони С. Айниро нодида гирифта, ин содакунӣ ва оммафаҳмкунии забонро эҳсос ва мушоҳида накарда, баръакси он иттиҳомоти нодурустро нисбат ба Садри Зиё бастааст, ки дар ягон меъёр қобили қабул нест. Ӯ бар хилофи воқеият гуфтааст, ки Садри Зиё «Тазкори ашъор»-и худро бо забони арабӣ навишта, бо ин забони модарӣ ва ҳувияти хешро ба нестӣ бурдааст: «Последний кази Бухарского эмирата писал свои мемуары «Тазкару-л-ашъор» в форме стихотворной антологии на арабском языке... потерял свой родной язык и самобытность»[11, с.17-18].

Ба ҳар ҳол дар худ чӣ маъно доштани суханони Раҳим Масов номуайн боқӣ мемонад, зеро он ба ҳақиқати воқеӣ рост намеояд.

Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ба нобудӣ рафтани забон ва ҳайсияти миллат ишораҳои зиёде доранд: «Таърих бисёр мисолҳоро медонад, ки дар баробари аз байн

рафтани забон, миллат низ аз байн меравад. Ба ибораи дигар, фанои забон, фанои миллат аст» [23, с.165].

Ҳамчунин чи тавре ки сиёсатшиноси варзида С. Ятимов дар тадқиқоти хеш мегӯяд: «Забон ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ, натиҷаи фаъолияти интеллектуалӣ, вокуниши одам ба ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. Он хотираи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллат мебошад. Нурест, ки қудрат ва тавоноии худро дар ҷараёни ниҳоят мураккабу пурпечу тоби таърихӣ, ки аз муборизаҳо, бурду бохтҳо ва садоқату хиёнатҳо иборат аст, ба намоиш мегузорад»[31, с.10].

Аз гуфтаҳои Раҳим Масов чунин бар меояд, ки он кас аз услуби нигориш, соданависӣ ва бо забони шевои тоҷикӣ навишта шудани «Тазкори ашъор» бехабар монда, ин китобро надидаанд, дар акси ҳол чунин сухан нисбат ба маорифпарвар Садри Зиё гуфта намешуд. Зиёда аз ин чи тавре ки маълум аст, таърихнигор осори худро на бо забони модарии хеш – тоҷикӣ балки бо забони русӣ навиштаанд ва он суханони гуфташуда нисбат ба Садри Зиё як иттиҳоме беш нест.

Ҳамзамон дар баробари ин равшанфикрони нимаи дуюми асри XIX Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддин Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Абдулкарими Офарин, Дилкаш, Исо Махдум, Музтариб, Мирзо Ҳайити Саҳбо, Симо, Мирзо Азими Сомӣ, Ҳайрат ва дигарон дар ҳавлии Садри Зиё ҷамъ омада, бештар ба оммафаҳм ва сода кардани забони адабӣ хизматҳои бузургу беназирро ба ҷо овардаанд.

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» гуфтааст, ки «Шарифҷон-махдум ошиқи асарҳои Аҳмадмахдум буд» [4, с.444]. Аз ин хотир, Садри Зиё «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро нусхабардорӣ намудааст.

Замоне ки С. Айнӣ ва Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902) аз Садри Зиё супориш гирифтанд, ки нусхаи дастнависи

Мунзимро бо «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш муқобала ва тасҳеҳ кунанд, С. Айнӣ таъкид мекунад, ки пас аз хондани «Наводиру-л-вақоеъ» «ба ман ва баъзе шариконам инқилоби фикрӣ рӯй дод», [2, с.55] «назари мо ба амиру вазир, ба муллоҳо ва ба зиндагонии онрӯза қариб тамоман дигар шуд» [2, с.56].

Он «инқилоби фикрӣ», ки ба С. Айнӣ рӯй дод, натанҳо дигаргуниро дар ақидаҳои иҷтимоиву сиёсии ӯ ба вуҷуд овард, балки назари танқидии ӯро нисбат ба воқеияти атроф ва ҳукумати муфсиди манғития ба вуҷуд овард.

Бояд гуфт, ки Садри Зиё аз нусханависии «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш бо хатти Абдулвоҳиди Мунзим чанд ҳадафро дар пай дошт. Аввалан, ӯ мехост, ки бо нусханависӣ хатари нобудшавии ин китоб пешгирӣ шавад ва он паҳн гардад, зеро дар он замон хондан ва интишори «Наводиру-л-вақоеъ» ҷурм ба ҳисоб мерафт. Сонияն, аз сабаби он ки «Наводиру-л-вақоеъ» асоси ғоявии таълимоти маорифпарварӣ ва маҳфили адабии Садри Зиёро ташкил мекард, ин китобро дар маърази маҳфил гузоштан ва сари он мубоҳисаҳо оростан аҳаммияти зиёд дошт. Солисан, бо вуҷуди он ки Садри Зиё худ хаттот ва хушнавис буд, ӯ мехост бо зебонависии Абдулвоҳиди Мунзим ва тасҳеҳу муқобалаи С. Айнӣ ҳамроҳ бо Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат шогирдони худро аз марому мақсади ин китоби «прогрессивӣ» огоҳ созад ва дидгоҳу зеҳни онҳоро такони ҷиддӣ бахшад, то атрофу ҳаводиси рӯзро бо диди нав бубинанд.

Аз фаъолияти баъдии устод Айнӣ маълум мешавад, ки дарунмояи маънавии ақидаҳои пешқадами Аҳмади Дониш ва маҳфили адабии Садри Зиё ба афкори С. Айнӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

Зимнан бояд гуфт, ки то он вақт С. Айнӣ чун аҳволи замонро мушоҳида мекард, худро бо ин байти Бедил тасаллӣ медод:

*Зиндагӣ дар гардан афтодаст, Бедил, чора чист?*
*Шод – бояд зистан, ношод – бояд зистан[4, с.445].*

Ҳангоме ки С. Айнӣ «Наводиру-л-вақоеъ»-ро хонд, дар бораи «аҳволи фалокатиштимоли»-и охири қарни нуздаҳ ба чунин натиҷа омад, ки: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модоме ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст» [4, с.446].

Соли 1903 мулло Абдулқодири Шакурӣ (1875-1943) дар Самарқанд мактаби усули нав кушод ва муваффақ шуд, ки талаба дар шаш моҳ хатту савод барорад ва сипас аз ҳисоб, ҷуғрофия, таърих ва ғайра маълумоти ибтидоӣ пайдо кунад. Бинобар ин, ҷавонбухориён аз ин илҳом гирифта, шоирони намоёни замон Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, ки низ аз дастпарвардаҳои Садри Зиё буд, Садриддини Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ (1884-1946) ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ (ки 9-и марти соли 1918 аз дасти ҷаллодони амир кушта шуд) соли 1908 дар Бухоро мактаби нав кушоданд. Садри Зиё ва ду се нафари дигар барои харҷи ин мактаб ва таблиғоти равшангарон ҳар моҳ маблағи муайян медоданд ва таъминоти моддии ҷамъияти «Тарбияи атфол»-ро ба дӯш гирифта буданд. Устод Айнӣ ба ин ишора намуда мегӯяд: «Ионаҳое, ки баъзан ҷавонон ва ҷавонфикрон мекарданд, аз тарафи аъзои ҷамъият ба хазинаи ҷамъият супурда мешуд. Аъзои ҷамъият сирри онро накушода, аз чанд нафар маорифпарварон ҳар моҳ маблағе ба тариқи иона мегирифтанд. Мирзо Муҳиддин Мансуров, қозӣ Шарифҷони Садр, қозӣ Саидҷон ва боз чанд нафаре, ки номашон дар хотирам намондааст, ҳар моҳ маблағи муайяне медоданд»[5, с.133].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки шогирдони Садри Зиё қадамҳои аввалини худро дар роҳи маърифатгустарӣ аз таъсиси мактаби усули нав оғоз бахшида, ин орзуи деринаи худ ва устоди хешро ҷомаи амал пӯшониданд. Вале набояд фаромӯш кард, ки ин ташаббус бевосита аз ҷониби Садри Зиё дастгирӣ меёфт ва ӯ дар раъси чунин иқдомот қарор дошт. Зеро замоне ки бо эҷоди фитна ин мактаби навтаъсиси тараққипарвари миллӣ баста шуд, амир Абдулаҳад на ба каси дигар, балки ба Садри Зиё нома фиристода, масъалаи мактабро пурсид ва худро моил ба тарафдории чунин макотиб нишон дод. Ин ҳолатро С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» бисёр возеҳ баён медорад: «Абдулаҳад мустабидди мунофиқ ва риёкоре буд. Дар сурате ки барои бастани мактаб то Тошканд мурочиат мекард, дар назари ҷавонон худро ба мактаб бетараф ва ҳатто моил ба қалам доданӣ мешуд. Барои ҳамин пас аз бастани мактаб ба қозӣ Муҳаммадшариф, ки бо ҷавонон робита дошт, дастхате фиристода, масъалаи мактабро пурсид ва ба тарафдории худ аз мактаб ишорате кард»[5, с.84].

Чунонки бараъло мушоҳида гардид, амир Абдулаҳад бо он риёкорӣ, худ тарафдори мактаби усули нав набуда, мехост бо ҳар роҳ монеи басташавии мактаби равшанфикрӣ гардад ва баъдан бо дасти рӯҳониёни мутаассиб онро баст.

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар ҷунбиши ҷадидон бевосита ширкат надошт, лекин ҷадидон ҳамеша аз дастгирии ӯ бархӯрдор будаанд ва ӯ иртиботи худро бо онон қатъ намекард. Ҳамон тавре ки С. Айнӣ гуфтааст: «қозӣ Муҳаммадшариф бо ҷавонон робита дошт»[5, с.84].

Вале Ибни Қурбон дар китоби худ «Фавоҳиш ва раҳоиш» гуфтааст, ки пас аз ташкил гардидани Иттиҳоди Шуравӣ Садри Зиё ҳеҷ гоҳ худро тарафдори маорифпарварӣ нишон намедод ва инро як беҷуръатӣ меҳисобад: «Садри Зиё баъдан дар замони Шӯравӣ, ҳангоме ки ҷадидон ба азаматталабии

туркгароӣ сахт гунаҳгор карда шуданд, пайваста исрор мекард, ки бар ӯ туҳмат бастанд, ки ҷадид буд»[10, с.29-30]. Албатта, Садри Зиё ҳам дар замони Бухорои амирӣ ва ҳам дар замони Шуравӣ ошкоро худро саркарда ва тарафдори маорифпарварӣ нишон намедод ва ба забон ҳам намеоввард. Чаро? Ба тавзеҳи худи Ибни Қурбон «пеш аз ҳама, барои моён саводи сиёсӣ лозим аст, зеро бе омӯзиши он худшиносии миллӣ даст намедиҳад»[10, с.48]. Ин «саводи сиёсӣ»-и гуфтаи Ибни Қурбонро ба инобат гирифта, мавқеъгирии Садри Зиёро метавон аз се ҷиҳат шарҳ дод. Аввалан, бо сабаби он ки Садри Зиё саводи фавқулодаи сиёсӣ дошт ва сароҳатан медонист, ки агар шахсияти ӯ ошкор мегашт, ҳам дар замони амирӣ ва ҳам Шуравӣ на танҳо ҷони ӯ дар хатар буд, балки кулли нақша ва тарҳҳои сиёсии маорифпарварӣ фош мегардид, беш аз ин, ҷони аъзоёни он низ таҳти хатари ҷиддӣ қарор мегирифт. Дуюм, агар ӯ худро ошкор мекард, хавфи он буд, ки асарҳои такроран бо хуни ҷигар навиштаи ӯ мисли гузашта нобуд гардад. Сеюм, ӯ сиёсати боздоранда (политика сдерживания)-ро пеш гирифта буд, то ин ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» [10, с.22-23]. Аз ин хотир, баъдан С. Айнӣ аз Садри Зиё ибрат гирифта, дар замони Шуравӣ бо роҳи миёнаи муътадили замон амал кард, то ин ки барои ояндаи миллати хеш дар шароити нав ва фазои созгор хидматҳои беназир анҷом бидиҳад.

Садри Зиё дар нахустин соли таъсиси мактаби тараққихоҳон фарзанди худ Зарифро ба ин мактаб дод ва бо ин амал эътибори мактаби усули навро баланд бардошт: «Ба ҳамин тариқ, дар 10 моҳи шавволи соли 1326 ҳ. (октябри соли 1908) дар дохили шаҳри Бухоро, дар гузари Саллоххона, дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳид, махсус барои бухориён ба забони форсӣ аввалин мактаби усули навро кушодем.

Шогирдоне, ки дар ин мактаб дар навбати аввал қайд шуданд, инҳо буданд: Абдурраҳмонбек писари Абдуллобек, Абдуғанӣ хизматгори вай, Афзал ва Акрам – писарони Аҳмадҷонмахдум, Абдурраҳим писари Ҳоҷӣ Абдусаттор, Зарифҷон – писари қозӣ Шарифҷон, Муҳаммадамин писари Саидҷонмахдум, Абдуқайюм писари Абдушшукур. То иди Қурбон, дар муддати ду моҳ шумораи шогирдон ба 12 расид» [5, с.33].

Дар осори Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ки «чеҳраи шукуҳманди як равшанфикри барҷаста ва маорифпарвари фаъол» [17, с.3] дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор меравад, «идеалҳои олии маорифпарварии тоҷикӣ аз баъзе ҷиҳатҳо хеле мукаммал ифода ёфтааст» [17, с.3]. Дар эҷодиёти ӯ нукоти муҳимми маорифпарварии тоҷикӣ баррасӣ шуда, онҳо барои равшан шудани масъалаҳои асосии таърихи маънавии миллат судманд мебошанд.

Садри Зиё ба сифати тарафдори ислоҳот ва идомадиҳандаи афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш дар роҳи татбиқсозии ормонҳои мактабу маориф ба таҷрибаи таърихии кишварҳои ҷаҳон бо чашми ибрат нигариста кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар баробари масъалаҳои ислоҳи мактабу мадраса ва мубориза̄и зидди ноинсофиву беадолатиҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи пешрафти кишварро бо овардани мисолҳо аз тараққиёти кишварҳои Ғарб дар «Рӯзнома»-и худ хеле васеъ нишон диҳад. Мақсади асосии пешрафти кишвар аз шарофати фарҳангу маънавият ба ҳисоб мерафт. Ба таъкиди Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ Садри Зиё: «эътимод дошт, ки равшангарӣ ва ислоҳоти куллии фарҳангӣ кишварро ба эҳёи маънавӣ хоҳад овард...ва маорифпарварони тоҷик барои эҳёи маънавии миллат мубориза мекарданд» [16, с.26].

С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи тазкираи шеърии Садри Зиё ишора менамояд: «дар назм

асари намоёнаш «Тазкирату-ш-шуаро»-и манзума аст, ки дар он шуарои муосирро ба тариқи интихоб дарҷ намуда»[1, с.240].

«Тазкори ашъор» гӯё ҳамон маҳфили адабии Садри Зиёро идома дод ва бархе маорифпарваронро як ҷо гирд оварда, ба аҳли ҷомеа муаррифӣ намуд ва бар хилофи бадгӯиҳои доираҳои расмӣ ҳастии воқеии равшангаронро ба ҷомеа шиносонид. «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё ҳимоятномаи маорифпарварӣ, адабиёти ҷадида ва шеъри нав буд»[17, с.54].

Садри Зиё китобҳои худро бо руҳи ҳаракати маънавии ҷадид тадвин намуд ва навишт, зеро дар замони нав, яъне оғози қарни бист дар ин ришта тақозои таҷдиди назар дошт. Доштани ҳофизаи қавӣ дар тадвин, таҳия ва таълифи дубораи осори хеш «алайҳи таассубҳои фарҳангии он замон кӯшиши беназир, амали махуф ва ҷасорати вокеӣ ба шумор мерафт»[6, с.10].

Садри Зиё дар миёни мардуми Бухоро бо инсонияти баланд, шафқату меҳрубонӣ, инсофу масъулиятшиносӣ, саховату адолат обрӯ ва нуфузи баланд касб карда буд. Аммо ин хислатҳо ба амир ва доираҳои муфтхури ӯ мақбул набуд ва ӯ Садри Зиёро азл карда, ба Қаршӣ бадарға намуд: «Чун амир аз фармони нашркардааш нузул намуд, Зиёро низ маъзул карда, зоҳиран дар Қаршӣ қозӣ, ҳақиқатан аз Бухоро табъид намуд» [1, с.401-402].

Тақдири минбаъдаи Садри Зиё аз «Таърихи инқилоби Бухоро» ба мо маълум мегардад: «Бо сар шудани ҷанг қозикалон Бурҳониддин аз қушбегӣ Усмонбек ба ҳокими Қаршӣ хат фиристод, қозӣ Мирзо Шарифро ҳабс кунонида, ҷиянаш Абдувакилро куштанд» [5, с.218].

Оқибат, тақдир чунин шуд, ки «қозӣ Шарифҷон барин шахсе, ки дар Бухоро қозикалон шуда буд, дар ҳабсхона

мехобиданд» [5, с.232] ва орзуву умеди ин равшанфикр ва ғамхори миллат барбод рафт.

Ҳамин тариқ, аз ин ҳама маълумоти пурқимате, ки С. Айнӣ оид ба маорифпарвари беназир – Садри Зиё овардааст, симои барҷастаи ходими сиёсиву иҷтимоии як равшанфикри фидоии миллат, ки худ маорифпарвари фаъол ва ҷонибдори афкору ақидаҳои пешқадами маорифпарварӣ мебошад ва дар фаъолияти ӯ олитарин ормонҳои маорифпарварӣ инъикос ёфтаанд, намоён гардид.

Дар асарҳои С. Айнӣ таҷассуми бештар пайдо кардани шахсият ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё, ин худ далел бар он аст, ки Садри Зиё аз ҷойгоҳи хосса ва эҳтироми баланд назди устод Айнӣ дар ҳама давру замон бархурдор буд. Нуфузи афкор ва андешаи Садри Зиё то ҳадде таъсиррасон буд, ки ягона шахсияте, ки беш аз сад маротиба номи ӯро дар осори худ зикр намудааст, С. Айнӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, С. Айнӣ дар рисолаҳои илмӣ ва асарҳои таърихии худ тамоми паҳлуҳои ҳаёт, шахсият ва алахусус фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро зикр намуда, бо баҳои сазовор додан ба эҷодиёти ӯ ҳамчунин хизматҳои ӯро дар инкишофи муҳити адабӣ, бо далелҳои раднопазир зикр намудааст. С. Айнӣ ғояҳои пешқадами Садри Зиёро дар ҷодаи кишвардорӣ, бунёдкорӣ, маърифатпарварӣ, илмдӯстиву фарҳангдорӣ ва хештаншиносӣ мояи ибрат ба дигарон дониста, чун баҳри пургавҳар арзишимандии онро таъкид намудааст.

Осори С. Айнӣ сарчашмаи муҳим барои бозёфти ақидаҳои пешқадами маорифпарварӣ буда, зикр гардидани Садри Зиё, ҳамчун яке аз пешвоҳои маорифпарварон, барои пажуҳишгарон даст медиҳад, ки зиндагиномаи ин шахсиятро ба таври илмӣ-муқоисавӣ таҳқиқ намуда, ҳақиқат ва адолати

таърихиро дар ҳама давру замон дар нисбат ва ҳаққи ӯ воқеъбинона инъикос намоянд.

Умед аст, ки моҳи феврали соли 2025 дар сартосари ҷумҳурии азизамон 160-умин солгарди ин чеҳраи фарҳангӣ, ходими сиёсӣ ва адиби нотакрор – Садри Зиё бо як тантана ва бо баргузор намудани конференсияи сатҳи байналмилалӣ ҷашн гирифта шавад ва кӯчаву боғҳо ба муносибати ин шахсияти комил ва ватандӯсту маорифпарвари асил номгузорӣ гардад.

**Адабиёт**


1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
2. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., – 1958. – 128 с.
3. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 1. (Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва Р. Ҳодизода) / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 327 с. + 19 с.
4. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 7. – (Ба чоп тайёркунандагон: К.Айнӣ ва Р.Ҳодизода) / С. Айнӣ . – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962. – 644 с.
5. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро (Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб: Р. Ҳошим) / С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
6. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. // Куллиёт, ҷ. 14. (Бо кӯшиш ва муқаддимаи Камолиддин Садриддинзода Айнӣ. Таҳиякунандаи матн, мураттиби вожанома ва муҳаррири масъул: Муҳаммадҷон Умаров) / С.Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.
7. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 15. – (Ба кӯшиш ва муқаддимаи К. Айнӣ) / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 220 с.
8. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредактсияи илмии Энтсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.

9. Амирқулов С. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннахр (қарни XIX). (Мунтахаби мақолаҳо) / С. Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 160 с.

10. Ибни Қурбон. Фавоҳиш ва раҳоиш / Ибни Қурбон. – Душанбе: ЭР-граф, 2003. – 195 с.

11. Масов Р. Наследие мангытской власти или о предательстве, трусости, лицемерии и безпринципности как позорных явлениях нашей истории / Р. Масов. – Душанбе: Национальный музей древности, 2002. – 30 с.

12. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С.Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик») / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 2008. – 211 с.

13. Муҳаммадалӣ бинни Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ. Таърихи нофеъ. (Ба эҳтимом, тасҳеҳ, ҳавошӣ ва пешгуфтори Аҳрор Мухторов). – Душанбе: Ирфон, 1994. – 173 с.

14. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2008. – 778 с.

15. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. – Душанбе: Интишороти бунёди Оли Сомон. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1999. – 160 с.

16. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърихи тоҷикон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 104 с.

17. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Садри Бухоро. Чопи дувум (Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо). – Душанбе: Деваштич, 2005. – 186 с.

18. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.

19. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.

20. Нурзода Н. Симои равшанфикрони миллӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ / Н. Нурзода // Илм ва ҷомеа. – 2018. – №3 (11). – С. 48 – 63.

21. Садри Зиё «Тазкори ашъор» (Ба тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқӣ, ба кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой) / Зиё Садр. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.

22. Сиддиқ С. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ /С. Сиддиқ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2010. – 200 с.

23. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С. 165.

24. Табаров С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875 – 1899) / С. Табаров. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 479 с.

25. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – 950 с.

26. Хади-заде Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века / Р. Хади-заде. – Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР, 1956. – 140 с.

27. Ходжаев Ф. К истории революции в Бухаре / Ф. Ходжаев. – Ташкент: Узб. гос. изд-во, 1926. – 77+55 с.

28. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 294 с.

29. Ҳодизода. Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX): Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Ҳодизода Р., Каримов У, Саъдиев С. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.

30. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ / М. Шукуров. –Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.

31. Ятимов С. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат / С. Ятимов // Адабиёт ва санъат. – 2020.– 15 октябр. – №42. – С. 10.

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Меҳроб ҶУМЪАЕВ**
*номзади илми филология*

# МАВҚЕИ ФАКТУ РАКАМҲО ДАР ОЧЕРКИ «АЗ РОҒУН ТО ЗОРУН»-И РАҶАБАЛӢ АҲМАД

Мавқеи факту рақам дар асарҳои публитсистӣ ва бадеиву пеблитсистӣ ниҳоят муҳим мебошад [ниг.: 3, с. 88-92]. Дар чунин асарҳо *«таҳлилу ташреҳи фактҳо тариқи истифодаи аносири тасвирӣ, типсозӣ ва образофарӣ»* [3, с. 89-90] сурат гирад ҳам, истифодаи факту далелҳо воситаи муҳими таъмини воқеият ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ муҳаққиқон дар асарҳои публитсистӣ тахайюли нависандаро тобеи воқеият меҳисобанд [ниг.: 4, с. 244], яъне бадеият дар публитсистика тобеи факт ва *«як навъ василаи ёрирасону таъминкунандаи баёни муассири воқеият мебошад»* [2, с. 244]. Ба ин маънӣ муҳаққиқ И. Усмонов таъкид доштааст, ки *«бадеият дар жанрҳои публитсистӣ… дар чорчӯби он воқеияте, ки факти публитсистӣ дорад, маҳдуд мемонад»* [6, с. 60].

Дар очерки «Аз Роғун то Зорун» нависандаи публитсист Раҷабалӣ Аҳмад низ доир ба сохтмони неругоҳи Роғун факту рақамҳои зиёд оварда шудааст, ки ҳам аҳаммияти таърихӣ доранду ҳам барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда муҳим мебошанд. Ба қавле ин асар *«сарчашмаи ахбору маълумоти муфид»* доир ба сохтмони неругоҳи Роғун ба ҳисоб меравнд, ки *«хонанда аз онҳо тамоми маълумотро дар бораи ин сохтмон (аз огози сохта шудани он то имрӯз) пайдо менамояд»* [5, с. 28]. Факту рақамҳое дар ин асар оварда шудаанд, баёнгари онанд, ки нависанда

*«шоҳиди бевоситаи сохта шудани на танҳо НОБ-и Рогун, балки шаҳри Рогун низ будааст»* [5, с. 28].

Қаҳрамони асар Сайдамир Сиёҳмардов, ки солҳои зиёд дар ин иншооти муҳим кор карда, то ба дараҷаи роҳбарӣ расидааст, таърихи бунёди неругоҳро ба хубӣ медонад. Аз ин рӯ дар асар бештари факту рақамҳо аз забони қаҳрамон оварда мешавад. Аз ҷумла дар байни силсиланеругоҳҳои дарёи Вахш калонтарин иншооти энергетикӣ будани Роғун, ба кори дигар неругоҳҳои дар соҳили рӯди Вахш ва барои самаранок истифода шудани захираҳои мавҷудаи обии энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ шароити мусоид фароҳам овардани он зикр мегардад [ниг.: 1, с. 216].

Аз байн рафтани танқисии барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам омадани имкони содироти барқ ба кишварҳои ҳамсоя, ба кор даромадани садҳо корхонаи нав ва соҳиби ҷойи кор гардидани одамони зиёд далели муҳим будани бунёди неругоҳи Роғун барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мебошад. Аз ҳисоби неруи барқи Роғун тараққӣ додани соҳаҳои химия, металлургия, истеҳсоли семент ва нафту газ далели муҳимми дигар мебошад [ниг.: 1, с. 216-217].

Аз мутолиаи асар ба хонанда маълум мегардад, ки то барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар сохтмони неругоҳи Роғун ба масофаи 26 километр нақбҳои мошингарду ёрирасон ва обгузар сохта шуда, соли 1990 шумораи бинокорони ин ишооти муҳим зиёда аз 4 ҳазор нафарро ташкил медодааст. 25-уми декабри соли 1986 ба Роғун мақоми шаҳр дода шудааст. Он замон аҳолии он 19,5 ҳазор нафарро ташкил медод, ки намояндагони 17 халқу миллатҳои гуногун буданд. Масоҳати шаҳр 22,5 гектарро ташкил медод ва дар ҳудуди он як ҷамоати деҳот, шаҳрак ва 21 деҳаи аҳолинишин мавҷуд буд. Тибқи нақша соли 1992 бояд ду агрегати неругоҳ бо иқтидори 1200 мегават ба кор даровarда мешуд, ки дар як сол имкони

истеҳсоли 4,5 миллиард киловат/соат барқро доштанд [ниг.: 1, с. 218-219].

Гуфтан мумкин аст, ки очерки «Аз Роғун то Зорун» таърихи зиндаи неругоҳи Роғун ба ҳисоб меравад. Аз он доир ба ғунҷоиши обанбори Роғун маълумот ба даст овардан мумкин аст. Аз ҷумла 70 километр будани дарозии обанбор ва имкони ғунҷондани 13,3 миллиард метри мукааб обро доштани он, аз ҳисоби захираи обанбори Роғун обёрӣ гардидани 4,3 миллион гектар заминҳои ташналаб, зиёд гардидани майдони боғу киштзорҳо ва чарогоҳҳо, то андозае гирифтани пеши роҳи хушкшавии баҳри Арал барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда муҳим мебошад [ниг.: 1, с. 216-222].

Факти дигари ҷолиб он аст, ки то ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар баробари бунёди неругоҳ дар шаҳри Роғун ва мавзеи Сарипулак барои 20 ҳазор нафар манзилҳои истиқоматӣ, инчунин биноҳои маъмурӣ, мактаб, кӯдакистон ва муассисаҳои маданию маишӣ сохта ба истифода дода шудааст. Дар ҳудуди шаҳри Роғун комбинати хизмати маишӣ, корхонаи истеҳсоли нон ва идораи савдо амал карда, ба бинокорон ва сокинони шаҳр хизмат мерасонданд. Тибқи нақша сохтмони шаҳри Роғун соли 1990 ва сохтмони неругоҳ соли 1993 бояд ба анҷом мерасид. Дар асар ҳамчунин таъкид гардидааст, ки соли 1987 ҳафтаномаи «Огни Вахш» – нашрияи кумитаи ҳизбӣ ва раёсати «Роғунгэсстрой» ташкил карда шудааст, ки дар саҳифаҳои он масъалаҳои муҳими вобаста ба сохтмони неругоҳ мавриди инъикос карда мешуд. Аввалин иҷлосияи вакилони халқи шаҳри Роғун 3 апрели соли 1987 доир гардидааст, ки дар он масъалаҳои ташкилӣ – интихоби раис, муовинон ва мудирони шуъбаҳои Кумитаи иҷроияи шаҳр баррасӣ гардидааст [ниг.: 1, с. 224-225].

Факти дигаре, ки дар асар оварда шудааст, он аст, ки тибқи супориши Шурои Вазирони Иттиҳоди Шуравӣ бояд то охири

соли 1987 пеши дарёи Вахш баста мешуд ва соли 1989 агрегати аввали неругоҳи Роғун ба кор медаромад. Мувофиқи ин супориши сол 1987 ба сохтмони неругоҳи Роғун ба маблағи 107 миллион сӯм техникаи гуногунтамға, аз қабили экскватор, булдозер, кран ва мошинҳои боркаши БЕЛАЗ ворид карда мешавад. Мувофиқи афзоиши шумораи кормандону мутахассисони шаҳр солҳои 1987-1989 бояд сохтмони биноҳои истиқоматӣ ба 25 ҳазор метри мукааб расонда мешуд [ниг.: 1, с. 226].

Факти дигари барои хонанда ҷолиб он аст, ки бо вуҷуди ноорромии вазъи сиёсии ҷумҳурӣ соли 1993 дар неругоҳи Роғун 357 миллиону 370 ҳазор сӯм корҳои сохтмонӣ иҷро карда мешаванд, ки ин аз нақша зиёд буд. Дар ин сол танҳо супориши моҳи июл 112 % иҷро карда мешавад [ниг.: 1, с. 245].

Факти дигаре, ки дар асар истифода шудааст, он мебошад, ки дарёи Вахш 28 %-и захираҳои энергетикаи обии ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва дар он 5 неругоҳ бунёд мегардад. Дар байни ин неругоҳҳо Роғун аз ҳама калон буда дорои 6 агрегат мебошад. Ҳар як агрегати он 600 мегаватт иқтидор дорад [ниг.: 1, с. 248].

Баъзе факту рақамҳо дар асар ба тариқи қиёс низ истифода шудаанд, ки истифодаи онҳо дар асар аҳамияти бунёди Роғунро ба назари хонанда бештар ҷилвагар менамояд. Масалан, аз рӯйи таҳлили қаҳрамони асар, агар неругоҳи Роғун дар вақти муқарраршуда (соли 1992) ба истифода дода мешуд, дар давоми 15 сол бештар аз 150 миллиард киловат/соат барқ истеҳсол мекард ва аз ҳасоби фурӯши он бо нархи 2 сент ба ҳар киловат ҷумҳурӣ 3 миллиард доллар даромад мегирифт [ниг.: 1, с. 247]. Ин даромад дар давоми 30 сол 2 маротиба афзуда ба 6 миллиард доллар баробар мешуд.

Муқоисаи иқтидори энергетикии Роғун бо Норак низ барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба иқтидори ин иншоот

муҳим мебошад. Иқтидори Норак 2,7 миллиард киловатт/соат ва иқтидори Роғун 13,3 миллиард киловат/соат мебошад, ки ин қариб 5 маротиба зиёд аст. Инчунин хонанда аз мутолиаи асар пай мебарад, ки обанбори Роғун нисбат ба Норак ду маротиба калон мебошад. Фарқи дигари ин неругоҳҳо дар он зикр карда мешавад, ки бинои агрегатҳо ва толори мошинҳои Роғун дар зери кӯҳ ҷойгир мебошад, ки аз ин ҳисоб муҳлати сохтмони неругоҳ кӯтоҳ мегардад [ниг.: 1, с. 250-251].

Факти дигари ҷолиб ба назари хонанда он аст, ки бунёди Роғун имкон медиҳад, ки дар ҳудуди ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон бештар аз 300 ҳазор гектар замин обёрӣ карда шавад ва мувофиқи ҳисоби замони шуравӣ хароҷоти сохтмон аз ҳисоби истеҳсоли иловагии маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми 5 сол пӯшонда мешуд [ниг.: 1, с. 250].

Нависанда 4-уми июли соли 2010-ро барои роҳбарият ва бинокорони неругоҳи Роғун фаромӯшнашаванда меҳисобад. Он рӯз бо супориши Сардори давлат гурӯҳи коршиносон ба сохтмон омада ба ҳолати неругоҳ шинос мешаванд ва аз корҳои басомонрасонда изҳори қанатмандӣ менамоянд. Дар ҷамъомаде, ки ба ин муносибат доир мегардад, самтҳои асосии идома додани корҳо дар неругоҳ муайян карда мешавад [ниг.: 1, с. 252]. Ин факт низ аҳаммияти таърихӣ дошта, барои хонанда муҳим ба ҳисоб меравад.

Умуман, факту рақамҳое, ки дар очерки «Аз Роғун то Зорун» оварда шудаанд, ҳам аҳаммияти таърихӣ доранду ҳам барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда муҳим мебошанд. Метавон гуфт, ки таъмини воқеияти публитсистӣ дар асар тавассути факту рақамҳо сурат гирифтааст. Аз тарафи дигар, факту рақамҳо аз забони қаҳрамон оварда шудаанд ва баёнгари баёнгари онанд, ки қаҳрамон баробари сохтмони неругоҳ ва шаҳри Роғун ба камол расидааст.

## Адабиёт

1. Аз Роғун то Зорун // Аҳмад, Р. Роғун – ифтихори миллат / Р. Аҳмад. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 216-253.

2. Қутбиддинов, А. Ҳ. Уфуқҳои публитсистика дар матбуоти маҳаллӣ / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 320 с.

3. Муродӣ, М., Салимзода, О. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе: Донишварон, 2022. – 360 с.

4. Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.

5. Саидзода, Ҷ. Равшангари ҳаёт ва адабиёт / Ҷ. Саидзода. – Душанбе, 2017. – 84 с.

6. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.

**А. МАҲМАДАМИНОВ**
**М. СОЛЕҲОВ**
*доктороҳои илми филология, профессорони*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ОДАМОН АЗ ДӮСТӢ ЁБАНД БАХТ…

*Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,*
*Магар дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон.*
*Абушакури Балхӣ.*

Дӯстии халқҳои тоҷик ва ӯзбек таърихи дерина ва собиқаи пурсамари пешина дошта, бо мурури замон ба хешутаборӣ бадал шудааст. Хосса дар ин ҷода нақши симоҳо, чеҳраҳо ва шахсиятҳои ҳар ду миллати бародар ниҳоят бузург аст.

Бо зуҳури ду симои адабию илмӣ ва фарҳангӣ – Ҷомию Навоӣ робитаи ҳамаҷонибаи ин ду миллат ба марҳалаи нави таърихӣ ворид гардида, бародарвор дар рушди фарҳанги башарӣ ҳиссагузорӣ кардаанд. Яке аз васоити тақвиятдеҳу таҳкимбахши дӯстии ин ду миллати бародар каломи ҳунарии онҳост, ки тавассути шахсиятҳо ва симоҳои эҷодӣ раванди мазкурро бақобахшӣ менамоянд. Аҳли таҳқиқ низ дӯстии ду симои адабӣ – Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Низомуддин Амир Алишери Навоиро намунаи волои дӯстии ду миллати соҳибтамаддун донистаанд.

Чанде пеш китоби академики АМИТ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода таҳти унвони «Насими дӯстӣ» (Тошканд, 2020. – 262 с.) ба зевари табъ ороста гардид, ки фараҳбахштарин падида дар раванди мазкур аст.

Нахусточерки асари мазкур «Паёми дӯстӣ ва равобити адабӣ» – унвонгузорӣ гардида, дар 15 бахш тарҳрезӣ шудааст.

Дар ибтидо дӯстии ин ду миллат дар масири таърих ва хосса марҳалаи ҷаҳиши таърихии он дар замони Ҷомиву Навоӣ басо бо ҷузъиёт мавриди баҳс қарор дода мешавад, ки хеле матлубу мақбул аст. Мактаби ҳиротии адабию ҳунарӣ, илмию фарҳангии Ҷомию Навоӣ ва нуфузи минбаъдаи он дар рӯзгору фаъолияти ду миллати бародар ва натоиҷи дилхоҳи ба боровардаи он дар асрҳои минбаъда хеле хуб арзёбӣ шудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур муаллифи китоб бо истинод ба манбаъҳои адабию фарҳангӣ, аз ҷумла «Бадоеъу-л-вақоеъ» чунин менигорад: «Аз ишораҳои Восифӣ равшан маълум мешавад, ки Мир Алишер Навоӣ дар рушди адабиёт ва дастгирии адибони тоҷику ӯзбек саҳми босазо гузоштааст». (Насими дӯстӣ. Нашри зикршуда. – С. 25). Аз ин мушоҳидаи А. Раҳмонзода мушаххас мегардад, ки Мир Алишери Навоӣ ҳамчун сиёсатмадори замон, инчунин эҷодкори хушқареҳа ва олими муътабар барои дастгирӣ ва ҳидояти қувваҳои адабию эҷодӣ ва илмию фарҳангӣ саҳми арзанда гузошта, онҳоро аз нигоҳи моддиву маънавӣ дастгирӣ менамудааст. Аз ин рӯ, минбаъд таваҷҷуҳи мардум ба каломи ҳунарӣ, хосса ба осори манзум бештар гардидааст. «Дар ин давра, – менависад А. Раҳмонзода, – дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Қӯқанд, Намангон баробари маснавихонӣ, ҳофизхонӣ, саъдихонӣ, ҷомихонӣ, навоихонӣ ва фузулихонӣ, бедилхонӣ низ расм гардида, дӯстдорони сухани воло ба ашъори Бедил гӯш медоданд... ва аз тарзи тасвир ва мазмуни ашъори ӯро мепазируфтанд, дар пайравии Бедил ғазалу рубоӣ навишта, ба абёти ӯ мухаммасҳои дилкаш эҷод кардаанд ва сабки ҳиндиро дар адабиёти ӯзбекӣ ташаккул додаанд» (Насими дӯстӣ. – С. 34-35).

Метавон гуфт, ки равобити дӯстии тоҷикону ӯзбекҳо на танҳо дар асрҳои миёна, балки дар шароити дигари таърихӣ ва давраҳои минбаъда низ густариши ҷолиб пайдо кардааст.

Ин робитаи ҳамаҷониба дар замони Ҳокимияти Шуравӣ низ басо рушди махсус кардааст. Ҳатто дӯстии ин ду миллати бародарро дар аҳди Шуравӣ бо итминони комил метавон марҳалаи хоси таърихӣ дар ҳаёти ҳар ду миллат унвон кард. Дар ин марҳалаи комилан нави таърихӣ «Дар саргаҳи ин дӯстиву бародарӣ устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, М. Аминзода, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Абдулҳамид Чулпон, Абдулло Алвонӣ, Абдулло Қаҳҳор, Мирмуҳсин Шермуҳаммадов, Ҳамидҷон Олимӣ ва дигарон қарор доштанд» (Насими дустӣ. – С. 49-50).

Як ҷиҳати шоёни дӯстии ин ду миллати бародар дар замони Шуравӣ, махсусан баргузоршавии рӯзҳо ё ҳафтаҳои адабиёт ва санъати ҷумҳуриҳо дар пойтахти ҳамдигар буд, ки беҳтарин воситаи таҳкими дӯстӣ ва шиносоӣ ба фарҳанги ҳамдигар дар муҳити ягона маърифат мешуд.

Қисмати хеле ҷолиби дигари очерки мазкур таҳлили адабиёти замони зуҳури Истиқлоли давлатӣ ва ҳамкориҳои эҷодкорони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ин даврон, ки аввалин мавзуи муштарак ситоишу васфи Истиқлол ва самараҳои беинтиҳои соҳибихтиёрӣ ва худмухторист. Хосса сиёсати инсондӯстонаву фарҳангии роҳбарони Тоҷикистону Ӯзбекистон ва инъикоси он дар осори адибон баррасӣ гардидааст.

Баъдан чунин ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногуни санъат низ дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ва саҳми роҳбарони олии ҳар ду давлат дар ин ҷода мавриди баёну арзёбӣ қарор дода шудааст, ки ниҳоят ҷолиб аст. Ҳамин гуна ҳамкориҳо дар рушди улум бар нафъи тарафайн сурат гирифтаанд. Чунончи, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба иқдоми наҷибонаи мазкур таъкид намудаанд, ки: «Мо бояд дар соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг робитаҳои

мунтазам ва наздик дошта бошем. Зиёиён, шоирон ва нависандагони мо бояд ёдгориҳои бойи адабию илмиро тарҷума ва паҳн намоянд, фарҳанг ва урфу одатҳои халқҳоямонро омӯзанд, ҷиҳати бештар наздик сохтани халқҳоямон дар заминаи арзишҳои нек ва созанда чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ доир намоянд» (Насими дустӣ. – С. 71).

Ба ҳамин тариқ, ҳамкориҳо дар соҳаи васоити ахбори омма, хосса дар фаъолияти басо пурбори ҳар ду давлат дар ҷодаи садо ва симо ва коргирию омӯзиши таҷрибаи тарафайн барои пешрафти фаъолияти соҳаи мазкур басо тақвияту таҳкими махсус касб кардаанд. Муаллиф дар ин хусус ба чунин натиҷагирӣ расидааст, ки дар рушди ҳамкориҳои пурсамар, муваффақиятҳои ҳамаҷониба барои пешрафт, махсусан дӯстиву бародарии ҳар ду давлат саҳми роҳбарияти олии онҳо аввалиндараҷа аст. Ба ин маънӣ ва махсусан пешравиҳо дар ҷодаи илму маориф, фарҳангу маънавиёт ва савоҳии дигар академик Абдуҷаббор Раҳмонзода менависад: «Ин дастовардҳои адабӣ ва фарҳангии солҳои охир натиҷаи заҳмати ҳар ду сарвари давлат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев буда, ба равшанфикрони ҳар ду кишвар имкон медиҳад, ки робитаҳои дӯстонаро таҳким бахшанд ва барои ҳамкориҳои судманд саъю талош намоянд» (Насими дӯстӣ. – С. 86).

Барои фаҳмову дастрас будани очерки мазкур ба сокинони кишвари дӯст – Ҷумҳурии Ӯзбекистон он ба забони ӯзбекӣ низ таҳти унвони «Адабий алоқалар ва дӯстлик ришталари» тарҷума шудааст. Дар ин кор ду тан мутарҷимон Шоқаҳҳор Салим ва Уринбой Усмон саҳм гирифта, матнро хеле матлубу мақбул тарҷума кардаанд.

Бахши дигари китоби А. Раҳмонзода «Чанд сухани дигар дар боби чеҳраҳои адабӣ ва навгониҳои эҷодӣ» унвонгузорӣ шудааст. Дар оғоз баҳс роҷеъ ба «Равобити адабиву фарҳангии халқҳои тоҷику ӯзбек» сурат гирифтааст, ки давоми мантиқии «Паёми дӯстӣ» мебошад. Дар ин бахш оид ба бостонибунёду куҳантаърих будани таърихи адабиёти тоҷик ва иштиҳори оламгири он дар гузаштаву имрӯза руҷуъ шуда, аз арзишҳои олии тематикии он ва асолати эҷоду ҷилоҳои ҳунарии он, дар иртибот бо адабиёти ӯзбек ва қонунияти рушду таҳаввулоти муштараки онҳо, хеле мӯшикофона баҳсҳои ҷолиб сомон дода шудаанд, ки ба назари мо, арзишманду матлуб аст. Зимни баҳси мазкур қонунияти равобити адабию ҳунарии ин ду миллати дӯсту бародар ва хосса бо зуҳури Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ пеш омадани марҳалаи тозаи адабию ҳунарӣ дар мактаби эҷодии Ҳирот ва макотиби дигари Хуросону Мовароуннаҳр мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор дода мешавад, ки хеле писандида мебошад. «Ихлосу эҳтиром ва муҳаббату самимият, – менависад Абдуҷаббор Раҳмонзода, – миёни ин шахсиятҳои ирфонию адабии садаи XV ба ҳадде сабақомӯз будааст, ки сарчашмаҳои таърихии замонашон на танҳо бо ифтихор, балки бо ҳайрат аз ин муоширату муносибат ёдоварӣ кардаанд. Дар баробари ин, мутафаккирони фавқуззикр ба ҳамдигар эҳтиром гузошта, бо маслиҳату ҳидоятҳои ҳамдигар кори эҷодии хешро пеш мебурданд ва бо таъсири якдигарӣ асарҳои ҷолибу пурарзишро таълиф менамуданд». (Насими дӯстӣ. – С. 181).

Дӯсти беқиёс, шогирди бовафо, ҳамкори содиқ будани Алишери Навоӣ хосса дар қасидаи «Туҳфату-л-афкор» хеле ҷолибу хотирмон баён шудааст, ки барои тасдиқи қазовати фавқуззикр А. Раҳмонзода лаҳзаи ҷолиберо аз фармудаи Мир Алишер зикр мекунад, ки метавон онро баҳои шогирди доно ба устоди хеш унвон кард. Чунончи:

Ҳомии дини Набӣ Ҷомӣ, ки ҷоми фақрро
Дошта дар каф, лаболаб аз шароби Кавсар аст.
Равзаи ройи мунираш гулшане дон, к-аш зи лутф,
Қатраи рухсораи ҳар барг меҳри анвар аст.
Оҷиз аз теъдоди эҳсони камоли ӯст ақл,
Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст.
(Насими дӯстӣ. – С. 182).

Дар абёти фавқуззикр хонанда олитарин садоқати инсониро бо эҳтироми сидқии шогирдона мебинад, ки он тавъам бо арзиши сирф илмӣ, инчунин волотарин арзишҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ низ дорад ва аз ин рӯ, хонандаро басо мутаассир сохта ҳатман ба андешидан водор месозад.

Мир Алишери Навоӣ адиби зуллисонайн аст ва ӯ адабиёти тоҷикро дар сатҳи зарурӣ омӯхтаасту медонад. Илова бар он, ӯ дар мактаби адабию ҳунарӣ ва илмии Ҳирот ба воя расидааст. Аз тарафи дигар, чунин доираи овозадору машҳур дар Шарқ дар асрҳои миёна танҳо доираи адабии Ҳирот аст, ки ҳатто чандин асарҳо доир ба таърихи он ва нақши беқиёсу мақоми бесобиқаи он таълиф шудааст. Танҳо асари Исфизорӣ «Равзату-л-ҷаннот фӣ авсофи-л-мадинати-л-Ҳирот»-ро ном гирифтан кофист, ки хонанда доир ба ин маркази илму маърифат, ин доираи овозадори адабии Шарқ, ин маркази сиёсӣ-маъмурӣ ва ин шаҳри бостонии таърих маълумоти басанда ҳосил намояд.

Мавлоно Ҷомӣ низ дар навбати худ нисбат ба ин симои адабию фарҳангӣ, илмӣ ва сиёсӣ – Мир Алишери Навоӣ садоқату самимияти хосса дорад ва қариб дар тамоми осораш ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зикр намудааст.

Маҳз ба хотири ошкор сохтани падидаи мазкур А. Раҳмонзода мушоҳидаҳои ҷолиб изҳор кардааст. Чунончи, ӯ менависад: «Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ нисбат ба шогирдаш – Мир Алишер Навоӣ назари некбинона ва

садоқату самимият дошта, дар тазкираи «Нафоҳату-л-унс», якчанд достонҳои «Ҳафт авранг», аз ҷумла: «Сабҳату-л-аброр», «Туҳфату-л-Аҳрор», «Юсуф ва Зулайхо», «Хирадномаи Искандарӣ» ва ашъори дилкаши худ хислатҳои неку писандидаи шогирдашро таъкид карда, ба ҳунару истеъдод ва андешаву афкори адабию бадеӣ ва фалсафию ирфониаш баҳои баланд додааст». (Насими дӯстӣ. – С. 184).

Ин ҳамин маъниро дорад, ки дар таҳкими равобити дӯстии ин ду миллат нақши симоҳо, шахсиятҳо, чеҳраҳо, нухбаҳо ва саршиносҳои онҳо басо калидӣ буда, доираву паҳнои рафоқату дӯстӣ дар шахсияти ду симои адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ вусъату паҳнои махсус касб намуда, боиси тақвияти хоси дӯстии ин ду миллат ва рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёту маънавиёти тарафайни миллии онҳо – ин ду шахсият гардидааст. Суннати мазкурро ҳамчун анъанаи устувори адабӣ ва таърихӣ – ҳаётӣ аҳли қалами баъдӣ, мисли Махмур, Маъдан, Нодира, Анбар – Отун, Гулханӣ, Ҳозиқ, Аҷзӣ, Айнӣ ва бисёр дигарон эҷодкорона давом додаанд, ки дар ин бора муаллифи китоб дар саҳифаҳои 181-192 баҳси басо ҷолиб сомон додааст. Алалхусус А. Раҳмонзода нақши меҳварӣ ва соҳибмактабии устод Садриддин Айниро бо асноду далоили саршумор шохис месозад.

Баъдтар равобити адабии ин ду миллати дӯсту бародарро симоҳои пуриштиҳори миллӣ – Мирзо Турсунзода ва Шароф Рашидов дар шароити нави таърихӣ таҳкиму тақвияти хос эҳдо кардаанд.

А. Раҳмонзода дар фасли «Садриддин Айнӣ пули – дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек» саҳми устод Айниро дар марҳалаи нави таърихӣ басо ҷолиб шохис месозад, зеро мактаби тарҷумаву баргардони устод Айнӣ сипас аз ҷониби намояндагони мактаби мазкур истиқболи хуб ёфта, самараҳои пурбор доштааст.

Яке аз симоҳои дигари ин давра, ки дар бедории фикрии миллӣ саҳми арзанда гузоштааст, Сайид Аҳмадхоҷаи Сиддикии Аҷзӣ мебошад, ки хосса дар тарғибу арҷгузории забону адабиёт ва фарҳангу маънавиёти миллӣ саҳми шоиста дорад. Муҳаққиқ аз ашъори ӯ баҳри руҷҳони забони миллӣ далели ҷолиб меорад, ки хеле хотирмон аст:

*Агар сесад забон донӣ, фузун нест,*
*Ҳама рӯзе ба кор ояд, зарар чист?*
*Надонӣ гар забони давлати худ,*
*Пушаймонӣ надорад оқибат суд.*

Мусаннифи китоб дар шинохти шахсияти Аҷзӣ ва арзиши ашъори ӯ ғолибан бо адабиётшиносон Холиқ Мирзозода ва Муҳаммадҷони Шакурӣ қаробати фикрӣ дорад.

Дар китоби «Насими дӯстӣ» А. Раҳмонзода тақризи басо арзишманде доир ба асари Ӯзбекбой Раҳмонов ба зевари табъ расонидааст, ки дар он варақгардоне аз ҳофизаи таърихӣ манзур мегардад. Асари Ӯ. Раҳмонов «Таърихномаи «Бухорои Шариф» ном дошта, мавзуи баҳси он зуҳури нахустин рӯзнома дар марҳалаи нави таърихӣ – оғози садаи ХХ ва бедории фикрии мардум дар марҳалаи мазкур мавриди баҳс қарор гирифтааст. Рӯзномаи мазкур замоне зуҳур карда буд, ки Аморати Бухоро ҳанӯз побарҷо буд ва чуноне ки муқарриз изҳор мекунад, ин рӯзнома ба забони тоҷикӣ дар ин қаламрав нахустин буд. Зеро мунавварфикрон бо таъсирпазирӣ аз ҳаёти кишварҳои Россия, Туркия, Афғонистон иқдоми мазкурро баҳри бедорию худшиносии мардумони қаламрави Осиёи Миёна роҳандозӣ намуда буданд. Шохисаи Ӯ. Раҳмонов дар таъсиси рӯзномаи «Бухорои Шариф» саҳми меҳварии Мирзо Сироҷ, Мирзо Муҳиддин Мансуров, Г. Л. Левинро хотиррасон сохта, санаи табъи рӯзномаро рӯзи якшанбеи 4-уми рабеъу-с-сонии соли 1330 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 11-уми марти соли 1912 мелодӣ медонад, ки саҳеҳ аст.

Дар интишору фаъолияти минбаъдаи рӯзномаи «Бухорои Шариф», хосса саҳми муҳаррири он: Мирҳайдар писари Хоҷа Қосим, Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва сонитар дар кору фаъолияти рӯзномаи мазкур Мирзо Ҷалол Юсуфзода ҷиддитар иқдом мегузорад.

Муқарриз А. Раҳмонзода рӯзномаи «Бухорои Шариф»-ро, хосса дар такони маънавии мардуми Осиёи Миёна, бедории фикрии сокинони қаламрави ин сарзамин аз беҳтарин васоити таъсиргузор қазоват мекунад, ки ба андешаи мо, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Таъкиди дигари А. Раҳмонзода низ ҷолиб аст, ки ӯ дар фаъолияти рӯзномаи мазкур сифати маводи нашр ва арзиши мақолаҳои ба табъ рисида нақши қаламбадастону донишмандон: Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирҳайдар Мирбадалов, Мирзо Сироҷ, Абдурրауфи Фитрат, Бақохоҷа ибни Ҳодихоҷаи Самарқандӣ, устод Садриддин Айнӣ ва дигаронро махсус таъкид менамояд.

А. Раҳмонзода дар китоби «Насими дӯстӣ», дар зерфасли «Боз як навиди тоза дар осмони Самарқанд, ки: «Бо ташаббуси равшанфикрону фарҳехтагони Самарқанд шумораи нахустини маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаҳои Шарқ» моҳи марти соли 2022 аз чоп баромад...» (Насими дӯстӣ. – С. 230), ки ин рӯйдоди адабию фарҳангӣ дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ иттифоқ афтода будааст. Тавъам бо чунин навидҳои фарҳангии ғамхорона А. Раҳмонзода аз сиёсати хирадмандонаву фарҳангии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев баҳри миллатҳои дигари муқими ҷумҳурӣ тоҷикҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, туркманҳо, тоторҳо, русҳо ва дигар қавму миллатҳо ёдрас шудааст, ки ниҳоят фараҳбахшу адолатпарварона аст. Натиҷаи чунин сиёсати фарҳангӣ аст, ки барои адабиёту фарҳанги миллатҳои дигари Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҷуз маблағҳои буҷавӣ, инчунин грантҳои серщумор таъсис дода

шудаанд, то марказҳои фарҳангии миллӣ барои дарёфти маблағҳои грантӣ, лоиҳаҳо пешниҳод намуда, тавассути озмун соҳиби маблағҳои грантӣ шуда, аз ин ҳисоб чорабиниҳои фарҳангии хешро дар сатҳи зарурӣ гузаронанд. Тибқи қазовати А. Раҳмонзода, «Дар ҳақиқат, маҷаллаи тозанашри «Дурдонаҳои Шарқ» дар қатори беҳтарин маҷаллаҳои адабӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ворид шуда, барои дӯстдорони каломи бадеъ туҳфаи муносиб ва шоиста ба ҳисоб меравад... Маҷаллаи «Дурдонаҳои Шарқ» дар оянда ҷиҳати таҳкими дӯстии халқҳои тоҷик ва ӯзбек нақши барҷаста бозида, ба равобити адабии ду кишвари ҳамсоя мусоидат менамояд». (Насими дӯстӣ. – С. 241).

Фасли интиҳоии китоби «Насими дӯстӣ» таассуроти А. Раҳмонзодаро оид ба асари Абдуқайюми Ҳасанзод «Адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон» (Китоби аввал – Самарқанд: Маҳорат, 2022. – 144 с.) дар бар мегирад ва фасли мазкур «Нигоҳи иҷмолӣ ба пажухиши адабиётшиносии тоҷики Ӯзбекистон» унвонгузорӣ шудааст.

А. Раҳмонзода аз рушди адабиётшиносии замони Истиқлол дар ду кишвари ҳамсоя изҳори хушнудӣ намуда, аз пажуҳишҳои адабиётшиносони ҳар ду ҷумҳурӣ ёдоварӣ менамояд. Хосса дар рушди адабиётшиносӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз як силсила олимони соҳа ном мебарад, ки онҳо дар пешрафти илми мазкур саҳми сазовор доранд. Ба ин маънӣ А. Раҳмонзода менависад: «Дар ин бахш саҳми адабиётшиносони шинохта Ҳомид Ҳомидӣ, Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев, Ҷумъа Ҳамроҳ, Аслиддин Қамарзода, Ҷаъфар Муҳаммадӣ, Олимҷон Давлатов ва дигарон, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон кору фаъолият менамоянд, назаррас мебошад». (Насими дӯстӣ. – С. 242).

А. Раҳмонзода пажуҳишгари муваффақ Абдуқайюм Ҳасанзодро аз силки донишмандони фавқуззикр дониста,

китоби ӯ «Адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон»-ро аз силки иқдомоти тоза дар замони Истиқлол меҳисобад.

Он чиз қобили таваҷҷуҳ аст, ки А. Раҳмонзода тавъам бо Истиқлоли давлатии Ӯзбекистон аз нақши шахсияти сиёсӣ Шавкат Мирзиёев ва сиёсати фарҳангии ин симои сиёсӣ ёд намуда, саҳми ин сиёсатмадори муваффақро дар рушди ҳамаҷонибаи мамлакат таъкид менамояд.

Тибқи қазовати А. Раҳмонзода, сарсухани рисолаи А. Ҳасанзод ҷанбаи назарӣ низ дошта, дар он баҳси иҷмолие аз чигунагии шеър ва ҳирфаи шоирӣ меравад.

Фасли аввали рисола «Назаре ба адабиёти тоҷики Ӯзбекистон» унвонгузорӣ гардида, пажуҳиши А. Ҳасанзод дар ин бахш то андозае бо мамолики ҳамзабон ҷилои қиёсӣ гирифтааст. Инчунин дар ҳамин қисмат А. Ҳасанзод аз ҷараёни нақди адабӣ дар қаламрави Ӯзбекистон ва саҳми баъзе мунаққидони нисбатан муваффақ низ ёд мекунад, ки матлуб аст.

Фасли дуюми рисолаи А.Ҳасанзод «Чеҳраҳои намоёни адабиёти имрӯзаи кишвар» ном дошта, дар ин қисмат муаллиф аз рушди адабиёти тоҷикӣ дар ин кишвар – Ӯзбекистон ва симоҳои адабии он: Ҷонибек Қувноқ, Сулаймони Хоҷаназар, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Акбар Пирӯзӣ, Нодир Нодирӣ, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Паймон, Абдулло Субҳон, Муҳаммад Шодӣ, Ҷаъфар Муҳаммад, Нормурод Каримзода, Файз Маҳмуд, Шодӣ Карим, Абдуллоҳи Раҳмон, Эркин Муқим, Асадуллоҳ Исмоилзода, Нуруллоҳ Каримов, Парисо, Хусрав, Зебо Бобозода, Парвина Маҳмудова, Озода Мусаллам, Умеда Шукурова, Илҳом Эшонқулов ва бисёр дигарон ёдоварӣ кардааст. А. Ҳасанзод вобаста ба ситоиши ватан ва лирикаи ишқӣ ашъори Паймонро мавриди баррасӣ қарор дода, дар мавзуъҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ шеърҳои Абдулло Субҳонрову Ҷаъфар

Муҳаммади Тирмизиро мавриди баҳс қарор додааст, ки хеле ҷолиб аст.

А. Раҳмонзода таъкид мекунад, ки муҳаққиқ А. Ҳасанзод ашъори адибони дигар – Н. Каримзода, Муҳаммад Шодӣ, Абдуллоҳи Раҳмон, Ф. Шукурзод, А. Исмоилзода, Шодӣ Карим, Хусрави Саъдуллоҳ, К. Аршадниё, Саидаи Синавӣ, Н. Каримов, Парисо, Д. Насимӣ, Умеда Шукурова ва умуман ашъори 16 тан адибони тоҷики қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистонро мавриди пажуҳиш қарор додааст, ки шоистаи таҳсин аст. Муҳим он аст, ки муҳаққиқи маъруф А. Раҳмонзода назари хоси А. Ҳасанзодро ғолибан ба ашъори А. Исмоилзода ва С. Синавӣ доир ба руҷҳони ҳунари эҷод таъкид намудааст, ки комилан писандидаву матлуб аст.

Дар маҷмуъ, китоби академик А. Раҳмонзода «Насими дӯстӣ» бо фарогирии мавзуъ ва масъалаҳои ҳаётан муҳим ва муаммоҳои умдаи адабиётшиносӣ асари бағоят арзишманд ва иқдоми шоиставу саҳифаи тоза дар равобити дӯстиву ҳамкориҳои адабии халқҳои бародари тоҷик ва ӯзбек буда, ба густариши минбаъдаи масоили зикршуда аз ҳар ҷиҳат комилан мусоидат мекунад.

# БОЗГАШТИ ОМӮЗИШИ ФАННИ “ФАЛСАФА” БА БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ШОҲИГАРИИ УРДУН

*(пас аз 48 соли таваққуф)*

## *Муқаддима*

*“Фалсафа” аз калимаи юнонии φιλοσοφία (filosofía) гирифта шуда, маънояш “дӯст доштани ҳикмат” мебошад, яъне фалсафа (философия) ҳавас ба донишандӯзӣ аст. Мантиқ илмест, ки ақлро аз иштибоҳ ва иштибоҳоти зеҳнӣ нигоҳ медорад ва ба самти дуруст андешидан равона мекунад. Дар раванди тафаккури интиқодӣ, мантиқ барои кашфи ҳақиқат аз хато ва андешаҳои оқилона аз ҷоҳилона ҳамчун абзор истифода бурда мешавад. Маълум аст, ки фалсафа ва мантиқро аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест. Аз ин лиҳоз, Арасту мантиқро барои ҳимояи фалсафаи худ дар тавсеъаи усулҳои истинтоҷ ва хулосабарорӣ истифода бурда, сипас ин ду мафҳумро дар илм, метафизика, ахлоқ ва сиёсат татбиқ кардааст. Агар ҳангоми дучор шудани масъалаҳо аз идеяҳо ва далелҳо баҳои беҳтарин ба даст овардан хоҳем, бояд фаҳмиши беҳтари воситаҳои мантиқ ва тафаккури интиқодӣ дошта бошем.*

Аз ин рӯ, мантиқ асоси фалсафа буда, ба мисли фалсафа ба дигар бахшҳои илмҳои тадқиқотӣ ва таҳқиқотӣ омехта шудааст. Фалсафа ба тафаккури оқилона асос ёфтааст, дар ҳоле ки мантиқ якпорчагии далелҳо ва хатоиҳои қобили истинбот (хулосаҳо)-ро, меомӯзад. Мантиқ як роҳи тафаккури равшанест, ки аз истинтоҷ ва далелҳои объективии истифодашуда дар фалсафа шуруъ мешавад. Пас таълими донишомӯз бо санъати тафаккур ӯро аз таслим шудан ба мубоҳисаҳое, ки ҳангоми мубориза дар набарди зиндагӣ ба огоҳӣ зарар мерасонад, озод мекунад. Бояд илова намуд, ки фалсафа ҷузъи ҷудонашавандаи маданияту фарҳанги арабию исломист. Пас, кӣ метавонад, ки аҳамияти дониши ал-Киндӣ,

ал-Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл ва Ибни Халдунро дар таърихи фарҳанги араб ва маданияти башарият инкор кунад?!

Омӯзиши фалсафа ба омӯзиши таърихи робитаи ақл ва илм мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, гуфта мешавад, ки савол асли фалсафа аст, аммо сухан на дар бораи вижаҳо (ҷузъиёт), балки бештар дар бораи умумиятҳо (куллиёт ва умумиёт) меравад. Тавре мегӯянд, таъриф моҳияти фалсафа аст. Инчунин фалсафа идеяҳо, мафҳумҳо ва таърифҳоро ҷустуҷӯ карда кӯшиш мекунад, ки онҳоро дақиқ муайян кунад, то онҳоро ба соҳаҳои дониш табдил диҳад ва аз онҳо донишҳои бузург ҳосил шавад. Зеро фалсафа назарияҳо ва илмҳоеро тавсеа мебахшад, ки барои тараққӣ ва пешрафти инсон нигаронида шудааст. Дар умум фалсафа барои фаҳмидани табиати бузурги коинот ва шарҳи мукаммали он талош менамояд.

Дар ин ҷо ба масъалаҳои меҳварии фалсафа таваҷҷуҳ намуда метавон ишора намуд, ки фалсафа як раванди зеҳнист, ки барои расидан ба улуми мухталиф аз равишҳои ақлӣ истифода мекунад. Инчунин фалсафа се соҳаи бузурги зиндагиро арзёбӣ мекунад, ки он омӯзиши ҳастӣ, арзишҳо ва дониш мебошад. Ва яке аз ҳадафҳои фалсафа эҳё ва пешрафти халқҳо ва бо илмҳои гуногун таъмин намудани онҳо мебошад.

Дар ибтидо, майдони пажӯҳиши фалсафа васеъ буд, зеро фалсафа модари тамоми илмҳо мебошад, баъдан илмҳо пай дар пай ба илмҳои риёзӣ, астрономия, тиб ва ғайра ҷудо ва мустақил шуданд. Ҳамин тавр, то муддате танҳо бо масъалаҳои метафизика ё ғайритабиӣ маҳдуд шуд, вале боз ба фарогирии ҳамаи илмҳо баргашт, ба монанди фалсафаи таърих, фалсафаи ҳуқуқ, фалсафаи зиндагӣ ва ғайраро ташкил дода кӯшиш мекунад, ки илмро роҳнамоӣ кунад, тадқиқотро ба асли худ баргардонад, фарзия ва назарияҳои онро ошкор намояд.

*Қариб ним аср пеш Шуъбаи барномаҳои таълимии Вазорати маориф ва маълумоти олии Шоҳигарии Урдун, омӯзиши фанни фаласфаро аз барномаҳои таълимӣ манъ намуда буд. Аммо баъди дубора баргадонидани фалсафа сару садоҳоро баланд намуд. Аз ҷумла барои аҳамияти омӯзишу омӯхтани фалсафа дар ҳаёти имрӯза ба матни тарҷумашудаи якҷоя гузориши яке аз тарафдорони баргашти ин фанни фикрӣ ва сохтори зеҳнӣ доктори илмҳои фалсафа хонум Омол Ҷаббур- мушовири ВАО-и вазири фарҳанг ва ҷавонони Шоҳигарии Урдун зери унвони «Бозгашти омӯзиши фанни "фалсафа" ба барномаи таълимии Урдун пас аз таваққуфи 48-сола», таваҷҷуҳ мекунем.*

Пас аз 48 сол беш ғайб задан, дубора китобҳои фалсафа ба ҷузвдонҳои мактабӣ бармегардад. Фалсафа ҳамчун як фанни мустақил ба донишҷӯён тибқи нақшае, ки ба наздикӣ чоршанбе (10.08.2022) аз ҷониби Кумитаи илмҳои гуманитарӣ дар Шурои тарбия ва маориф барои баъди солҳои 2023-2024 тасдиқ шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки дар рӯзномаи Вазорати тарбия, маориф ва таҳсилоти олӣ тағйироти назаррас ба назар мерасад. Дар Вазорат нақшаҳоеро таҳия мекунанд, ки ба марҳилаҳои муҳимтарини ислоҳот дар Шоҳигарии Урдун мувофиқанд. Ва бояд аз тағйироти босуръат ва азиме, ки дар ҷаҳон ва минтақаи атрофи Урдун ба амал меоянд, бохабар бошанд.

Бахши маориф шоҳиди мавқеъгирии далерона ва стратегияи барҷастаи таҷдиди барномаи таълимӣ дар рӯзномаи худ гардидааст. Ҳамин тавр, муассисаҳои таълимии Урдун дар ниҳоят маҷмуи тадбирҳоро оид ба мустаҳкам намудани таълими фарҳанги корҳои сиёсӣ ва ҳизбии дар пешистодаро дар барномаи таълимӣ тасдиқ карданд. Дар ин тағйирот тасмим гирифта шуд, ки пас аз 48 соли таваққуфи

таълими фалсафа, дубора омӯзиши фанни фалсафа дар барномаҳои таълимӣ ворид карда шавад.

Саволе, ки дар ин ҷо ба миён меояд: Таълими фалсафа ба донишҷӯён дар сатҳи мактаб ва донишгоҳҳо чӣ аҳамият дорад?

Посух медиҳам, ки аҳамияти омӯзиши фалсафа, таърихи он, ҷараёнҳо ва шахсияти мутафаккирони назариявии он, фалсафа ҳамчун тарзи зиндагӣ ва тарзи фикрронӣ, бархӯрди ақл бо таърих ва ҳолатҳои зиндагӣ ҳадафест, ки ин фан барои равшан кардани ақлҳо, ки аз пурсиш ва ҳайрат бознамеистад ва аз қолабҳои омодашуда, ки наслҳоро ба ақибмондагӣ мекашанд, дур мекунад.

Аз ин рӯ, эҳёи таваҷҷуҳ ба фалсафа, усулҳо ва тарзи тафаккури он имрӯз яке аз муҳимтарин василаҳои маърифатӣ, интиқодӣ ва таҳлилӣ мебошад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо тағйироти замона рӯ ба рӯ шаванд, ҷаҳон ва мушкилоти пайдарпайи онро дарк кунанд ва ба шинохти манфиатҳои умумии худ ва дигарон даст ёбанд.

Фалсафа, ки барои бисёриҳо муҳаббат ба ҳикмат ё ҳикматдӯстро дорад, то ба идея дар шакли пуррааш расидан аст. Он инчунин фаротар аз тарбияи ақл барои таҳқиқ кардани ҳар як идея, вазъият ё мусоидат мекунад . Он инчунин на танҳо гирифтани ҷавобҳои омода, баръакс, он ҳама донишҳоро ба шубҳа, интиқод ва суол равона сохта, барои расидан ба мавқеъҳои оқилона ва мантиқитар шароит фаро ҳам меовард.

Фалсафа ҳамчун силоҳ ва абзори ақл аст, ки барои таҳқиқ, интиқод, тафтиш ва ғирбол кардани идеяҳо ва андешаҳое, ки аз дигарон ба ӯ мерасад, кумак мекунад. Тавассути фалсафа донишҷӯён нуқтаи назари худро дур аз диктаҳои дигарон ва суханпардозии норавшани ороста, ташаккул медиҳанд.

Донишҷӯ тавассути равиши фалсафӣ аҳамияти муколамаро дар вақти ихтилофот ва баёни нуктаи назар, бе таассуб ва бе ҳамла ба шахсияти муқобил дарк мекунад. Пас фалсафа дар бархӯрд ва ҳалли мушкилоти рӯзгор ва замона бо уфуқи васеи оқилона ба ӯ мададгор мешавад.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки иқдоми муассисаҳои таълимии пешрави Урдун барои таълими фанни мустақили фалсафа, омода намудани муаллимони соҳибихтисос ва тахассусиро талаб мекунад, ки омӯзиши дуруст, интиқодӣ ва таҳлилӣ, омехта бо ҳаёт ва масъалаҳои зиндагӣ, дур аз таълимот ва қолабҳои омодашударо таълим диҳанд. Ин раванд ба саҳм гузоштан дар пешбурди фарҳанги қабули ихтилоф ва дигарандешон дар наслҳои оянда асар мегузорад, ҳамчунин ба онҳо имкон медиҳад, ки аз арзишҳои давлати муосири Урдун, ки дар мисоли ошкорбаёнӣ, миёнаравӣ, муътадилӣ, мувозинати иҷтимоӣ ва эҳтиром ба гуногунии фарҳангӣ ва ғайра зоҳир мегарданд, ҳамчунин бо баланд бардоштани қобилияти онҳо дар фаҳмидани тафовут ва эҳтиром кардани ихтилофот ва дарёфти созгорӣ миёни афрод ва гурӯҳҳо илҳом гиранд. Зеро меъёри эҳё ва пешрафти миллатҳо асосан ба қобилияти фалсафӣ ва дарки дарси фалсафа марбут аст.


Таҳия ва тарҷума аз арабӣ:

**Одинаев Абдуҳалим**

*Ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*


***Сарчашмаҳо:***


1. Аҳамияти омӯзиши фалсафа дар чист? Мақолаи Солим ал- Бувайқӣ. 19.06.2015. (http://salimalbuwaiqi.blogspot.com/2015/06/blog-post_20.html) ما أهمية دراسة الفلسفة؟ سالم البويقي

2. Бозгашти омӯзиши фанни "фалсафа" ба барномаи таълимии Шоҳигарии Урдун пас аз таваққуфи 48 сола. Доктор Омол Ҷаббур. 10.08.2022. Рӯзномаи электронии "Раъюлявм". (www.raialyoum.com) عودة "الفلسفة" للمناهج الأردنية بعد تغييب 48 عاماً. د. آمال جبور

3. Воқеияти фалсафа дар Урдун. Доктор Аҳмад Мозӣ. Рӯзномаи электронии "ар-Раъй"-и Урдун. 12.12.2014. (https://alrai.com), واقع الفلسفة في الأردن. دكتور أحمد ماضي. صحيفة الرأي الأردنية.

4. Зарурати фалсафа. Мақолаи Аҳмад Барқовӣ. 18.10.2015. Рӯзномаи электронии «ал-Баян». (https://www.albayan.ae/opinions/articles/2015-10-18-1.2483048) ضرورة الفلسفة. أحمد برقاوي

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 24.06.2022*
*Барои нашр имзо шуд 25.06.2021*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**__________________________________________________